Г У Л Н А З А Р

# ДАР ЧОДАРИ САФЕДИ МАҲТОБӢ

# 2

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК 84 Тоҷик 7-5
Г-76

Муҳаррир *Сайидалӣ Маъмур*

Г-76 **Гулназар. Дар чодари сафеди маҳтобӣ** (*гулчини ашъор*). Ҷилди 2. – Душанбе, «Адиб», 2015, 320 саҳ.

Гулчини Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар солҳост, ки дар бӯстони табъи ӯ шодоб гардидааст. Умедворем, ки писанди ошиқони гули сухан хоҳад гашт.

ISBN 978-99947-2-419-2

© Гулназар, 2015

# ОБШОРИ НАҒМАИ ХОМӮШ

## НИМА

Нима номус, нима виҷдон
Нима ҷавҳар, нима имон,
Нима озод, нима маҳбус,
Нима масрур, нима афсӯс,
Нима торик, нима равшан,
Нима шиша, нима оҳан,
Нима ғайрат, нима тарсӯ,
Нима бадрӯ, нима дилҷӯ,
Нима оҳанг, нима овоз,
Нима сангин, нима парвоз,
Нима хомӯш, нима фарёд,
Нима одил, нима бедод,
Нима бехуд, нима ҳушёр,
Нима роҳат, нима озор…
Нима-нима ҷумла одам,
З-ин сабабҳост нима олам.
Пурра-пурра одаме нест
Пурра-пурра оламе нест.

## ДАР САФҲАИ ДЕВОН

Эй ташнаи дард, дар сухан ҷоят ҳаст,
Чун булбули маст дар чаман ҷоят ҳаст.
Чун шеър агарчи меравӣ мулк ба мулк,
Дар сафҳаи девони Ватан ҷоят ҳаст.

## ОДАМ ВА НОНИ ГАНДУМ

Тарки ҷаннат гуфт Одам аз барои нони гандум,
Роҳаташро кард бе ҳасрат фидои нони гандум.
Меканад пайваста ҷону метанад бар ғусса акнун,
То биёбад зери гардун роҳҷойи нони гандум.
Боз мегардад ба ҷаннат (гар Худояш меҳрубон аст),
Хаставу бишкаставу обу адои нони гандум…

## СОАТ

Эй Худои карими ботадбир,
Ман надонам чӣ соатам додӣ,
Ки нишонам диҳад ба рӯзу шабон
Вақти андӯҳу ҳасрату ҳиҷрон.

Нест дар соатам замони нишот,
Мӯҳлати бахту фурсати шодӣ.
Бо ҳама қудрате, ки Ту дорӣ,
Ман надонам чӣ соатам додӣ…

* * *

1

Барфи аввал дар сари ман мекунад юриш,
Бори аввал
Барфи аввал дар сари хоки хамӯшат мекунад шӯриш.
Мӯсафедиро надидӣ,
Пуштаи армони ту аммо сафед аст,
Ҳамчунине, ки маро сутхони сар то по сафед аст.
Рӯзи сармо,
Ҳар замоне мерасидам бар дари кошонаи меҳрат,
Бо парешонӣ ту мекардӣ суолам:
«Чунӣ, эй марди парешони парешонгард».
Бе ту ҳоло кас намепурсад зи ман:
«Чунӣ, аё марди болопарвард?!»
Ту кӣ будӣ?

Ту кӣ будӣ, ки забони ту забони сад ҷаҳонам буд?
Бе ту акнунам хитобе нест,
Бе ту акнунам саволею ҷавобе нест.
Эй азиз!
Ҳоло ту чунӣ?
Оҳи ҷонсӯзам туро дар «водии сарди хомӯшон»
гарм медорад?
Шеъри пурдардам туро дар олами бефарқи ту
бедард медорад?
Гар Худо то навбаҳорон зиндаам дорад,
Ман баҳорат мефиристам.
Бо гулу себаргаи болои гӯрат ошноӣ кун –
Зиндагиро бар мазори ту зиёрат мефиристам.
Барфи аввал бар сари ман мекунад юриш,
Шеъри ман дар синаи ғампарвари ман мекунад нолиш.

2

Ҳамсари ҳамсояи мо шасти умрашро ба шаст овард…
Ҳамчу гул дар базм шодобанд занҳое, ки дӯш
арғушт мерафтанд, ҳамроҳи ту дӯшодӯш..
Эй аҷаб!
Сархушу мастона мерақсанд,
Бехабар аз марг дар ҳангомаи афсона мерақсанд,
Ту вале хомӯшу бегона,
Хонадори дур аз хона.
Зодрӯзе шодии рӯзат нахоҳад буд,
Ҷуз сукути дардомӯзат нахоҳад буд,
Бар раҳи ту шасти наврӯзат гулафшонӣ нахоҳад кард,
Умри ҳафтоди ту бар сар барфи пирият нахоҳад рехт.
Гар фалак ҷони маро эмин гузорад,
По агар бар зинаи ҳафтод бигзорам,
Гӯямат: «Ҳафтоди умри ту муборак,
Чилчароғи ёди умри ту муборак!»
Варна…
Ин шеър асту андӯҳи дили шоир,
Варна…
Ин шамъи хамӯш асту зуломи маҳфили шоир…

* * *

То ки ҳастам,
ин ҷаҳону он ҷаҳонам ҳаст,
Ишқ чун ахгар таҳи хокистари
ҳастӣ ниҳонам ҳаст.
Эй хушо,
ман дӯст медорам турову дӯстдорӣ
мешавад пайдо,
Ҳаҷр ҳасту
ғусса ҳасту
ғамгусорӣ мешавад пайдо.
Дӯш гуфтам:
«Ту марав аз ман, ки
«ман» ҳам меравад аз ман,
Инқилобу
изтиробу
шодиву ғам меравад аз ман,
Ҳарду олам меравад аз ман».
Дӯш гуфтам:
«Бо ту ҳаргиз интиҳое нест,
Қаҳру нозат то бақодор аст,
ҷонамро ҷазое нест,
Расму ойини вафоро бевафоӣ нест».
Дӯш гуфтам,
боз мегӯям, ки ҳастам –
дӯст медорам,
Ҳушёрам ё ки мастам –
дӯст медорам,
Исавиям,
мӯсавиям,
бутпарастам –
дӯст медорам.
Дӯш гуфтам,
боз мегӯям, ки дар дунё миёни
«доштанҳо»-и банӣ Одам
Гавҳаре аз «дӯстдорӣ» бебаҳотар нест,
Хоҳише аз «дӯстдорӣ» пурсафотар нест,

Мавсиме аз «дӯстдорӣ» дилкушотар нест.
«Дӯст медорам!» –
Ҷаҳони пир, барно шав!
«Дӯст медорам!» –
Сиришти кӯр, бино шав!
«Дӯст медорам!» –
Муроди ланг, пӯё шав!
Эй хушо, ман ҳастаму
                    ту ҳастиву
                    ин дӯстдорӣ ҳаст,
Ёр ҳасту расми ёрӣ ҳаст,
Ғусса ҳасту ғамгусорӣ ҳаст!

## БО МАВЛАВӢ

Дар лабонат бӯсаро пинҳон макун,
Ташнагони бӯсаро сарсон макун.
Бӯса мегардад раҳо байни ду лаб,
Шӯълаи ҷavволаро зиндон макун.
Гар лабам меҳмонӣ ояд бо умед,
Шаҳдро пинҳон аз ин меҳмон макун.
Сад ҷавонӣ медиҳам як бӯсаро,
Гар ту арзон мекунӣ, чандон макун.
Ғуссаамро метавон бо бӯса кушт,
Хастаи ғамро ту саргардон макун.
Ҳарфи ман чун бӯса то ширин шавад,
Меканам ҷону туам осон макун.
Чун лабам ёбад лабат, гӯям ба шукр:
«Ай Худо, ин васлро ҳиҷрон макун!»

* * *

Аз хиёбон гузарӣ,
            шарфаи по мешунавӣ?
Тапиши дил зи дами боди сабо мешунавӣ?
Ин ҷавонии ман аст,

К-аз пасат мераваду шеъри ҷавон мегӯяд,
Пайрави сарви равони ту равон мегӯяд,
Ончунон мегӯяд,
Ки ба гӯши гулу себаргаи масти
лаби ҷӯ оби равон мегӯяд.
Ишқ гарчи ҳама фарёди дил аст,
Ранҷу озори худододи дил аст,
Чун шиораш натавон аз сари тоқе овехт,
То бихонанд ҳама раҳгузарон,
То бидонанд ҳама бехаборон.
Сабр кун, сабр,
аё поктар аз субҳи саҳар,
То ҷавонии дилам
Бо ҷавонии ту анбоз шавад,
Ҳасрати кӯҳнаи ман
Бо гули тозаи рухсори ту ҳамроз шавад.
Сабр кун, сабр,
ки бо сеҳри ҷавонӣ ману ту
Хонаву
раставу
пайроҳаи ин шаҳри
хазонафшонро
Ҷониби субҳу
ҷавониву
баҳорон бикашем,
Сӯйи ҳангомаи мавводҷи ҳазорон
бикашем.
Ба Худо,
Он Худованди кариме, ки ҷавонӣ бисиришт,
Аз барои ману ту номаи тақдир
бад-ин гуна навишт.
Аз хиёбон гузарӣ,
шарфаи по мешунавӣ?
Тапиши дил зи дами боди сабо
мешунавӣ?

* * *

Нишин бо ман, ки аз лабҳои ширинат
Бичинам шеъри ширинро.
Саропо талхи талхам ман,
Бубар аз ҷони ман ин лаззати ҳиҷрони деринро.
Ҳама гӯянд: «Пирӣ доми ғафлат
метанад, хуш дор!»
Ту ҳарфи мардумон машнав, ки
бедарданду мегӯянд:
«Макун онро!» «Бикун инро!»
Кафи сӯзони ту беҳ аз уту ҳамвор месозад
Зи сӯфи оразу пешониам ҳангомаи чинро.
Нигоҳи ошиқи ман қиссаи арзони пешин нест,
Вафоям достони кӯҳнаи айёми
дерин нест,
Қалам бар сар кашад эҳсоси ман
афсонаҳои Чину Мочинро!
Зи ҳар кӯе,
зи ҳар сӯе
Бичӯям ғозаи рӯйи сухан,
то ҳусни ту бозофарам боре,
Дареғо,
нест қодир хомаам тақлиду тазминро.
Нагӯяд ҳарфи шармини лабам армони чандинро,
Фаромуш карда чашми масти ту
ойини таскинро,
На ман дар Бесутуни қиссаҳо
Фарҳод хоҳам шуд,
На ту аз нав ба дунё мужда орӣ
рози Ширинро.
Ҳамин ҳоло
Нишин бо ман,
Ки аз лабҳои ширинат
Бичинам шеъри ширинро!

* * *

Чашма дарё мешавад дар кӯҳсори ман…
Чашмаоби хушмақоли
                    бевуболи
                              беғубори ман
Ҳамчунон мепарварад дар қатраҳояш шӯри
                                                            дарёӣ,
Ҳамчунон мехоҳад аз тақдир номи равшани
                                                  машҳури дарёӣ.
Бо тарона меравад аз лобалои сабзаву гулҳо,
Дар лаби ӯ бӯсаҳои офтобӣ,
Дар дили ӯ нағмаҳои моҳтобӣ,
Меравад чун оҳубарра беғаму бебок.
Ногаҳ аммо…
Мекушад армони ӯро хоку регу хорасанг, эй вой,
Чун паланг, эй вой.
Аз навою
                    аз сафою
                              аз вафои чашмаоби ман
Қалби хоку регу хоросанги монанди паланги
                                        роҳи ӯро аз куҷо нармист,
К-аз вуҷуди сардашон ғайр аз умеди ноумедӣ нест?!
Ман намедонам кӣ меандозад ин савдо
                                        ба ҷони чашмаоби ман –
Чашмаоби беқарори
                              беғубори
                                        гулнисори ман?
Ман намедонам, кӣ мехушкад зи
                                        шавқу шӯри дарёиш?
Ман намедонам, кӣ мемирад ба бадномӣ
                              зи номи равшани машҳури дарёиш?
Чашмаоби ман,
Эй дамида аз гуноҳу аз савоби ман
В-эй заҳида аз сароби ман!
Ту канори сангзору ташнасори
                              қисмати ман покбозӣ кун,

Дар лаби ту бӯсаҳои офтобӣ,
Дар дили ту нағмаҳои моҳтобӣ.
Ту маро дарёӣ, инат бас,
Номи равшан инчунинат бас!

* * *

Боки ман нест зи сарсахтии ман,
Ман зи хушбахтии худ метарсам.
Номи хушбахтии ман номи шумост,
Пайкари бахти ман андоми шумост.
Ҳар гаҳе аз раҳи мо пойи ба по мегузарем,
Аз миёни ҳасаду рашку ано мегузарем.
Мисли ман кист, ки бо бахти ҷавон
ҳамнафас аст?
Бахт бо чашми пур аз шом,
Бахт бо рӯйи пур аз бом,[1]
Бахт бо нозу адое, ки ба ҳар кас ҳавас аст.
Мисли ман кист, ки дар оғуши ин бахти ҷавон
Аз ғами пириву андӯҳи ҷаҳон озод аст?
Ҳар қадар хушку тари зиндагӣ афсурда кунад,
Боз ҳам ободаст?
Мисли ман кист, ки шодоби баҳори ишқ аст?
Беканор аз шарафи сабзи канори бахт аст?
Марг пеш ояду бинад агар ин тантанаро,
Биравад, з-омадани хеш пушаймон, ба қафо.
Чашми бад дур аз ин замзамаи Замзами ман!
Чашми бад дур аз ин орзуи хуррами ман!
Ман зи чашми бади мардум зи азал метарсам,
Ҳамчуноне зи аҷал, метарсам.
Боки ман нест зи сарсахтии ман,
Ман зи хушбахтии худ метарсам.
Номи хушбахтии ман номи шумост,
Пайкари бахти ман андоми шумост…

---

[1] Бом – бомдод.

## ИҚРОР

Гирди давлат гаштаму гирди шикам омад маро,
Вирди имонам шуду вирди шикам омад маро.
Табъе устоди дилам буду сабақгӯйи фалак,
Ҳайфи ин устод! Шогирди шикам омад маро.

## МАСТИ ТАМОШО

Эй ошиқи худ, ошиқи шайдо ҳам ҳаст,
Тобу табу бехобии шабҳо ҳам ҳаст.
Дар ойина ту масти тамошои худӣ,
Як лаҳза ба худ о, ки дили мо ҳам ҳаст.

## ТАБРЕЗ

Табрез! Ба сардии ҷаҳонам таб рез,
Афсурдадилам, ту бар равонам таб рез.
Он гуна ки барфурӯхтӣ ҷони Камол,
Лутфе бинамою ончунонам таб рез.

## МУРДАДИЛ

Ту мурдадилию аз табат ҳосил нест,
Аз шевани бедарди лабат ҳосил нест.
Чун рӯзи сияҳ туро ба сар афтода,
Аз хандаи равшани шабат ҳосил нест.

## «ХОРНАЗАР»

Мушкил бувадам ба сӯйи гулзор назар,
Бо ҷони харобу дили афгор, назар.
Ҳар сӯ нигарам, хории мардум бинам,
Ту Гулназарам магӯ, магар «Хорназар»!

## ШАҲРИЁР

Ҳар ҷода, ки интизор дорад, бошад,
Ҳар ғунча, ки навбаҳор дорад, бошад.
Табрез, зи кини чарх бокат набувад,
Ҳар шаҳр, ки Шаҳриёр дорад, бошад.

## ДИЛАМ ТАНГ АСТ

Наъраҳое, ки ҷумла бедард аст,
Гирди ман ҳамчу қалъаи санг аст.
Номхоҳии зумрае бенанг
Баҳри ман нанг аст.
Ай худо! Ай худо!
Дилам танг аст.

Рӯ ба рӯ рӯи мардумон сифр аст,
Суфраи меҳри ин ҷаҳон сифр аст,
Хандаву гиряро тафовут нест,
Бутпарасте агар бувад, бут нест,
Монии ман ҳалоки Аржанг аст,
Ба худо дилам танг аст.

Гулхане ҳасту гармии дил нест,
Мавҷи шӯрида ҳасту соҳил нест,
Дар раҳи сояравшани тақдир
Ҷазбаи ошнои манзил нест.
Шоҳии осмон чӣ беранг аст,
Ба худо дилам танг аст.

Тоҷикистон, ки сар ба сар санг аст,
Як сар омочгоҳи сад санг аст,
Падари мо агар фалхмон дошт,
На ба қасди ману ту пинҳон дошт.
Дар дили мову ту чӣ оҳанг аст?
Ба худо дилам танг аст.

Шохаи шеъри мо, ки пурхор аст,
Сару пои сухан чӣ хуншор аст.
Бими он бошадам, ки дар пайкор
Низ чашми маро кунад афгор.
Синаам пур зи нолаи чанг аст,
Ба худо дилам танг аст.

Бикушо, бикушой равзанро
Ту ба қадри ғурури озодӣ,
Бинамо, бинамой манзилро
Ту ба чени шукӯҳи ободӣ,
Ба худо дилам танг аст!

## ХОКИ ҲАМДИЁРӢ

Андешаи сафедам чун абри навбаҳорон
Бар ташнагони ин хок дорад навиди борон,
Эй шӯри шӯразорон, эй ҳузни лолазорон,
Баҳри худо, бигӯед, ин лутфи ман куҷоист?

Чун ахтарон нахусбад чашми ҳиҷо, ки дорам,
Чун чашма дастгир аст дасти наво, ки дорам,
Бошад, ки роҳ ёбад марди худо, ки дорам,
Баҳри худо, бигӯед, ин сӯзи ман куҷоист?

Занҷири по набуда занҷираи дари ман,
Сарҳад намепазирад озодии пари ман,
Сарвар намегузинад сарсонии сари ман,
Баҳри худо, бигӯед, ин дарди ман куҷоист?

Ҳар раҳгузар, ки дидам, бишнохтам худамро,
Дар оташи нигоҳаш бигдохтам худамро,
Дар қолаби умедаш пардохтам худамро,
Баҳри худо, бигӯед, ин шавқи ман куҷоист?

Эй умри ман набуда ҷуз умри дӯстдорӣ,
Эй рӯҳи ман набуда ҷуз рӯҳи ғамгусорӣ,
Эй хоки ман набуда ҷуз хоки ҳамдиёрӣ,
Баҳри худо, бигӯед, ин меҳри ман куҷоист?!

## БЕХОБӢ

Аз парешонии мӯи маҳтоб
Бӯи бехобии ман меояд.
Аз ҳамон қуллаи лозурии бехобии ман
Шеъри маҳтобии ман меояд.

Ту куҷоӣ, ки булӯри ғами ҳиҷронат
Менасозад ба дили сангии қофияи ман?
Ман нахоҳам, ки бимирад
Вусъати дурии байни ману ту
Дар ҳисоре, ки бувад тангии қофияи ман.

Ман ба андозаи ин вусъат
Шоирам имшаб,
Ман ба андозаи ин дурӣ
Ошиқи дар ба дарам имшаб.

Ку тавоне, ки маро ҷамъ кунад ҳамчу насим
Аз хами кокули жӯлидаи шаб?
Ку равоне, ки шиносад сари озодаи ман
Ҳамнасиби сари шӯридаи шаб?

Қад-қади тораи симини маҳтоб
Меравад тортани андешаи ман
То ба машкӯи саҳар.
Мепарад гулпараки бехобӣ
Аз лаби чашмаи чашмонам
То ба шабҳои дигар.

Боз аз мӯи парешони маҳтоб
Бӯи бехобии ман меояд.

Аз ҳамон қуллаи лозурӣ
Шеъри маҳтобии ман меояд.

## ДАРВОЗАИ ХУЛДИ БАРИН

Аз гадое сахт мешармам…
Дасти холие, ки сӯи ман дароз аст,
Мисраи пурбори оҳи ҷонгудоз аст,
Нотавонам ман ба тазминаш.

Ҷӯяҳои хушки ожанги ҷабинаш
Обдори мазраи инсофу имонанд,
Ман натонам мисли як деҳқони огоҳ
Роҳ ёбам бар заминаш.

Панҷаи ларзони ӯро
Ман натонам ҷуст тадбире.
Ҳамчунон ки вақти таккони замини Тоҷикистон
Лоилоҷам пеши қалби оташинаш.

Домани садпораашро
Васла натвонам ниҳодан аз дили садпораи хеш.
Дар хаёлам менишонам нолаҳои дилнишонаш,
Дар нигоҳам мебарам ман ғуссаи
                    чашми ҳазинаш.

Субҳ меоям, ки бинам барқарораш,
Рӯзгори хастаи уммедвораш,
Бишнавам аз нав дуои мустаҷобаш,
Бардавомаш? Вопасинаш?

Сад раҳаш ман гуфта будам аз биҳиште,
                    к-он шавад бунёд,
Сад раҳаш ман гуфта будам, к-ӯ насозад
                    аз худое ёд,
Ай худо! Аз ҷурми мо бигзар,
Ту намо дарвозаи хулди баринаш!

## ТОРИКӢ

Бо сукути чашма гуфтам:
«Бо ту мехоҳам даромезад суруди ман,
Чун насиму хам-хами кокул».
Хушк буд хомӯшии лабҳои серобаш.

Накҳати пӯдинаро гуфтам:
«Бо суруди ман пар афшон,
К-аз хазон моро раҳоӣ нест».
Рехт нармак бар сари санге, ки беҳис буд.

Бо хати парвози шоҳин гуфтам:
«Сабр кун, то мисраи ман ҳам ба паҳлуи ту бошад,
Ҷуфт буданҳо, ба ҷуфтии ду дида, рӯшанизояст».
Об шуд,
Мавҷи ҳаво шуд.

Тоҷикистон!
Аз сабоҳе, к-аз замири як сухан рӯ мекушояд,
Рӯ мапеч,
Шӯълаеро, к-аз дили як вожа мехезад,
Кам мабин.
Ман ба қадри ваҳми як тифли мусофир
Аз шаби торики тақдири ту метарсам.

## ВОДИИ СӮЗОН

Ман дар ин шаҳри парешон,
Ки ба андозаи анбони гадо холист,
Меравам сӯи худу то ба худӣ раҳ дур аст.

Нахлҳо
Девбоданд пур аз чангу ғубор.
Доманам дошта мегӯянд:

«Бо худо гӯй, ки бар мо гиряд,
Ба ҳазинии як абри поиз».
Ашки ман мерезад,
Дар раҳи гилолуд
Пои ман мелағжад.

Мӯсафеде, ки дуогӯи ман аст,
Лоилоҷ асту сахо меҷӯяд.
Остини шармаш
Накунад дасти ниёзаш пинҳон.
Аз сафедии мӯяш
Чашми ман хира шавад,
Чун зи оинаи барф.

Дигаре дар раста
Мефурӯшад Қуръон.
Ботаҳорат,
Бетаҳорат
Мебаранд имон,
Мебаранд имон
Ба холигии як ҳамён.

Ман натонам, ки аз ин водии сӯзон гузарам…

## ҲАҚИ ФАРЁД

Дили ман марсияи танҳоист,
Сари ман хутбаи саргардонист.
Вақти зодан агарам нола бар афлок расид,
Ҳақи фарёд дар ин шаҳр ҳанӯзам боқист.

Оҳ, тангаңд ҳама равзанаҳо,
Нагзарад ғуссаи паҳновари ман аз онҳо.
Чашми тирезаи мардум баста,
Рӯҳи ҳамдарди халоиқ хаста.

Ман ба андозаи андӯҳи баҳории як марди нобино,
Ман ба андозаи талвосаи як мурғи гирифтор
Аз бари хомушии хурду калон мегузарам.

Мерасад шевани гурге танҳо
Аз дили сарди биёбоне ба гӯшам.
Мекунад гиряи ёғуи ғарибе
Раҳ ба раҳ обам.
Бишнавед оҳи маро ҳам боре,
Эй гаронгӯшон!

Варна дар ҳотаи сангини хамӯшии шумо
Ҳақи фарёд ҳанӯзам боқист!

* * *

Барг-барг аз шохаҳои заъфаронӣ
Тирамаҳ мерезадам бар сар.
Оби рӯи ман нахоҳад кард шодоб
Мушти хошоки маро дигар.

Дар ғурубистон тулӯи тозае нест,
Дар ғурубистон ғуруби орзуҳост.
Дар лаби афсурдаи чӯ нағма хомӯш аст,
Дар лаби ман номи васли ту фаромӯш аст.

Ман дар ин гулгашти ҳасраткуштаи поиз
Он қадар пирам, ки пире дар ду олам
мисли ман нест.

Дарди дилро бо ту натвонам кушудан,
Дар забони талхи ҳиҷронам сухан нест.

Мекашад аз доманам боди хазонкаш,
То диёри ҳузни ту раҳ ҳаст,
То баҳори ҳусни ту раҳ нест.

Ғусса-ғусса баргҳоро медиҳам пош,
Нола-нола дардҳоро медиҳам пош,
Пора-пора шеърҳоро медиҳам пош,
То агар боде барад лоқайду бепарво,
Аз замини ёдҳо то марзи беёдӣ барад
лоқайду бепарво.

Ман дар ин хоки хазонобод
Чун ниҳоли ноилоҷи тирамоҳонам хазонпӯш.
Эй хаёли рӯи ту наврӯзии умрам,
Аз чӣ кардиям фаромӯш?!

Барг-барг аз шохаҳои заъфаронӣ
Тирамаҳ мерезадам бар сар,
Зинда гӯрам мекунад бе ту
Ҳамчу ахгар
Зери хокистар.

## АСП

*Дар зикри*
*Ато Муҳаммадҷони ҳунарманд*

Эй, кадом асп фикандат ба замин,
Ки саворат бубаранд
Ёру ағёр ба аспи чӯбин?
Эй, кадом аст?!
Аспи гулгуни ту метозаду метозад
Сӯи бесӯйии майдони ҳунар,
Ҷониби субҳи паси шонаи Фардо.
Ёлаш аз ёли шафақ зарринтар,
Рез-рези сумаш аз шарфаи пойи саҳарӣ нозуктар,
Шиҳааш шӯри Муноҷоту зи парвози замон чобуктар.
Хоби ман мепарад аз дунболаш,
Хоби ман метапад аз сум заданаш –
Набзи ман арсагаҳи мастии риндонаи
як мисраи Ҳофиз
Ё ки сукри сухани Хоҷаи Ансорист.

Хоки ман медамад аз дамдамаи азму талошаш,
Хоки ман толиби озодагиву озодист.
Аз ғуборе, ки саворе дорад,
Агар ойинаи инсофи касе тира шуда –
Боке нест.
Ё ки аз шаъшааи ёли зарафшонаш
Чашми имони касе хира шуда –
Боке нест.
Аспи гулгуни ту метозаду метозад
Аз дили шаб,
Ғарқи САҲАР.

* * *

Шаб ҷомаи олудаи чиркинро
Афканду таҳорат кард
Ва субҳ
Аз тангнои зулмонеш
Бо вусъати мунаввари беғаш бурун омад.
Ҳар нағма ботаҳорат буд,
Ҳар сабза ботаҳорат буд,
Ман-ҳар нафас, ки мекашидам-ботаҳорат буд,
Ман-ҳар қадам, ки мениҳодам-ботаҳорат буд.
Андешаам, ки мерасид аз роҳи дури бехобӣ,
Гуфто: «Чаро дар ҷогаҳи арзи гуноҳҳо
Мардумро
Қаҳр аст бо тулуӣ бедорӣ?»
Овози ботаҳорати худро кушодам:
«Эй мардуми шикастатаҳорат,
Омад замони тоза кардани таҳорат.
Тирезаҳои торро боз кунед!
Чашмони пурғуборро боз кунед!
Дилҳои бебаҳорро боз кунед!»
Овози ман ба равзани хусбида мушт мекӯбид,
Фарёди ман ба хонаи шабмонда занг мезад.
Бар шаҳри осӣ
Мерехт аз гулӯгаҳи мурғон
Сад обшори ботаҳорат.

Аз шаҳри беҳавасҳо овора мегузашт
Мавҷи зулоли субҳи ботаҳорат.

## ДАР ҒУРУБ

Рӯз мемурду ғуруби бетулӯъашро
шафақ хун мегирист…
Кӯҳҳо оҳиста рахти тираи мотам ба бар мекард…
Қатра-қатра метаровид ахтари ашк аз нигоҳи
нилгуни осмони дур…
Бо алам гуфтам, ки: «Падруд,
Эй, ки бо ту ҳастиамро рӯшанӣ буду сафо буду
вафо буд!
Рафтани ту мебарад бо худ зи ҷонам рӯшанирову
сафорову вафоро.
Чун ту садҳо рӯзро дар пушти шабҳо кардаам гӯр,
Чашми садҳо рӯзро аз кӯрии худ кардаам кӯр,
Балки худро пора-пора кардаам гӯр,
Балки худро зарра-зарра кардаам кӯр.
Як замон тифлии шӯхамро савори аспи симинбол
Бурдаву дигар наовардед.
Бомдоди навҷавонии маро ғарқи гули олуча
аз дастам рабудед,
Умри ҳиҷрон тай шуду бозаш ба сомони мани
музтар наовардед.
Як замон ишқи маро оғӯш кардеду ба роҳи
кӯтаҳи якрӯза бурдед,
Орзуҳо,
Ормонҳои маро якрӯза кардед,
Доғҳоро дар дилам садсола кардед.
Аз ғами нури сафеде, ки рабудед аз ману аз хеш,
мӯҳоям сафед аст.
Устухонҳои саропоям сафед аст,
Ин ғами ман мешавад бар ман сафедии кафан охир,
Мебарад хокистари сад гулханамро дар дили
хоки сияҳ охир…»

Рӯз мемурду ғуруби бетулӯъашро шафақ
хун мегирист…
Кӯҳҳо оҳиста рахти тираи мотам ба бар мекард…

Қатра-қатра метаровид ахтари ашк аз нигоҳи
нилгуни осмони дур
В-аз ду рӯи ман фурӯ мерехт.

* * *

Таърих бигӯядам шаборӯз,
К-аз қисмати одамӣ гузашта
Айёми асорату ғуломӣ,
Ҷабру ситами ғуломдорӣ.
Аммо ба ҷаҳони шӯру исён
То ҳол Сухан ғуломдор аст:
Дил хоҳаду ман ғуломи ӯям,
Озодии ман чӣ пойдор аст!

## ПАЙМОНИ НОШИКАН

*Эҳдо ба пири равшанзамир*
*Холмуроди Шариф*

Ту ҷавонӣ, ту ҷавон, эй пири мо,
Ҳикмати мо, панди мо, тадбири мо.
З-он ки бо ту ҳамдамему ҳамнафас,
Ин мукофот аст аз тақдири мо.

Ноқисе аз файзи ту комил шавад,
Ҷоҳиле аз ҳарфи ту оқил шавад,
Бо дили ту гар нашинад нохалаф,
Барфурӯзад хешу соҳибдил шавад.

Нуру фарҳанг аст дар чашмони ту,
Сидқу ихлос асту меҳр имони ту,
Гарчи сад паймонаи дастат шикаст,
Ношикан монда вале паймони ту.

Чун Зарафшон роҳи умрат хуррамист,
Маънии ҳастӣ бароят одамист,
Дӯст ҷӯӣ, ҳар куҷое по ниҳӣ,
Мазҳаби ту ҳамдиливу ҳамдамист.

Рӯзгорат поку худ покизаӣ,
Дар сафо марди баландовозаӣ,
Чун шарифӣ аз падар мероси туст,
Сафҳаи моро ту байти тозаӣ.

Аз ту ҳаст осоишу озор нест,
Дар лабат ҷуз аз вафо гуфтор нест.
Қисмати ту боғбонӣ будааст,
Ҳосилат ҷуз бори шаккарбор нест.

Ҳаст дар ҳар гӯшае шогирди ту,
Ҳалқаи тиллост гирдогирди ту.
Дар ҳама базму ҳама маҳфил бувад
Дар забони пиру барно вирди ту.

Хуш бувад, гар ҳар раҳе чун роҳи туст,
Ҳар диле ҳамчун дили огоҳи туст.
Аз ғуруби зиндагӣ ҳарфе маёр,
Субҳ мезояд, агар бегоҳи туст.

Ту чароғӣ, шӯълаафшон зинда бош,
Ту чанорӣ, соягардон зинда бош.
Ту ҷавонӣ, ту ҷавон, эй пири мо,
Баҳри мову Тоҷикистон зинда бош!

## НИЁИШ

Зи олам, модари ҷон, то сафар кардӣ,
Калону резаро хуни ҷигар кардӣ,

Чу борон рехт ашки духтарони ту,
Писарҳоро ту хоки раҳ ба сар кардӣ.

Даме ки рахт мебастӣ ба дуродур,
Ба рӯи мо зи ғам як-як назар кардӣ.

Нигоҳат як ҷаҳон андӯҳу ҳасрат дошт,
Ту моро аз ҷудоиҳо хабар кардӣ.

Чаро раҳ бурдаӣ дар мулки зулмонӣ,
Ту, ки садҳо шаби ялдо саҳар кардӣ?!

Чаро бо хоки тира сар ба сар гаштӣ,
Ту, ки хоки сияҳро мушти зар кардӣ?!

Чаро бо хору хас акнун ҳамоғӯшӣ,
Ту, ки дашту даманро гулбасар кардӣ?!

Чаро дар манзилат имрӯз танҳоӣ,
Ту, ки як хона духтар, ҳам писар кардӣ?!

Чаро дар пеши марг ин гуна мағлубӣ,
Ту, ки бар лашкари ғамҳо зафар кардӣ?!

Ҳамеша дар лабат ҳарфи муҳаббат буд,
Ту хомӯшиву ойинро дигар кардӣ.

Ҳамеша дастҳоят пурнавозиш буд,
Ту оромиву моро гунгу кар кардӣ.

Набинемат сари чакдон ба обутоб,
Ту дастархони мо бе зебу фар кардӣ.

Набинемат таҳи дар гоҳи раҳпоӣ,
Ба дидорат ту моро дарбадар кардӣ.

Набера то набера ҷустуҷӯ доранд,
Ту онҳоро адои чашми тар кардӣ

Туро гаҳвораи нав чашмдорон аст,
Ту келини ҷавонро мушти пар кардӣ.

Аё модар, аз он рӯзе сафар кардӣ,
Ту моро аз ғамат хуни ҷигар кардӣ.

Вале сарсабзу гулафшон бихоҳад монд
Ҳамон боғе, ки аз ҷон гулбасар кардӣ.

Вале пурҳосилу пурбор хоҳад монд
Ҳамон киште, ки умре пурсамар кардӣ.

Илоҳӣ манзилат пурнуру равшан бод,
Ки моро аз дили равшан хабар кардӣ.

Биҳишти ҷовидон асли маконат бод,
Ки моро аз биҳиштат баҳравар кардӣ.

## ДУ ШЕЪР БАРОИ ОДАМУШШУАРО

1

Рӯдакӣ, ҳон, худои арши сухан!
Ҳаббазо, ки ба вақти худ зодӣ,
Аз Бухоро чу шоири Сомон
Роҳи Бағдоду Басра бикшодӣ.
Варна дар рӯзгори пораи мо,
Бо ҳама шавқу шӯри кайҳонӣ,
Ҳамраҳи худ ба гӯр мебурдӣ
Шарафи шоири зарафшонӣ…

2

Ворисони баҳиммати шоир,
(Зери ин чархи фитна пир шавед!)
Навбати Рӯдакӣ ба ёд оред,
Аз мукофоти ӯ чу сер шавед.
Баски ӯро ниёзи бештарест
Бар мукофоту кайфари тақдир,
То ки боре тавонад аз пули хеш
Гӯри вайрони худ кунад таъмир…

## ДУ ҲАЙКАЛИ РӮДАКӢ ДАР ПОЙТАХТ

Устод Рӯдакӣ!
Дидӣ, ки зиндагонии мо чӣ гарон аст?
Аз боғи навҷавонии худ то канори шаҳр
(Ҳарчанд дур нест),

Ту пири пир омадӣ,
Дамгир омадӣ…

## ҶУМЪА ОДИНА ВА ҶОИЗАИ РӮДАКӢ

Дар китобаш, ки мадфун буд,
Бо китобаш зиндагӣ зи сар бигрифт.

Паҳлу гардонд муқоваро хомӯш
Ҳамчу санги нишони гӯри хеш
Ва бурун омад.

Дастҳое, ки санг заданд бар сари ӯ,
Чак-чаки шодбош раҳо карданд.
Дар сари синаи фигори ӯ
Шӯълаи Рӯдакӣ фурӯзон шуд.
(Чунон ки рӯзи осмон то нагардад сиёҳ,
Ситорае дар канораш дурахшон нест).

Ӯ шигифтзада менигарист
Ба рухи ёру дӯстони дерина.
(Зери чодари занон ниҳон шавед,
Эй бародарони бадандеш,
Ки Юсуф зинда мерасад ба Канъонаш!)

Назар афканду бовараш н-омад,
Боз баргашт дар китоби хеш
Ва муқоваро пӯшид
Ҳамчу санги нишони гӯри хеш.

Манзили ӯ ҳамора пурнур аст,
Ки шӯълае зи Рӯдакӣ бурда.

## СУБҲИ РӮДАКӢ

Ин бомдод аз шарқи нуронӣ набуда,
Аз пичаҳои субҳзои Рӯдакӣ буда,
Саршори покиву сафои кӯдакӣ буда.

Парвонаи рӯҳам барад тарфи шимоли шаҳр,
Бар матлаи ин нури раббонӣ,
Ёбам, ки зери боми гардунҳо
Хуршеду ӯ ҳарду яке буда.

Субҳе, ки бо субҳи дилам садранг омезад,
Аз пушти кӯҳи ҳайъати тан-овараш хезад,
Кӯҳе, ки пешаш кӯҳи Варзоб андаке буда.

Розе, ки аз лабҳои сӯзонаш бурун ояд,
Огандаи андӯҳу тимори қурун ояд,
Ёбам, ки ҳарфи ӯ бувад афгору хуншор
Аз даҳри душманпарвару аз даҳраи Чингиз;

Бинам, ки аз оби суханҳои равонаш
Гул карда боғи қудсии Ҳофиз;
Донам, ки Айнӣ мениҳад авроқи ӯро
Чун докаи марҳам ба захми синаи мардум;
Гӯям, ки бахши ҳамрави деринаи мардум
Саҳрои ҳиҷрони замонҳо кӯчаке буда.

Чун хуни фосид рагзани даврон бурун карда
Аз ҷисми Ҷовидон ҳасудони варо яксар.
Оне, ки мегӯяд зи баъди қарни бисёре
Аз Рӯдакии бениҳоят бо шаку хорӣ,
Ёбад, ки дар ҳайҷои буду нест
Ҳозир якеву ҳарза лак андар лаке буда!

Бо корвони офтоби ҷовидона
Шоир равад сӯи замонҳо аз замонҳо.
Шаҳрам чу мурғи субҳ аз дунболаи ӯ,
Пар мекашад аз ин макон сӯи маконҳо.
Боке набуду нест, гар аз пушти раҳпӯён
Ҳар лаҳза афғони саге буда!

Ин бомдод аз шарқи нуронӣ набуда,
Аз пичаҳои субҳзои Рӯдакӣ буда…

## МУНОҶОТИ ОДАМУШШУАРО

Дар диёри бепаноҳи хеш
Ҷуз ба шеъри худ паноҳам нест.
Баски набвад рӯҳи оромам,
Дар замин оромгоҳам нест.

Дар тулӯю дар ғуруби Меҳр
Шеваи омад – шудам пайдост.
Гар тавонӣ, зоданам бингар,
Гар натонӣ, мурданам бишнос!

Посбони хонаи чашмам!
Ғафлати ту ғорати ман буд.
Ҳеҷ марге бо манат н-овехт,
Кулфати ту офати ман буд.

Шӯразорат мекашад доман,
Ёди Ҷӯи Мӯлиёнат кун.
Аз тилои кон маҷӯ толеъ,
Ҳифзи тиллои равонат кун.

Ромиши шеъри дарӣ бишнав,
К-он дарои корвони туст.
Ҳафт пуште, к-ибтидои туст,
Вусъати ҳафт осмони туст.

То Бухоро кӯтаҳ аст оҳат,
Дар дилат тарҳи Бухоро рез.
Тифли одам рӯди пуршӯр аст,
Гар бирезӣ, маҳви савдо рез…

Дар диёри бепаноҳи хеш
Ҷуз ба шеъри худ паноҳам нест.
Баски набвад рӯҳи оромам,
Дар замин оромгоҳам нест.

Рӯзи ҳашрам гар нишон хоҳӣ,
Ҷӯ маро аз гӯри Сомонӣ.
Вой аз сарпанҷаи ғафлат!
Дод аз дасти пушаймонӣ!

## РӮДАКӢ ВА ДУВОЗДАҲ ДАРВОЗАИ БУХОРО

1

Рӯдакӣ аз даре дарун омад,
Бар тани мулк мисли хун омад.
Баъд аз ёздаҳ дари дигар
Шӯҳрату шони ӯ бурун омад.

2

Ҳар даре буд равзани нуре
Дар шабистони тори манфуре.
Аз раҳи нур уштулум овард
Ҳар кучо буд каждуму мӯре.

3

Рӯдакӣ аз даре дарун омад,
Ошнои ғами қурун омад.
Баъд аз ёздаҳ дари боқӣ
Ҳамчу бегонае бурун омад.

## БАРФ

Масти ҷавонӣ ин саҳар
Аз кӯча месозӣ гузар,
Резад ба рӯят гарди субҳ
Чун барф аз болои барф.

Дар тораҳои мӯи ту,
Мижгони ошиқҷӯи ту
Хоҳад дилам маъво кунад
Чун зарраи зебои барф.

Аз шӯълаи наззораат,
Аз оташи рухсораат
Ман об гардам сар ба сар
Он сон ки сар то пои барф.

Ҳайф аст нақши пои ту
Монад ба рӯи роҳи ту.
Биншонамаш дар синаам
Чун пайрави савдои барф.

Эй субҳи бепоёни ман,
Эй покии имони ман,
Боре биё дар ҷони ман,
Чун дар дилу дунёи барф.

Як шӯъла хоҳам аз табат,
Як бӯса хоҳам аз лабат,
Эй кош, бошад бахти ман
Чун бахти беҳамтои барф!

## ЧОРСӮ

Дида бар роҳи гули якдонаам,
Ташнаи як хандаи субҳонаам,
Кӯ ба кӯям мебарӣ, эй чорсӯ,
Чор сӯям мебарӣ, эй чорсӯ.

Якнаво бошад дили шайдои ман,
Якҳаво бошад сари танҳои ман,
Кӯ ба кӯям мебарӣ, эй чорсӯ,
Чор сӯям мебарӣ, эй чорсӯ.

Хондаам як байти абрӯи баланд,
Хӯрдаам як қатра аз ҷӯи баланд,
Кӯ ба кӯям мебарӣ, эй чорсӯ,
Чор сӯям мебарӣ, эй чорсӯ.

Кокули пуртоб тобам бурдааст,
Дидаи бехоб хобам бурдааст,
Кӯ ба кӯям мебарӣ, эй чорсӯ,
Чор сӯям мебарӣ, эй чорсӯ.

Ту биёр уммеди ман аз чор сӯ,
Ту намо хуршеди ман аз чор сӯ.
Чашми чори ман фидо, эй чорсӯ,
Ҷони зори ман адо, эй чорсӯ!

* * *

Маҳтоб аз баландии қудсӣ нигоҳ кард,
Оёти ишқ хондаву моро никоҳ кард.
Тоҷат ба сар ниҳоду маро рахти хеш дод,
Аз ту арӯсу аз мани шӯрида шоҳ кард.
То дилҷавон зи пириии дунё гузар кунем,
Чашмони ахтарони ҷавонро гувоҳ кард.
Обе, ки буд ишорате аз умри даргузар,
Ҳасрат фурӯ нишондаву ҳам тарки оҳ кард.
Чун мо насими домани кӯҳпора нарм-нарм
Домони гул кашидаву аз гул кулоҳ кард.
Лабҳои ман, ки бо лаби ту бӯса офарид,
Кори савоб гуфтаву нав-нав гуноҳ кард.
Дур аз ҳасуд лаҳзае осуда зистем,
Абре зи дур омаду рӯяш сиёҳ кард…

## БОМ

Эй Боми Ҷаҳон, ки хастаӣ мисли ҷаҳон,
Сар то сари ту чакад зи барфу борон.
Дунёи наву кӯҳна фаромӯшат кард,
Тарсам, ки фурӯ шавӣ ту бар фарқи замон!

## ЧАНД ҚИТЪА

Пора шуд гар ниқоби бадкоре,
Мадеҳ аз даст дасти ҳушёрӣ,
Ки басе ӯ ба макри худ чуст аст,
Ки мисоли пиёз садпӯст аст.

* * *

Хат задӣ шеъри шоиру гуфтӣ:
«Пок кардам зи номи ӯ дунё!»
Ту ба киштии коғазии хеш
Чун тавонӣ гузашт аз ин дарё?!

* * *

Дил сиёҳу мақоми туст баланд,
Дар баландӣ ту чун шавӣ дигар?
Дар ҳаво ҳам сиёҳ метобад
Нақши парвози зоғ пеши назар.

## ПЕШПОЙ

Аз ду дасти ношиноси «Инқилоби Уктубар»
Мерасад бӯи дили афсурдаи Туғрал ҳанӯз.
Сарнагун афтоданаш аз ҳикмати имрӯз нест,
Пешпой хӯрда буд аз мурдаи Туғрал ҳанӯз.

## НАВРӮЗ

Ба гардунҳо чу барқу жола рӯид,
Лаби чӯ ғунчаи табхола рӯид.
Ба ду олам замини мурдае нест,
Зи хоки модари ман лола рӯид.

## ОҒОЗ

Муборак Рӯзи истиқлоли Тоҷик!
Ҳумоюн субҳи истиқболи Тоҷик!
Зи баъди Оли Сомон боз таърих
Биоғозад шумори соли Тоҷик.

## ЭЙ АБР!

Эй абр, ба дашту марғзори тоҷик
Ту гиря макун, чу бар мазори тоҷик.
Аз ашки фироқу хуни ноҳақ ҳама рӯз
Тӯфони Нӯҳ аст дар диёри тоҷик!

## ЛАФЗИ ДАРӢ

Эй лафзи дарӣ, нишони тоҷик туӣ,
Дар ҳар ду ҷаҳон ҷаҳони тоҷик туӣ.
Аз Санҷару Чингизи замон бокам нест,
Донам, ки паноҳи ҷони тоҷик туӣ!

## ХАЗОН

Духтари заркокули маҳзун,
Оҳи сардат заъфаронӣ,
Дар нигоҳи хастаи ту
Ноҷавонии ҷавонӣ.

Атри ҳиҷрон мебарад ҳар сӯ
Аз хами мӯят насими субҳ,
Пайки дурӣ мебарад бо хеш
Аз сари кӯят насими субҳ.

Оғушат чун лонаҳо холӣ,
Мурғи ишқат ломакон аст,
Аз ду чашми пурғурубат
Дарду андӯҳат чакон аст.

Дар дили ман хоҳари ту –
Он гули наврӯзии ман –
Мисли ту гирёни гирён аст,
Мисли ту кокулпарешон аст.

Дар дили озурдаи ман
Решааш дар оби ҳиҷрон аст,
Аз чунин бозии қисмат
Ҳамчу ман ҳайрону ҳайрон аст.

Дар дил асту бо дили ман нест,
Ҷуз хаёли ботили ман нест,
Бо ман асту ғайри дардам нест,
Шӯълаҳои оҳи сардам нест.

Дар дилам розе ниҳон аст,
Дар дилам фасли хазон аст…

* * *

Ман дари худро бикӯбам:
«Ассалом, эй Гулназар!»
Аз дарун ояд садо:
«Маъзур, ин ҷои дигар!»
Гӯямаш: «Бегонагӣ набвад миёни мову ту,
Дар кушо,
То дар канори меҳри ту бо ту ду-се соғар занам,
Дарди шеърамро кушоям,
Сӯзаму чун шӯъла дар хомӯшии ту
пар занам».
Гӯядам: «Эй ҳарзаи ноошно,
Бо туам набвад сари соғар задан,
Шеъри дарду дарди шеъратро ту бар
ёди фаромушӣ супор,
Сӯхтанро вогузор –
Нест дар иқболи ту чун шӯъла
дар хомӯшии ман пар задан!»

Зору зорон,
Лоту ҳайрон
Лоилоҷ истодаам пушти дари пӯшидаи хеш.

Дар кучо,
Бо кӣ ду-се соғар занам,
Шеъри дардамро сароям,
Дарди шеърамро кушоям,
Сӯзаму чун шӯъла дар хомушии ӯ
пар занам?!

## СОЯ

Зинда бош, эй сояи кӯтоҳи ман,
Сурати берангу бори оҳи ман.
Сояҳои офтобӣ бо худанд,
Ин туӣ рӯзу шабон ҳамроҳи ман.
Он қадар дар хештан афрӯхтӣ,
К-аз алам мирад ҳама бадхоҳи ман.
Аз ғаму дарди замон огаҳ манам,
То ту ҳастӣ ҳар замон огоҳи ман.
Гуфтаму бори дигар мегӯямат:
«Бош, эй дарбори ман, даргоҳи ман!»
Мутаккои орзуҳои манӣ,
Пояи ман, маснади ман, ҷоҳи ман.
Бонг бар ту мезананду ғофиланд,
К-оғуши ту буда хилватгоҳи ман.
Эй баландии сари ман, зинда бош,
Сояи арзандаи кӯтоҳи ман!

## ПАЙҒОМ БА УСТОД БУЛБУЛИ ҶУМЪА

Ҳастиатро ҳар кӣ «Булбул» ном кард,
Дар дили номи ту сад пайғом кард.
Булбулу гулзор бо ҳам тавъаманд,
Васлу ҳаҷри ёр бо ҳам тавъаманд.
Месарояд булбулу гул ханбадор,
Зиндагӣ саршори ҳусни беғубор.
Месарояд булбулу шаб дар гурез,
Мерасад субҳи мунири мушкбез.
Маскани булбул макони зоғ нест,
Олами булбул ҷаҳони зоғ нест.
Мисли булбул ҳар куҷое будаӣ,
Ошиқи меҳру вафое будаӣ.
Ҳамчу булбул ҳар куҷо по мондаӣ,
Хандаи гулғунча барҷо мондаӣ.

Умри булбул кӯтаҳ асту бениёз,
Дода аммо эзидат умри дароз.
По ба поят равшанӣ рафту умед,
Орзуву нийяту бахти сафед.
По ба пои ту садоқат рафту меҳр,
Бонги сетору рубобу базми шеър.
По ба пои ту деҳи обод рафт,
Ҳамдиёри сарбаланду шод рафт.
Эй хушо, сидқу вафо ҳамсоли туст,
Ҳиммату пайкори мо ҳамсоли туст.
Эй хушо, одамгарӣ ҳамсоли туст,
Меҳрубонӣ, меҳтарӣ ҳамсоли туст.
Умри булбул бо чаманояндаast,
Номи Булбул бо диёраш зиндааст.

## АЗОН

Эй Офтоб, эй муаззини сафедриш,
Ту аз сари манораи кӯҳҳои Помир
Бархон азони рӯшноӣ,
То саф кашем бо дили рӯшан,
Бо хутбаи вафою ошноӣ.

Ин хок зодгоҳи субҳ аст,
Дар сина шом парваридан аз барои чист?
Субҳ ибтидои рӯзи биноист,
Шом ибтидои зулмату кӯрист.

Гар мо намоз бигзорем
Дар ҷонамози поки муҳаббат,
Тафриқае чу соя байни мо нахоҳад буд,
Девори саршикан сари роҳи ману шумо
нахоҳад буд.

Ин сон намози қудсӣ
Маҳви қазо мабод!
Ин ҳамнишинӣ
Ҷуз бо худо мабод!

То офтоб, он муаззини сафедриш,
Хонад азони муҳаббат,
Эй ҳамнишин, таҳорате бояд
Дар чашмаоби садоқат…

## ҒАЗАЛИ ДАРЁ

Ба коми мавҷи дарё шуд магар завлонаи дарё,
Ба соҳил мезанад худро дили девонаи дарё.
Чӣ хуш, абри баҳорон соқии дарёдил аст имрӯз,
Лаболаб гашта аз оби тараб паймонаи дарё.
Чу дидам афтухези мавҷҳоро, ман ба худ гуфтам:
Биё аз шаҳри бемайхона бар майхонаи дарё!
Дили ман аз сукути кӯҳсори хаста бигрифта,
Зиҳӣ дар хилвати ман наъраи мастонаи дарё!
Парешон кокули мавҷ асту бодаш мебарад ҳар сӯ,
Магар уммеди ҷамъият бишуд аз шонаи дарё?!
Сапеда медамад аз синаам то субҳи растохез,
Агар шаб бошаду ман бошаму афсонаи дарё.
Маро мавҷе, ки симаш бешумор афтода, мегӯяд:
«Фалак аз сиккаи маҳ медиҳад моҳонаи дарё!»
Зи оби равшани печон маро пеши назар шамъ аст,
Бувад аз бозтоби ахтарон парвонаи дарё.
Ҳаросон медавад мавҷе паи мавҷи таболуда,
Худоё, оташ афтода магар дар хонаи дарё?!
Ман аз байти равону шеъри тар сад оламе дорам,
Сазад, гар ёри ман хонад маро якдонаи дарё.
Ба ғорат мебарад реги маро чун мурдареги ман,
Нигаҳ дор, ай худо, аз офати турконаи дарё!

Агар лафзи дарӣ дарёст дар сайронгаҳи тафбод,
Зиҳӣ Балху Бухорову зиҳӣ Фарғонаи дарё!
Ба худ мепечаду менолад аз рӯзи сиёҳи хеш,
Фитода сояи андӯҳи кӯҳ бар шонаи дарё.
Дуруштеро надидам ҳамдами дарё дар ин дунё,
Сабақҳо медиҳад ҳамвор ин дандонаи дарё.
Миёни тангнои зиндагӣ аз хеш озод аст,
Маро аз ман рабояд ҷилваи риндонаи дарё.
Ҳама мавҷаш бувад обастани оҳанги шайдоӣ,
Чӣ ганҷе дар ниҳон дорад дили вайронаи дарё?
Чу ёре мекунад оғӯш оби чашмаҳои дур,
Ба кӯи ошноӣ мерасад бегонаи дарё.
Хамӯшиву сари пуршӯри дарёро мадоро нест,
Чӣ бошад мурдаро меҳмонии кошонаи дарё!
Ба пои сабза то сар мегузорад аз сари мардӣ,
Фалак ҳам сабз медорад сари мардонаи дарё.
Мубарро мекунад пайваста аз олудагӣ худро,
Маро зоди раҳ аст ин нуктаи фарзонаи дарё.
Зи ҷамъият бурун афтӣ агар, комил нахоҳӣ буд,
Бимирад дар карон амвоҷ чун афгонаи дарё.
Ба мавҷи об гуфтам хобҳои тифлии худро,
Ҳанӯзам гиряҳо дорад дили тифлонаи дарё.
Ба ҷон омад дилам аз дурии роҳи сафарҳояш,
Киро ҷон мефазояд, ай худо, ҷононаи дарё?
Надидам ҳамрикобаш тарзабон дар сафҳаи офоқ,
Ҳазорон офарин бар чомаву бар чонаи дарё!
Чу оина фиғонаш бишканад аз ҳам сукути кӯҳ,
Ба дом афтода бедона магар бедонаи дарё?
Дар ин даврон, ки ёри якраҳу якрӯ намебинам,
Мани озурда мегӯям фақат шукронаи дарё.
Табассум мефишонам ҳамчу гул бар оби пазмонаш,
Ғами дилро натонам бурд дар ғамхонаи дарё.
Бихандӣ, бо ту механдад, бигирйӣ, бо ту мегиряд,
Дилу ҷонам адои шеваи ёронаи дарё!

## РӮЗИ БОРОН

Тар шуда пироҳанат ранги саҳоб,
Хам зада абрӯт чун боли уқоб,
Мечакад аз барги лабҳоят гулоб,
Рӯзи борон омадӣ, хуш омадӣ.

Аз гаронии сафи мижгони ту
Аз дилам хезад сабук армони ту,
Гарди роҳе нест дар домани ту,
Рӯзи борон омадӣ, хуш омадӣ.

Қад-қади чил кокулат чил ҷӯя об
Метаровад бо ҳазорон печутоб,
Мекунам бо қатра умрамро ҳисоб,
Рӯзи борон омадӣ, хуш омадӣ.

Бӯсаат чун бӯсаи дарё тар аст,
Хандаат чун хандаи гулҳо тар аст,
Ҳарфи ту чун шеъри Мавлоно тар аст,
Рӯзи борон омадӣ, хуш омадӣ.

Эй, ки меҳмони манӣ аз файзи роҳ,
Зери боронат чи сон дорам нигоҳ?
Хонаи чашми маро кун сарпаноҳ,
Рӯзи борон омадӣ, хуш омадӣ!

## БОД

Аз он сӯе, ки мехоҳам нигоҳи чашми бодомат,
Фақат боду фақат боду фақат бод аст,
Саропои ҷаҳон бод аст,
Замину осмон бод аст.

Гиёҳи мӯи ман дар пуштаам паҳну парешон аст,
Забонаш нест,
Аммо розгӯи ҳоли сарсон аст.

Ман аз машшотаи ангуштҳоят мекунам зорӣ,
Ман аз нармии дасти ошноят мекунам зорӣ.

Ҳаросон аст шамъи бӯса дар лабҳои сӯзонам,
Ки метарсам рабояд боди шайдояш ба арзонӣ.
Зи оғӯши балогардони ту ман мекунам зорӣ,
Зи оташгоҳи поки ҷони ту ман мекунам зорӣ.

Дарахти пайкарамро боди ҳиҷрон медиҳад алвонҷ,
Дарахти пайкарамро мекашад то дӯзахи поиз.
Ман аз ҳусни ҷавонат мекунам зорӣ,
Ман аз фазли биҳишти ҷовидонат мекунам зорӣ.

Чу барги гул ба ҳар сӯ мебарад номи туро аз ман
Ҳамон боде, ки меояд зи роҳи ту
Ба ҷои ту.
Мани ошуфтаро дигар чӣ тадбир аст?
Саропои ҷаҳон бод аст,
Замину осмон бод аст…

## НАВРӮЗ

Бӯи сабзи сабза мекӯбад дарамро…
Ман ба як сӯ мегузорам рахти маҳзуни хазонамро.
То зи роғи дар шиносам меҳмонамро.
Дар паси тиреза ногаҳ мезанад тундар:
– Кӯҳна ба нав!
– Кӯҳна ба нав!

Рӯи худро мекашам мисли ниқобе кӯҳна,
Чашми худро меканам чун олуе сармохӯрда,
Дасти худро дар канорам мениҳам чун шохае хушк,
Дил зи доши сина меорам бурун
Чун ахгаре аз қоби хокистар,
Ман шитоболуда худро мекунам урён.
Аз паси тирезаи ман мезанад тундар:
– Кӯҳна ба нав!
– Кӯҳна ба нав!

## ШАҲРИ БЕХУДОЁН

Ман варо бишнохтам:
Дар сараш буд ифтихори ҳафт гардун,
Дар бараш буд ҷомавори ҳафт иқлим,
Дар нафасҳош об буду бод буду хоку оташ буд.
Осмонаш зери пои хаста мафраш буд.

Сад ҷаҳаннам з-оташи қаҳраш ҳазар мекард,
Сад биҳишт аз меҳри гармаш гул ба сар мекард.
Пой мемонду насими навбаҳор арғушт меомӯхт,
Шамъҳои ғунчаи боғ оини Зардушт меомӯхт.
Бо шигифтӣ аз бари мардум гузар мекард,
Бо шигифтӣ пиру барноро назар мекард.
Худ ба худ мегуфт:
«Дар ин шаҳри холуд
Ҳеҷ кас аз рӯи субҳе баҳравар набвад,
Баски субҳашро хурӯсе навҳагар набвад».

Байни бозоре, ки савдояш сари номусу исмат буд,
Ҳақталошиҳои ин марди мусофир маҳзи ҳайрат буд.

Ӯ сало андохт:
«Эй ёрон, худоям ман,
Ман худоям, ман худоям, бо шумоям ман!»
Ё сари коре дар ин ҷо бо худо асло набуда,
Ё худо ин ҷо каси бегона буда,
Пунбае аз гӯши инсоне наафтод,
Дар раги хушкида тӯфоне наафтод.
Сӯфие аз олами деринае гӯё наомад,
Ҳалқаи доре сари Ҳаллоҷро ҷӯё наомад.

Ман варо бишнохтам:
Аз каноре бар каноре бо алам раҳ месипардӣ,
Шаҳри моро барғалат Бағдоди розаш мешумардӣ…

## ҶОМАИ СУБҲ

Дар ин субҳгоҳи рӯшани зебо
Дилам ба қадри як шоми тирамоҳ торик аст.
Чун найлабаки ғарибон ҳама агарчи фарёдам,
Гӯшҳо гаронанд аз гаронии қисмат.

Шояд аз шикастапораҳои булӯри умедам
Пои урёни дил ин гуна хуншор аст?
Шояд аз ғозаҳои рӯи ин кампир,
Ки рӯзгор номи ӯст,
Гирифта дилам?

Ба фирӯзии як шӯълаи офтоби саҳар
Дар дилам ғуруре нест.
Ба нағмасозии як мурғаки озод
Дар дилам суруре нест.

Бахшо, бахшо, ки вақти бахшиш аст,
Бахшо, бахшо, ки ҳини сабзиш аст.
Ҷомаи шоми ман ба ман танг аст,
Ҷомаи субҳро кӣ сазовор аст?

Ман ба андозаи андӯҳи як дарё
Танҳоям.
Ман ба андозаи танҳоии як дунё
Маҳзунам.
Ҷомаи субҳро кӣ сазовор аст?!

## ШЕЪР

Эй гули наврӯзии уммедворон,
Баргҳоятро, ки ранги зиндагӣ доранд,
Кӣ зи ҳам пошид?
Шохаҳоят аз барои ханҷаре нест,
Новаке аз соқи ту натвон тарошид,
Бишканад дасте, ки ин сонат хазон кард!

Эй муҳаббатгоҳи қудсӣ – лонаи мурғи муҳаббат,
Оғӯши ту мубталои зоғи нафрин аст.
Домани поки намозиат
Ҷилвагоҳи доғи нангин аст.
Бишканад дасте, ки ин сонат ҷаҳон кард!

Эй булӯре, ки баландӣ,
Ҳамрикобат офтоб аст,
Дар раги гармат шароб аст,
Дар ту ҷӯшад мастии субҳи ҷавонӣ,
Аз ту резад мушки зулфи зиндагонӣ.
Эй, ки чун яздон гуноҳат нест,
Дар гулӯят оби заҳролудаи кист?
Бишканад дасте, ки ин сонат
ба хоки тира яксон кард!

Эй арӯсе, ки худоят офарид аз орзуҳо,
Гулпаракҳои табассум аз лабонат мегурезанд,
Барфҳои софи рухсори ту мехезанд,
Мижжаҳоят аз дами тафбодҳо имрӯз
Мевағанду чун гиёҳи хушк мерезанд,
Бишканад дасте, ки ин сонат
ба коми боду бӯрон кард!

## ПОДА

Эй шаҳри дилогоҳ, чарогоҳ кӣ кардат?
Эй моҳнишин, дар ғазаби чоҳ кӣ кардат?
Ин пода ба ҷуз фикри шикам ҳавсалааш нест,
«Аз мо гилае дораду аз худ гилааш нест».
Ҷуз барги гули меҳри ману ту ҳавасаш нест,
Хос аст хӯрокаш, ки дигар майли хасаш нест.
Бар сабзаи ҷони ману ту пойзанӣ бин,
Ин реши ҷигар бингару он решаканӣ бин.
Гулғунчаи рози ману ту рӯи замин рехт,
Покии нуҷум аз нигаҳи чархи барин рехт.

Обишхӯри подаст сари чашмаи эҳсос,
Ку оби ҳаёту чӣ шуда бо ғами Илёс?!
Бо ашк бишӯем магар ҷомаи гаргин,
Сарро бираҳонем зи худхоҳии саргин.
Кишти ману ту нест чарогоҳи ду гумроҳ,
Фарёд занад дар дили ман ғуссаи огоҳ:
«Бархез, ки аз пода ҳазар кардани мо нест!
Бар мурдаи номус гузар кардани мо нест!»

## ФИРОР

Биҳишти нақди ман, Ватан!
Агарчи тифли Одамам,
Ба ду ҷават намениҳам,
Ғами туро ба шодрӯзи оламе намедиҳам.
Гурези ман зи ман яқин аст,
Чу оби чашма аз даман, яқин аст,
Вале фирори ман зи ту марг аст,
Даме канори ман зи ту марг аст.
Ман оташам, ки сар кашидаам
Зи найситони ту,
Зи туст ҷилваи шафақи ахгарам,
Зи туст ҳузни шомии хокистарам.
Чу барги бегуноҳ,
Зи шохи ту кушодаам нигоҳи сабзаборам.
Даме кашад азон
Насими хастаи хазон,
Ба пои ту намози сарфарозии худро гузорам.
Ман аз вафо чи сон гурезам?
Ман аз худо чи сон гурезам?
Ту аз ҷанини нафси ман нарустаӣ,
Адад туӣ, вале зи қавси ман нарастаӣ,
Зи ман нарустаӣ.
Чи сон гурезам аз ту ман, ки решаи манӣ?
Ту ҷазбаи ҳамешаи манӣ?

«Фирор кун! Фирор кун!»-гӯяд Ҳариманам,
Куҷо равам, ки асли асли миҳанам.
Чу ранги сабз аз раги баргам гузор нест,
Чу шӯъла аз канораи сангам канор нест.
Насаб агар талаб кунӣ,
Ватан бувад насаб маро,
Ман аз насаб куҷо равам?
Биҳишти нақди ман, Ватан!
Агар чу Одам аз паи ҷаве
Зи ту ҷудо равам,
Хато равам, хато равам,
Ба дӯзахи ҷафо равам!

## БОРОН

Рӯи дастам чағонаи борон,
Месароям таронаи борон.
Аз карон то карон гулафшон аст
Муждаи бекаронаи борон.
Ғами ин хоки ташнаи аҷдод
Дар дилам кишта донаи борон.
То ба кай сабзаро кафи холист?
Мекушоям хизонаи борон.
То ки умраш вафо намедорад,
Ин манам, ман нишонаи борон.
Мегурезам зи хайли тардоман,
Мепаноҳам ба хонаи борон.
Мебарад ҷӯ ба ҷӯй сармастам
Мавҷ-мавҷи фасонаи борон.
Устоди ҳазор ҷодуист
Дар чаманҳо чамонаи борон.
Эй замон, месазад, ки андӯзӣ
Тозагии замонаи борон,
Эй қалам, месазад, ки омӯзӣ
Гиряи ошиқонаи борон!

## ЛАВҲА

Шаҳри ман, эй шаҳкитоби ишқи ман,
Зиндадори фаслу боби ишқи ман,
Кӯ ба кӯи ту парешон мондаам,
Барги афшони баармон мондаам.
Мондаам дар ҷодаҳоят порае,
Порае аз қисмати оворае.
Ман ба ҳар сӯи ту дорам ёдҳо,
Ҳамчу шеъри Рӯдакӣ фарёдҳо.
Зарраҳоят зарраи ҷони ман аст,
Сад нишон аз сӯзи пинҳони ман аст.
Раҳ ба раҳ хоҳам, ки бошад лавҳае,
К-аз ғами деринам орад навҳае.
Лавҳае гӯяд, ки ин ҷо оҳи туст,
Кафтари парбастаи даргоҳи туст.
Лавҳае гӯяд, ки ин ҷо як шарар
Аз шару шӯри дилат дорад хабар.
Лавҳае равшан кунад манзури дил,
Зодани дил, мурдани дил, гӯри дил.
Қисса гӯяд лавҳае аз дарди ман,
Аз гули уммеди бодоварди ман.
Лавҳае гӯяд, ки ин ҷо ҷони туст,
Резаи паймонаи паймони туст.
Лавҳае хонад маро бар манзиле,
К-остонаш мешиносад бедиле.
Лавҳае гӯяд, ки ин ҷо мондаӣ,
Гарчи умре бе сару по мондаӣ.
Шаҳри ман, эй шаҳкитоби ишқи ман,
Зиндадори фаслу боби ишқи ман,
Рӯзи охир чун равам аз кӯи ту,
Ҳамрави оби хазони ҷӯи ту,
Пайкари ман лавҳаи гӯётар аст:
«Он чӣ мебинӣ, кафи хокистар аст».

## НАВҲАИ МОДАРИ ДАВЛАТМАНД

Дар Обдара ту ташналаб мегузарӣ,
Ҳақзода будиву ҳақталаб мегузарӣ,
Гуфтӣ, ки равам ба ҳифзи номуси саҳар,
Аз тири қазо ба вақти шаб мегузарӣ.
Ин аспи саманди ту насиби кӣ шавад?
Ин ёри писанди ту ҳабиби кӣ шавад?

Эй қиссаи ҷонгудози Сӯҳроби дигар!
Ҷорист зи паҳлуи ту Сурхоби дигар.
Онон, ки туро ҳамдаму ҳамдил буданд,
Бурданд намози худ ба меҳроби дигар.
Ин аспи саманди ту насиби кӣ шавад?
Ин ёри писанди ту ҳабиби кӣ шавад?

Оҳат назанад шарар ба афлоки ватан,
Дастат нарасад ба домани чоки ватан.
Гулғунчаву сабзае, ки помол шуда,
Сад соли дигар нахезад аз хоки ватан.
Ин аспи саманди ту насиби кӣ шавад?
Ин ёри писанди ту ҳабиби кӣ шавад?

Гӯшам ҳама аз садои бегона пур аст,
Чашмам ҳама аз лиқои бегона пур аст.
Дигар паи пои ту набинам ҷое,
Кӯи ту зи нақши пои бегона пур аст.
Ин аспи саманди ту насиби кӣ шавад?
Ин ёри писанди ту ҳабиби кӣ шавад?

Дар Обдара оби равон месӯзад,
Дунёи нишон ба бенишон месӯзад.
Имон ба мисоли чодари рӯи занон
Дар оташи ҷаҳли ногумон месӯзад.
Ин аспи саманди ту насиби кӣ шавад?
Ин ёри писанди ту ҳабиби кӣ шавад?

Эй кош, туро чунин намезодам ман,
Шойистаи офарин намезодам ман.
Бенангии мо чу нозиши мост, туро
Бонанг дар ин замин намезодам ман.
Ин аспи саманди ту насиби кӣ шавад?
Ин ёри писанди ту ҳабиби кӣ шавад?

## ҒАЗАЛИ ҶАВОНӢ

Дар Бухорои дилам шӯриду рафт,
Мисли Ҷӯи Мӯлиён хушкиду рафт.
Ғунчахусбияш набуд чун навбаҳор,
Бо ҳама хандонлабон хандиду рафт.
Ҳамчу Маҳмуде, ки ошиқ буду маст,
Аз баландии сухан афтиду рафт.
Чун табиби нозанин омад ба сар,
Набзи пирии маро санҷиду рафт.
Чормағзи пуч ба домонам фиканд,
Доманашро бо итобе чиду рафт.
Ҳамчунон афсонаи зебо расид,
Бо дилам афсонае бишниду рафт.
Мисли мурғе, к-ӯ равад иқлими гарм,
Пар кушоду аз алам нолиду рафт.
Мардуми шоиста мегирад нишон,
Ёди некам чун нишон бахшиду рафт.
Чун нахи мизон хаёли шеъри ман
Дар хами гесӯи ӯ печиду рафт.

## БАРОИ ЯК «ДАРЁДИЛ»

Дили дарёи ту унвон надорад,
Чӣ дарёе, ки худ туғён надорад.
Аз он ки чашмааш абри хаёл аст,
Хаёлӣ меравад, поён надорад.

Магар аз фораоби пахтакор аст,
Ки ҷуз олудагӣ сомон надорад.
Ман аз дарё ҳамеша меҳаросам,
Ки санги хорае дар хона дорад!

## ЭЙ КОШ

Эй кош, бӯсаи ман хайма занад ба лабҳот,
Эй кош, сина молам боре ба тобу табҳот.
Эй кош, аз дами субҳ чун нилуфар кушояд
Дар обгири чашмам афсонаҳои шабҳот.
Шохи баҳориам кард ҷӯши гули муҳаббат,
Эй кош, сабз монам дар оғуши талабҳот.
Дар хонаи хаёлам сӯзад хумори шамъе,
Эй кош, пар кушояд парвонаи ғанабҳот.
Эй кош, ман бимирам бе ҳасрати ду олам
Дар ҷаннати тарабҳот, дар дӯзахи ғазабҳот…

## ТӮФОНИ НӮҲ

Пасу пешам пур аз бозору бозор,
Ки меҷӯшад чу укёнуси пуршӯр.
Ба ҳар сӯе назар дӯзам, бубинам
Хурӯши мавҷи одамҳои ноҷӯр.

Чӣ укёнус, пур аз ҷӯши айёр,
Чӣ укёнус,
Пур аз шӯри ҷоҳил.
Ба гӯшам мерасад фарёди номус,
Ба чашмам мезанад хокистари дил.

Лабе дар ханда дорад бадсиголӣ,
Қаде чун ҳайкали печони зиштист.
Дар ин ҷо кас бувад устоди шайтон,
Дар ин ҷо дӯзахӣ ранги биҳиштист.

Дар ин ҷо одам асту одамӣ нест,
Маҳорат ҷуз фиреби мову ман нест.
Дар ин ҷо дасти эҳсон зери санг аст,
Дар ин ҷо суннати поки Ватан нест.

Бубинам ҷои чашме гурги гушна,
Шиносам ҷои рӯе оби мурда.
Дареғ аз мулки яздонии имон,
Дар он дасти хиёнат рахна карда.

Зи уқёнусе ин сон меҳаросам,
Зи уқёнусе ин сон хастаҷонам.
Миёни мавҷҳои номусулмон
Мисоли киштии бебодбонам.

Худоё, гар мукофотам бихоҳӣ,
Аз ин Тӯфони Нӯҳ осудаам дор.
Намозӣ буд маро домони модар,
Дар ин мавҷи гунаҳ н-олудаам дор!

## КАФТАРИ СИМИНИ МАҲТОБ

Рӯзи ман шаб шуд, худоё,
Рӯи авроқам сиёё!
Ҳайфи обу арғунунаш,
Ҳайфи ташбиби сабоё!
Тӯтии ҳиндуи хуршед
Мерамад аз ман куҷоё?
Кафтари симини маҳтоб
Аз кафи чашмам раҳоё.
Аз раҳи сатрам гузар кун,
Бишнавам то ҳарфи поё.
Дасти шеъри хастаам гир,
Чун дуои авлиёё.
Талхӣ аз ҷонаш бурун рез,
Эй гули ширинадоё!

Кун ато умри дарозаш
Ҳамқади мӯи сиёё.
Ай худоё, зиндаам кун,
Зинда бошӣ, ай худоё!

## ПАРВОЗИ САДРАНГӢ

Рангҳо чун ҳавоӣ мегарданд,
Қафаси боғ мекунад тангӣ,
Мекушоям дили ғарибамро
Сӯи парвозҳои садрангӣ.

Зиндагӣ сар ба сар, ки беранг аст,
Рангҳоро раҳи фирор надиҳам.
Аз дайу аз катонаш озурда,
Дил ба шоҳии баҳор биниҳам.

Оҳану коҳро рабудан ҳаст,
Оваҳ, оваҳ, ки дархури ман нест.
Талабам аз худост ранграбой,
Ки ба ҷуз ранг раҳбари ман нест.

Ранге аз бӯи зулф мадҳуш аст,
Ранге аз чашми маст бемор аст.
Ранге аз сӯзи дури қудсие
Чун хумори ситора бедор аст.

Ранге аз ҳафтранги тирукамон
Мекушад дарди ҳафт пуштамро,
Ранге аз нури поки яздонӣ
Зар кунад мушти хоки муштамро.

Ранге аз худ биҳишт оварда,
Ранге аз худ кушода майхона,
Ранге аз косагул хабар дорад,
Ранге аз худ сиришта паймона.

Ранге аз маҳфиле нишон дорад –
Пур зи шӯр асту шеъру афсона.
Ҳамраҳи ӯ ҷавониам монад
Чун ба чашмони масти ҷонона!

Ранге аз ман маро раҳо созад,
Чун навое зи пардаи сетор,
Ранге аз ман маро кунад эҷод,
Ҳамчу дарё зи чашмаи кӯҳсор.

Мебарад, мебарад маро ранге
Аз замин сӯи маснади падарам,
Гарди сифлӣ зи мижжа афшонда,
Тоҷи номус мениҳад ба сарам.

Рангҳо чун ҳавоӣ мегарданд,
Қафаси боғ мекунад тангӣ.
Мекушоям дили ғарибамро
Сӯи парвозҳои садрангӣ.

## РУҶӮИ МОНӢ

Чу осие, ки берунаш кунанд аз шаҳр,
Маро аз пӯст берун кардаед, афсӯс…
Ман аз урёнии хунам наметарсам,
Ки метарсам ман аз урёнии номус.

Дар ин манзил, ки фирдавси баринам буд,
Дар ин манзил, ки бо ман омад аз додор,
Кӣ тонад ҷо гузидан аз паи сабзиш?
Ки тонад сар кашидан аз паи хирвор?

Маро дар пӯст ҷои турку тозӣ нест,
Ки ман парвардаи Эрони тақдирам.
Агар дар ҷилди ман авлоди ман гунҷад,
Намемирам, намемирам, намемирам!

Маро аз пӯст берун кардаед имрӯз,
Ки амсоли ғилофам бебаҳо бинед.
Ба он чашмони кӯре, ки шумо доред,
Ба ҷои теғи алмосам хало бинед.

Чаро дар пӯст коҳам ҳарза медоред?
Ки чун коҳам ба боди ҳарза биспоред?
Шумо бедонаи обастани рӯиш
Дар ин хоки ҷавонмардон чӣ мекоред?

Маро аз пӯст бояд табли пурфарёд!
Ки нолам дар дилу дар сина ҳамвора.
Бувад, ки дар ҷаҳони сокиту ором
Ба худ орам шуморо ман дигарбора!

## БАРОИ МАСТОН

Маро гуфтӣ, ки «ҷонам сӯхт
Ғами бехобии шабҳо.
Таби чашмони бедорам
Гарав бурда зи кавкабҳо.

Бишуд рӯҳи гирифторам
Зи дурӣ волаи дарё.
Басо талх асту ҷонкоҳ аст
Шабонгаҳ нолаи дарё.

Каси бехоб медонад
Ки мисли ӯ замин танҳост,
Фалак бо ҷумла ахтарҳош
Чу ганҷури ғамин танҳост.

Ба ёди аллаи модар
Зи хатмам мерасад оғоз.
Агарчӣ кӯдакӣ бигзашт,
Худоё, кӯдакам кун боз!

Сафедии сабоҳ омехт
Ба мӯҳои сафеди ман.
Умеди хоби субҳам ҳаст,
Намеояд умеди ман».

Бихоб, эй шоири бехоб,
Ки хоби ту гарон омад.
Замини беқарори ман
Туро маҳди равон омад.

Суруди чашма хоҳад буд,
Фиғони мурғи ошуфта,
Мапиндорӣ, ки хоҳад монд
Суханҳои ту ногуфта.

Бихоб, эй шоири бехоб,
Канори хоки беозор,
Туро шеъри дарӣ ҳар субҳ
Чу модар мекунад бедор.

## ЧАШМАСОРИ ЧАШМИ ГИРЁН

Эй бародар,
Ҷони додар!
Як зимистон ту ҷудо афтодаӣ аз ман,
Як баҳорон бар ту мехоҳам гиристан.

Сабзаи гӯри наватро дӯш бӯидам,
Майсаи гӯри наватро дӯш бӯсидам,
Ҳарфи сабзат бо дили зорам чиҳо мекард?
Бонги набзат бо сари хорам чиҳо мекард?

Се қадам-се умри ҳиҷрон-дуртар аз ту
Сабзаҳои хоки модар сар кашида.

Бар кӣ мегиряд, ки шабнам мечакад
аз мижжаҳояш?
Балки ғам мечӯшаду ғам мечакад
аз мижжаҳояш.

Ин зани рустоӣ –
Модари фарзандҳои дури шаҳрӣ –
Хуфта дар оромгоҳи дури шаҳрӣ,
Бо умеди давлати дидори фардояш.

Дар биҳишти адн дидӣ барқарораш?
Интизори бачҷаҳои шаҳриёраш?
Дар биҳишти адн дидӣ навбаҳораш
Ё хазони дилфигораш?

Хоб дидам, дар сари тобути ту мӯяш парешон буд,
Ташнаи дидор буду аз чунин дидор нолон буд.
Ҷои ман ҳам ашки сӯзони варо мебӯс,
Чашмасори чашми гирёни варо мебӯс,

Эй бародар,
Ҷони додар,
Эй хабардори ғаму шодии модар,
Бехабар аз дарду озори дили модар!

## 13 ФЕВРАЛИ СОЛИ 1990

Наврӯз дер кард,
Дар кӯчаҳои шаҳр гули лола сар кашид,
Ҳар лола ҳасрате,
Ҳар лола нолае.

Наврӯз дер кард
Дар зери осмони яхафшони тирарӯ,
Аз лобалои ҳотаи симини барф
Бишкуфт лолазор,

Ҳар лола машъале,
Ҳар лола ахтаре.

Он кас, ки барги лолаи табхола чиданист,
Оташ фитад ба домани савдояш!
Он кас, ки шамъи лолаи сарзинда куштанист,
Зулмат расад ба манзили уммедаш!

З-ин кӯча дӯш хотирам осуда мегузашт,
З-ин раста дӯш ҷони ман аз ғусса раста буд,
Ман по куҷо ниҳам, ки ба ҳар ҷо, ки рӯ кунам,
Ҳар лола навхатест,
Ҳар лола ошиқест?!

Ман хун хӯрам ҳамора, ки аз чист ёди ман
Аз лола арғувон?
Ман хун шавам ҳамора, ки аз ҷилди «Тоҷикон»
Як сафҳа зери пост!

Наврӯз дер кард,
Наврӯзи лолазори Душанбе шукуфтааст.
Доғе нуҳуфтааст…

## НАВҲА

Карбалои сари сахтам, писарам,
Панҷаи кӯтаҳи бахтам, писарам,
Решаи реши дарахтам, писарам,
Писарам, во писарам, во писарам.

Ман нагӯям, ки Сикандар куштат,
Макри садсолаи Санҷар куштат.
Ҳай дареғо, ки бародар куштат,
Писарам, во писарам, во писарам.

Сабза шуд бобии ту дар ёна,
Дар диёре, ки бувад бегона,
Бенишонӣ ту чаро дар хона?
Писарам, во писарам, во писарам.

Ку мазорат, ки бизорам шабу рӯз?
Сар ба хоки ту гузорам шабу рӯз?
Аз ғамат рӯз надорам шабу рӯз,
Писарам, во писарам, во писарам.

Ман натонам суи ёрат бинам,
Лоламаргии баҳорат бинам,
Чашмаи хушки канорат бинам,
Писарам, во писарам, во писарам.

Бе ту оташ ба танӯрам мурда,
Ҳаваси шодиву сурам мурда.
Ман чароғам, ҳама нурам мурда,
Писарам, во писарам, во писарам.

Ман агар хобу агар бедорам,
Дар ду олам бувадо пайкорам:
Домани қотили ту нагзорам,
Писарам, во писарам, во писарам!

## МАРСИЯИ ДИЛ

Дар ғами рӯи саҳар куштам туро,
Дӯстӣ бин, бо шакар куштам туро!
Заҳрнӯшат кардаму зарофарин,
Ҳамчу Вахши гулбасар куштам туро.
Ғӯта зан дар хуни худ, Сӯҳроби ман,
Мисли Рустам бехабар куштам туро.
Нола кун, эй обаки поки биҳишт,
Кӯ ба кӯву дар ба дар куштам туро.

Дар биёбоне, ки номаш зиндагист,
Дар суроғи барги тар куштам туро.
Ҳамчу Маҳмуди фидоумри сухан
Дар баландии ҳунар куштам туро.
Гуфта будам зинда медорӣ маро,
Вой бар ман, пештар куштам туро.
Интиқом аз ман агар хоҳӣ, биё,
Бо ғурури Гулназар куштам туро.

## ПАЙКАРАИ АЛЁШАИ АСКАР ДАР ПЛОВДИВ

*Чӣ гӯям модаратро?..*
*Р. Рождественский*

Бахти сангини ман сазо дода
Дасти сангину пои сангинам.
Санг бар ман мазан, чу оташбарг
Дам занад ғуссаҳои сангинам.

Чашми ман дар фироқи субҳи ватан
Шом оварду шомпарвар шуд.
Он рахе, ки супурдамаш ба умед,
Банди дори мани музаффар шуд.

Ин замин, ки замони нозиши туст,
Хоки поки ҳазор сарбоз аст.
Ту махонам ғарибу бегона,
Дили гарми ману ту ҳамбоз аст.

Пайкари ман намекунад масдуд
Роҳи нури сабоҳии хуршед.
Синаи ман – хазони тири адуст,
Синаи ту – хазонаи уммед.

Дар ливое, ки матлаи шафақ аст,
Хуни шарёни ман намемирад.
Аз дусад офатам раҳоӣ буд,
Аҷале доманам намегирад.

Чӣ кунам, аз нигоҳи сарди касе
Ғунча афсурд дар дили сангам.
Оламеро тавонад афкандан
Оҳи сангини синаи тангам.

Модари интизори ман, бархез,
Аз канори Ватан садоям кун,
Дарди ҳиҷрон ба қасди ҷони ман аст,
Ман барои туам, раҳоям кун!

## 24 АПРЕЛИ СОЛИ 1987

*Барои Арташес Погосян*

Навбаҳор асту ҷаҳон озодааст,
Сояи ғам бар сарат афтодааст.
Чини рӯят мисраи савдои туст,
Ранги мӯят шоҳиди ғамҳои туст.
Мерасад бар гӯши ту аз дурҳо
Нолаи афтодаву ранҷурҳо[1].
Ғунча оё рамзи тифли куштааст,
К-ин қадар дар хуни дил оғуштааст?
Сабза оё аз хазон гӯяд туро,
Аз умеди нотавон гӯяд туро?
Мечакад борон чу ашки модарон,
Раъд меғуррад чу оҳи хоҳарон.
Мотами хомӯши ту дил бишканад,
Андӯҳи сарпӯши ту дил бишканад.

[1] 24 апрели соли 1915 дар Туркия куштори саросарии арманҳо сурат гирифтааст ва ҳар сол ин сана барои онҳо Рӯзи Мотам аст.

Шеър хон, то Комитас бинам туро,
Волаи тимори кас бинам туро.
Нола дорад дар дилам «Ноқус»-и ту,[1]
Захмҳои кӯҳнаи ҷонсӯзи ту.
Дарди ту бо ҳастии ман ошност,
Ғуссаи тоҷик ба арман ошност.
Борбад бо Комитас ҳамшеван аст,
Сӯзи дилҳошон зи сӯзи миҳан аст.
Нест роҳе дар биёбони Аҷам,
Бе паи пои сухандони Аҷам.
Нест санге, к-ӯ ба сар н-омад варо,
Рӯзи сахте, к-ӯ ба дар н-омад варо.
Нест дарёе, ки шоирро набурд,
Мавҷи хасбозе, ки гавҳарро набурд.
Нест хоки фозиле дар хоки ӯ,
Ахтари иқбол дар афлоки ӯ.
Навбаҳор асту ҷаҳон озодааст,
Бахти мо чини ҷабин бикшодааст.
Шеър хон, то хотири мо зинда бод,
Нақши пои рафтагон поянда бод.
То чароғи марқаде равшангар аст,
Сӯи фардо роҳи мо равшантар аст.

## АФСОНА

### 1

Дили шоир, ки маҳзи армон аст,
Хомааш шохае зи шарён аст.
Лаҳҷааш инқилоб оварда,
Ҷунбишу изтироб оварда.
Ҳарфи сабзаш, ки некӯ афтода,
Сабзаи беғубори кӯҳ дода.
Чашма дарси равониаш дода,
Хок файзи ҷавониаш дода.

[1] Ишора ба достони машҳури Паруйр Севак

Санги миҳан шарорааш дода,
Хони гардун ситорааш дода.
Бӯи ҳулбӯ диҳад ҳиҷои тараш,
Сози мурғ аст дар навои тараш.
Оҳи ӯ оҳуи рамида бувад,
Доғи ӯ лолаи хушида бувад.
Дафтараш аз ватан нишон дорад,
Қатрае баҳри бекарон дорад.

**2**

Шаҳ агар сояи худо бошад,
Соҳиби обу хоки мо бошад.
Пас чи сон шоире Ватан гӯяд,
Чашмаву пушта моли ман гӯяд?
Оби ғалтон, ки бигзарад аз ҷӯ,
Мурғи хушхон, ки мезанад ку-ку,
Махмали майса, ки парешон аст,
Боди бесар, ки бодҷавлон аст,
Моҳи ошиқманиш, ки бехоб аст,
Шаддаи ахтарон, ки пуртоб аст,
Гар хазанда ва ё паранда бувад,
Роми мардум ва ё даранда бувад,
Ҷумла моли шаҳи ҷаҳондор аст,
Кас надонад, зи аҳли куффор аст.
– Ку, бигӯ, шоири ғуломи сухан,
Соҳиби мулк ин туӣ ё ман?
– Ҳар чӣ дорӣ ту, шоҳи беҳамто,
Хоҳам умре насиби ту бодо!
Сарзамине, ки нурафшон аст,
Дар дили ман чу дард пинҳон аст.
Осмоне, ки ахтаристон аст,
Синаи пур зи доғи сӯзон аст.
– Ку, бидеҳ сарзамини пинҳонро,
Ку, бидеҳ осмони гардонро,
Ки ба ҷуз ман каси дигар набувад,
Кадхудое ба баҳру бар набувад.

– Шоҳи ман, аз вуболи ман бигзар,
Аз ғубори хаёли ман бигзар,
Ҷон агар матлаб аст, ин моем,
Бедареғаш ба шоҳ бахшоем.
– Ҷони беқурби хешро бигзор,
Осмону замини худ пеш ор!
– Гулфишон сарзамини ман – дили ман,
Осмони барини ман – дили ман!
Гар шаҳи олами бурун бошӣ,
Кай шаҳи олами дарун бошӣ?
Пеши рӯят агарчи дарвешам,
Ман шаҳаншоҳи олами хешам!
– Ин чӣ ҳарф аст, марди девона,
Ин чӣ ташхиси хешу бегона?!
Ғайри ман соҳиби ду олам нест,
Бе ман асли суруру мотам нест.
Рахна созам зи паҳлуят, эй дун,
Оламатро бурун кашам эдун!

**3**

Бо тавозӯъ вазир мегӯяд,
Бо шаҳи беназир мегӯяд:
– Роҳи эҳсону марҳабо варзед,
Шоири мулкро биёмурзед.
Ғунча гар зодаи риёзи шумост,
Хандааш моли шоири ғаррост.
Чашма гар аз шумову кӯҳсорон,
Нағмааш моли шоири даврон.
Хок агар аз шумову ободон,
Рози ӯ – рози шоири ҳассон.
Набувад шоире, навое нест,
Ҷунбише, сабзише, ҳавое нест.
Набувад шоире, мақоме нест,
Рустане, растане, қиёме нест.
– Ҳарзагӯӣ макун, вазири ман,
Тарс аз қаҳри сахтгири ман!

Шоир оё равони мулки ман аст?
Сухани ӯ нишони мулки ман аст?
Ман ба дораш кашам ба сад хорӣ –
Накунад даъвии ҷаҳондорӣ!
Бе ваям мулк зинда хоҳад монд,
Обу хоки басанда хоҳад монд.

**4**

Шоири сарфиканда мегӯяд,
Сухане канда-канда мегӯяд:
– Шоҳи ман, асли рӯзгори ман
Ҳалқаи дор буду дори ман.
Агарам мекушӣ, бикуш осон,
Ханҷаре зан ба синаи сӯзон,
Ки дилам дар нафас шавад хомӯш,
Мурғи ман дар қафас шавад хомӯш.

**5**

Ханҷари шоҳ мекунад пора
Шиками шоири ҷигархора.

**6**

Шоири сарфиканда мегӯяд,
Сухане канда-канда мегӯяд:
– Шоҳи ман, баски бедилу ҷонӣ,
Ҷои дилро яқин намедонӣ.
Дили ту ишками гаронбор аст,
Ишками ман на қалби бедор аст!
Монд аз дасти ғоратат эман
Осмону замини ман дар ман!

**7**

Бо ту, эй ҷон, фасонае гуфтам,
Аз кадомин замонае гуфтам…

## ҲУЛБАК

Дигар мадеҳ суолам, вақти ҷавоб бигзашт,
Аз шӯрахоки бахтам дарёи об бигзашт,
Шарҳи дили парешам аз сад китоб бигзашт.

Шаҳре, ки сохтам ман аз орзуи ширин,
Гуфтам, ки зинда монад чун Ҳулбаки навоин,
Чун фитна лашкар ангехт, шуд нақши хоки дерин…

Сангаш кӣ мешиносад дар сангзори ҳастӣ?
Хокаш кӣ менавозад дар гирудори ҳастӣ?
Номаш кӣ менависад чун номдори ҳастӣ?

Роҳаш намекушояд аз нақши пои ошиқ,
Бодаш намерасонад созу навои ошиқ,
Чун хоначашми холӣ холист ҷои ошиқ.

Мурғони меҳр рафтанд з-айвони Ҳулбаки ман,
Сарсону сарғарибанд тифлони Ҳулбаки ман,
Дар ҷони ман бигиряд армони Ҳулбаки ман.

…Дигар мадеҳ суолам, вақти ҷавоб бигзашт…

## КӮЧ

Дар тани шах навишта бебоке:
«Алвидоъ, эй диёри кӯҳистон!
Навбаҳори туро чу тӯҳфа барем
Бар биёбони хаставу беҷон».

Медавад оби рӯдаки Яғноб
Аз бари кӯҳ чу тифли ранҷида.
Қуллаҳои хомуш гаронборанд
Мисли пирони зиндагидида.

Боз монда даҳони дарвоза
Ҳар кучҷое зи ҳайрату озор.
Чашми тиреза зор мебинад
Сӯи деҳи ғарибу ғамбемор.

Гӯсфанде фиғон кунад беист,
Мерасад бонги дилхароши хурӯс.
Ин замин аст мазҳари ҳичрон,
Маншаи дарду ғуссаву афсӯс.

Мӯсафеде ба дӯши беҳолаш
Кӯҳнаколои хонадон дорад.
По фишорад ба ҳасрате, гӯё
Бори гӯри гузаштагон дорад.

Меравад навчавони навроҳа,
Дасти меҳраш ба дасти гаҳвора.
Зери фармони ӯст, пиндорӣ,
Меҳвари беқарори сайёра.

Духтаре дам ба дам назар фиканад
Тарфи беди канори сарчашма.
Ишқи худро амонате монда,
Бо дили зору бо лаби ташна.

Хандасор асту аз кафаш наниҳад
Зани пире сутуни бобоӣ.
Гӯӣ бе он фуруд меояд
Осмони баланди савдоӣ.

Кӯч баста деҳи камарбаста,
Бо умеду хаёлу армонҳо.
Қисматаш мебарад зи кӯҳистон
Ҷониби қисмати биёбонҳо.

## ПОСУХИ ҲИЛОЛӢ
## БА САЙФУЛЛОИ ҶАЛЛОД

Ман, ки аз теғи нигаҳ ҷон додаам,
Ҷон ба сарбозони миҷгон додаам,
Бими теғи ту надорам бар сарам,
Ёди марги худ наорам бар сарам.
Тори мӯе тори ҷонам бастааст,
Бо ҳаёти ҷовидонам бастааст.
Субҳи рӯе шоми маргам бурдааст,
Номи ёре номи маргам бурдааст.
Эй, ки аз ишқи бутон огаҳ наӣ,
Аз ҳузури ломакон огаҳ наӣ.
Ман ҳавоям, ман навоям дар фазо,
Бо манат охир чӣ месозад қазо?
Аз танам чун аз қафас берун манам,
Тоири озодаи гардун манам.
Теғи ту чун мекушад сози маро,
Оташи гирои овози маро?!
Ман наметарсам, ту метарсӣ зи ман,
Пояи дорӣ, ту меларзӣ зи ман.
Гар ҳаросам ҳаст, з-он дорам ҳарос,
К-аз барои ворисони дилшинос
Бо ҳама дарди ману фарёди ман,
Зинда мемонӣ ту ҳам, ҷаллоди ман!

## АЙЁМИ ГАП

Ҳаббазо, хуш омада айёми гап,
Зинда бодо дар ду олам номи гап!
Он ки аз пастии фитрат паст буд,
Ҳай фароғат мекунад дар боми гап.
Сад дареғ аз суннати волои мо,
Ҳофизи гап мондаву Хайёми гап.
Ҳар куҷое сифла буду қалтабон,
Мерасад ҳар лаҳзааш инъоми гап.

Ҳамчу тарбуз фасли ҷавзо пухтааст
Раҳкушову раҳнамои хоми гап.
Пеши минбар субҳи гап бикшода чашм,
Боз дар минбар бихусбад шоми гап.
Зикри ҳалво коми кас ширин накард,
Суфрае аз бод дорад моми гап.
Ҳеҷ гаҳ аз нангу номусаш напурс,
Ӯ фиканда ҷумларо дар доми гап.
Сарбадорон бесаранду ин ҷаҳон
Пур шуда аз Рустаму аз Соми гап.
Интизорам рӯзи анҷоми варо,
Мерасад рӯзе магар анҷоми гап?!

## ФАРДО

Дилам хун шуд зи ҳаҷри рӯи фардо,
Ки раҳ боре набурдам сӯи фардо.
Мани лабташнаро асло напурсед,
Нахӯрдам ҷуръае аз ҷӯи фардо.
Тиҳиҷонии ман буд нозиши ман,
Ба ёди суфраи мамлӯи фардо.
Ба гӯши ман наомад нолаи ман,
Зи ғавғою зи ҳою ҳуи фардо.
Забон афтод дар комам парешон
Ба номи лаҳҷаи маҷмӯи фардо.
Ҳазорон ғунчаро додам ба ғорат
Ба бӯи кокули гулбӯи фардо.
Ба боди раҳгузар шуд хоки кӯям,
Барои хоки роҳи кӯи фардо.
Гузаштам аз сари дирӯзу имрӯз
Зи файзи ваъдаи сарҳӯи фардо.
Агар мирам, намирам аз ғами дил,
Бимирам аз ғами дилҷӯи фардо.
Ба рӯзи ҳашр дар майхонаам не,
Биҷӯедам фақат дар кӯи фардо.

## БОЛО

Ҷонфазо бо як ибора,
Ҷонрабо бо як ишора,
Чораи сад гуна чора,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Фоли некаш дар ҷабин аст,
Аз азал болои зин аст,
Соҳиби обу замин аст,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Ӯ бувад асли ҳақиқат,
Ӯ бувад рамзи садоқат,
Ӯ бувад кони муҳаббат,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Ғайри ӯ дасти расо нест,
Раҳбари мушкилкушо нест,
Лутфу эҳсони худо нест,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Хеши ман гумроҳу ҷоҳил,
Ёри ман нодону коҳил,
Ҳафт пушти ӯст оқил,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Тифлакаш бехона? Айб аст!
Мурғакаш бе дона? Айб аст!
Ҳарфи ман бегона? Айб аст!
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Боми ӯ боми ману туст,
Номи ӯ номи ману туст,
Коми ӯ коми ману туст,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Мехарад ҷои ману ту,
Мебарад ҷои ману ту,
Мехӯрад ҷои ману ту,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло.

Ҷои мо шӯҳрат тани ӯ,
Ромишу роҳат тани ӯ,
Во аҷаб! Ҷаннат тани ӯ,
Номи ӯ Болост, Боло,
Номи ӯ ҳар ҷост боло!

## НОМАҲО БА…

### 1

Эй реги мо тиллои ту,
Дирӯзи мо фардои ту,
Эй суди мо савдои ту,
«Мо низ ҳам бад нестем!»[1]

Савдогари бозори хеш,
Ҳафт ахтари пиндори хеш,
Эй анкабути тори хеш,
Мо низ ҳам бад нестем.

Дар гӯши ту оҳанги туст,
Дар дидаи ту ранги туст,
Гар оламе посанги туст,
Мо низ ҳам бад нестем.

[1] . Моли Саъдист.

Роҳе зи худ нобурдаӣ,
Мурдоби дар худ мурдаӣ,
Дар ҷилди худ афсурдаӣ,
Мо низ ҳам бад нестем.

Эй дар талоши ҷои кас,
Эй неши хори пои кас,
Эй кӯри худ, бинои кас,
Мо низ ҳам бад нестем.

Дасте, ки аъмолат навишт,
Дар хоки ту некӣ накишт,
Эй бадниҳоди бадсиришт,
Мо низ ҳам бад нестам.

**2**

Хор мерӯяд ба шаҳри дигарон,
Лолаву себарга дар хоки шумост.
Осмони дигаронро дуду бас,
Ҷилваи ахтар ба афлоки шумост.
Кӯру кар мехезад аз маҳди касон,
Рӯи раҳ тифли баидроки шумост.
Ҷомаи зарбафти ёри дигарон
Лоҷарам аз домани чоки шумост.
Хандаҳои беғубори ҳамҷавор
Аз ҳисоби ҷони ғамноки шумост.
Оташи хомӯши суғдони қадим
Зинда дар чашмони бебоки шумост.
Масткории ғазалҳои Аҷам
Аз раги сӯзандаи токи шумост.
Ҳақ агар гӯям, ҳама ҳоли хароб
Аз дили садрӯю нопоки шумост!

**3**

Эй он ки зи роҳи қудсии шеър
Ба ҷони гарон туро гузар буд,
Ин гуфтану мурданат ҳунар нест,
Ногуфтану мурданат ҳунар буд!

## ИЗҲОР

Чунонат роҳ мепоям,
Ки ҳамкорам маошашро.
Чунонат дӯст медорам,
Ки пурхӯр деги ошашро,
Чунонат мехӯрам афсӯс,
Ки деҳқон наску мошашро.
Чунонат мекашам андӯҳ,
Ки ҳамсоя кулоҳашро,
Чунонат пос медорам,
Ки Ҷопон подшоҳашро,
Чунонат саҷда меорам,
Ки ҳинду гови роҳашро…

## РИШИ ДУРӮЯ

Якзабону якдилам пеши дурӯя,
З-ин раҳам бегонаи хеши дурӯя.
Ҷилва аз ҳар бод дорад гуна-гуна,
Шикваҳо дорам ман аз риши дурӯя.
Не аз ӯ маргам расад, не умри ҷовид,
Зиндаам ё мурда аз неши дурӯя?
Ҷумла пастанду разиланду набинам
Фарқи байни шоҳу дарвеши дурӯя.
Гӯиё ларзад замини Тоҷикистон,
Мехӯрам таккон зи ташвиши дурӯя.
Сеҳру ҷодуе, ки дорад, бемисол аст,
Гургбачча мекунад меши дурӯя.
Ҳар киро дидам дар ин хоки биҳиштӣ,
Ҷони бедораш бувад реши дурӯя.
Рӯ надорад, дил надорад, гап надорад,
Қоилам ман, қоил аз кеши дурӯя!

## ҚАЛАМ

Эй, ки осон гуфтаӣ кори қалам,
Ту сабук бигрифтаӣ бори қалам.
Бесамар монӣ зи озори қалам,
Чун қалам гардӣ зи бемори қалам.

Як назар ошӯбу исёнро бубин,
Чеҳраи хандону гирёнро бубин,
Зумраи афтону хезонро бубин,
Алҳазар! Гарм аст бозори қалам!

Ҳай гиребонҳо ҳама доман шуда,
Сад қиёмат «аз туву аз ман» шуда,
Табъи луч шайдои пироҳан шуда,
Ҳар касе бинӣ, талабгори қалам.

Ҳарфашон ҷуз манбаи ғайбат, ки нест,
Ҷонашон ҷуз маншаи зулмат, ки нест,
Чашмашон ҷуз чашмаи нафрат, ки нест,
Баҳра ҷӯянд аз шаби тори қалам.

Аз ҳиҷо ҳаргиз мапурсу аз шиор,
Чун қабои кӯҳна бе ранг асту бор,
Гар ситам карданд моро бешумор,
Хешро хонанд ғамхори қалам.

Чун ғубори осмони шаҳри ман
Шеър меборад ба фарқи марду зан,
Ман надидам ҳеҷ гулбоди сухан,
Ман надидам ҳеҷ гулзори қалам.

Нашриёте, ки бувад кораш савоб,
Дамнафас гардида дар зери «китоб».
То раҳо ёбад аз ин ҷабру азоб,
Навбате даркор пайкори қалам!

Вақти он омад, ки дил якҷо кунем,
Садди роҳи ҳарзаву коно кунем,
Ё зи дарди сина вовайло кунем
Бар сари тобути бебори қалам…

## ДУО

Душанбе монаду гардаш намонад,
Давояш монаду дардаш намонад,
Қатори мардҳои ҷоннисораш
Илоҳӣ номи номардаш намонад.

Душанбе монаду хораш намонад,
Пасу паскӯчаи тораш намонад,
Агар бозори он монад, бимонад,
Фақат ҳанноти бозораш намонад.

Душанбе монаду фандаш намонад,
Дукони холӣ аз қандаш намонад,
Гиёҳи зери қираш зинда бошад,
Паи пои гияҳмандаш намонад.

Душанбе монаду хомӣ намонад,
Ба ҷуз шону накӯномӣ намонад,
Зи меҳри шеърхоҳон дар мағоза
Китоби Ҳофизу Ҷомӣ намонад.

Душанбе монаду армон намонад,
Дили бе шӯру бе тӯфон намонад,
Агар тоҷик надонад лафзи тоҷик,
Ба рӯи хоки аҷдодон намонад.

Душанбе монаду ғавғо намонад,
Сари ному шараф савдо намонад,
Маҳалҳои ватан поянда монанд,
Маҳалбозӣ дар ин дунё намонад.

Душанбе монаду ғафлат намонад,
Муҳаббат монаду нафрат намонад,
Мурувват монаду меҳнат намонад,
Камоне аз пайи ғорат намонад…

* * *

Халқи ман!
Урёнии табъи ту чист?
Аз харири ҳарфи Ҳофиз ҷома кун.
Номаи иқболи ту афсурдааст,
Рӯ ба шеъри қудсии «Шаҳнома» кун.

Гапфурӯшонат дукон бикшодаанд
Ҷои кони ҳикмати ту, сад дареғ.
Дар қиёси хирмани ҳазёнашон
Хас намояд давлати ту, сад дареғ.

Дар Зарафшону Бадахшони ту чист?
Ҷони ман савдоии савдои туст!
Носири Хусрав туро лаъл асту бас,
Рӯдакият маҳзани тиллои туст.

Ғам махӯр аз ҷилди кимхову самур,
Ҷилди Мавлонои ту дунёи туст.
Мисрае хулди баринат мебарад,
Мисрае ҳафтони сар то пои туст.

Байни хушку тар агар қисмат кунанд
Сарвати байту ғазалҳои туро,
Оламе имрӯз тангӣ мекунад
Лашкари Қоруни фардои туро.

Гар Арал мекоҳаду Ому, ҳанӯз
Медамад дарёи шеърат лаб ба лаб.
Обёрӣ кун, ки беобии дил
Мезанад паҳлу ба саҳрои араб.

Халқи ман!
Урёнии табъи ту чист?
Аз ҳарири ҳарфи Ҳофиз ҷома кун.
Номаи иқболи ту афсурдааст,
Рӯ ба шеъри қудсии «Шаҳнома» кун.

* * *

Кай ба ҷое меравам аз ҷои хеш?
Гирдбоди хешаму саҳрои хеш!
Сайри дунё мекунӣ, фархунда бош,
Ман тамошо мекунам дунёи хеш.
Баски дил дар сина дарё кардаам,
Менишинам дар лаби дарёи хеш.
Камшиносе кам бубинад моли ман,
Ман ба худ савдо кунам колои хеш.
Дасти гулпарвар ба додам мерасад,
Хори худро мекашам аз пои хеш.
Ғайри ман нуқсе надорад зиндагӣ,
Ин манам кӯри касу бинои хеш!
Як сафар танҳо бимирам дар сафар
Чун Зарафшон бо ғами танҳои хеш.
Чун парерам ҳасрати вомонда нест,
Дар дилам мепарварам фардои хеш.

* * *

Аз сӯзу гудози офтоби саратон
Шукрона ба лаб дораму таҳсин ба забон,
Дар хиттаи табгирифтаи мо, эй ҷон,
Ҳам пахта сафеду ҳам рухи ҷонона.

Хобам набарад, ки субҳи рӯят бинам,
Сабрам нарасад, ки шоми мӯят бинам,
Сатрам начамад, ки роҳи кӯят бинам,
Ҳам сафҳа сафеду ҳам сари ғамхона.

Чун мисраи Мавлавӣ, ки шӯрад ба ниҳон,
Биншинаму сӯзаму наоям ба забон,
Дар маҳфили ошиқони ҳар давру замон
Ҳам шӯъла сафеду ҳам пари парвона.

Бикшода рухат, дил накушоӣ, чӣ кунам?
Ҳамчун гули маҳ ба каф наоӣ, чӣ кунам?
Чашмам ба дарат, ки мебароӣ, чӣ кунам?
Ҳам дида сафеду ҳам дили девона.

«Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад»,
Афсонаи ошиқӣ ба лаб мегузарад,
Эй дил, накунӣ шиква, ки шаб мегузарад,
Ҳам субҳ сафеду ҳам ғами субҳона…

* * *

Барги хазон,
Барги хазон,
Аз боғҳо то роғҳо
Ҳарфи парешони манӣ.

Боди хазон,
Боди хазон,
Аз ҷодаҳо то ёлаҳо
Оҳи ғамафшони манӣ.

Мурғи хазон,
Мурғи хазон,
Аз ин макон то ломакон
Ту ишқи сарсони манӣ.

Оби хазон,
Оби хазон,
Аз ҷӯйҳо то кӯйҳо
Фарёди армони манӣ.

Абри хазон,
Абри хазон,
Аз бомҳо то шомҳо
Ту ёди гирёни манӣ…

* * *

Диле, ки ҳаст маро аз муҳаббати дерин,
Чу мусҳафест расида зи муддати дерин.
Ба мисли олими оламкушо ту ҳиммат кун,
Кушо сафинаи рози маро, қироат кун.
Чу нури чашми ҷавонат ба ҷони ман резад,
Ғубори ҳасрати ман аз баёзи ман хезад.
Ба барги чеҳра биёрӣ дами баҳоронам,
Ба абри мӯи парешон ҳавои боронам.
Чу донае, ки бувад интизори лутфи ҳамал,
Ҳиҷои гунги дилам боз мерасад ба амал.
Сахои дасти туам ҷилд мекунад тоза,
Баҳои чашми туам қадр мекунад хоса.
Мубораки дами эҳё, ки дил чу рози қадим
Дар ихтиёри ту бошад ба сӯзу сози қадим.
Вагарна ҳеҷ натонам чу сафҳаи тақвим
Варақ – варақ бикунам дигараш ба ҳар мавсим.
Агар китоби куҳан нусхае ба ҷо дорад,
Китоби асли дилам нусхае ба ҷо дорад,
Чу котибе паи ислоҳи номае рафта,
Куҷо ба саҳви дилам дасти хомае рафта?
Муборакӣ дами эҳё, ки дил чуноне ҳаст,
Варо шиноси ғаму ёри ҳамзабоне ҳаст.
Ба мисли олими оламкушо муҳаббат кун,
Кушо сафинаи рози маро, қироат кун.

* * *

Зи ҷавшанпӯшии барги дарахтон
Баҳори сабзпӯши ман раҳо шуд.
Нафасгирам, нафасгирам, нафасагир,
Худоё, абри боронӣ куҷо шуд?

Ғуборе, ки ба дил дорам, маро бас,
Чароям боз гардун Карбало шуд?
Ҳазорон чашма дар ёдам фурӯ монд,
Худоё, абри боронӣ куҷо шуд?

Лаби тар гуфтаму шуд дидаам тар,
Шамими хулбаи гесӯ адо шуд.
Адоям ман, адоям ман, адоям,
Худоё, абри боронӣ куҷо шуд?

Гули рӯи мазори модари ман
Ҳазин афтоду бо ман ҳамнаво шуд.
Нами чашмам дами найсон надорад,
Худоё, абри боронӣ куҷо шуд?

Хазони дафтарам дилро хазон кард,
Сухан пажмурду хори дасту по шуд.
Гулӯи хомаам хушкид, хушкид,
Худоё, абри боронӣ куҷо шуд?

* * *

Боғбон то мениҳад пайванди нав,
Аз ҷудоӣ ёд меояд маро.
Нолаи мурғони кӯчӣ бишнавам,
Бевафоӣ ёд меояд маро.
Чашм бӯсад ошиқе дар раҳгузар,
Роҳпоӣ ёд меояд маро.
Бе матое гармии бозор бин!
Худситоӣ ёд меояд маро.
Рӯбаҳии ту намегирад дилам,
То рубоӣ ёд меояд маро.
Хонаро нақши қафас бишнохтанд,
Даркушоӣ ёд меояд маро.
Эй, ки дурӣ аз навои «Шашмақом»,
Бенавоӣ ёд меояд маро.
Ту магӯ аз зулмати даври қадим,
Равшаноӣ ёд меояд маро,

Аз Камолу Бӯаливу Рӯдакӣ,
Аз Саноӣ ёд меояд маро.
Нон ба рӯи хону чашмам сӯи дар,
Ошноӣ ёд меояд маро.

* * *

Боди бепарво кулоҳамро рабуд,
Раҳзане ин нақди роҳамро рабуд,
Баччагӣ буду гувоҳамро рабуд,
То ҳанӯзаш интизор истодаам,
Содаам ман, содаам ман, содаам.

Он ки оташ дар саропоям фиканд,
Ҳалқае бар гардани роям фиканд,
Ҳамчу Салмон дар бари Ноям фиканд,
Баҳри эҳсонаш зи по афтодаам,
Содаам ман, содаам ман, содаам.

Модарам бигзашту гуфтам, ки фан аст,
Рафтанаш рамз асту умре бо ман аст.
Ҷонам аз мӯи сафедаш равшан аст,
Сар кунун бар хоки ӯ бинҳодаам,
Содаам ман, содаам ман, содаам.

Субҳи дерафтода дар мӯям дамид,
Пина дар пои такопӯям дамид,
Барги армон дар лаби ҷӯям дамид,
Дафтари умри ҷавон бикшодаам,
Содаам ман, содаам ман, содаам.

Мисраи оби Зарафшонам бас аст,
Шӯълаи лаъли Бадахшонам бас аст,
Рӯдакиву файзи девонам бас аст,
Содагӣ бин, бо қалам дил додаам,
Содаам ман, содаам ман, содаам!

* * *

Чу Фирдавсӣ ҳанӯз аз кини Маҳмуд
Тақозо мекунад суду зиёнаш,
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.

Агар хоне ба яғмо рафт, ғам нест,
Ба дил дорам ҳароси Ҳафт Хонаш.
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.

Дареғогӯи Эрон мӯя дорад
Сари хоки парешони каёнаш.
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.

Агар бархе чу Туркистон шиносанд,
Чӣ гӯям ман зи Тӯрону ҷаҳонаш?
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.

Замон Сӯҳроби афгор асту Ковус
Паноҳад нӯшдоруи равонаш.
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.

Дусад марде, ки майдон чокари ӯст,
Бурун хоҳад шудан аз хонадонаш.
Бубояд ҳайкале он сон пайафканд,
Ки Рустам хезаду рахшу камонаш.

Дар ин манзил, ки ҳамумри худоҳост,
Худоё, тоза гардон достонаш,
Ки аз ҳайкал раҳо ояд умедам,
Ки Рустам хезаду Рахшу камонаш.

* * *

Дар он марзе, ки шоирҳои мо бо сабза ҳамрозанд,
Бигуфтӣ: «Як замонат ҳаст ин ҷо навбати хуфтан».
Чу ман ду дидаро бикшодаам, бояст пӯшидан,
Баҳорон аз замин рӯидану бо ғунча бишкуфтан.

Касе ҳаргиз намедонад, ки роҳаш то куҷо пайдост,
Валекин дар Ватан мурдан бувад бемаргии инсон.
Даме ки пуштаи ту мешавад аз хок болотар,
Ту боло мекунӣ хоки Ватанро як ваҷаб алъон.

Ба он дарде, ки чун бори гаронаш мекашӣ умре,
Ба ғайри шонаи меҳан дигар хоке наёрад тоб.
Шигифти тифли одам, рӯи олам гирдгардон аст,
Вале аз худ варо ҳаргиз раҳоӣ нест чун гирдоб.

Намедонам, ки меҳре мебарад сӯи мазори ман
Ва ё аз ёд хоҳад шуд диёри ормони ман,
Вале боди Ватан дорад шабу рӯзи маро обод,
Вале санги Ватан монад ҳамон санги нишони ман.

Дар он марзе, ки шоирҳои мо бо сабза ҳамрозанд,
Бигуфтӣ: «Як замонат ҳаст ин ҷо навбати хуфтан».
Чӣ бемаргист, зери чанбари гардуни бобоӣ
Баҳорон аз замин рӯидану бо ғунча бишкуфтан.

* * *

Шеър мегуфтам туро, аз ёд рафт,
Барги гулҳои тарам барбод рафт,
Аз дили ҳар зарраам фарёд рафт,
Шеър мегуфтам туро, аз ёд рафт.

Дафтари ман нусхаи рӯи ту буд,
Байти ман тазмини абрӯи ту буд.
Печутоби фикрам аз мӯи ту буд,
Шеър мегуфтам туро, аз ёд рафт.

Боғи ман буд домани гулдӯзият,
Този ман буд хандаи наврӯзият,
Рози ман буд мазҳаби дилсӯзият,
Шеър мегуфтам туро, аз ёд рафт.

Ҳар қадам буд як ҳиҷо дар роҳи ту,
Ҳар нафас буд як наво дар роҳи ту,
Нимидарде буд расо дар роҳи ту,
Шеър мегуфтам туро, аз ёд рафт.

Оби ҷӯят сад равонам дода буд,
Боми кӯят осмонам дода буд,
Остонат достонам дода буд,
Шеър мегуфтам туро, аз ёд рафт.

Ёди деринам, фаромӯшам макун,
Дарди ширинам, фаромӯшам макун,
Байти таскинам, фаромӯшам макун,
Шеър мегуфтам туро, аз ёд рафт…

## ДИЛ

Чу ҳамхонае, ки варо сидқ нест,
Наҷустам зи ту фарзи ҳамсоягӣ.
Чу нохун задӣ бар дари синаам,
Ба ёд омадам қарзи ҳамсоягӣ.

Агар бениёзӣ ба қавну макон
Ахират ба ҳамсоя афтад ниёз.
Аё дил, чӣ дарде ба ҷон кора кард,
Ки дорӣ зи аҳволи ман пурсупос?

Бигуфтам лаби худ бубандам ба ноз,
Ки донӣ ғурурам чӣ дорад зи пай,
Вале бо ту фарёди ман шуд баланд,
Чу оҳи дили ноӣ аз чоки най.

Зи ҳам рехт девори бегонагӣ,
Туро мисли худ ёфтам рӯ ба рӯ.
Зи ту чун зи мактуби аъмоли хеш,
Бихондам ғаму шодиам мӯ ба мӯ.

Дареғо, ки будам зи ту бехабар,
Фиғоно, ки ногап будем аз нахуст.
Чӣ гулҳои шодӣ, ки нашкуфту мурд,
Чӣ тухми муҳаббат, ки ин ҷо наруст!

Чунон ки ду давлат мадоро кунанд,
Алайҳи адуе зи роҳи хирад,
Ману ту дигар ҷовидон бо ҳамем,
Куҷо ҷабри дарде ба мо бигзарад!

* * *

Дар ёлаву пуштаҳои ваҳмида
Имсол лола чиданӣ нест.
Дар рӯи раҳе, ки сӯи Хатлон аст,
Балки сӯи пойтахти армон аст,
Ин ғуссагули Ватан ба савдо кашиданӣ нест.

Монед, ки доғчашми лола
Бо чашми ситора рози дил гӯяд.
Ин майса баҳоре шоире дошт,
Ин чашма сабоҳе ошиқе дошт.
Монед, ки боди сабзпӯши наврӯз
Бо худ бубарад шафақчароғи лола.

Шабхонаи кӣ фаромуши уммед аст?
Чашми кӣ даричаи раҳи хуршед аст?
Монед, ки ноҷавонии гардун
Аз роиҳаи ҷавонӣ мастур шавад.

Бо лола дили ҷавони кӣ месӯзад?
Дар оташи тар ҷаҳони кӣ месӯзад?
Ин пуштаву ин ёла ҷавонистон аст,
Ин сабзаву ин лола –
ТОҶИКИСТОН аст!

Монед, ки лолаҳо ба ҳам оянд,
Монед, ки лолаҳо даромезанд,
Ҷуз чеҳраи ошно чӣ хоҳад буд?
Ҷуз оинаи сафо чӣ хоҳад буд?
Ҳар лола ман асту лолаам ман,
Доғи дили ҳаждаҳсолаам ман!

Монед, ки лолаҳо пир шаванд,
Аз оби вафои зиндагӣ сер шаванд.
Нақши Ватанам гӯри ҷавонмаргон аст,
Бо лолаи хункафан магар осон аст?

* * *

Гул гирифта дидаи бинои тоҷик,
Гул фирор оварда аз дунёи тоҷик,
Хорбун хезад зи нақши пои тоҷик,
Вои тоҷик, вои тоҷик.

Пахта гар рӯяд, бирӯяд арғувонӣ,
Сабза гар рӯяд, бирӯяд заъфаронӣ,
Тоҷикистон хуфта дар саҳрои тоҷик,
Вои тоҷик, вои тоҷик.

Абр гиряд дар ду чашми модари ман,
Раъд нолад дар гулӯи хоҳари ман,
То қиёмат ояд аз маъвои тоҷик:
«Вои тоҷик! Вои тоҷик!»

Панди Саъдӣ пунбаи гӯши гарон аст,
Бонги Ҳофиз лолии ҳарфи забон аст,

Ман надонам чист дар савдои тоҷик,
Вои тоҷик, вои тоҷик.

Хешро бегонаву бегонаро хеш,
Мурғи озод асту дому донаро хеш,
Шикваҳо дорам ман аз фардои тоҷик,
Вои тоҷик, вои тоҷик.

Ҷоми Ҷам омоҷгоҳи санги кин аст,
Нақши Рустам аз қазо нақши замин аст.
Сӯи ғурбат раҳ кашад Синои тоҷик,
Вои тоҷик, вои тоҷик.

Рафта дар ғарқоби Омӯяш чағона,
Монда дар ҳалқи Зарафшонаш тарона,
Мотамобод аст ҷоҳу ҷои тоҷик,
Вои тоҷик, вои тоҷик…

* * *

Дилбари ман,
Кишвари ман,
Кишваре, ки буда марзаш тундии шарёни ман,
Парчамаш хуни дили ман,
Дар нишонаш шӯру савдои сари ман.

Мон, ки кишварҳои дунёро шиносанд,
Обу хокашро рабоянду фазоянд,
Кишвари ман бе мани дилдода афзун нест,
Шохаобе ҳасту Ҷайҳун нест,
Бе сарупои булӯри беғубораш,
Номаҳои ҳасратамро Бесутун нест,
Балки дар тандеси ҳастиям
Гармии хун нест.

Гар ба ҷое қиссаву афсонае мурда,
Қиссаҳои ман дар ин кишвар намурда.

Ӯ ҳазорон Лайливу ман сад ҳазорон
Қайси маҷнунам,
Аз барои мушки зулфаш бодпои дашту ҳомунам,
Ман дар ин ҷо ҳамнишини оҳувонам,
Ман дар ин ҷо роздони ҷодувонам.
Ҳар гаҳе бо ҷони гардолуда бозоям,
Аз нафасҳояш мубарро мешавам,
мисли чанор аз бод,
Ҳар гаҳе бо ҷони дардолуда бозоям,
Хирмани дарди маро як хандаи ӯ мекунад барбод.

Аз гиёҳи меҳр озодам, ки меҳраш ҳаст,
Навҷавонии мудоми дастгираш ҳаст.
Ман дар ин ҷо фориғам аз марг,
Ман дар ин ҷо ошиқам бемарг…

* * *

Зи ҳарфи обшорон шикваам ҳаст,
Зи гӯши кӯҳсорон шикваам ҳаст.
Намехоҳам ғубореро ба ғурбат,
Зи лутфи оби борон шикваам ҳаст.
Дар ин саҳро агар хоре назояд,
Зи ранҷи навбаҳорон шикваам ҳаст.
Ғалат афтода оё номаи бахт?
Зи номи номдорон шикваам ҳаст.
Ғами раҳгум дар ин ҷо роҳдор аст,
Зи лутфи ғамгусорон шикваам ҳаст.
Дили афтодаро бархостан нест,
Зи поси посдорон шикваам ҳаст.
Саре аз санги кулфатҳо раҳо нест,
Зи тоҷу тоҷдорон шикваам ҳаст.
Ба душман гӯ, ки дил осуда дорад,
Зи хасмон не, зи ёрон шикваам ҳаст.
Дар ин якрӯза умри бетафовут
Ҳазор андар ҳазорон шикваам ҳаст.

* * *

Аз паси абрҳои зулмонӣ
Ахтаре сӯи ман намехандад.
Дили хокистаре ба гармӣ нест,
Ахгаре сӯи ман намехандад.
Ман ҳамон тоҷики ғазалхонам,
Санҷаре сӯи ман намехандад.
Роҳи ҷанги ҷаҳон пур аз нашъ аст,
Аскаре сӯи ман намехандад.
Чашми токи бурида мегиряд,
Соғаре сӯи ман намехандад.
Гӯшаи боми ман ҳама дом аст,
Кафтаре сӯи ман намехандад.
Аз шукуфтан гузашт вақти сухан,
Дафтаре сӯи ман намехандад.
Тифли шеърам ба кӯча сарсон аст,
Модаре сӯи ман намехандад.

* * *

Дарёи дамидаи баҳоронӣ,
Лабрези таронаҳои мастона.
Мадҳуши шамими ҳулбаву райҳон,
Афсуни ҷавониҳои афсона.

Ҳар қатраи ту ҳазор хуршед аст,
Дар синаи ту ҳазор афлок аст.
Роҳат зи ҳазор Каҳкашон болост,
Рӯҳат чу рӯҳи фариштаҳо пок аст.

Чашмам зи шукӯҳи мавҷи ту дарёст,
Ҷонам зи ту арғунуни нолон аст.
Як пора замини ташнаи обам,
Лутфе, ки баҳори ман пушаймон аст!

Бинвис ба рӯи ҳар кафи хокам
Девони қиёму шӯру исёнат.

Як рӯз зи нақши сахраҳои ман
Ёбӣ, ки ҷавонӣ буду армонат.

Ҳар гул, ки биёрадам сахои ту,
Рӯзе зи баҳори ту нишон монад.
Дар барги хазон насими тирмоҳон
Дилномаи мо ба чашми тар хонад.

Ҳоло, ки ҳама талошу ҷавлонӣ,
Ҳоло, ки ҳама таронапироӣ,
Ҳошо, ки чу Вахш ту ба банд оӣ!
Ҳошо, ки чу Рахш дар каманд оӣ!

Он рӯз мабод зери гардунам,
К-ошӯби дили туро фурӯ бинам,
Дарёи дамидаи баҳорамро
Дилхаставу зору ҷӯ ба ҷӯ бинам!

* * *

Эй ишқ, эй ҷавонии умрам,
Бодоми пурҷавонаи умрам!
Ҳошо, ки бинамат сари урён
Аз барфи безамонаи умрам,
Эй ишқ, эй замонаи умрам.

Набвад умеди меҳри поизам,
Оташгаҳам, ба оташе зорам.
Ҳаргиз намир дар сиришти ман,
Сардӣ макаш ба рӯи кишти ман,
Эй ишқ, эй нишонаи умрам.

Боди хазон, ки мечамад бедард,
Чобуксавори Рахши саршох аст.
Ҳайфам зи барги гунги паррон нест,
Ҳайфам зи бенавоии боғ аст,
Эй ишқ, эй хизонаи умрам.

Дарё асири доми симин аст,
Хунёи мурда зери сим ин аст!
Парвои лонаи тиҳиям нест,
Афсӯси мурғаки раҳиям нест,
Эй ишқ, эй таронаи умрам.

Савдо гузашту ин манам, ин ман,
Дунё гузашту ин манам, ин ман,
Бо ин ҳама ҳақе, ки ман дорам,
Тифлам, ки бе фасона нодорам,
Эй ишқ, эй фасонаи умрам!

* * *

Ту он шеърӣ, ки натвонам сурудан…
Агарчӣ гуфтаам дар умри камбор
Равону норавон абёти бисёр,
Ту он шеърӣ, ки натвонам сурудан.

Чу деҳқоне, ки рӯёнад ба заҳмат
Зи хоки тирарӯ барчоши тилло,
Вале бе рои «боло»-яш раво нест,
Ки чинад ҳосили уммеди худро –
Туро, эй кишти бо хун парварида,
Наметонам, наметонам дурудан.

Аҷаб кӯҳсори мо ганҷури мард аст,
Ба ҳар ганҷинаҷӯ дарро кушояд.
Гумонаш он ки гар маъдан бикоҳад,
Шукӯҳу шӯҳрати умраш фазояд.
Ту он конӣ, ки натвонам кушудан.
Ту он ганҷӣ, ки натвонам намудан.

Чу дарёе, ки дар корез хуфта,
Ҳама ошӯби зотиро нуҳуфта,
Наметонам, наметонам ғунудан.
Ту он мавҷӣ, ки шӯратро зи хокам
Касе ҳаргиз наметонад рабудан.

Дар ин дунё ба ҷуз нақдинаи умр
Надидам арзише аз баҳри инсон.
Агар умри манӣ, эй ҷони ширин,
Ба рағми рӯзгори бодҷавлон
Туро хоҳам ба ҳар соат фузудан,
Ба бемаргии паймон озмудан,
Ба бӯи ишқи ту ҷовид будан!

* * *

Рӯҳи моро ё қиёме, ё қарор,
Хоки моро ё шиёре, ё шарор.
Сабзаам соруҷро бар мезанад,
Дар ҳамин кӯ ё хазоне, ё баҳор.
З-ин ҳама соҳилшиносӣ бигзарам,
Ҳастиамро ё каноре, ё канор.
Хонаи пуроташат дар оташ аст,
Эй дили ман, ё фиғоне, ё фирор!
Дар ҳиҷои зиндае дил мезанад
Ё Заҳире, ё Камоле, ё Баҳор.
Раҳрави манзил ба ҷое мерасад,
Шеъри моро ё димоғе, ё диёр.
Тоҷикистон, ёбӣ аз ҳар зарраам
Ё Саразме, ё Хуҷанде, ё Ҳисор!

* * *

Сад раҳ дигар шуд пайроҳи инсон,
Фарсуду нав шуд попӯши даврон,
Он сон ки буда дар аҳди Одам,
Субҳ асту шом аст, васл асту ҳиҷрон.

Ҷуфти кабӯтар ҳамдарду армон,
Мурғе, ки танҳост, зор асту ҳайрон,
Дарси ҳисоб аст ин рӯзгорон,
Ҷамъ асту тарҳ аст, васл асту ҳиҷрон.

Обе, ки ҷорист аз чашма гирён,
Роҳе наёбад то рӯдборон,
Дар ҳар каноре, дар ҳар диёре,
Боғ асту доғ аст, васл асту ҳиҷрон.

Сӯзан, ки дӯзад рахти арӯсон,
Дӯзад кафан низ баҳри хамӯшон,
Ин хонаи даҳр занбӯрхонаст,
Нӯш асту неш аст, васл асту ҳиҷрон.

Эй дил, набинӣ ту рӯи ҷонон,
Чун кулчаи хом дидори меҳмон,
Дунё танӯри бобоии мост,
Гарм асту сард аст, васл асту ҳиҷрон.

То ман набуда як бахти осон,
Монад пас аз ман ин путку сандон,
Гар қисмате ҳаст, чун шеъри Ҳофиз
Соз асту сӯз аст, васл асту ҳиҷрон.

* * *

Абри бебор аз ҳавои шаҳр
Мегурезад чу мурғи хӯсида,
Менишинад ғубори тобистон
Бар сари ёлаҳои хушкида.

Мурдаи нав чунон ки ангезад
Ғуссаву дардҳои дерина,
Сабзаҳои фасурда тоза кунанд
Дар дилам доғҳои порина.

Фасли ишқи ту гарму сӯзон буд,
Барфи тифлӣ маро зи тан меканд,
То ба худ омадам аз ин мастӣ,
Гармият пӯст аз бадан меканд.

Аз табу тоб мезадам худро
Рӯд бар рӯду чашма бар чашма,
Чашми шайтони ту маро мехонд
Аз лаби об бо лаби ташна.

Мерасид аз ҳавои кокули ту
Нашъаи обшори шабҳангом,
Дар биёбони тафтае гӯё
Мекашидам сароби нофарҷом.

Мисли барге, ки бар шарора фитад,
Кафи поям адои обила буд,
То паногоҳи мижжаи ту маро
Машқи фарсанг буду марҳала буд.

Баски номи ту вирди роҳам буд,
Чун фитила забони ман месӯхт,
Айби гӯши гарони ту накунам,
Дар даҳонам фиғони ман месӯхт.

Дуди мӯям ба бод мепечид,
То фурӯ шуд чу мушти хокистар.
Баҳри ман аз ҳама шарори дилам
Монда чашмони хирае дигар.

Ман надидам баҳори сабзи туро,
Эй нафасҳои гарми тобистон!
Кишти ман сӯхт беамал охир
Дар раҳи абру қатраи борон.

Абри бебор аз ҳавои шаҳр
Мегурезад чу мурғи хӯсида,
Ин манам, ки зи дард медонам
Кулфати сабзаҳои хушкида!

* * *

Ғуссаҳои лонае дар шохи урёни ман аст,
Меваи ҷонпарваре дар ҳотаи ҷони ман аст.
Рӯзи растохез бедорӣ намедорам умед,
То чунин хоби гароне бори мижгони ман аст!
Мӯраке дон мекашад дар чорроҳи пураҷал,
Зинда дораш, ай худо, к-он ҳарфи девони ман аст!
Зарраи барфе, ки аз гармои лаб бишкуфту рехт,
Ҷилваи овозадори рози пинҳони ман аст.
Пояи девори Чину садди Искандар шикаст,
Баъд аз ин номусу имонам нигаҳбони ман аст.
Рӯдакӣ мехонду мегуфтам бухорӣ бо фараҳ:
Шеъри олӣ посдори оли Сомони ман аст!
Бонги пои ошноe мерасад аз хилватам,
Мужда, ёрон! Пири Тӯсӣ дар хиёбони ман аст.
Ҳар касе мепарварад дар сина фирдавси умед,
Ман ғаме мепарварам, к-ӯ Тоҷикистони ман аст.

## ПУРСИШЕ АЗ ХУД

### 1

Эй гули шафтолуи лабҳои ёр,
Навбаҳоронам куҷост?
Эй ҳинои шеъри Бедил, бозгӯй?
Лолазоронам куҷост?
Эй нигоҳи маст аз мавҷи сароб,
Ҳушёронам куҷост?
Эй сари ошуфтаи ҳайрони ман,
Сарбадоронам куҷост?
Эй биёбони хаёли бесамар,
Чашмасоронам куҷост?
Эй кафи коҳи савори боди ғайр,
Кӯҳсоронам куҷост?
Эй дили дар ошёни худ ғариб,
Дӯстдоронам куҷост?
Эй нами хушкидаи мижгони ман,
Фасли боронам куҷост?

**2**

Пир шуд мурғи нафас дар синаам,
Шоҳболи нав куҷост?
Пираҳан дар пайкарам чун шом мурд,
Ҷомаи партав куҷост?
Гӯши ман чун ҳалқаи дар занг баст,
Ҳиммати раҳрав куҷост?
Меҳри Ширин заҳр мехоҳад зи ман,
Кинаи Хусрав куҷост?
Шаҳри ман Юмгони дурафтодааст,
Носири Хусрав куҷост?!

* * *

Ман аз худ ҷудоям, ки аз ту ҷудоям,
Ҳама норасоям, ки аз ту ҷудоям.
Бисӯзам ба созам, бинолам ба ҳолам,
Дили норизоям, ки аз ту ҷудоям.
Чу хокистаре, к-ӯ нишинад ба сардӣ,
Саросар фидоям, ки аз ту ҷудоям.
Бухорои хешам, фаросӯи хешам,
Худоё, куҷоям, ки аз ту ҷудоям?!
Чу обе, ки ҷорист зи мижгони ҳиҷрон,
Наояд садоям, ки аз ту ҷудоям.
Чу байти лаби ман гули ташнаком аст,
Ҳамон бенавоям, ки аз ту ҷудоям.
Вафо то ятими диёри ҷудоист,
Вафои вафоям, ки аз ту ҷудоям.
Ҳама ибтидоям, ки ёди ту дорам,
Ҳама интиҳоям, ки аз ту ҷудоям…

* * *

Кӯҳсорам, қарори ман бингар,
Нолаи чашмасори ман бингар.
Боди афғониям умеди кист?
Бе саворе ғубори ман бингар.

Ҷомаи хок пардадорам нест,
Дар Шарора шарори ман бингар.
Бӯи гул медиҳад хаёли ман,
Хасу хори мазори ман бингар.
Такя бар сояи асоям чист?
Хоку хишти Ҳисори ман бингар.
Аз шукӯҳе, ки дур афтода,
Пайравии манори ман бингар.
Хушкии сабза мекашад доман,
Навбаҳорам, фирори ман бингар.
Нест дасти дуо, ки дар ҷайб аст,
Эътибори диёри ман бингар.
Чун ҷигар дафтарам ҳама доғ аст,
Бингару лолазори ман бингар.

* * *

Сабзаҳоят арғувонист,
Ғунчаҳоят лолазор аст.
Ту чӣ саҳроӣ, ки ҳар як зарраи ту
Мисли дарё нолабор аст,
Эй дили оинаи ман,
Эй Фаластини даруни синаи ман?!

Қитъа-қитъа гиря дорӣ аз ғами хеш,
Пора-пора метапӣ дар мотами хеш.
Барабас донистаӣ нӯши замонро
Марҳами ҷони ками хеш,
Эй дили оинаи ман,
Эй Фаластини даруни синаи ман.

Бонги майдон мекунад кар гӯши овозат,
Бори зиндон мефитад дар боли парвозат,
Меҳри ту дар ҳалқаи дори баланд аст,
Шавқи ту саркӯби ин чархи нажанд аст,
Эй дили оинаи ман,
Эй Фаластини даруни синаи ман.

Аз кадомин сарви олам ту асо ҷӯӣ?
Аз кадомин муттаҷоне муттако ҷӯӣ?
Лаззати ҳалво ту аз мавҷи ҳаво ҷӯӣ?
Нораво ҷӯӣ, носазо ҷӯӣ,
Эй дили оинаи ман,
Эй Фаластини даруни синаи ман.

Аз куҷо ҷамъ оварам кишти парешонатро?
Хирмани пурбори тӯфонатро?
Аз куҷо ҷамъ оварам ман пораҳоятро?
Бечораҳоятро? Овораҳоятро?
Аз аламҳое чунин рӯзе бимирам,
Чун Муин[1] рӯзе бимирам,
Эй дили оинаи ман,
Эй Фаластини даруни синаи ман.

* * *

*Барои устод Муҳаммадҷон*
*Шакурии Бухороӣ*

Гиря кун, гиря кун чу абри баҳор
Дар сари гӯри бенишони падар.
Магар аз хоки хуфта бархезад
Лолаҳое чу доғи банди ҷигар.

Ин замин сар ба сар яке дахма-ст,
Дахмаи шайху шоиру сарҳанг.
Сари ҳар пушта метавон бигрист
Аз ғами бенишонии фарҳанг.

Ин замин сар ба сар яке қабр аст,
Марқади хашму шӯру тӯфонҳо,
Оби чашмони ту магар шӯяд
Гарди даврону хоки насёнҳо.

---

[1] Муин Бсису шоири ҷавонмарги Фаластин аст.

Оби чашмат магар кунад лабрез
Чашмаҳои дарии лаббаста,
Сангҳое магар кашад боре
Ҳасрати кӯзаҳои бишкаста!

Тоҷик ин ҷо агар асар дорад,
Ҷуз мазори харобу яксон нест.
Мадфани бепаноҳи Сомонӣ
Пуштибони ҷалоли Сомон нест.

Кай зи дӯши манораҳои баланд
Осмонҳо фуруд меояд?
Аз раҳи оби Зарфишон рӯзе
Шоири Панҷруд меояд?

Панҷаи зарнисори настаълиқ
Мекашад домани забони маро,
Сабзае, к-аз сиришки ту сабз аст,
Мекушад, мекушад хазони маро!

Гиря кун, гиря кун чу абри баҳор
Дар сари гӯри бенишони падар.
Хушксорӣ хушат намеояд
Дар Бухорои ҷовидони падар.

* * *

Бо ғаму озор одат кардаам,
Мисли гул бо хор одат кардаам.
Рост н-ояд ҳарфи ман дар хонаам,
Бо гапи бозор одат кардаам.
Кай нишинам дар бари ёри азиз,
Бо хаёли ёр одат кардаам.
Дар дилам набвад ғами бисёри кам,
Бо ками бисёр одат кардаам.
Мешавам ошуфта, гар осудаам,
Бо дили бемор одат кардаам.
Дар Ватан ёди ғарибӣ мекунам,
Бо Камоли зор одат кардаам.

Пешпоӣ мехӯрад фикрам ҳанӯз,
Бо раҳи ҳамвор одат кардаам.
Сарбадоронро ба хидмат мерасам,
Бо ғурури дор одат кардаам.
Дурдаи дилро ба софӣ мекашам,
Бо маоши кор одат кардаам!

* * *

Эй шаб, эй шаб,
Модари зангии ман,
Дар миёни гоҳвори сояпӯшат,
Дар ҳамин хилватсарои бедареғ,
Сояи хоб аз тулӯи чашми ман бигрехта,
Шӯълае бо ҷони ман овехта,
Шӯълае, к-ӯ бо забони оташинаш
Мекунад аз ман суол:
«Кистӣ?»
«Ё чистӣ?»
Ман, ки медонам кӣ ҳастам,
Баъди ин пурсиш намедонам кӣ ҳастам.
Нарм-нармак мерасад бар гӯши ман наҷвои
хоболудаи баргон,
Нолаи мурғи шабовезе шукуфо мешавад дар ман,
Сад ҳазорон чашми оташзои ахтарҳо
Тӯ ба тӯ во мешавад дар ман.
Кистам ман?

Зодаи тобу табам ман,
Тифли бехоби шабам ман.
Эй шаб, эй шаб,
Модари зангии ман,
Аллаҳои зангии ту хоб аз чашмони зангиам рабуда,
Ҳастии якранги ту
Нақди пинҳони дурангиам рабуда.
Шири субҳам деҳ, ки бедорам,
Балки беморам, балки беморам…

* * *

Соягиам агар зи рӯзи азал,
Сояи кас набудаам, зинҳор.
Камнамоям, ки худнамоӣ нест
Дар сириштам ба ҳар дару бозор.

Рӯдҳо гарчӣ мекунанд ошӯб,
Чашмаи ноаёни деринам.
Мон, дигарҳо чу мавҷ бархезанд,
Сабзае бас зи оби ширинам!

Ман зи авҷи баланд метарсам,
Ки дарад дар гулӯ садопарда.
Шӯри карно чу дархӯрам набувад,
Ту бигирам чу нои даҳмарда.

Дидаам қуллаҳои ахтаргир,
Дидаам ёлаҳои доманкаш.
Ба саре лозим аст барфи сафед,
Ба диле лолаҳои чун оташ.

Шаб ҳама шаб ба хоб мебинӣ,
Баҳри бедору мавҷи тӯфонӣ.
Ман насими маҷозии субҳам,
Ба дарат омадам, намедонӣ…

* * *

Дида чор аст, ёр меояд?
Ай хазон, навбаҳор меояд?
Санг шуд боли мурғи синаи ман,
Турнаҳои қатор меояд?
Ҳамчу мӯ ғуссаам зи тан сар зад,
Дарди ман дар шумор меояд?
Аз заминлларзаам таваққуф нест,
Дар дили ман қарор меояд?
Тири душман ба ҷони ман нагрифт,
Ҷаҳли ҳамтан ба кор меояд?

Дори дунё на саҳнаи лоф аст,
Саркаше пои дор меояд?
Аз ғурури пиёда дилтангам,
Аз ғуборе савор меояд?
Бод фарёд мекашад дар шаҳр,
Соҳиби ин диёр меояд?
Равзани хона чашми муштоқ аст,
Интизорӣ ба бор меояд?
Таънаи бевафоиям чӣ занед?
Гулназар сӯи хор меояд?!

* * *

Танини қиргуни тири бетадбир
Хаёли ширгуни шаҳрро аз нав парешон кард.
Табассум дар лаби маҳтоб меҳмон буд,
Табассумро пушаймон кард.

Ҳарири обии гардун мушаббак шуд,
Ғами ман бо ғами ноошнои ахтарон як шуд
Ва оҳи сарди ман боло шуду бар ҷандаи садпора
дарбеҳ шуд.
Насим –
Ин духтари таркокули бебоки варзобӣ –
Ба худ печиду дар паскӯча пинҳон шуд.
Ба армонҳои армонӣ, ки аз дасти бало мераст,
Яке бому дари ҳар хона зиндон шуд.

Бидидам қомати ваҳмидаи гулдастаро[1] аз дур,
Ки дар пушти шукӯҳи шаҳри беёвар панаҳ мебурд,
Ғубори сояи худро зи раҳ мебурд.

Дареғ аз хоби захмиям, ки бефарёд
Бинолад бо ғами ин хиттаи бетоб.
Дареғ аз дасти симини саҳаргоҳон,
Ки накшояд саҳар чашми маро аз хоб.

[1] Манора

* * *

Ман, ки дар Нои сухан зиндониам,
Саъди Салмони фиғонам дар гулӯст.
Рӯшанӣ аз сояам дорад ҳарос,
Гулшукуфти фасли ман бе рангу бӯст.

Осмон қофияи танги ман аст,
Иртифои ҳарфи ман оҳи ман аст,
Аз радифи ахтарон афтодаам,
Моҳи ман парвардаи чоҳи ман аст.

Оташамро мекушад рӯҳи аташ,
Шоми ҳиҷрон хуфта дар хокистарам.
Бенавоӣ арғунуни пурнавост
Дар фазои хастаи гӯши карам.

Шавқи павозам заминмол асту ман
Метапам дар ҳасрати рӯи ҳаво,
Ғуссазори хоки зорам будааст
Қиссазори Одаму Момоҳаво!

Ҳамчу деҳқоне, ки кишташ сӯхтаст,
Чашм медӯзам ба сатри бесамар,
Алвидоъ, эй бозии ҷони азиз,
Шод бош, эй хории хуни ҷигар!

Бе асои мисраъ хам хоҳам шудан,
Бе фурӯғи вожаам бинӣ ту кӯр.
Бас бувад онам, ки дасти сарнавишт
Байти армонам нависад рӯи гӯр.

* * *

Эй, ки чун шаб ҳама сияҳпӯшӣ,
Чун сапеда сари сапедат ку?
Дилам аз тангии ғамон бигрифт,
Вусъатободи рӯзи идат ку?

Ҳар кучое, ки дида бикшоям,
Маҳшари Рустам асту Сӯҳроб аст.
Дашт бар дашт бод нолон нест?
Дар раги рӯди ту магар об аст?

Ҳайфи мардумгиёҳи домонат!
Талха рӯяд ба ёлаву пушта.
Зинда буд Рӯдакӣ ба кӯрияш,
Кӯрии мо кунун варо кушта.

Аз ниёми қуруни хуношом
Ханҷари Санҷарат ба сар омад.
Дар қабои бародари ҳамтан
Душмани ту туро ба дар омад.

Ман надонам чи гуна меъморӣ,
Ки дару боми ту насибат нест.
Хиттае нест дар ҷаҳон, к-он ҷо
Гиряву хандаи ғарибат нест.

То чу Сайҳун зи худ гурезонӣ,
То чу Ҷайҳун ҳама парешонӣ,
Тӯшаи роҳи мо нахоҳад буд
Ҷуз дили пораву пушаймонӣ.

Чанд гӯям зи гарди гардунҳо?
Чанд нолам зи нақши пешонӣ?
Дигарон ношиноси дарди мананд,
Ту фақат оҷизам намедонӣ.

Эй Ватан,
Модари сияҳпӯшам,
Эй дилу ҷони ман ба қурбонат!
Шеърҳои сафеди ман гардад
Кош вақфи сафедпӯшонат!

* * *

Зангӯлаи хандаҳот хомӯш аст,
Бо гӯши гарон чӣ метавонам кард?
Ман барги ягонаи сари шохам,
Бо боди хазон чӣ метавонам кард?

Ман гуфта будам, ки бо лабони ту,
Чун хандаи субҳидам нахоҳам мурд,
Ман гуфта будам, ки ҳамнафас бошӣ,
Аз сарддамии ғам нахоҳам мурд.

Он сон ки панаҳ баранд инсонҳо
Аз тиру камон ба дайри маъбадҳо,
Ман пушту паноҳи хеш мехондам
Кошонаи зарнигори ишқатро.

Кӣ пои муроди хастаам бишкаст?
Кӣ пайраҳи хонаи туро дуздид?
Дар доми хазон фитад гулистонаш,
Он кас, ки хазонаи туро дуздид!

Эй поктар аз умеди навмедон,
Олудаи ҳасратам, наҷотам деҳ.
Ҷозибтарӣ аз хаёли муштоқон,
Аз баҳри худо, зи нав ҳаётам деҳ.

Ман низ дар ин гузаргаҳи айём
Субҳе зи барои худ талабгорам,
Ман низ дар ин куноми пурозор
Бар силаи меҳри ту сазоворам!

Аз муштариён ҷаҳон пур асту лек
Чун ту нахарад касе матоямро,
Бо чашми сиёҳхонаат мегӯй:
Бо дилсияҳон магӯ баҳоямро.

* * *

Пунбаи танҳоии гӯшам
Дастгири рози ёрам нест,
Равзани чашмам, ки торик аст,
Шӯълаи шабҳои торам нест.

Ман махуфам худ барои худ
Ҳамчу кӯҳе дар дили зулмат,
Пӯшишам бар рӯҳи урён нест
Ҷуз матои ғуссаву кулфат.

Хоҳам аз ҷо хезаму гирам
Раҳ ба сӯи субҳи нуронӣ,
Пои ман чун реша хӯ карда
Бо гилу бо оби зулмонӣ.

Лошахори фикри ман гардад
Бар сарам чун бар сари лоша,
Сояи маргафкани болаш
Хуфта рӯи пайкари лоша.

Мисли толоби дили хок аст
Дил даруни синаам имрӯз.
Бозтоби офтобе нест
Бар рухи оинаам имрӯз.

Аз бурунам шаш ҷиҳат зулмат,
Аз дарунам таҳ ба таҳ торик,
То саҳар пайроҳи ман дур аст,
То ба шаб шаҳроҳи ман наздик.

Рахна зан, эй ишқи дунёсӯз,
То ба зиндонам зиё резад,
Рахна зан, эй дузди эҳсонкор,
То Сурайё бар Саро резад.

Дар варои абри ҳиҷронсоз
Васли ахтарро фусурдан нест.
То кафан аз рахти нурам ҳаст,
Аз бароям ҳеҷ мурдан нест.

* * *

Эй кишвари беид, куҷо шуд шафақи парчами идат?
Эй пуштаи пурлола, чу поиз кӣ чидат?
Эй ҷомаи зарбафт, даридӣ, ки даридӣ,
Эй ранги биҳиштӣ, ту паридӣ, ки паридӣ!

Ҳузни ту ба андозаи танҳоии кӯлест,
К-ӯ дар раҳи лабташнагии мурғе нигарон аст.
Танҳоии ту ҳамнафаси ғуссаи гаҳвораи холист,
Оҳи ту ба қадри хамӯшии лаби гунгон аст.

Шодии ту чун духтари афсона
Дар пушти кадомин кӯҳу дар банди кадомин дев аст?
Оё ки тилисми ту шикастан дорад?
Он духтари нокоми ту растан дорад?

Гуфтам ки нанолам, ки ҳама рӯди ту гирён аст,
Гуфтам, ки нагирям, ки ҳама боди ту нолон аст,
Аммо чӣ тавон кард, ки ин рӯдаму ин бодам?!

Гулғунчаи боғи ту агар хандад,
Хандад ба андозаи гирйидани як шабнам.
Мурғи ту агар хонад,
Хонад ба чокии гиребонкаши як гул.

Гар шоири ту дарди сухан дорад,
Дорад ба қадри ғуссамаргии дили Шоҳин.
Хоки ту пур аз ҷилваи хуршеди баланд аст,
Аз боли ҳумо соя наҷӯянду наёбанд…

Эй ҷомаи заррин, ки даридӣ,
Оё ки руфӯгар паи дарбеҳ заданат ҳаст?
Эй ранги биҳиштӣ, ки паридӣ,
Оё ки замоне сари бозомаданат ҳаст?

* * *

Дар интиҳои ҷодаи қисмат
Донам, ки ғайри ту биҳиштам нест,
Ман неку бад зиёда бинвиштам,
Валлаҳ, ки бе ту сарнавиштам нест.

Чун хоки меҳрубони гулхона
Ҷонам зи рӯиши ту пурбор аст,
Чун оби бетакаллуфи дарё
Хокам зи лаҳҷаи ту саршор аст.

Гар зам кунанду кам маро сад бор,
Ҷуз ту намешавад зи ман ҳосил.
Борони лутф бар сарам борад,
Ҷуз ишқи ту намешавам қоил.

Чун тифли навзабон, ки озаш нест,
Номи ту мекунам ҳама такрор,
Мӯи ту мекашад маро дар хоб,
Рӯи ту мекунад маро бедор.

Ҳасрат намебарам, ки ёронам
Соҳибкулоҳу ризқпаймоянд,
Ин бас, ки дасти ту ба каф дорам,
Ҳаққо, ки парчами шараф дорам!

Чашми ситора дуди ғам дорад,
Рӯҳи замин зи ғусса гирён аст.
То бомдоди васли ту боқист,
Шабҳои ғам зи ман гурезон аст.

Дар интиҳои ҷодаи қисмат,
Донам, ки ғайри ту биҳиштам нест,
Ман неку бад зиёда бинвиштам,
Валлаҳ, ки бе ту сарнавиштам нест!

* * *

Шаҳри бехоб чу ман бемор аст,
Шаҳри бехоб чу ман зулмонист.
Ман натонам, ки гусорам ғами ӯ,
Ӯ надонад, ки маро дар дил чист.

Гар ҷудоему зи ҳам бехабарем,
Ман дар ӯ ғарқаму ӯ ғарқи ман аст.
Як гулӯ ҷилвагаҳи нолаи мост,
Ҳарфи мо замзамаи як даҳан аст.

Ғусса аз дидаи ман меҷӯшад,
Ашки шаҳр аст, ки ман мерезам.
Оташе гунг маро месӯзад,
Аз алам шишта, зи нав мехезам.

Оҳ, аз ин мӯягари беовоз!
Вой аз ин хомӯшии беосор!
Кафтари субҳ, ки беғам хоб аст,
То дари ҳашр нагардад бедор!

Шаҳр беахтару ман беахтар,
Осмон хастаи абри сияҳ аст.
Ман надонам чӣ касе меояд,
Нигаҳи обилапоям ба раҳ аст.

Бонги по мерасадам хоболуд
Аз хами кӯчаи хоболуда.
Балки ман ҷониби худ меоям,
Хешро ҳамчу шабе паймуда!

Субҳ, эй субҳ, ки аз ман дурӣ,
Шарфаи пои маро мешунавӣ?
Бо ҳама беғамиву лоқайдӣ
Оҳи ғамзои маро мешунавӣ?

Шаҳри бехоб чу ман бемор аст,
Шаҳри бехоб чу ман зулмонист.
Ман натонам, ки гусорам ғами ӯ,
Ӯ надонад, ки маро дар дил чист.

* * *

Дар дили зангӯлаи ман нолаҳое хуфтааст,
Дар ғами бегонаи ман ошное хуфтааст.
Дар заифии билоде, ки ҷаҳонаш ҳамсар аст,
Шераке ё Рустаме бемуддаое хуфтааст.
Вақти он омад, ки Восеъ хунбаҳо хоҳад зи чарх,
Ҳайрате дорам, ки чун беиддаое хуфтааст?
Дар парешонии маҳзуни насими ёвагард
«Шашмақоме» бо навои бенавое хуфтааст.
Ҳамраҳи Ому бимӯям, ки канори мавҷхош
Собири Тирмизии ман бо ҳиҷое хуфтааст.
Аз нумӯи шоха файзи такядорӣ рафтааст,
Сояи сарви равон бемуттакое хуфтааст.
Аз лаби сӯзони Ҷӯи Мӯлиёнам мерасад:
«Сад дареғ аз оби Рӯдак! Дар куҷое хуфтааст!»
Ҳар кӣ бо гӯши гарон табли расой мезанад,
Нек бинӣ, дар сиришташ норасое хуфтааст.
Аз рубоиҳои Хайём оби оташ ҷустаем,
Эҳтиёт, эй дил, ки ин ҷо порсое хуфтааст.
Гард мерезад зи миҷгони ҳисори кӯҳнасол,
Дар нигоҳи хастааш аҳду вафое хуфтааст.
Додгоҳе ғайри худ ҷое намедонам, зи бас
Зери дарди бедавои ман давое хуфтааст.

* * *

Man барои Тоҷикистони азодор
Ҳамчу Ому шеъри пурфарёд мехоҳам сурудан,
То чу Ому сар занад бар сахраҳои гунги соҳилҳо,
Мӯяду ово кунад манзил ба манзилҳо;
То чу Ому рӯзу шаб бошад равона
Бо ҷудоӣ,
  Бо ҷавонӣ,
      Бо ҷавона.
Лолаҳои хун барад бар лолазорон,
Сабзаҳои ҷон барад бар сабзазорон,
Шӯри пешонӣ барад бар шӯразорон.
Гавҳараш набвад ба ғайри мӯҳраҳои гоҳвора,
Моҳияш набвад ба ғайри тифлакони ширхора.
Мавҷҳо – тобути саргардон –
Раҳ ба гӯристон наёбад,
Об – ашки талхи модарҳо –
То абад поён наёбад.
Ман барои Тоҷикистони парешон
Шеър мехоҳам сурудан,
Шеъри чун Ому парешон,
То бигӯяд Рӯдакӣ аз соҳили дураш:
«Оби Ҷайҳун аз ғубори кӯи дӯст
Кинахоҳу ҷонситон ояд ҳаме».
Наср аз ҳиҷрони Балхи бемисолаш
Рӯ наорад бар Бухорои висолаш.
Бӯи хунаш садди роҳ аст,
Тӯшаи аҷдодияш оҳ аст.
Дар нишемангоҳи обиш
Гулхани дилро фурӯзад Собири Тирмиз:
«Оби Ҷайҳун аз сухан мамлуст,
Аз дареғи мову ман мамлуст!»

Ман барои Тоҷикистони сияҳпӯш
Шеър мехоҳам сурудан –
Шеъри чун Ому сияҳпӯш,
То равона гиряду гиряд,

Бо замона гиряду гиряд,
Чашмаи чашмони ман бошад, ки хушкад,
Сабзаи ҳирмони ман бошад, ки хушкад…

* * *

Ин субҳ ғубор афканда
Бар шаҳри ҷавонии ғариби ман.
Хоҳам нашавад ба гард олуда
Ду қатраи шабнами насиби ман.

Ҳарчанд кавири синаҳо кам нест,
Ҳарчанд аташ ба ҷони чандин аст,
Донед, ки шабнами насиби ман
Дар қисмати шӯри ман чӣ ширин аст!

Лабташнагие,
                ки дар дилам боқист,
Ҷуз оби бақои ту намехоҳад,
Лабташнагие,
                ки ишқ номи ӯст,
Ҷуз чашми сиёи ту намехоҳад.
Дар олами равшане, ки бепояст,
Дидӣ,
                ки чӣ оламе ҳавас дорам?
Гар чашми нигин муроди чанде ҳаст,
Ман чашми туро фақат ҳавас дорам.

Гирам, ҳама кӯй хушксорон аст,
Гирам,
                ҳама рӯз гардборон аст,
Гар шабнами чашми туст полуда,
Дар хоки хазони ман баҳорон аст.

Ин субҳ ғубор чодар афканда
Бар шаҳри ҷавонии ғариби ман.
Хоҳам, ки худо бувад нигаҳбонат,
Эй қатраи шабнами насиби ман!

* * *

Обҳо ҷорист бо созу тарона,
Мебарад барги хазонро –
Сиккаи тиллои худро – бар хазона.

Қимати оби ҳаёт афтода аз бурҷи фалакҳо,
Ҳою ҳуи обдор ин дам басанда,
Бонгу шӯри обхоҳ акнун фасона.

Пирие, ки ҳеҷ дар ёду гумонам нест,
Тӯҳфаи умре, ки сарбори гаронам нест,
Мерасад новақт бар ёдам,
Мекунад обу гиламро дардхона.

Мебарад барги хазонро мавҷи печон –
Номаи аъмоли худро шодмона.
Ман аз ин боғе, ки парвардам,
Мебарам барге нишона?

* * *

Аз миёни боғи хушкида намеёрам пай афшурд,
Ҳамчунон аз байни қабристон.
Ҷони ман, бахшой бар ман,
Бими ишқи мурда мегирад маро домон.

Ман ба растохези фардо дил натонам баст,
Гар ҳама хезанд, ишқи ман натонад хост.
Кӯҳи Қофи бевафоӣ раҳ нахоҳад шуд,
Ҳам хари Даҷҷол натвонад наво андохт.

Сабр кун, эй пайки ишқи рафтаи ман!
Сабр кун, эй лонаи мурғе, ки бигрехт!
Ончунон ки бӯи Юсуф мешамид аз пираҳан Яқуб,
Хоки ту шӯри муҳаббат дар дилам ангехт.

Ин чӣ савдое?
Наметонам таҳаммул кард –
Рӯ ба рӯям холиқи ишқ,

Рӯ ба рӯям қотили ишқ,
Рӯ ба рӯям турбати ишқ –
Наметонам таҳаммул кард,
Њнчунон ки дар равони сабзи ҷӯбор
Дидани барги хазонам мекушад ҳар бор.

Ман ба растохези фардо дил натонам баст,
Ояте аммо паи таскини ҷонам ҳаст:
– Зинда бош, эй ҳайкали ишқи фасурда!
Зинда бош, эй Навбаҳори[1] ишқи мурда!

* * *

Чу дасти ману ту шавад шохапайванд,
Зи боғи муҳаббат расад бори ширин.
Илоҳӣ, бирезад сади бевафоӣ
Чу девори Берлин, чу девори Берлин.

Суруде, ки парвардамаш, дар ҳавоят
Натонад, ки боле фишонад чу шоҳин.
Илоҳӣ, фурӯ бишканад доми сайёд
Чу девори Берлин, чу девори Берлин.

Бидорад умеди баҳори ту шодоб
Ба ҷонам гули доғи армони дерин.
Илоҳӣ, зимистони ҳиҷрон бимирад
Чу девори Берлин, чу девори Берлин.

Раҳи ту пур аз хори озори бадхоҳ,
Дари ту пур аз хорасанги суханчин.
Илоҳӣ, ба саршон фитад осмонҳо
Чу девори Берлин, чу девори Берлин.

Чу моро барои ҳам овардаанд,
Парешон чӣ бошем аз чархи пуркин,
Гарат ман наёбам, бирезад вуҷудам
Чу девори Берлин, чу девори Берлин

[1] Навбаҳор – оташгаҳи машҳури Балх.

Муҳаббат тамом асту мо ҳам тамомем,
Сазое наҷӯем аз бахти камбин.
Бубояд намонад ҳаде байни дилҳо,
Чу девори Берлин, чу девори Берлин.

* * *

Аз хушксори одамӣ одам намерасад,
Сад шаб гузашту нам-нами шабнам намерасад…
Ашке бирез бар сари Шаҳнома аз алам,
Аз кӯҳи нанги мо зи чӣ Рустам намерасад?
Бар доди зодбуми худ айни расидан аст,
Боре ба умқи дарди ман олам намерасад.
Тин рӯи тин ниҳодаву эъмори худ кунам,
Ин давлати замона ба Ҳотам намерасад.
Аз қиссаву фасонаи дунё дилам гирифт,
То ҷоми Ҷам намерасаду Ҷам намерасад.
Дар хилвате чу чашмае шӯриданат чӣ суд?
Дамкӯтаҳиву бар ҳавасат дам намерасад.
Васли маҳу ситораи гардун маҳол нест,
Тоҷики водию дара бо ҳам намерасад.
Роҳи миёни Балху Бухоро хаёли мост,
То Насру чанги Рӯдакӣ ин дам намерасад.
Аз пунбазор нафъи мани хаста пунбаест,
К-аз сина то ба гӯши ман оҳам намерасад.

* * *

Номаатро рабудаанд аз ман,
Сарватамро рабудаанд аз ман,
Мисле шоҳе зи бахти вожуна
Давлатамро рабудаанд аз ман.

Дарди ту бо кӣ ҳарф мегӯяд?
Номаат бо кӣ мекунад овоз?
Чун касе, ки забон намедонад.
Номаат бо кӣ мешавад ҳамроз?

Аз ғами дил набуд парвоям,
Ки давое ба нақди ҷон дорам.
Ман, ки мардумгиёҳ гум кардам,
Шикваҳое зи мардумон дорам!

Ҳайфи он лаҳзаҳои нотакрор!
Номае дар суроғи номам нест.
Ҷуз хаёли муҳоли шабҳоят,
Хаткашоне дигар ба комам нест.

Ҳамчу фарде, ки мекунад таҷдид
Хату ҳарфи қадимаро бо меҳр,
Дар варақҳои пораи ёдам
Номаатро зи нав кунам таҳрир.

Барфкӯче, ки байни мо пайдост,
Раҳ нагардад зи гармии ҳиҷрон.
Номаат дар сиришти ман боқист,
Дар раҳи умр чун балогардон.

* * *

*Куҳан диёро, диёри ёро, дил аз ту кандам…*
*Нодирпур*

Худоё, ман ҳама доғам дар ин Теҳрони Нодирпур,
Магар дар сина дорам лолаи ҳиҷрони Нодирпур?
Зи наҷвои дарахтон мерасад бӯи дили маҳҷур,
Ба ҳар барге шиносам сафҳаи девони Нодирпур.
Зи шаб то рӯз оби ҷӯйборон мекашад ҳасрат,
Бигиряд ёди ман бо дидаи гирёни Нодирпур.
Бубинам дар фарози осмон худсӯзии анҷум,
Бигӯям: чарх набвад фориғи армони Нодирпур.
Суруди хастаболи мурғакони ломакон имрӯз
Зи дурам менамояд вожаи сарсони Нодирпур.
Кушояд рози дилро ғунчаи накшуда бо шабнам,
Ки дорам ташнагии дидаи ҳайрони Нодирпур.

Миёни раставу гулгаштҳо пайваста гардон аст
Ҳавои атрбези шеъри ҷовидони Нодирпур.
Чӣ шодоб аст ин ҷо мазраи дил дар масири бод,
Сано бодо ба файзи қудсии деҳқони Нодирпур.
Наафтад дур ҳаргиз, ай худо, тифл аз бари модар
Ва Нодирпури Теҳрон аз бари Теҳрони Нодирпур!

* * *

Замини мо аз он ҷунбад шаборӯз,
Ки рӯзе оварад моро ба ҷунбиш,
Ки афтад парда аз чашмони мардум,
Ки резад гард аз домони мардум.

Замини мо аз он ҷунбад шаборӯз,
Ки чун мурдоб осоиш ҳаром аст.
Бубояд ҷунбише омӯхт боре,
Талоши арзише омӯхт боре.

На он сон ки таҳи бори фиканда
Бимирад хандаи гарми Шарора.
Ва ё аз шиддати хамёзаи мо
Бимонад шаҳраги мо пора-пора.

Бубояд ҳамчу об омад ба ҷунбиш,
Ки бахшояд ба гул ҳусни табассум,
Агар бар қасди мо ҷав кишта буданд,
Зи хоки мо дамад амвоҷи гандум.

Бубояд ҷунбише чун гоҳвора,
Ки тифли мо шавад марди ватандор.
Мабодо тундии мо чаппа созад
Ҷаҳони орзуҳоро ба як бор.

Чу санги осиё бояст ҷунбид,
Ба рағми гардиши ин чархи вожун,
Ки тамкину гаронборӣ фазояд
Навои рӯи дастархони мардум.

Бубояд ҷунбише чун доси деҳқон,
Ки аз шавқи самар пошад шарора.
Ҳумоюн ҷунбише бодо, ки зебост
Мисоли ҷунбиши моҳу ситора.

Замин хонад шабу рӯзон ба ҷунбиш,
Замон хонад шабу рӯзон ба сабзиш…
Бубояд ҷунбише ҳамдасти хома,
Ки монад баъди мо ҳам «Шоҳнома»!

* * *

Ёри аввал, то ба ёдам мерасӣ,
Ба ҳама дурӣ ба додам мерасӣ.
Гар хазон асту ҳаво бигрифтааст,
Бо дилу рӯи кушодам мерасӣ.

Шоми мӯятро сиёҳӣ кардаам,
Қад-қади ҳар мисраъ роҳӣ кардаам,
Аз варақҳои сафеди дафтарам
Як қалам субҳи муродам мерасӣ.

Рӯи ту лавҳи муҳаббат будааст,
Чашми ту ҳарфи садоқат будааст.
Чун ба ёди тифлакони синфи як
Ҳамраҳи дарси саводам мерасӣ.

Рӯзҳо чун рӯдҳо бигзаштаанд,
Якраҳу гапнодаро бигзаштаанд,
Ҳар гаҳе туғён кунад хун дар сарам,
Баҳри таскину наҷотам мерасӣ.

Халқи доно бо гузашта зиндааст,
Пояе дорад, ки ӯ пояндааст.
Гарчи таккон мехӯрад дунёи ишқ,
Ҳамсари Тахти Қубодам мерасӣ.

Барги дунё сабзаи афсурдааст,
Ганҷи дунё коҳи бодовардааст,
Ишқи аввал, давлати саршори ман,
То саранҷоми ҳаётам мерасӣ.

* * *

Чу хорамро бувад майли шукуфтан,
Тавони обу хоки гулшанам деҳ,
Натонам ранги дарё ломакон буд,
Мисоли чашма дар кӯҳ масканам деҳ,
Дар ин мазраъ, ки танҳо пунба рӯяд,
Барои нӯги хома оҳанам деҳ,
Умедам чун рама хоҳад амонӣ,
Ба сони марди чӯпон гулханам деҳ.
Зи соқу синаи урён нашарманд,
Ало шеъри Аҷам, пироҳанам деҳ.
Чу Кӯҳкан кӯҳҳоро дар ба дар кард,
Кунун як кӯҳпарасти миҳанам деҳ,
Агарчи қаҳти ёрӣ ҳам гарон аст,
Барои санҷиши дил душманам деҳ!

* * *

Хокат ба фарши хонае монад,
К-аз нақши пои тифлакон мамлӯст.
Маъзурам аз мунаҷҷими даврон –
Оғози каҳкашон зи кӯи туст.

Ҳар пораи замини эҳсонат
Тифле чу донае ба бар дорад.
Боде намекунад туро барбод,
То хоки қобилат самар дорад.

Тангӣ агар чу мактаб аз тифлон,
Сад оламӣ зи вусъати армон:
Синои ту ба синфи як рафта,
Бикшода Рӯдакии ту девон.

Аз он нафас, ки кӯдакон доранд,
Ҳусни баҳори туст яздонӣ.
Чун рӯи тифл лолае набвад,
Чун хандааш сабоҳи нуронӣ.

Хомӯшии сари мазорат нест,
Бозорӣ аз сурури ҳамвора,
Гӯё замини поки ту ҷунбад
Аз ҷунбиши мудоми гаҳвора.

Оғӯши ту чу оғуши модар
Лабрези бӯи тифли тақдир аст.
Атре, ки хезад аз гиребонат,
Ройиҳаи биҳиштии шир аст.

* * *

Чу гумроҳе, ки аз баҳри намоиш,
Китобе дораду асло нахонда,
Дилам бо ҷумла ганҷи шоҳвораш
Ба пеши рӯи ту бекора монда,
Фаромуш кун, фаромуш кун, фаромуш.

Миёни равзаи нилуфарият
Гули қоқуи ишқам чеҳра бикшод.
Гузашт айёму тақдираш накардӣ,
Парешон шуд зи боди домани бод,
Фаромуш кун, фаромуш кун, фаромуш.

Пару болам буду ҷое нарафтам,
Таҳи айвони ту хондам ба такрор,
Чу дидӣ кафтари роми ту ҳастам,
Ба савдоям задӣ як рӯзи бозор,
Фаромуш кун, фаромуш кун, фаромуш.

Дирои ман туро корӣ наомад,
Ки занге дар гулӯи дигаре ҳаст.
Сари афсона будам ё набудам,

Туро афсонагӯи дигаре ҳаст,
Фаромуш кун, фаромуш кун, фаромуш.

Чу рустоям, ки дар ҳар зарраи ман
Ҳавои тифлию лолоии туст.
Туи шаҳрӣ намедонӣ, ки дар деҳ
Фаромуш кулбаи бобоии туст,
Фаромуш кун, фаромуш кун, фаромуш!

* * *

То муҳаббат чу зани Вахшзамин сарсон аст,
Шеъри ман исён аст,
То ба гаҳвораи ӯ нози аҷал хандон аст,
Шеъри ман гирён аст.
Дидаи Рӯдакиву ғунчаи гулзор якест,
Ин шаби тор якест,
Боди афғонӣ агар офати ин бӯстон аст,
Шеъри ман тӯфон аст.
Байни мо марзу вале марзи ватан озод аст,
Ҷои сад фарёд аст!
То зи ҳамсоя фақат соя дар ин майдон аст,
Шеъри ман нолон аст.
Аз кафи тифл агар шавқи қалам афтода,
Дил зи ғам афтода,
То бинои сухан аз зилзилае ларзон аст,
Шеъри ман вайрон аст.
Дар дили хастаи Ому, ки парешон гузарад,
Ё пушаймон гузарад,
То фиғони мани шӯрида зи ман пинҳон аст,
Шеъри ман зиндон аст.
Тоҷикистон, ки саропардаи имони ман аст,
Пӯшиши ҷони ман аст,
Пора то байни Хуҷанду Хуталу Раштон аст,
Дарди ман урён аст…

* * *

Беватанҳо аз ватан бигрехтанд,
Аз чаман зоғу заған бигрехтанд.

Ошёне аз сухан маъмур буд,
Аз фурӯпоши сухан бигрехтанд.
Бо ману мо меҳрбозӣ доштанд,
Ҳамчунон аз мову ман бигрехтанд.
Пӯшише аз сидқ мебояд ба тан,
То кафан аз пираҳан бигрехтанд.
Дар шикам буд рӯзгори беситам,
Аз даҳан сӯи даҳан бигрехтанд,
Боди ҳарҷоӣ намеёбад қарор,
Беватанҳо беватан бигрехтанд.

* * *

Тоҷикистон бо кӣ ҳамсон аст?
Тоҷикистон Рӯдакии рӯзбон аст,
К-аз ғами шабкӯрии пӯяндагон кӯр аст.
Ё чу Синоест саргардони сарҳадҳо,
К-аз Бухорои муроди хеш дур аст.

Тоҷикистон балки Масъудест,
Ё наистонаш ҳама Масъуди нолон аст.
Ҳар замоне хоки гармаш мехӯрад таккон,
Аз хурӯҷи оҳи сӯзон аст.

Тоҷикистон балки Саҳбоест,
К-ӯ ба дарёи шигифтӣ аз қазо ғарқ аст.
На ба шӯре метавонад бо ҷадал омехт,
На ба мавҷе метавонад лаҳзае овехт.

Тоҷикистон Айнии дилхастаи пирест,
Захмҳои шонааш пурсӯзу хуншор аст.
Мӯмиёӣ нест дар мавлои барҷояш,
Эътиборе нест дар сеҳри Масеҳояш.

Тоҷикистон бо кӣ ҳамсон аст?
Тоҷикистон чун мани бемор ҳайрон аст.
Ман фиғони зори ӯро мекунам рӯпӯш,
Мекунад ӯ нолаи зори маро хомӯш…

* * *

Гуфта будам душманам нест,
Бесутунам, Кӯҳканам нест.
Оре, оре, душманам нест,
То даме, ки махзанам нест,
То даме, ки бо гароне
Раъду барқи гуфтанам нест,
Пеши шамшери ҳасудон
То ғурури гарданам нест,
Байни ин урённасибон
То Ватан ризқи танам нест.
Баъд аз ин ҳад бояду садд,
Варна ҳаққи миҳанам нест,
Баъд аз ин сар бояду шӯр,
Варна ҳайфи мурданам нест…

* * *

Ояти рӯзу шабонам чашми ту,
Посдори хонумонам чашми ту.
Аз Алифбо сар шавад дарси савод,
Ҳарфи аввал дар забонам чашми ту.
Як замон сӯзанду миранд ахтарон,
Ҷовидон монад ба ҷонам чашми ту.
Бими раҳзанҳои имонам куҷост?
Раҳнамои корвонам чашми ту.
Гарчи чашмат дудрангӣ мекунад,
Равшании дудмонам чашми ту.
Пастии дунё намегирад маро,
Рифъати ҳафт осмонам чашми ту.
Аз гаронҷоне надорам чашми бад,
Фазли тӯмори равонам чашми ту.
Шеъри беунвон агар гуфтам, чӣ бок?
Номи шеъру достонам чашми ту.

* * *

Оғӯши саҳар дорӣ,
Нози гули тар дорӣ,
Уммеди маро яксар
Чун курта ба бар дорӣ,
Оё ту хабар дорӣ?

Чашмони сиёҳи ту –
Шаҳтути панохи ту –
Донад, ки ба ҷони ман
Доруи дигар дорӣ,
Оё ту хабар дорӣ?

Боде, ки сухан гӯяд,
Рози ту ба ман гӯяд,
Дуриву ба наздикам
Ҳар шому саҳар дорӣ,
Оё ту хабар дорӣ?

Эй лаззати афсона!
В-эй иффати субҳона!
Бо умри ҷавониам
Аз сина гузар дорӣ,
Оё ту хабар дорӣ?

Гӯяд ғами лабҳоят,
Ҳузни таби шабҳоят,
К-аз сӯзи мани ошиқ
Пайваста хабар дорӣ,
Оё ту хабар дорӣ?

* * *

Хандаҳоят лаъли нобанд,
Ман Бадахшонам, Бадахшонам, Бадахшон.
Ишваҳоят атри субҳанд,
Ман гулистонам, гулистонам, гулистон.

Абрӯвонат байти Соиб,
Ман Сипоҳонам, Сипоҳонам, Сипоҳон.
Бо дилам мӯят чиҳо кард?
Ман Зарафшонам, Зарафшонам, Зарафшон.
Бо алифи қомати ту
Ман дабистонам, дабистонам, дабистон.
Боли мижгонат раҳо кун,
Ман гаронҷонам, гаронҷонам, гаронҷон.
Бе таби рухсораҳоят
Ман зимистонам, зимистонам, зимистон.

* * *

Меравам, меравам, намедонам
Ба куҷо мебарад муроди ман.
Пеши ту, эй саводи дидаи халқ,
Чӣ бувад, чӣ бувад саводи ман?!
Ман, ки тифли замони пуршӯрам,
Шӯра гирад замини ёди ман.
Беш набвад зи мушти хокистар
Хирмани ман ба роҳи боди ман.
Чун гунаҳгор парда меҷӯяд
Ин замон мисраъҳои шоди ман.
Ҳеҷ кас нест муждаам орад
Аз Фаредуну Кай-Қубоди ман.
Аз ту ҳаргиз намекунам афсӯс,
Ай ғами дил, ай устоди ман!
Ғайри ман додрас ба олам нест,
Чун барои ман аст доди ман!

* * *

Бонги пои сабза меояд,
Марҳабои сабза меояд.
Бӯи сабзи навҷавониям
Аз қабои сабза меояд.

Осмон девони Мавлоност –
Саф ба саф байти парастуҳост.
Дар дилам оҳанги ҷовидон,
Дар сарам тазмини ин савдост.

Боду ғунча мераванд арғушт,
Ғусса бар дил мезанад ангушт.
Васли наврӯзӣ ҳумоюн бод,
К-охирам ҳаҷри азизе кушт!

Лола механдад ба сӯи ман,
Бехабар аз лоларӯи ман.
Фасли гулхезам накӯ омад,
Ӯ чаро н-ояд ба кӯи ман?

Абри найсон – ҳамраҳи гирён –
Дар ду чашмам мешавад пинҳон.
Дар дилаш дарёи сад ҳасрат,
Дар дилам саҳрои сад армон.

* * *

Забони ошиқӣ гум кардаам, бикшо забонатро,
Нишони зиндагӣ бинҳодаам, бинмо нишонатро.
Дили озурдаам овардгоҳи нангу номус аст,
Ало «Шаҳнома»-и ман, тоза фармо достонатро!
Гули парвардаи ман дар масири боди ҳарҷоист,
Ба байти хоксорам деҳ ғурури абрувонатро.
Чу қаддат мисрае хоҳам, ки бо ҳам ошно созад
Шабони гесувонатро, сабоҳи бозувонатро.
Надонам дар аёни барқи чашмонат чӣ пинҳон аст?
Фидо гардам аёнатро, адо гардам ниҳонатро.
Чу умре дар ҷаҳони худ ғами рӯи ту парвардам,
Сазоворам, ки бинам беғамиҳои ҷаҳонатро.
Дар ин шаҳре, ки гардунаш ба ҷуз мушти ғуборе нест,
Кушо аз синаи тангам шукӯҳи Каҳкашонатро!
Дар ин умри парешон байни абёти парешонам
Замоне бозхоҳӣ ёфт дунёи ҷавонатро…

* * *

Эй ки нози ту медиҳад бар ман
Накҳати шеъри Ҳофизи Шероз,
Дар нигоҳат хумори сад ҷом аст,
Дар гуноҳат – савоби сад эъҷоз.

Дӯзахиям, валек мехоҳам
Дар биҳишти навозишат бошам.
Чун ба хокистарам бубояд сохт,
Мон, ки ҳолӣ дар оташат бошам!

Ман ба умри ҳазор ғаммозӣ
Аз тани ошнои ту дурам,
Ман аз узри ҳазор беморӣ
Аз давои вафои ту дурам.

Метавон, метавон Бадахшон кард
Синаро дар баҳои лабҳоят.
Тифлаки субҳи ман шафақ гиряд
Дар дили беғамии шабҳоят!

Эй ки ҳиҷрони ту маро гӯяд
Қиссаи талхи дурӣ аз миҳан,
Зери ин осмони танҳокуш
Бе туам чанд метавон будан?

Дар ду чашмат дуои ҷони ман аст,
Мон, ки рӯзам ба ошиқӣ гузарад,
Аз дили ман гузар бикун, ки дигар
Ҳама сӯзам ба ошиқӣ гузарад.

Нози масти ту медиҳад бар ман
Накҳати шеъри Ҳофизи Шероз,
Дар нигоҳат хумори ин бодаст,
Дар гуноҳат – савоби ин эъҷоз.

* * *

Дар паранди абрҳои пора-пора
Розҳои пораи худро навиштам,
Балки рӯи сафҳаҳои ёвагарде
Ғуссаи овораи худро навиштам.

То нишони дури нозатро наёбам,
Ин ғами садсолаам унвон надорад.
Киштии ман меравад дарё ба дарё,
Лангаре ҷуз боди саргардон надорад.

Гар ба ҷое пораабре бар ту борад,
Дон, ки бо ту гуфтугӯ дорад дили ман.
Дар паноҳи чатри бепарво чӣ бошӣ?
Ҳамнишине ҷустуҷӯ дорад дили ман.

Мон, ки бӯсад оташи рухсораатро
Суғдии ман – оби борони баҳорӣ.
Дасти пазмони хаёлам кокулатро
Хуш биорояд ба марҷони бухорӣ.

Қатраҳои ташнаро аз лаб маяндоз,
То гули ҳиҷрон нарӯяд аз заминат.
Мон, ки шӯяд ашки ман имрӯзу фардо
Нақши беинсофи тақдир аз ҷабинат.

Нӯш кун афсонаи ин қатраҳоро,
Гӯш кун исёни сабзи сабзаҳоро.
Зери бороне, ки яксар аз дилам борад,
Тар шаву як лаҳза ёдам кун, худоро!

Гар ҳама олам зи беобӣ бихушкад,
Дар дили ман фасли борон асту борон.
Сафҳаҳоям абрҳои пора-пора,
Чашми шеърам бар ту гирён асту гирён…

* * *

Ман имшаб мекушоям дафтари нав,
Ки ҷӯям аз ҳиҷое кайфари нав.
Ба кафтархонаи боми баландам
Нишинад нағмаҳои кафтари нав.
Агарчи пур бувад домони гардун,
Худоро, ворасонам ахтари нав.
Аз ин хоки куҳан Сино нахезад,
Ду чашми ман ба роҳи модари нав.
Ҳама исёнгари нав фавҷ дар фавҷ.
Набинам дар миён инсонгари нав.
Бигуфтам хешро аз нав бисозам,
Куҷо ёбам дилу чашму сари нав?
Нигаҳбонат худо, эй мурғи озод,
Наҷӯяд шаҳпари ман кишвари нав.
Ба ҳар рӯзаш натонам кард табдил,
Ватан набвад кулоҳу афсари нав.
Ман аз сӯзи дарун охир бисӯзам,
Надорам эҳтиёҷи ахгари нав.

* * *

Имшаб, ки чароғи хонаат хомӯш аст,
Чашмони ситорагон ҳама бенур аст,
Нақши раҳи Каҳкашон саросар кӯр аст,
Имшаб, ки чароғи хонаат хомӯш аст.

Дар марзи фалак хирмани маҳтоб куҷост?
Дар хилвати боғ кирми шабтоб куҷост?
Дар домани кӯҳ гулхани Варзоб куҷост?
Имшаб, ки чароғи хонаат хомӯш аст.

Дар шаҳри бузурги равшану ораста
Пайроҳаи ман чу мисрае бишкаста,
Сарсону ҳазин нишастаам дилхаста,
Имшаб, ки чароғи хонаат хомӯш аст.

Чун маъдани Фон дарун-дарун месӯзам,
Бепарда наям, на аз бурун месӯзам,
Набвад хабарат, ки бе ту чун месӯзам,
Имшаб, ки чароғи хонаат хомӯш аст.

Хоҳам, ки сари ту аз хатар эман бод,
Он дарду ғаме, ки аз ту буд, аз ман бод,
Тирезаи ту чу субҳгаҳ равшан бод,
Имшаб, ки чароғи хонаат хомӯш аст.

* * *

Зане аз ҷодае роҳист,
Зи дунболаш қатори тифлакони ӯ.
Ту гӯӣ меравад дарёи саршоре,
Канораш пур зи мавҷи беқарори ӯ.

Ва ё зан қуллаи кӯҳ аст
Ва чун кӯҳпора метобанд тифлонаш.
Зи такконе, ки дунё меравад арғушт,
Намеларзад дилу ҷонаш.

Диёрам, Тоҷикистонам!
Замини ту намесӯзад,
Ки ин сон рӯдҳои судмандат ҳаст,
Сари болот зери по намеояд,
Ки ин сон қуллаҳои бегазандат ҳаст!

* * *

Эй, ки мӯят бӯи ҷангал мекунад,
Орзуямро мусалсал мекунад.
Шӯълаи чашмони дардомӯзи ту
Кори охир рӯзи аввал мекунад.
Навбаҳороне, ки аз ман бигзарад,
Лолаи рӯи ту маътал мекунад.
Байти бетаҳрири абрӯвони ту
Бо дилам эъҷози Туғрал мекунад.

Гар нигоҳи ман дурушт афтодааст,
Соқи симини ту сайқал мекунад.
Санги бунёди маро чун Бесутун
Бӯсаҳои гарми ту ҳал мекунад.
Ишқ селоб асту ҷони ошиқам
Ё таҳаммул, ё таваккал мекунад.

* * *

Бибии дилфигори ман ба умед,
Модари интизори ман пазмон.
Бобии ман наомад аз Берлин,
Додари ман наомад аз Бағлон.

Пораи нон ба тоқи хона ҳанӯз,
Рӯи ҳавлӣ арӯси гулгардон.
Бобии ман наомад аз Берлин,
Додари ман наомад аз Бағлон.

Сурати кӯҳнае назора кунад
Сурати тозаро ба сад армон.
Бобии ман наомад аз Берлин,
Додари ман наомад аз Бағлон.

Бишнав, эй хоки шоирони шаҳир,
Бишнав, эй тахти Рустами Дастон,
Бобии ман наомад аз Берлин,
Додари ман наомад аз Бағлон.

Ман зи бегонагон наменолам,
Шиква дорам зи ёру пайвандон:
Бобии ман наомад аз Берлин,
Додари ман наомад аз Бағлон.

Оби чашмам намекунад шодоб
Сабзаи хоки ғурбати ду ҷавон.
Бобии ман наомад аз Берлин,
Додари ман наомад аз Бағлон.

Зери айвони пасти бобоӣ
Тифли навзоди бехабар гирён:
Бобии ман наомад аз Берлин,
Падари вай наомад аз Бағлон.

Тоҷикистон, диёри ҷонсӯзам,
Оташи дил чӣ сон кунам пинҳон?
Деҳқонат наомад аз Берлин,
Посбонат наомад аз Бағлон!

* * *

Эй нахли пурҷавонаи умрам,
К-аз обу хоки ман нишон дорӣ,
Умри ҷавони ман сафар омӯхт,
Моно, ки ҳастии ҷавон дорӣ!

Мӯъҷизае, ки қодираш будам,
Ин буд, ки парваридамат аз ҷон.
Чун заргари ба моли худ мафтун
Пеши ту мондаам кунун ҳайрон.

Ту аз замини меҳри ман рустӣ,
Гармии қалби ман туро бинвохт.
Рӯзу шабони ман фиребаш кард –
Дамсардии хазон туро нашнохт.

Бо дигарат чӣ сон кунам ҳамранг,
К-аз тоби ранги ман зуҳурат буд.
Реши тани ба ишқ тандода
Таҳрешаи хаёли дурат буд.

Мавҷи нигоҳи ман фурӯ мерехт,
Бар сар туро чу панҷаи борон.
Бар дӯши ту ҳанӯз наншаста
Гарди касифии ҳаваскорон.

Баргони сабзи иштиёқи ту
Ҳолӣ паи насими дерин аст.
Уммеди бори хуфта дар нутфа
Худ аз ҳазор мева ширин аст!

Эй нахли пурҷавона, изнам деҳ,
Дар сояи ту давлате ёбам.
Ҳар он чӣ бохт умри безинҳор,
Аз юмни ту ба соате ёбам!

* * *

Эй оташи муқаддаси ишқам,
Эй ормони қудсии ҷонам,
Бе чашмаи сабоҳии рӯят
Ман тирарою тирапаймонам.

Чашмат барои покии рӯз аст,
Гӯшат паи навои табдор аст.
Он тан, ки аз қумоши маҳтоб аст,
Осудагии рӯҳи бемор аст.

Домони ту зи рахти наврӯзист,
Гулпарвар асту нест бозораш.
Оинаи хаёли ту соф аст,
Занге нахӯрда тоби бедораш.

Миҷгони паҳрадори ту маст аст,
Ғайре равад ба хонаи чашмат,
Ҳуш дору аз таҷаллиаш парҳез,
К-ӯ мебарад хизонаи чашмат.

Дар парда дор пардаи гӯшат,
То неши ғайбатат наёзорад.
Моҳи танат ба чархи исмат каш,
Доғи хиёнатат наёзорад.

Хору хасе, ки лутфи ту донад,
Печад ба домани пурэҳсонат.
Қадри худу сафои худро дон,
Афшон мисоли баҳр домонат.

Қуръон нахондаам мани ғофил,
Бишносамат вале чу Қуръонам,
Эй оташи муқаддаси ишқам
В-эй ормони қудсии ҷонам!

* * *

Падару модарам зи ман рафтанд,
Соябони сарам зи ман рафтанд.
То дами вопасин ба ҳам буданд,
Чорасози нишоту ғам буданд.
Раҳ кушоданду хорҳо чиданд,
То маро раҳ ба раҳ равон диданд.
Сарнавиштам – хати шиёри падар,
Бори ҷонам – гули баҳори падар.
Сӯзани модарам ҳунар омӯхт,
Бахяи пораи ҷигар омӯхт.
Лолаҳое, ки буд ба боғи падар,
Ман нишондам ба дил чу доғи падар.
Шӯълаҳои баланди оташдон
Дар дилам зиндаанд рӯзу шабон,
Равшание, ки гавҳарам андӯхт,
Чашми камбини модарам омӯхт.
Саркашие, ки аз ҳунар дорам,
Ман зи қадди хами падар дорам…
Падару модарам зи ман рафтанд,
Бахтбони сарам зи ман рафтанд.
Аз ҷудоӣ набудашон пиндор,
Маргашон дод ҷоми безинҳор.
Дар деҳа монд хоки поки падар,
Дар Душанбе дафинаи модар.
Падар он ҷо ту гӯӣ деҳбон аст,
Модар ин ҷо маро нигаҳбон аст.

* * *

Эй гули бодоми ман,
Хушгилу хушноми ман,
Бо ту дамад субҳи ман,
Бе ту расад шоми ман.

Рӯзи сафеди дилам,
Боли умеди дилам,
Нағмаи иди дилам,
Кафтараки боми ман.

Дафтари садбарги ман,
Хомакаши барқи ман,
Ҳастии бемарги ман,
Номаву пайғоми ман.

Чашмаи дарёи ман,
Маншаи савдои ман,
Аввали дунёи ман,
Раҳзани анҷоми ман.

Гавҳари пайдои ман,
Кони таманнои ман.
Оташи Мавлои ман,
Нашъаи Хайёми ман!

Эй зи ту бунёди ман,
Хиттаи ободи ман,
Пухта кун, устоди ман,
Ин дилаки хоми ман!

* * *

Дар ин дунё, ки меҳраш камнишон аст,
Бувад шаҳре, ки бо ман ҷон ба ҷон аст.
Надорам бими гармояш, ки ӯ ҳаст,
Набинам дасти сармояш, ки ӯ ҳаст.

Агар қаҳт аст барфи нуқрасонаш,
Маро бас рӯи софи духтаронаш.
Агар фасли баҳораш пуршитоб аст,
Биҳишти синаи ёрон ба тоб аст.
Ғубори ӯ ғубори хотирам нест,
Ба сар балки ҳавои дигарам нест.
Мисоли мӯяргҳои дили ман
Раҳи ӯ бигзарад з-обу гили ман,
Ҳама мурғони хушгӯе, ки дорад,
Чу Ҷӯи Мӯлиён ҷӯе, ки дорад,
Суханафрӯзи деринанд бо ман,
Ғазаломӯзи ширинанд бо ман.
Дар ин ҷо ҳамзабону ҳамдиле ҳаст,
Суруди Рӯдакиву Бедиле ҳаст.
Дар ин ҷо ҳамчу тоҷикам шиносанд,
Чу тифли оли Сомонам навозанд.
Дилам хоҳад, ки бошам посдораш,
Чу дарёи Душанбе дар канораш.
Агар чун қатра дар хокаш равам ман,
Баҳорон сабзаи роҳаш шавам ман…

* * *

Мепарам, мепарам чу коғазбод
Дар фазои кушоди беохир.
Дар дилам доғҳои бедармон,
Бар сарам шӯри боди домангир.

Тори байни ману ту меларзад,
Гӯӣ аз дард мекунад фарёд.
То куҷо медиҳӣ маро подош
Шавқи парвози беғаму озод?!

Ту маяндеш дар самои баланд
Ҳампари бод ман сабукборам.
Дар сириштам гаронии дунёст,
То ба дастат бувад сари торам.

Балки гармиву нур меояд,
Бо ҳамин ноқилам зи дуриҳо.
Ҳамчу лангар зи киштии ҷонам
Мерабой ту носабуриҳо.

Ин чӣ ҳол аст, к-аз ту мехоҳам
Даме озодиву наметонам.
Бози ромам, ки дар шикори ҳавас
Ғайри фармони ту намедонам.

Гар миёни ману ту пора шавад
Риштае, ки мисоли шарён аст,
Мепарам сӯи ахтарони ғариб,
Бо саре, ки ғарибу сарсон аст.

Ҳамчу абре бирез ашки фироқ
Дар замин дур аз мани шайдо.
Бо саропои тар фурӯ афтам
Пеши пои ту аз баландиҳо.

* * *

Мисли он шоҳе, ки халқаш рондааст,
Дар диёри хеш ғайраш хондааст,
Кишваре гум кардаам,
То дилбаре гум кардаам.

Чун мунаҷҷим дар самои бекарон
Бо сари пурғафлату ҷони гарон
Ахтаре гум кардаам,
То дилбаре гум кардаам.

Ранги сармохӯрдаи бедасту по
Дар кафи хокистари сарди қазо
Ахтаре гум кардаам,
То дилбаре гум кардаам.

Ҳамчу мурғе, ки равад озурдаҷон
Сӯи иқлими мусоид бо фиғон,
Ҳампаре гум кардаам,
То дилбаре гум кардаам.

Мисли киштие, ки дар баҳри кушод
Ҳар канораш мебарад тӯфону бод,
Лангаре гум кардаам,
То дилбаре гум кардаам.

Ҳамнасиби Туғрали озодасар
Дар кашокашҳои чархи бехабар
Дафтаре гум кардаам,
То дилбаре гум кардаам.

* * *

Ҳамчу таъбири хобҳои пареш,
Ки басе гуфтаам ба оби равон,
Ту зи дарё бурун шудӣ ногаҳ,
Мила гирёну чеҳраат хандон.

Бӯса мекард пои урёнат
Реги тасфони соҳили дарё.
Бо лаби ташна дуд мекардам
Чун гиёҳи хушидаи саҳро.

Ҳамраҳи қатраҳои афшонат
Офтоби ҷавон мушавваш буд.
Нигаҳи ту, ки сояе меҷуст,
Нигаҳи гарми ман пуроташ буд.

Атри мӯи ту гирд мегардид
Ҳамраҳи гармбоди саргардон.
Нақши пои туро зи ман мебурд
Офтоби баланди тобистон.

Набудам даст мисли дасти насим,
То кашам тори кокули тари ту.
Ҳамчу субҳе, ки бахт мезояд,
Монд дар сар сафои пайкари ту.

Меравад, меравад тамузи ҳаво,
Тафти дил монаду ғами сари ман.
Ҳамчу таъбири хобҳои пареш
Ту барой зи мавҷи хотири ман.

* * *

Аз паси тиреза духтар мегирист,
Навниҳоле ғунчаи тар мегирист.
Захми носури муҳаббат дар дилаш,
Дам ба дам бо сӯзи дигар мегирист.
Ҳамраҳи боди саҳар барги чанор
Навҳа мекарду фузунтар мегирист.
Мурғаки белонае дар шохи бед
Пар кашида ҳамчу бепар мегирист.
Оби ҷӯ чун мисраи шеъри фироқ
Дилгудозу сӯзпарвар мегирист.
Ёдам омад ошиқиҳои сарам,
Бому девори ман аз сар мегирист.
Он саҳар, пеш аз тулӯи офтоб,
Хома менолиду дафтар мегирист.

* * *

Эй ёри аввал, эй меҳри охир,
Ман аз ту ҷӯям тадбири охир.
Ё дил физоям чун панди оқил,
Ё ҷон ситонам чун тири охир.

Донам, ки умрам бе ту хато буд,
Ин киштии ман бе нохудо буд,
Ҳар он чӣ бигзашт чун шеъри аввал,
Акнун муҳол аст таҳрири охир.

Аз сарнавиштам чандат нависам?
Узри гуноҳ аст шарҳи ҳадисам!
Аввал ғалат буд чун фаслу бобаш,
Суде наорад тафсири охир.

Аз туст ёде дар хотири ман,
Аз туст байте дар дафтари ман,
Озодиам чист аз банди ҳиҷрон?
Ҳошо, ки резад занҷири охир!

Эй чашмаи соф, ту бо чӣ рудӣ?
Оё камидӣ? Оё фузудӣ?
Бо пои хуншор хоҳам расидан
То саргаҳи ту охири охир!

* * *

Чу марде, ки хонад намози қазоро,
Бувад зикри номат илоҷи гуноҳам.
Агар масҷиди ишқи мову ту барҷост,
Намо роҳи имону бахшо паноҳам.

Гузаштам мани бехуд аз бехудоӣ,
Ба меҳроби абрӯи ту рӯ кунад дил.
Маро дар муҳаббат каманде расо нест,
Ба тасбеҳи мӯи расо хӯ кунад дил.

Ба чилланишинӣ махонам шабу рӯз,
Ки чил соли умрам фидои ту бодо.
Лабам бе лаби ту агар рӯзае дошт,
Савоби тани ман барои ту бодо.

Маро аз манори баланди қади ту
Азонгӯи чашмат бихонад ба маҷлис.
Чӣ маҷлис, ки нуқлаш ҳама меҳру сидқ аст,
Чӣ маҷлис, ки доро шавад қалби муфлис.

Биосоядам дил таҳи миҷҷаҳоят,
Чунон чун кабӯтар таҳи боми масҷид.
Надорам ҳаросе зи рӯзи қиёмат,
Чу бемазҳаби хира аз номи масҷид.

Канорам нишину ба сеҳри нигоҳам
Гуноҳе ту кам кун, савобе ту зам кун.
Чу фирдавс пок аст оғӯши покат,
Ту фирдавсиам кун, ту фирдавсиам кун!

* * *

Дар ин субҳи сафопарвар, дили бечораам, чунӣ?
Ту хомӯшиву медонам, ки пурхуниву маҳзунӣ.
Ҳавои созгорат навбаҳори навниҳолон аст,
Туро боре намеорад ду шохи хушки Мақдунӣ.
Лабони ташнаи соҳил таманнои дигар дорад,
Чӣ суд аз нолаҳои ту, агар Сайҳуну Ҷайҳунӣ?!
Маро бегонагии ошное мекушад рӯзе,
Дарунӣ мешавад оё Абӯрайҳони Берунӣ?!
Зи хоки кӯҳнаи худ сар кашу нашвунамо омӯз,
Шикан ин кӯзаро, аз ту намеояд Фалотунӣ!
Дар ин хоки пуродам одами комил намебинам,
Нигаҳ дор, ай худо, хоки маро з-ин гуна афзунӣ!

* * *

Гар мукофотам биҳишт аст, ин туӣ,
Гар биҳиштамро фаришта-ст, ин туӣ.
Аз камоли орзуҳоям худо
Пайкареро гар сириштаст, ин туӣ.
Лобалои ин ҳама «саҳви қалам»,
Гар сарамро сарнавишт аст, ин туӣ.
Сабза хонад ояти сабзи умед,
Гар маро ҳам обу кишт аст, ин туӣ.
Дар замини пургунаҳ гар қудсие
Ҳар гуноҳамро биҳиштаст, ин туӣ.
Дар ҷавоби хасми сангандози ман
Ҳар куҷое мушти хишт аст, ин туӣ.

Мисраи барҷастае дар умри хеш
Гар хаёли ман навиштаст, ин туӣ.
Зери ин гардун, ки саргардон бувад,
Гар мукофотам биҳишт аст, ин туӣ.

* * *

Ҳама дар кори дирӯзанду ман дилдори имрӯзам,
Ҳама махмури мозиянду ман ҳушёри имрӯзам.
Намедонам куҷоям мебарад ин ҷони нооором,
Паи Синои имрӯзам, паи Аттори имрӯзам.
Маро аз хоби ғафлатгири Сомонӣ сабақ ин аст,
Ки ман бедори имрӯзам, ки ман девори имрӯзам.
Дар ин роҳе, ки мебинӣ, ғуборе ҳамрикоби мост,
Ки ман асрори имрӯзам, ки ман осори имрӯзам.
Дили Балху Самарқанду Бухоро хун шудан дорад
Ба паҳлӯи Хуҷанду Фалғару Фархори имрӯзам.
Гаронҷоне зи ман қасди гузаштан мекунад осон,
Фарозе метавон будан, агар ҳамвори имрӯзам.
Диламро мекунад хун ранги парчамҳои пажмурда,
Ки хоре дар ҷигар дорам, агар гулзори имрӯзам,
Ҳазорон достон парварда нангу ори поринам,
Касеро бор хоҳад дод нангу ори имрӯзам?
Маро то бехудо карданду аз фазли худо фориғ,
Ба фарёдам расидан мекунад додори имрӯзам.

* * *

Нест тӯфоне, ки Ҷайҳунам кунад,
Нест Лайлие, ки Маҷнунам кунад.
Шӯри Мавлоно бихоҳам, к-аз дилам
Ҳамчунон ағёр берунам кунад.
Ман сабӯҳӣ мекунам ҷоми шафақ,
Мӯ ба мӯ бошад, ки гулгунам кунад.
Аз табори пунбаи саҳро наям,
Заҳри мардум аз чӣ афзунам кунад?
Узр мехоҳам зи Рустам оқибат,
То ба кай афсона афсунам кунад?

Орзуҳоро ба зиндон мекашам,
Ин сароб овори ҳомунам кунад.
Шери ман дар сояи най хуфтааст,
Нола кун, эй най, ки бечунам кунад!

* * *

Аз кокули ту атри сухан резон буд,
Дар мисраи ман бӯи ҷигар пинҳон буд.
Он шеъри кадом бахтпарвар буд?
Ин ҳаҷри кадом ринди бесар буд?

Бигзашт замоне, ки яке дубайтӣ
Ду чашми туро азизи ман мекард,
Аз байни ҳазор ошиқи ҳушёр
Танҳо туро аниси ман мекард.

Бигзашт замоне, ки қофилаи шеър
Зангӯлаи гӯшвори туро мехост,
Чун ғоза узори тирамоҳии сухан
Гарди мижаи баҳори туро мехост.

Бигзашт замоне, ки ту беёд
Аз тавфи ҳиҷо ҳоҷии дилҳо будӣ,
Як байт будӣ агар ба вазни абрӯят,
Ту соҳиби бениёзи дунё будӣ.

Бигзашт замонаву наметонам
Шабҳои ситоразор хомуш бошам.
Кӣ мулки хаёлии туро оташ зад?
Бигзор, ки ман ҳам фаромуш бошам!

Ин сабза чаро хори ҷудоист?
Ин об чаро мотам дорад?
Ин абри баланд месӯзаду гирён нест,
Аммо донам, ки мисли ман ғам дорад.

Имшаб маҳи хаста хастаам кард,
Ҳарфи даҳанам заъфаронист.
Эй ёри ҷавониам, бубахшой,
Имшаб Гулназар бе ҷавонист!

* * *

Бӯсаи ҷуфти кабӯтар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»
Рози танҳогарди духтар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»
Мечакад чун ашк аз чашми сияҳкори фалак,
Ахтари паррони бепар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»
Ишқро ман мениҳам чун шӯъла дар қалби сухан,
Мисраҳои рӯи дафтар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»
Он ки шабҳо аз ғамаш хоби маро бегона кард,
Бо дили бегонапарвар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»
Дар тани девори мактабхонаи тифлии ман
Номи он гулғунчаи тар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»
Навҷавоние, ки монда дар хаёли дури ман,
Аз ҳамон дунёи пурфар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»
Дил маро хоҳад, ки бошам даркушои оламе,
Хори домангири Дар-Дар гӯядам: «Ошиқ куҷост?»

* * *

Дили тангам ба оҳи ту намеарзад,
Сари сангам ба роҳи ту намеарзад.
Шукӯҳи осмонгири қулаҳдорон
Ба як гарди кулоҳи ту намеарзад.
Ҳама асрори ту дар тӯи ин гардун
Ба рози як нигоҳи ту намеарзад.
Табассум кун даруни хонаи чашмам,
Ғами олам ба оҳи ту намеарзад.
Дусад дафтар агар шеъри сафедам ҳаст,
Ба як холи сиёҳи ту намеарзад.
Дар оғӯшат хаёламро баҳорон кун,
Агарчи бар паноҳи ту намеарзад.
Макун пинҳон гуноҳи чашми мастатро,
Ки дунё бар гуноҳи ту намеарзад.

* * *

Наврӯзи ман порина шуд, бими хазонам баҳри кист?
Умри ҷавонат даргузашт, ишқи ҷавонам баҳри кист?
По мезанад андешаам дар роҳи ноҳамвори хеш,
Ин осмонам баҳри чист? Ин остонам баҳри кист?
Минбар талаб дорад дилам, сад гап ба лаб дорад дилам,
Бо ин ҳама шӯри аён сӯзи ниҳонам баҳри кист?
Савдо фурӯ мону даме андеш бар дунёи хеш,
К-ин Ҳофизи ман аз куҷо, Мавлои ҷонам баҳри кист?
Гармии хунро дидаам танҳо ба шарёни шафақ,
Эй мурдахунҳо, баъд аз ин теғи забонам баҳри кист?
Аз бурҷи вайрони Ҳисор ояд ба гӯшам ин фиғон:
«Эй номбардори Ватан, ному нишонам баҳри кист?!»

* * *

Гар ошиқам ба олами гардон,
Баҳри ту ошиқам мани сарсон.
Субҳе, ки медамад, зи рӯи туст,
Шоме, ки мерасад, зи мӯи туст.

Мурғе агар ба нағма пардозад,
Донам, ки бо лаби ту мехонад,
Гӯшам ба қавли чашмаи бедор,
Гӯям, ки лаҳҷаи туро донад.

Домони навбаҳории бора
Наврӯзи доманат ба ёд орад,
Шохи шукуфабори арғуштӣ
Сабки чамиданат ба ёд орад.

Чашмам ба ранги панҷаи гулҳо,
Дасти ҳиноии туро ёбам,
Аз боди раҳгузори бепарво
Аҳди ҳавоии туро ёбам.

Бо ман вафо намекунад олам,
Ҳам ту вафо накардаӣ бо ман.
Ҳар ду суроғи ман намеоед –
Меҳри шумо намерасад то ман.

Чун мазҳабӣ, ки ошиқи кӯр аст,
Дилдодаи шумо саропоям,
Суде ба буди худ намехоҳам,
То бедареғ ранги дарёям!

Ҳампои умр нагзаред аз дил,
Ки бегузашта сафҳаам холист.
Оё кӣ қисмати маро хонад
Аз дафтаре, ки як ҳиҷояш нест!

* * *

Аз он қалам, ки мекунӣ сиёҳ абрувони хеш,
Сиёҳӣ деҳ,
Ки рӯи сафҳа оварам
Шаби дарози фурқати гарони хеш.

Зи ғозае, ки гарди гул буда ба барги гул,
Фишон ба дафтарам,
Ки ранги хастаи хазон фитад зи хотирам.
Ба шонае, ки мекашӣ ба мӯи рӯи шонаат,
Агар ҷамолаки ҳавас занам ба кокули сухан,
Чӣ ҷои марги ман!

Биё, ки номи ту диҳам ба ҳар ҳиҷо,
Ки мисли ту базебу дилрабо шаванд,
Ба дида ҷо шаванд.
Ба шеваи хироми ту
Бимон, ки вожаҳо қадам зананд,
Ҷаҳони ақлу дил ба ҳам зананд
Ва пушти по ба мулки Ҷам зананд!

Сухан бинеҳ ту бар лаби сухан,
Ки гунгии умеди ман гузар кунад.
Ва бахти ман чу шеъри қудсиён
Бувад, ки рӯ ба Гулназар кунад.

* * *

Бо кӣ гул чидӣ, ки хораш мехалад дар синаам?
Бо кӣ хандидӣ, ки гирён аст ҷони хастаам?
Сад ҳазорон сол агар майли ҷудоӣ кардаӣ,
Эй сипеҳри орзуҳо, бо ту ман пайвастаам!

Бонги ширини қадамҳои ту меояд ба гӯш,
Мерасад аз дури дур оҳанги гуфтори ту боз.
Рӯзи Наврӯз асту нав-нав ошиқиҳо мекунанд,
Дил маро дорад ҳавои сӯзи такрори ту боз.

Ман гунаҳгорам агар дар рӯзгори пургунаҳ,
Дар таҳи борони мӯят пок мехоҳам шудан.
Ман агар хокам, ба юмни ахтари чашмони ту
Ҳамсару ҳампояи афлок мехоҳам шудан.

То мисе андар бағал дорам, зи ту фориғ наям,
Умрҳо мепарварам афсонаи савдои ту.
Меравад нақши раҳи абрешимини ишқи ту
Аз дили шайдои ман то ҷони бепарвои ту.

Доғи ту чун қалъаи Муғ гар харобам мекунад,
Номи ту чун номаи суғдӣ наҷотам медиҳад.
Ман аз он ҳаргиз намемирам, ки бар рағми аҷал
Ёди лабҳои тарат оби ҳаётам медиҳад.

Ҳар куҷо бошӣ, дуоят мекунам, эй ҷони ман,
Дар хами чархи барин осори ман осори туст.
Ҳар касе дар зиндагӣ суде ба каф овараданист,
Суди субҳу шоми ман дарди туву озори туст.

* * *

Кокулони ту парешон шуд, Зарафшон гуфтамаш,
Ҷон гирифт аз он Бухорои дилам, ҷон гуфтамаш.
Сафҳаи рӯят маро панди накӯӣ додааст,
Маъзарат мехоҳам аз Саъдӣ, «Гулистон» гуфтамаш.
Шарми чашмони ту дорад гармии оташкада,
Ман, ки аслам, оташи қудсии имон гуфтамаш.
Аз сари зулфу баногӯши ту мехоҳам ҷазо,
То сияҳгӯши тару барфи зимистон гуфтамаш.
Дидани рӯят гулӯи хушки ман тар мекунад,
З-он ки шаҳтути сиёҳи Боғизоғон гуфтамаш.
Вой аз он миҷгони болоят, бадахшӣ хондамаш,
Дод аз он лабҳои камёбат, Бадахшон гуфтамаш.
Зарраи хоки ту дорад сад баҳои ҷони ман,
Ҳар чӣ мегӯям, кам асту Тоҷикистон гуфтамаш.

* * *

Холиам ман, холиам ман
Ҳамчу мактаб вақти таътил.
Фориғ аз ишқи ту будан
Кулфати дил, офати дил.

Бе саводи дидаи ту
Бесаводам, бесаводам.
Бе ҳавои милаи ту
Хоку бодам, хоку бодам.

То зи лабҳои ту дурам,
Шаҳди шеъри Хофизам нест,
Ҷуз сабақҳои нигоҳат
Дарси воло ҳаргизам нест.

Бе баёзи гардани ту
Аз сафо кардам фаромӯш,
Бе ҳисори оғӯши ту
Бо бало гаштам ҳамоғӯш.

То накардӣ имтиҳонам,
Ҷавҳари ман бебаҳо монд,
Домани меҳру вафоят
Аз кафи бахтам раҳо монд.

Занги даъватро раҳо кун,
То дилам занге нагирад,
Чун хати ботил рухамро
Хатти ожанге нагирад.

Холиам ман, холиам ман
Ҳамчу мактаб вақти таътил,
Фориғ аз ишқи ту будан
Кулфати дил, офати дил.

* * *

Узр агар оварам паи ғуфрон,
Пеши худ ораму равони худ,
Бо замину замон гуноҳам нест,
Ман гунаҳ кардаам ба ҷони худ.

Фориғи ташнагии соҳилҳо,
Ҳамчу рӯде, ки меравад саршор,
Бемаҳал сӯхт дар мани шодоб
Сабзаву лолаҳои нотакрор.

Нола мекард тифлаке дар ман,
Балки мехост панҷаи имдод,
Қарнайи гӯши ман лаболаб буд
Аз фиғону шиори бодобод.

Аз сари дори сарнавишти ман
Ваҳ, ки Мансури ман сало медод,
Зиндагӣ раҳми посдори маро
Дар раҳи дӯст пешпо медод.

Шуъланӣ субҳи равшани фардо
Нигаҳамро ба дурҳо мебурд,
Маъбади сабзи ман фурӯ мешуд,
Оташе дар ниҳоди ман мемурд.

Дар мани пуршитобу бефурсат
Ғамгусоре маро садо мекард,
Бо сиришки фироқи беохир
Дарди ҷони маро даво мекард.

Рӯзу шаб ҳамчу марди пайкарасоз
Ӯ маро зарра-зарра ғун мекард.
Шавқи бебори ман чу боди хазон
Баргу бори маро нагун мекард.

Аз дарун асли ман маро мехонд,
Балки меҷуст аз дарун Ватанам,
Масти пайкору наҳзату ҷунбиш
Бурдам аз ёд, к-он ғариб манам.

Ӯ маро ёру гӯямаш ағёр,
Ки нишони варо намедонам,
Мисли ҳаммиллатони бетадбир
Ман забони варо намедонам.

Узр агар оварам пайи ғуфрон,
Пеши худ ораму равони худ,
Бо замину замон гуноҳам нест,
Ман гунаҳ кардаам ба ҷони худ.

* * *

Хаста шуд чашмам зи ранги хастаи фасли хазон,
Сабзаи холи ту мехоҳам, ки ҷон бахшад ба ҷон.
Лонае дар шохсоре ҳоли ман овоза кард,
Гиряҳои мурғаки танҳо ғамамро тоза кард.
Дил ғунуда дар ҳарири ёди шабҳои баҳор,
Бе танини гӯшвори ту намеояд ба кор.

Сад ҳазор афсонаи гул бенишон афтодааст,
Лаб кушо, ки дар лабони ту ниҳон афтодааст.
Кокули афсурдаи бедам гулафшон мешавад,
Чун ба ёдам милаҳои ту парешон мешавад.
Бӯи райҳон мекунад ҳарфе, ки мегӯӣ маро,
Турнаҳоям мерасад, ҳар гаҳ ки мечӯӣ маро.
Ман намоз орам ба нирӯе, ки борам додааст,
Як баҳорам бурдаву сад навбаҳорам додааст.
Гар набошӣ, мисраи ман мекашад сӯи хазон,
Мекунад умрам чу шоми тирамаҳ бӯи хазон.

* * *

Бори сангини ғамат
Бишканад охир миёни мисраамро…
Субҳидам,
Вақте ки туғён мекунад шавқи шукуфтан,
Хандаи ту дар лабони ту фусурда.
Лаззати шодиву бӯи хуррамиро
Аз сиришти беғашат ташвишҳои зиндагӣ бурда.

Баски ҳамчун хонаат танг аст,
Баччагони ту намеғунҷанд дар қофияҳои хастаи ман.
Мечакад чун боми ту
Боми пасти мисраи бишкастаи ман.
Ҳар сухан, ки мекунам кашф,
Кафши пои тифлакони ту нахоҳад буд…

Гоҳи меҳмондории ту,
Ҳамчунон ки мешавад хони ту аз анвои неъмат пур,
(Лек рӯзони дигар холист),
Аз саною офарини лолапӯши ман ба рӯзи ид
Рӯзгорат ҷуз ба ранги заъфаронӣ нест.

Аз Авастои биҳиштӣ
То Алифбое, ки бӯи ту надорад,
Ту хамидӣ,
Боли ту дигар зи парвози баланд

Он қадар бегона гашта,
К-он ҳама эъҷози бобой туро афсона гашта.

Ту гаронӣ,
Ҳамчу хобида гаронӣ.
То мадорат
Боли шеъри ман набардорад,
Эй ҳама мозии ту мағзи фасона,
Эй ҳама имрӯзи ту маҳзи фасона,
Эй ҳама фардои ту айни фасона!

Мекунам андешаи шеъре, ки дармонат натонад буд,
Рӯи хонат пораи нонат натонад буд,
Ҷомаи номуси урёнат натонат буд.

Ҳамчунон ту
Шеъри ман ҳам нотавон аст,
Тифли зори Тоҷикистон аст!

Ё чу мӯре мехазем аз кӯ ба кӯе аз паси дона,
Ё чу шаҳбозе ба гардун мегузорем ошёна.

* * *

Он каҳкашони гулфишон
Дар боғи ман намонд,
Ҷуз коҳи хастаи хазон
Дар боғи ман намонд,
Хобам чу хоби аскарон
Дур аз фароғат аст,
Аз ҷонфишониам нишон
Дар боғи ман намонд,
Дасти кӣ латма мезанад
Шохи баландро?
Хун мехӯрам, ки посбон
Дар боғи ман намонд,
Боди хазон, ки мебарад
Тобути ғунчаро,

Ҷое паи фитодагон
Дар боғи ман намонд,
Доғам кунун ба қавли он
Зоғе, ки доштам,
Гулбонги мурғи ломакон
Дар боғи ман намонд,
Чун лонаи тиҳӣ ҳама
Ман лол мондаам,
То ҳамнишину ҳамзабон
Дар боғи ман намонд,
Фарёди хеш мебарам,
Эй шеър, бар дарат,
Ғайри ту обаке равон
Дар боғи ман намонд.

* * *

Моҳи шабгардам бар гардиш мекашад,
Хонаи дилро ба оташ мекашад.
Ин чӣ ҳолест,
Кӯчаҳо аз ошиқон холист!
Ту биё,
Имшаб ба қасди пахрадорон
Бӯсабору ғуссаафшон бигзарем.

Мурғаке қонун шикастан мекунад,
Шаҳрро лабрези шеван мекунад,
Бодаке барги гуле пар медиҳад,
Зар ба каф меораду зар медиҳад.
Ту биё,
Имшаб ба қасди пахрадорон
Нолаҳо дар ҷон,
Хурӯшон бигзарем.

Ҷӯи об оҳи ҷигар мепарварад,
Дар зулолаш шеъри тар мепарварад,
Хусравониаш равои гӯши кист?
Ҳамзабону ҳамравонаш нест, нест!

Ту биё,
Имшаб ба қасди паҳрадорон
Кӯ ба кӯ
Паҳну парешон бигзарем.

Шавқи саҳрогарди ошиқ хонагист,
Аз ҷунунаш то саҳар бегонагист.
Ҳамчу раҳпо, ки умеде мекунад,
Чашми равзанҳо сафедӣ мекунад.
Ту биё,
Имшаб ба қасди паҳрадорон
Аз раҳи мушкил
Ба осон бигзарем.

Ҳайфи шаҳри ишқи бедор!
Дар ҳарири моҳтобӣ хуфтааст,
Розҳо дар хобҳо бинҳуфтааст.
Ту биё,
Имшаб ба қасди паҳрадорон
Бонги бедорӣ ба лаб,
Чун субҳи хандон бигзарем…

* * *

Ба қурбони гули рӯят, гули ман,
Ту наврӯзи маро дидӣ, надидӣ?
Қатори турнаҳои ман гузар кард,
Ту фарёди ҷудоиро шунидӣ?

Фидои чашми бехобат, гули ман,
Ки бехобӣ зи нав омад бари ман.
Мисоли навхатони дилсупурда
Пур аст аз сӯзи ишқат дафтари ман.

Адои кокулони майдабофат,
Ки сабрам мерабоӣ майда-майда.
Даре, ки баста будам ман пушаймон,
Ту аз нав мекушоӣ майда-майда.

Ман аз оташ фирор оварда будам,
Ба кӯи гулханам раҳ менамоӣ.
Дилам дар зери хокистар ниҳон аст,
Далераш мекунӣ бо ошноӣ.

Нигоҳи меҳрубонатро бинозам,
Ки дарсам медиҳад аз меҳрубонӣ.
Маро бо ин дили фанхӯрдаи ман
Ба нозе мекашӣ сӯи ҷавонӣ.

Замоне аз алам нолида будам,
Ки домони муҳаббатро нагирам.
Чунинам қисмати пешонӣ буда,
Ки ошиқ зодаам, ошиқ бимирам.

# ҲАСРАТИ ГИРЁНИ БОРОН

* * *

Итобатро фурӯ бигзору бо ман бош,
Ки боде бо ту барбодам нахоҳад кард.
Табассум кун,
Ки дунёву хушиҳояш дигар шодам нахоҳад кард.
Суханро ман шукуфоии лабҳои ту бахшидам,
Ҳиҷоро нози мижгонат
Ва шамъи хирасӯзи ҳарфҳоро
рӯшании субҳи рухсорат.
Кунун дилмондаам аз чомаву аз хомаву нома,
Кунун вайронаам дар ин харобобод,
Биё, к-ин ҷодуи тақдир ободам нахоҳад кард.
Ту ҷавлон мезанӣ чун нозукӣ
дар байтҳои шеъри озодам,
Ту чун рангинкамон
гул мекунӣ дар оғӯши пиндори озодам.
Биё, эй лаҳзаи озод!
Ки ғайри ту касе аз ғусса озодам нахоҳад кард.
Ба қавли Бедили оқил
Нафас ҳар лаҳза хиште меканад аз бораи умрам,
Вафоям кун, ки бе дасти вафои ту
Зи хоки мурда сад эъҷоз бунёдам нахоҳад кард.
Раҳу пайроҳа сангину ду пойи орзу сангин,
Гулу себарга сангину нигоҳи ошиқӣ сангин,
Миёни ин ҳама сангинии сангин
Манам сангину гӯши рози ман сангин,
Садоям кун,
Тилисмамро шикан, к-аз ин халои сард дилгарме
Ба ҷуз овози ҷонбахши ту фарёдам нахоҳад кард.

Дар ин асре, ки мошин асли оинҳост,
Дар ин вақте ки хотирҳои мо дар хотири
берӯҳи мошинҳост.
Ту ёдам кун.
Ки хатто ёди ман ёдам нахоҳад кард!
Табассум кун.
Ки дунёву хушиҳояш дигар шодам нахоҳад кард...

* * *

Осмони тираруӣ тирамоҳон
Гиря дорад нолаи кӯчии мурғонро.
Хаста-хаста аз сари ман
Орзуи васли ман пар мекашад то атри гулҳои мусоид,
Лаҳза-лаҳза дарди ҳиҷрон мекунад пур
заррахои пайкарамро.
Дар куҷое мисли ман мардест,
К-аз паси мургони кӯчӣ мешавад тар чашми маҳзунаш.
Дар пару боли парасту мерасад то муждаи наврӯз,
Дар миён фарсангҳои сарди тақдир аст.
Нанги он тиру камон бод,
Гар бубандад роҳи васли навбаҳоронро!
Бишканад доме, ки дар банд афканад бераҳм
Лаҳзаи шодобии чашминтизоронро!
Дар куҷое мисли ман мардест,
К-аз паси мурғони кӯчӣ дидаҳояш мешавад холӣ.
Ай худо! Ин лонаҳоро аз умеди зиндагӣ
холӣ макун ҳаргиз,
То паёми бозгашти мурғакон поядаш медор!
Дар куҷое мисли ман мардест,
К-аз паси мурғони кӯчӣ мисрааш рахти сафар баста,
Дар куҷое мисли ман мардест,
К-аз паси мургони кӯчӣ кӯч баста...
Роҳи дури васли ӯ наздиктар бод,
Бозгашти сабзаву гулғунчаҳояш бехатар бод!

* * *

Абрҳо-ин номаҳои ашкбори тирамоҳон –
Мерасанд аз дурии дур.
Аз баҳори гулнисори ман хабар нест,
Дар дили хокистари ман як шарар нест.
Сабзаҳои шеъри ман!
Ҳусни сабзашро ба ёд ореду нолед.
Атри афшони суруди ман!
Атри мӯяшро ба ёд ору парешон рез,
Бар кавири синаи ман файзи борон рез.
Ҳар чӣ будам, Ӯ кушудам,
Ҳар кӣ будам,
Ӯ намудам,
Ман намедонам: худо буд. кадхудо буд, нохудо буд?
Бо Худо буд, пурсафо буд, бовафо буд!
Бо ҷавонӣ рафту н-омад.
По ба пояш зиндагонӣ рафту н-омад,
Ҳамраҳи худ бурд манрову наомад,
Бурд манрову ватанрову наомад.
Абрҳо, эй номаҳои ашкбори тирамоҳон,
Аз баҳори гулнисори ман хабар ҳаст?
Дар дили хокистари ман як шарар ҳаст!

## БАХШИШ

Ман он наям, к-аз сарнавишт тахту кулоҳам орзуст,
Эй сарпаноҳи дарди манн, аз ту паноҳам орзуст.
Бо ашку хуноби ҷигар ман обёрӣ кардаам,
Аз киштаи армони дил як барги кохам орзуст.
Чун чашмаи танҳои кӯҳ ман нола бо худ кардаам,
Эй раҳгузар, бар ман гузар, эъҷози роҳам орзуст!
Сад шамъ хандиду гузашт, сад шамъ механдад ҳанӯз,
Як тобиши нури умед дар шомгоҳам орзуст.
Дар тангнои хонаам дилтанг мемирад дилам,
Эй вусъати лутфу карам, парвози оҳам орзуст!
Ҳам хораму ҳам Гулназар, ин бозии қисмат нигар.
Ҷое, ки номам мебарад. он гуна роҳам орзуст.

Ҳарфам аҷаб тифлонааст, шавқам аҷаб бегонааст,
Пеши ғурури нози ту узри гуноҳам орзуст.

* * *

Ман бонги пойи чираи марги равонро
Эҳсос мекунам
Дар хеш,
дар тапидани набзи мушавваш –
Раҳро раҳо кунед!
Дарро ба ташнагии канори ғарибон
Во кунед!
Ман қолии ҳазоргули навҷавониамро
Дар зери пош бедареғ
Густурда мекунам,
Овозаи муҳаббати маҳҷуби хешро
Бар гардани баланди ғурураш
Овеза мекунам.
Ин меҳмони соҳиби барҳакро
Ман ҷомае зи гармии дил мекунам эҳдо.
Ин даврагарди якрави бигсастасабрро
Баҳри фароғ нармии дил мекунам эҳдо.
Ёде, ки ҳаёт дар дили ман аз булӯри хандаи субҳ,
Ҷоми нишот мекунам дар дасти ҷодуяш.
Тифли дилам, ки по заду ғаш карду гиря кард,
Осуда сар ниҳад сари зонуяш.
Қофияе, ки дархури шеъри ман аст, ӯст,
Ӯ ҳусни мактаъ аст,
Раҳро раҳо кунед!
Ганҷе, ки буд рӯшании чилчароғи ҷустуҷӯи ман,
Дар боргоҳи ӯст.
Аз обилаи хастаи поям бипурсед:
Неши наҷот дар нигаҳи додбахши ӯст.
Ман бонги пойи чираи марги равонро
Эҳсос мекунам
Дар хеш,
дар тапидани набзи мушавваш.
Раҳро раҳо кунед!

* * *

Аз дари хонаат ҷавонии ман –
Парчами ишқ рӯйи каф – бигзашт.
Рӯзу шабҳои офтобии ман
Бо дили ташна саф ба саф бигзашт.
Чилчанори қадими кӯчаи ту
Ишқи сабзи маро ба ҷон парвард,
Гарчи сад баргу сад забонаш буд,
Розҳои маро ниҳон парвард.
То ҳанӯз оҳи ман кунад гардиш
Байни анбӯҳи шохаҳои баланд,
Лаҳза-лаҳза ба нолаи мурғон
Ғуссаҳои дилам хӯрад пайванд.
Набзи табдори ман бувад бедор
Дар дили ҷӯйбори кӯчаи ту,
Нарм-нармак гузар кунад нафасам
Аз бари майсазори кӯчаи ту.
Аввалин шеъри ошиқии маро
Нақши поям навишта дар раҳи ту.
Ҳайкали ҷодуи муродамро
Навҷавонӣ сиришта дар раҳи ту...
Монда акнун зи фасли рӯшани ман
Тирамоҳу ҳавои боронӣ,
З-он ҳама дардҳои нотакрор
Хотири хаставу парешонӣ.
Он най ту, ки бо таронаи хеш
Аз дари мозиат бурун орам.
Он наям ман, ки кокулонатро
Бо ҳавас гашта-гашта бишморам.
Ҳар чӣ дорам, чанорҳои туст,
Ки замоне ба сина биншондам.
Мисраи кӯчаи туам боқист,
Ки замоне ба сафҳа кӯчондам.
Субҳи фардо, ки медамад бе ман,
Ҳоҷате нест шеъри ман хонанд.
Лек хоҳам, ки ошиқони замон
Кӯчаатро ба номи ман монанд.

## ФАХР МЕБОЯД ХУДОРО...

Ҳиммати ташбеҳсози ман
Пеши рӯят оҷиз асту нотавон аст.
Он қадар донам, ки ҲУСН
　　　　　　аз ҳусни ту ҳайрони ҳайрон аст.
Мисли қандиле, ки афрӯзанд ногаҳ дар шаби торик,
Мекунад дидори ту якбора чашмони маро равшан.
Ҳамчунон мурғи мусофир, к-аз хазони қисмати ноҷӯр
Мегурезад ҷониби оғӯши сабзи навбаҳоронаш,
Дар ҳавои ту дилам пар мезанад масти
　　　　　　　　　　　　ҳавои зиндагонӣ.
Нанги ман бод.
Гар бинолам лаҳзае дар хасрати умри ҷавонӣ!
Мӯ ба мӯйи ту ҳама ноз асту лутф асту тароват –
Аз чунин эъҷози сунъаш
Фахр мебояд Худоро то дари субҳи қиёмат!
Ман фаромӯш карда будам аз худу ту омадӣ
　　　　　　　　　　　　чун ёди ширинам,
Бо ту омад изтиробу дарди деринам,
Бо туам «МАН» омаду биншаст дар обу гили
　　　　　　　　　　　　афсурдаи ман,
Таҳ ба таҳ аз нав шукуфо шуд дили пажмурдаи ман.
Ишқ менозад, ки чун ман ошиқе дорад,
Ҳусн меболад, ки чун ту лоиқе дорад...

## ЁДИ САФЕД

Рӯйи ту-гули сафеди хайрӣ –
Аз хандаи моҳтоб мамлуст.
Дастони сафеди барфии ту
Аз гармии офтоб мамлуст.
Бар дӯшу бари ту шира баста
Он шир, ки дар биҳишт ҷорист.
Чун шеъри сафеди пайкари ту
Эъҷози хаёли шоирӣ нест.

Ишқи ту сафеду мекунад маҳв
Дар рӯзу шабони ман сиёҳӣ.
Фардо бидиҳад сари сафедам
Аз ёди сафеди ту гувоҳӣ.

## ДАР ҶАШНИ ҲАЗОРАИ НОСИРИ ХУСРАВ

Бубинӣ сад ҷаҳони кӯҳнаву нав,
Шиносӣ Маккаву Порису Маскав,
Сафарнома нависӣ чанд дафтар,
Нагардӣ Носири Хусрав, бародар.

## ГӮШИ ХУШБАХТ

Субҳ бар хатти уфуқ рахна наафканда ҳанӯз,
Хониши мурғи саҳар мужда диҳад:
«Субҳ омад!»
Чашми бехобии ман бехабар аст,
Лек дар гӯши пур аз нағмаи ман
Бонги оҳории пойи саҳар аст.
Аз давоту қаламу дафтару шеъре, ки навиштам
зи ғами дурии субҳ,
Гӯши ман хушдилу хушбахттар аст!

## ТАРОНА

Ту поктар аз Чашмаи Носир шудаӣ,
Шодобтар аз хаёли шоир шудаӣ.
Дар чашми ту сеҳри ахтарон пинҳон аст,
Наққоши азал зи кори худ ҳайрон аст.
Аз Боми Ҷаҳон ба боми чашмам бинишин,
Эй кафтари маст, роми чашмам бинишин!
Чун лаъли лабони ту Бадахшонам нест,
Ҷуз сояи зулфи ту шабистонам нест.

Пайғоми биҳишту лаззати ҷони маро
Дар коғази андоми ту бинвишт Худо.
Аз Боми Ҷаҳон ба боми чашмам бинишин,
Эй кафтари маст, роми чашмам бинишин!
Ман бе ту камам, бе ту камам дар олам,
Саргаштаи сад дашти ғамам дар олам.
Ту Панҷи маниву манам Омӯи ниёз,
Ту дасти муҳаббатам ба гардан андоз.
Аз Боми Ҷаҳон ба боми чашмам бинишин,
Эй кафтари маст, роми чашмам бинишин!

* * *

Нолаамро дар гулӯ бишкастаанд,
Мастиамро дар сабӯ бишкастаанд.
Аз тулӯи ғунча ин саҳро тиҳист,
То тароватро ба ҷӯ бишкастаанд.
Орзуе раҳ намеёбад ба ман,
Ҷодаро дар ҷустуҷӯ бишкастаанд.
Гӯши ман пур аз танини зулмат аст,
Нурро дар гуфтугӯ бишкастаанд.
Ёди ман дар хотири барге намонд,
Чун насимам сӯ ба сӯ бишкастаанд.
Эй ватан, мӯям, ки ҷарёни маро
Ҳамчу Омӯ кӯ ба кӯ бишкастаанд.
– Дар Бухоро мисли Ҷӯйи Мӯлиён –
Оби рӯямро ба рӯ бишкастаанд.
Чун ниҳоли кӯчаи шаҳри ғариб
Ҳасратамро бе нумӯ бишкастаанд.

## ҒАМИ АФСОНА

Ҳама донову як доно пайи бедории мо нест,
Ҳама вассофи Наврӯзанду як ғунча шукуфо нест.
Намедонам ба кӣ гӯям ғами афсонаҳоямро:
Зи хар пур шуд раҳи дунёву Исое ҳувайдо нест.

## ДУ БАХШИШ

Эй ба бедорӣ ту дида хобҳо,
Дида дар хоб оташи гирдобҳо!
Нағма зан чун ғӯки хушбахт аз фараҳ
Дар муҳити мурдаи мурдобҳо!

* * *

Парчами мо ахтарафшону насиби ту як ахтар нест,
Ҷуз шикам баски туро андешаи фардои кишвар нест.
Мавлавӣ медид агар ҳоли туро, бори дигар мегуфт:
«Чун кулаҳдорони полезӣ кулаҳ ҳасту туро сар нест!»

## МАҶЛИС

Ҳеҷ донӣ, ки дар ин маҷлисгоҳ
Ҳозиру ғоиби ман яксон аст
Ва ба ин минбару ин воизу ин дамдамаҳо
корам нест?
Бубарад мисраи Ҳофиз
Ба саропардаи қудсам.
Бидиҳад нашъаи умри ҷовид
Сухани Хизрии Хайёмам.
Бинамояд ду биҳишту ду ҷаҳиму ду ҷаҳонам
Рӯ ба рӯ ойинаи соҳири Бедил
Ва мани инҷойӣ
Он ҷоям,
Ки дар ин боргаҳи нокасу кас
Бо касе ҳавсалаи борам нест.
Ҳеҷ кас огаҳ нест,
Ки дар ин маърази лутфу карами маснӯӣ
Ҷуз ғами шеър вафодорам нест.
Аз мукофоту ҷазое, ки ба сар меборад,
Яке аз шодии дил мадҳуш аст,
Дигар аз ғусса дилаш метаркад.
Масту савдоии савдои ҳиҷо,

Ба ҳамон тарҳи сабоҳии яке байт, ки
аз хотири ман мегузарад,
Фориғ аз хешаму ҳамсояи маҷлисгоҳӣ.
Шукр, шукр!
Бо ҳавасҳои хасак ҷони гирифторам нест.
Қодирам, то ҳама рӯзу ҳама шаб лоф занам,
Ки дар ин мулк тиҳисаршорам.
Ё ҳамон гуна ки Лоиқ гуфта:
Хирсро ном барам Хоҷаи Хизр.
Лек шармам ояд,
Аз ту, эй чашмаи саршори мусаффои Ватан,
Ки маро панди сафокориву покӣ додӣ.
Аз ту шармам ояд,
Эй умеди нигаҳи чашми гадои сари роҳ!
Аз ту шармам ояд,
Эй Оянда!
Хуни дил мехӯраму дидаи хунборам нест!
Сояи сабзи чанорони Душанбе
раҳи савдои маро мепояд,
Нафаси ёсумании Варзоб Оғуши дарди маро меҷӯяд,
Нигаҳи ошиқи дилдодаи шеър
Шӯълаи сӯзи маро мехоҳад.
Эй хушо маҷлиси риндонаи Ҳофиз!
Эй хушо маҳфили паймонаи Хайём!
Эй хушо анҷумани ойинаи ҳамдили Бедил!
Ба дигар ҳолу ҳаво корам нест,
Ба худо, корам нест...

## БОРОНИ ПОИЗ

Гирёну гирён бороии поиз,
Дурдона баста мижгони поиз.
Эй боми фартут, ёрат худо бод!
Дорад чакидан айвони поиз.
Зар мефишонад шохи дарахтон,
Қоруни фасл аст меҳмони поиз.
Нозеду бозед, эй хушнасибон!

Покиву софист дар хони поиз.
Бо қатра резад шеъру чакома,
Ин ман, ки хонам девони поиз!
Дар лонаҳои холии мурғон
Дигар нағунҷад армони поиз.
Рухсори ман тар, рухсори ӯ тар,
Вай аз ману ман ҳайрони поиз.
Ҳузнам маёред, ҷонам масӯзед,
Садбарги поиз, райҳони поиз!
То навбаҳори ревоҷу торон,
Эй Суғди поиз, Хатлони поиз!

* * *

Оҳ, ман обитарам, обитарам аз обҳо,
Медавад аз ҷӯяи шарёни ман Варзобҳо.
Ҳар гаҳам дар кӯчаҳо бинӣ хамӯшу саргарон,
Дон, ки дар ман мехурӯшад ҳайбати гирдобҳо.
То дари бедориамро кас накӯбад бо итоб,
Хобро дар дидаи ман хоб бинад хобҳо.
Дар дили зулмонии «ШАБ» мениҳам нури «САҲАР»,
Медамад аз пушти кӯҳи ҳарфи ман афтобҳо.
Зиндагӣ то бо ман асту то манам бо зиндагӣ,
Алвидоъ, эй сарзамини ёдҳо, эй кобҳо!
Эй гарониҳои гӯши Рустам, аз ту сад дареғ!
Навбате бозат накард оҳи дили Сӯҳробҳо.
Дӯш агар абрӯи ҷононро тамошо кардаанд,
Ман бубинам теғҳо дар ҷабҳаи меҳробҳо.
Дар сафар танҳо наям, то ҳамраҳи худ мебарам
Раштҳо, Фархорҳо, Дарвозҳо, Кӯлобҳо.
Ғам махӯр дар гӯшаи ғам, эй дили ноёби ман,
Ёфт охир мешавӣ аз ҳиммати ноёбҳо!

* * *

Дар ҷустуҷӯи субҳем, навбат диҳед моро,
Муштоқи рӯи субҳем, навбат диҳед моро.
Эй зеҳнатон ба зулмат хӯ кардаву фусурда!
Ҳарфи гулӯи субҳем, навбат диҳед моро.

Аз нангатон сиё шуд рӯи сиёҳӣ имрӯз,
Мо обрӯи субҳем, навбат диҳед моро.
Селоби ҳойу ҳӯед, исми шумо харобист,
Номи накӯи субҳем, навбат диҳед моро.
Як пора шӯразоред, ҷуз ташнагӣ наоред,
Мо оби ҷӯи субҳем, навбат диҳед моро.
Эй рӯҳатон пур аз шаб! Эй ҷонатон пур аз хоб!
То мо зи сӯи субҳем, навбат диҳед моро.
Дар кӯчаҳои ғафлат фарёди мастии мост,
Сукри сабӯи субҳем, навбат диҳед моро.
Гумраҳ наметавон кард нуре, ки раҳ намояд,
Дар чорсӯи субҳем, навбат диҳед моро.
Эй хаймаҳои торик бо сарнавишти торик!
Мо орзӯи субҳем, навбат диҳед моро.

* * *

Шом асту маҳ надорад ин кӯчаҳои холӣ,
Як хушнигаҳ надорад ин кӯчаҳои холӣ.
Бар бӯсаҳои ошиқ, бар ғуссаҳои ошиқ
Ҷойи панаҳ надорад нн кӯчаҳои холӣ.
Чун ҳарфҳои бесӯз, чун байтҳои бедард
Дар тан фараҳ надорад ин кӯчаҳои холӣ.
Чун киштаҳои лофӣ дар пуштаҳои лофӣ
Як барги каҳ надорад ин кӯчаҳои холӣ.
Дасти гадо аз ин сӯ, чашми гадо аз он сӯ,
Дардо, ки шаҳ надорад нн кӯчаҳои холӣ.
Меҳри бародарӣ нест дар синаҳо, агарчи
Юсуф ба чаҳ надорад нн кӯчаҳои холӣ.
Ҷуз сояи ғами ман, ҳамсояи рами ман
Гарде ба раҳ надорад нн кӯчаҳои холӣ.
Гуфтам, ки «Эй сиёҳӣ! Фардои ту сафедист!»
Гуфто: «Пагаҳ надорад нн кӯчаҳои холӣ!»
Холӣ зи хешаму лек чун ман ба шаҳри мардум
Ҳоли табаҳ надорад нн кӯчаҳои холӣ.
Гарчи ҳама саробист, саршори носавобист,
Валлаҳ, гунаҳ надорад ин кӯчаҳои холӣ.
Эй шишаи дили ман! То чанд пора-пора?
Пойи бараҳна дорад нн кӯчаҳои холӣ!

* * *

Даме бар оташи рӯят назар дӯзам,
ки чашмонам хунук хӯрд,
Табатро бар танам чун пираҳан пӯшам,
ки ҷони ҷони пазмонам хунук хӯрд.
Нишаст охир ба мӯям барфи ҳасратҳо,
Навозиш кун маро бо панҷаҳои офтобиат –
ЗИМИСТОНАМ хунук хӯрд.
Лабатро бо суруди ошноӣ ошноӣ деҳ,
Ки шавқи бӯса дар лабҳои сӯзонам хунук хӯрд.
Замин сарду замон сарду забон сард,
Ту бигзар аз сари сардӣ, ки афғонам хунук хӯрд!
Беҳ аз гулхонаи оғӯши ту ҷойи шукуфтан нест,
Мурувват кун,
ки боғи сабзи армонам хунук хӯрд.
Туро ишқи ғарибн ман ватан гуфту ватан бишнохт,
Ту бепарво мабош, эй гул!
Ки дар шарёни ман фарёди гарми
«ТОҶИКИСТОНАМ!» хунук хӯрд...

* * *

Маҳтоб равшан, Варзоб равшан,
Имшаб дили ман чун об равшан.
Мавҷ аз пайи мавҷ, шавқ аз пайи шавқ,
Дар синаи ман гирдоб равшан.
Мисли сафедор дар пойи ҷӯбор
Болои зебош бетоб равшан.
Дар зарҳали нур, чун хирмани нур
Рӯи сафеди ноёб равшан.
Ҷонам ба ҷони сӯзон-гудозон,
Чашмам ба чашми бехоб-равшан.
Ҳарфу ҳиҷои «Ман дӯст дорам!»
Бо бӯсаҳои сероб равшан.
Хонам намози меҳру садоқат,
Дар рӯ ба рӯям меҳроб равшан.
Хилват наҷӯяд ишқи дили ман,
Дар байтҳоям маҳтоб равшан.

* * *

Биё, лабҳои хушкатро бибӯсам, эй Душанбе!
Агарчи аллагӯи хоби нозат обшорон аст,
Қабоят аз ҳарири симгуни чашмасорон аст,
Раги ту бистари шӯру қиёми рӯдборон аст,
Лаби ту чун лаби бемор хушкида,
Биё, ман ТАШНАГИАТРО бибӯсам, эй Душанбе!
Ту менозӣ, ки обат дар гулӯи нози Порис аст
Ва лабҳои тари гулдухтари Рум обрӯ аз оби ту дорад.
Биё, лабҳои хушкатро бибӯсам, эй Душанбе!
Ҳама шаб шеъри ман бигрист,
Чу дидам: базм ташна,
                    нур ташна,
                              хонаҳо ташна,
Чу дидам: ишқ ташна,
                    бӯса ташна,
                              ошиқу ҷононаҳо ташна,
Паёму
    ҳикмату афсонаҳо ташна.
Илоҳӣ раҳ наёбад то лаби дарё,
Касе, к-ӯ бо саробат медиҳад бозӣ лаби дарё!
Биё, ЛАБТАШНАГИАТРО бибӯсам, эй Душанбе...

* * *

Сабзаҳо хокистарӣ аз хок мехезанд,
Нағмаҳои мурғакон аз шоха гардолуда мерезанд,
Бори софӣ мефитад аз шонаи мавҷи равони об,
Аз варои пардаи чиркини абр ошуфта
                              мебинам рухи маҳтоб –
Шаҳрро ҳаммом бояд кард.
Пойи завқе ошнои остоне нест,
Меҳрубонӣ дар суроғи меҳрубоне нест,
Чашми раҳ аз турктозии ғубори ногумон кӯр аст,
Чилчароғи рӯшани дасти фалак имрӯз бенур аст –
Шаҳрро ҳаммом бояд кард.
Чеҳраҳо якрангу берӯҳанд
Дар ҳиҷоби гард.

Кас намедонад нишони Дил,
Кас намехоҳад нигоҳи Дард.
Аз хиёбонҳои ин шаҳри шиносу ношиноси хеш
Меравам ноошно бо мардуми ноошнои хеш.
Баски ҳарфам гардолуд аст,
Баски сӯзам гардолуд аст,
Баски рӯзам гардолуд аст,
Ман набишносам сари худро зи пойи хеш.
Такя созам хаставу пурдард
Бар тани беди ғарибу растаи пургард.
Гӯямаш: – Эй шоҳиди фасли ҷавони беғубори ман,
Шаҳрро ҳаммом бояд кард!

## СОЛИ ОБИ ТОЗА

Дар Соли Оби Тоза
Аз гуфтани таронаи обӣ
ҳазар кунем,
Аз хондани рубоиву байту газалҳои обӣ
гузар кунем.
Дар Соли Оби Тоза
Мо ташнаи чакомаи нобем,
На шеъри обем!

* * *

Хобҳоям рангаву бедориам беранг,
Мастиам мардонаву ҳӯшёриам беранг.
Бо кадомин дида мебинӣ ба ҳоли ман?
Пеши ту меҳри ману дилдориам беранг.
То набошӣ ҳамдиёри дардҳои ман,
Фалғариву Раштиву Фархориам беранг.
Баски сад борат бигуфтам: «Дӯст медорам!:
Байтҳои хастаи такрориам беранг.
Эй тулӯи субҳи рӯят ормони ман!
Рӯзу шабҳои ҳаёти ҷориам беранг.
Дар биёбоне, ки маҳруми баҳорон аст,
Хор хоҳам мурд, аммо хориам беранг.

Пунба аз гӯшат бигиру гӯш бо ман деҳ,
Ранг дарёбӣ, агарчи зориам беранг...

* * *

Ҷоми саршорам агар, кори ту чӣ?
Масти ҳушёрам агар, кори ту чӣ?
Рӯҳи ман кӯҳи фалаксои ман аст,
Бори сад орам агар, кори ту чӣ?
Сояи давлати бесоягиам,
Худ ба худ зорам агар, кори ту чӣ?
Сари Мансурии худро зи ғурур
Ҳалқаи дорам агар, кори ту чӣ?
Дасти ман оҳи муҷассам будаст,
Кори бекорам агар, кори ту чӣ?
Хори гул ё гули хорам, ба худам,
Маҳфиле дорам агар, кори ту чӣ?
Пухтагиам ба замин хоҳад зад,
Хомии борам агар, кори ту чӣ?
Пур зи шӯру шаафу ҷӯшу хурӯш –
Рӯзи бозорам агар, кори ту чӣ?
Гулназар ҳастаму пеши нигаҳат
Хори дар хорам агар, кори ту чӣ?

* * *

Чашми обият диламро об кард,
Масти хоб омад, маро бехоб кард.
Пайкари маҳтобиат бо шоми ман
Меҳрубониҳои сад маҳтоб кард.
Офарин бар ҳиммати гесӯи ту!
Оғушамро пур зи мушки ноб кард.
Пурҷавона, пурҷавонӣ, пурҷунун –
Шавқи ту бурду маро Варзоб кард.
Дар қиёми хушксорон ҳусни ту
Мисраи шеъри маро шодоб кард.
Дар хазон ёди гули тар доштам,
Навбаҳор охир маро дарёб кард.

## ПУРСИШ

Эй кирми шабчироғ!
Дар рӯ ба рӯи зулмати зӯъм
Дилро чу парчами шафақи бомдодон
афрӯхтан,
афрохтан
Оё умеди кӯчаки умратро
Аз худ тиҳӣ накард?!

## ОНАК!

Дар Хоҷа Оби Гарм
Ман бандии сафеди хисори сафедиам,
Дар инҳисори сафедиам.
Бархез, эй сиёҳии ман,
Дар зиндагӣ табоҳии ман!
Ҳарчанд тифли барфи сафедам,
Парвардаи дабирии ҳарфи сафедам,
Чун шом
Бори сиё кашидаам аз ту,
Чун ғам
Рахти сиё харидаам аз ту.
Оваҳ!
Куҷост модару шири сафеди ӯ?
Дардо!
Куҷост орзуи мӯсафедиам!
Онак!
Биҷӯй хуҷҷати берангии маро,
Аз ман мапурс давлати дилтангии маро.
Бо офтоб мешавам имрӯз,
Тӯ-тӯ хароб мешавам имрӯз,
Дар лаб суруди покиву озодӣ
Ман чашмаоб мешавам имрӯз!

## ХОМӮШӢ

Ҳамчунон чашми зи гардиш монда
Ахтарон хомӯшанд.
З-ин муаммои шигифт
Қуллаҳо бо сари сангину гарон хомӯшанд.
Лобалои ҳама ин сабру сукут
Пушта хомӯш,
Чашма хомӯш,
Такя бар хилвати пурсоя зада,
Х о м у ш ӣ хомӯш аст.
Мекашад воҳима аз домани ман,
Ки садоям зи садо афтода,
Ки навоям зи наво карда фирор.
Гар муҳаббат ба салое нарасад,
Аз чӣ макр асту хиёнат хомӯш?
Гар вафо пеши вафо лол бувад,
Бевафоӣ накунад аз чӣ хурӯш?
Хомушӣ ҳамдами марг аст.
Марг ҳам ҳамнафаси хомӯшист.
Ташнагӣ аз чӣ фиғоне накашад?
Рӯшанӣ аз чӣ нагирад зи гиребони зулом?
Гушнагӣ гушнагии хеш фурӯ бурдаву лек
Мефиристад суи серӣ чӣ хамӯшона салом!
Боли парвоз ба мурғони ҳарам
Сухане хеҷ нагӯяд зи наҷибии баландои фазо.
Дасти шеъре назанад ҳалқа ба дарвозаи кас,
Ки «Дар ин олами нокас чу касат омадаам,
Ҳон, бикушо!»
Шаш ҷиҳат хомӯш аст...
Нолаи дарди маро мешунавӣ?!

* * *

«Ман»-е дорам, ки дар дунё нагунҷад,
Бимурдам сад раҳу дар «мо» нагунҷад.
Дилам бо растаи савдогарон нест,
Саре дорам, ки дар савдо нагунҷад.

Маро ин шавкати поиннишинӣ
Ба вусъатхонаи «боло» нагунҷад.
Ба кӣ гӯям ғами танҳои худро,
Ки он дар вожаи «танҳо» нагунҷад.
Сурудамро бидеҳ хоки Хуросон,
Ки он дар Фалғару Масчо нагунҷад.
Муҳаббат дар сириштам бо ту гул кард,
Ниҳон дораш, ки дар пайдо нагунҷад.
Бикун шукри кӯҳе, ки дар ту гунҷид,
Вагарна дар ҳама саҳро нагунҷад.
Худовандо, худовандо, худое,
Чаро инсофи мо дар мо нагунҷад?
Биё, гирям ба ҳамроҳи ту имрӯз,
Ки дардам дар дили фардо нагунҷад.

* * *

Ту намебиниву аммо бо ту ҳастам рӯ ба рӯ,
Ту намедониву умре бо ту дорам гуфтугӯ.
Ҷон ба ҷону тан ба тан бо ту мураккаб гаштаам,
Ман туро мечӯяму худро намоям ҷустуҷӯ.
Чун сабӯе, к-аз шароби ноб бошад лаб ба лаб,
Ман пурам аз мастии нозу адоят тӯ ба тӯ.
Ғунчаи ҳарфи маро бе ту шукуфтан нест, нест,
Накҳати мӯи ту пинҳон аст инҷо мӯ ба мӯ.
Гуфтаам то хобҳои ошиқиамро ба об,
Метапад дарёи поки ормонам ҷӯ ба ҷӯ.
Ман ҳамон бодам, ки мебӯяд гиребони туро,
Ман ҳамон роҳам, ки бо ту мехиромат кӯ ба кӯ.
Чашми шабгунат, ки гӯяд дарси бехобӣ маро,
Додаам дар шири субҳ ин шеъри худро шустушӯ.

## ДАР СӮГИ ДӮСТ

Баҳорон омаду гул армуғон шуд,
Зи лола домани кӯҳ арғувон шуд,
Зи дида ҳар чӣ пинҳон буд, аён шуд,
Валекин гавҳари якдонаи ман

Фурӯ афтод дар хоку ниҳон шуд.
Қабои мотамам шуд сабзазорон,
Фиғонам шуд навои обшорон,
Саропо рехтам чун ашки борон,
Худоё, раҳмате кун, ки ба чашмам
Такорӯ ин замину осмон шуд.
Бигуфтам зинда бошад гавҳари ман
Канори баҳри гавҳарпарвари ман,
Ки бо ӯ гул кунад бахти сари ман.
Чӣ додам ман? Чӣ бурдам ман? Чӣ кардам?
Ки ин сонам фалак номеҳрубон шуд?
Куҷо шуд боли парвозам, куҷо шуд?
Талошу азму эъҷозам куҷо шуд?
Садоям нест, овозам куҷо шуд?
Қади чун тири ман рӯзи ҷудоӣ
Зи бори ғуссаву ҳасрат камон шуд.
Ниҳоли гулбасар монду сафар кард,
Замини пурсамар монду сафар кард,
Маро доғи ҷигар монду сафар кард,
Забони ман нахоҳад гуфт ҳаргиз,
Ки рафт аз байни мову бенишон шуд.
Аз ин пас чархи аълояш макон бод,
Раҳаш пурнуру рӯҳаш ҷовидон бод,
Баҳори орзуяш бехазон бод,
Дуои мо, ки хамболи малакхост,
Ба сӯйи гунбади мину равон шуд.

## БО ХУД

Шаб агар торику зулмонист, равшан бош,
Осмон маҳзуну боронист, равшан бош.
Эй дили саҳроии ман – соддаройи ман,
Шаҳри ман эъҷози шайтонист, равшан бош.
Ҳар чӣ бигзашт, озмуни қисмати мо буд,
Гиря бар тобути Сомонист? Равшан бош!
Хуни тоҷикии ман нолад, ки «Дар зеҳнам
На Бадахшӣ, на Зарафшонист, равшан бош!»

Бо сухан гуфтам, ки чунӣ? Сабз гашту гуфт:
«Кишти мо тақлиди деҳқонист, равшан бош!»
Мурғи шеърам дар фазо пар мезаду мехонд:
«Саъди Салмон то ки зиндонист, равшан бош!»
Хоки ман, то дард дандонист, нолиш кун,
Ҷони ман, то сӯзи ту ҷонист, равшан бош!

## ШЕЪРЕ ОЗОД ДАР РӮЗИ ОЗОДӢ

Тоҷикистон!
Ман надонам солу моҳи зодрӯзи ту кадом аст.
Лек медонам, ки доим будаӣ,
Лек медонам, ки доим дар паноҳи чарх хоҳӣ монд.
Дар Авасто хондаам ҳарфи Алифбои умеди зиндаатро,
Субҳи бинои туро ман дидаам дар чашмҳои
хираи пири хуросонӣ,
Парчами ту парфишон аст
аз дами боди ливои ковиёнӣ.
Оре, оре,
Ман зи соли ту намегӯям,
Баски ҳамсолӣ ба сӯзи синаи ман,
Баски ҳамрозӣ ба гармии лаби ошиқ,
Баски ҳамумрӣ ба субҳи хандаи тифлони гаҳвора,
Лек дар дунё зи кулли зодану эъҷозу эҳёҳо
Зодане набвад, чунон тавлиди озодӣ,
Мӯъҷизе набвад, чунон уммеди озодӣ,
Рӯзи Озодӣ муборак, Тоҷикистон!
Шеъри озоди маро, бигзор,
То шавад хоки раҳи озодии ту,
Меҳри озодӣ маро, бигзор,
То бичинад хорҳоро аз раҳи озодии ту.
Нек медонам, ки имрӯз
Рӯҳи ту чун пури Сино меравад манзил ба манзил,
Нек медонам, ки ҳиҷрон менависад дар дили ту
байтҳои дардпарварди Хуҷандиро,
Нек медонам, ки мисли тахтапушти қисмати Айнӣ
Тахтапушти ту зи чанголи адоват лолазор аст.

Лек аз лабҳои парсинбастаи ту мекунад парвоз
Яшти наврӯзии озодӣ,
Яшти озодӣ муборак, Тоҷикистон!
Ҷомаи ту аз ҳарири бомдодон аст,
Шом бо дастони зулмонӣ нагирад домани оҳориатро,
Ҳар қадар дар хоки ту коранд хори ғуссаву андӯҳ,
Боз ҳам саркӯби гулҳои табассумҳои тифлон аст.
Осмони ошиқат бикшода оғӯши муҳаббатро
Бахри парвози кабӯтарҳои шеъри осмонӣ.
Аз барои наъраҳои тир дар ин ҷо халое нест,
Балки дар мулки вафо ҷои ҷафое нест!
Бо фалахмони кудурат
Сӯи ҳам санге, ки андозем кӯрона,
Пеш аз мо мерасад бар рӯҳи сарсони ниёгон,
Пеш аз мо рӯҳи онҳо мешавад афгор.
Ман Нишони посдори давлати озодиатро,
Чун нишони бозуи Сӯҳроб,
Мон, ки бинмоям ба чашми хашмии Рустам,
То ки фирӯзӣ насиби зиндагӣ бод!
Мон, ки дасти беғубори байтҳоям
Гарди домони туро як лаҳза афшонад,
Мон, ки гармии лаби эҳсоси гарми ман
Ашки шодие, ки мешорад зи чашмони ҳазини ту, бибӯсад,
Мон, ки озодии ту бар шеъри озодам равон бахшад!
Рӯзи бемаргист имрӯз,
Ҷашни озодӣ муборак, Тоҷикистон!
Мотами дард аст имрӯз,
Давлати шодӣ муборак, Тоҷикистон!

* * *

Оҳ, ман урёнтарам, урёнтарам
аз обҳои тирамоҳон!
Ман парешонам, парешонтар зи
хоби хобҳои тирамоҳон!
Баргҳо парвози маҳзун мекунанд
аз боғи ёди ман,
Борҳо меъроҷи ворун мекунанд
аз шохаи нахли муроди ман

Эй мусофирмурғакон!
Хаслонаҳотонро баред аз дастбоди рӯзгори ман,
Бекулоҳӣ мегузорам баъд аз ин ман
бар сари боронии хеш
Нағмаҳотонро ба боди ёваи гардон супоред,
Пунбаҳо аз ғози мизон мениҳам ман баъд
аз ин бар гӯши бесомонии хеш.
Эй гули райҳон!
Ки дорӣ накҳати оғӯши ишқи навҷавониам,
Меравӣ дур аз барам, он сон ки аз ман орзуҳои ҷавонӣ
Мешавад дар тораҳои мӯи ман ҳар лаҳза пири пир
Зиндагонӣ...
зиндагонӣ...
зиндагонӣ...
Абрҳо гар дар баҳорон мекунад гавҳарфишонӣ,
Дар ғамистони хазон гиряд ба ғамҳои хазонрез.
Аз сухан лаб бастаам,
Аммо қалам чун устухони ман бинолад
Бар мани танҳои танҳои хазонрез.
Тирамоҳу тирамоҳу тирамоҳ аст,
Субҳи оҳу рӯзи оҳу шоми оҳ аст.
Шарм меояд зи номам,
То хазон дар мулки ҷонам подшоҳ аст.
Ҳайфи номат, Гулназар, сад ҳайфи номат,
Лолаҳои ту хазон шуд пушти бомат!

* * *

Эй соят гулобӣ чун сояи баҳорон,
Бар ташнагон фурӯ рез чун рӯҳи поки борон!
Дар шаҳри хастаҳолон лутфи ҷавонии туст
Монанди хандаи гул дар мавҷи шӯразорон.
Бо мӯи майдабофат аз кӯчаҳо гузар кун,
Пур кун хаёли моро аз шӯри обшорон.
Аз обрӯи ҳуснат зам кун ба қадри дилҳо,
Биншон чу дасти наврӯз дар синаҳо ғуборон.
Дур аз табассуми ту талх аст субҳу шомам,
Ширин бикун, худоро, ту сабри интизорон!

Бетобӣ армуғон бар аз ман ба чашми мастат,
Бо мижаат хабар кун аҳволи беқаророн.
Ишқам ба зону биншаст пеши ғурури абрӯт,
Бингар, чӣ сарнагун аст фарзанди сарбадорон!
Нозуктар аст ёдат аз нағмаҳои мурғон,
Ширинтар аст нозат аз хоби навбаҳорон.
Эй оташи муқаддас, афсурданам гуноҳ аст,
Бо ҷони ман даромез, доман фишон ба хорон!

* * *

Хуни мардон зи чӣ резед? Ватан хунсо шуд,
Тани ёрон зи чӣ сӯзед? Ватан танҳо шуд.
Дар сари хом чӣ савдопазӣ оростаед?
Ғофилон! Кай ба худ оед? Ватан савдо шуд.
Ману мое, ки миёни ману мо мегузарад,
Бигузоред, ки бечора Ватан бе мо шуд.
Ҷон диҳам мужда ба он лаҳза, ки ояд хабарам:
«Рустами ҷонбакафи нанги Ватан пайдо шуд!»
Чарх ҳамчашми мани хаста ба чандон бигрист,
Ки ҳама дашту биёбони Ватан дарё шуд.
Даҳан аз ваъдаи ҳалвои фиребат ширин,
Эй дили соддаи ман! Чашм кушо, фардо шуд!
Пунба аз гӯш шифтам, ки дар ин мулки сукут
Навбаҳор омаду ҷӯи дари ман гӯё шуд.

## ТАСВИР

Кӯҳи фарбеҳ,
кӯҳи танбал,
кӯҳи фартут
Навҷавон шуд, тоза шуд,
нозукмиён шуд:
Азварои хоби сангини чакоди моту ҳайрон
Бо латофат,
бо тароват,
бо назокат
Духтари шаб – «МАҲ» аён шуд.

## ТОҶИКИСТОН

Эй ғунча!
То шукуфтӣ, чинбод пар-парат кард,
Овораи маконҳо, сарсони ҳар дарат кард.
Эй ҷонамози пора!
Қисмат зи бадхисолӣ
Мӯҳтоҷи ноумеди дасти руфӯгарат кард.
Эй пуштаи биҳиштӣ!
Гардуни бемурувват
Помоли иштиҳои гову бузу харат кард.
Эй гӯши розу эҳсос!
Кӣ пунбаи ту бардошт?
Шӯру фиғони номус якборагӣ карат кард...

* * *

Кӯчаҳо кӯи туро меҷӯяд,
Обҳо ҷӯи туро меҷӯяд.
Накҳати ғунча гираҳ афтода,
Бодҳо мӯи туро меҷӯяд.
Дар диёре, ки ҳама бесӯист,
Ёди ман сӯи туро меҷӯяд.
Шеъри тақлидгари ман ба умед
Ҳусни дилҷӯи туро меҷӯяд.
Чашмаву хора ба хам сохтаанд,
Дили ман хӯи туро меҷӯяд.
Он амоне, ки зи имонам ҳаст,
Мусҳафи рӯи туро меҷӯяд.
Аз хуморам сари мӯе гила нест,
Бӯйҳо бӯи туро меҷӯяд.
Обила дарди азиз аст маро,
Пои ман кӯи туро меҷӯяд.

* * *

Эй дил,
Эй ошӯбгар,
Эй хонаобод!

Чун таҳаммул мекунӣ бори ду оламро
дар ин вайронаобод?
Ҷалд бархезу зи гулхан баҳри
худ пироҳане медӯз,
Варна базми мо нашуд аз шӯълаи
болу пари парвона обод.
Чанд бо худ гуфтану бо худ шунуфтан?
Метавон бо наърае ин шаҳрро омӯхт
расму одати девонаобод.
Сели андӯҳ банди паймонро гусасту
аз дилу аз дидаҳо бигзашт,
Баъд аз ин ободие набвад, ба ҷуз паймонаобод.
Меҳри фардо аз вуҷуди ман намехоҳад ҷудоӣ,
Зинда бошӣ,
Эй сароб!
Эй хоб!
Эй афсонаобод!
Баҳри таъмири дили ман як нигоҳи ошноӣ бас,
К-ин диёри пурғурури ман намегардад
зи лутфи роҳии бегона обод.
Эй, ки ҳастӣ ҳамнишини дарди ман,
хоҳам зи яздонат:
Кишт обод!
Хирман обод!
Дона обод!

* * *

Ҳаст халқе, ки агар нонаш нест,
Имони сазовораш ҳаст,
Дар тиҳигоҳи кафаш обилаҳост –
Донаи гавҳари шаҳвораш ҳаст.
Ӯ гадотабъу гадопаймон нест,
Агар аз гарди гадоӣ ба мижа бораш ҳаст.
Оҳ!
Ҳар субҳ бубинам сари роҳаш чу суол,
Лоҷавобии ҷаҳонам фиканад шарманда.
Оҳ!

Ман мехоҳам
Шабнамеро, ки бувад нобтар аз ашки Худо,
Тукмаи лутф кунам чоки гиребони варо,
Сад чаман баргу наво пираҳанаш дӯзам ман,
Сад саҳар ханда ба лабҳош биомӯзам ман.
Рӯи дасте, ки дароз асту сахо меҷӯяд,
Ман баландои Бадахшон ниҳаму
фарри бадахшониро,
Ман таманнои Зарафшон ниҳаму
рози зарафшониро,
Вусъати қудсии раштониро,
Рӯҳи н-олудаи хатлониро,
Ки дар ин хоки гирифтор харидораш ҳаст!
Эй Ватан!
Эй ғами хамвораи ман!
Он кадар дасти қазо канда гиребонат,
Он қадар боди бало карда парешонат,
Ки ту дар обилаи дасти гадо ғарқ шавӣ ноҳинҷор,
Ки тиҳигоҳи кафаш аз ту нагардад саршор!
Ҳаст халқе, ки агар нонаш нест,
Имони сазовораш ҳаст.
Қанди лолой агар ҳар нафасаш бахшоянд,
Фанди ширинии хобе, ки гарон аст, нахоҳад хӯрдан.
Ва ҳамон дасти дарозе, ки сахо меҷӯяд,
Шабу рӯз аст ба набзи тани бемори Ватан.
Оре, оре, дили бедораш ҳаст,
Бо ҳама кори Ватан кораш ҳаст.

* * *

Эй ишқ,
Эй даричаи бедори умри ман!
Оғӯшат аз тараннуми бедор пур бод,
Пиндорат аз сапедаи нуронӣ!
Танҳо туӣ, ки кардаӣ
меҳмони чашмам ахтаронро,
Танҳо туӣ, ки қолии гулрези Каҳкашонҳоро
Густурдаӣ дар остони орзӯи ман,

Танҳо туӣ, ки аз майи шаббӯи моҳтоб
Саршор кардаӣ сабӯи ман.
Гар ту наӣ,
Овози навбаҳории мурғон
Ёди маро – ин лонаи мушаввашро –
гум мекунад. Гар ту наӣ,
Рӯзу шаби мусофири ман
Роҳи дили маро – нн хонаи пуроташро –
гум мекунад.
А з тундбоди ҳодиса
В-аз дасти ноҷавонии тақдир
Ҳаргиз набинамат ба рӯи ташнагии ман баста,
Эй ишқ,
Эй даричаи бедор,
Эй чашмаи сабоҳии саршор!

* * *

Туро аз нози гулҳо офариданд,
Маро аз хори саҳро офариданд.
Бисӯзам то зи дурии хаёлат,
Маро танҳои танҳо офариданд.
Зи сӯзи ман ҷунуноби Зарафшон,
Зи хаҷри ту Бухоро офариданд.
Сухан то ошиқи рӯи ту бошад,
Туро зебои зебо офариданд.
Шикасти дил агар дар қисматам нест,
Чаро ин пасту боло офариданд?
Зи шӯру иштиёқам сабри соҳил,
Зи чашмони ту дарё офариданд.
Табассум офариданд аз лаби ту,
Зи ҷони ман таманно офариданд.
Ҷудоӣ хуш намеояд худоро,
Ману ту гуфтаву «мо» офариданд.
Ғами ту нагзарад, имрӯз агар рафт,
Дило! Ҳуш дор, фардо офариданд!

## ДАР СӮГИ МУҲИДДИН ОЛИМПУР

То булӯри хоби мургон нашканад, эй дӯст,
Ту кафан кардӣ садои тирро, бо хеш бурдӣ.
То саҳар – ин духтари рамхӯрдаи ваҳшӣ –
Дар фарози қуллаҳо машкуи симин афканад,
эй дӯст,
Ту ватан кардӣ фанои тирро, бо хеш бурдӣ.
Эй дилат шодобтар аз меҳрубонии баҳорон!
Эй нигоҳат поктар аз бӯсаҳои оби борон!
Эй хаёлат зиндатар аз ҷилваҳои
қудсии тирукамонҳо!
Қулфи гӯши ин ватан то во шавад
аз шевани «Эй дӯст!»
То халои синаҳо мамлӯ шавад
аз маъдани «Эй дӯст!»
Ту садои тирро бедор бурдӣ дар гили хеш,
Ту халои тирро саршор бурдӣ дар дили хеш.

* * *

Нешро дар нӯши ман коридаанд,
Ноларо дар гӯши ман коридаанд.
Гиряҳои вожаҳои зиндаро
Дар лаби хомӯши ман коридаанд.
Хиҷлати рӯзони фардои маро
Дар шабони дӯши ман коридаанд.
Ёди мушкилсабзи рӯятро ба саҳв
Дар кавири хуши ман коридаанд.
Орзуи васли ҳушёри туро
Дар дили мадҳуши ман коридаанд.
Арғувони қомататаро то саҳар
Дар шаби оғӯши ман коридаанд.
Дар дилам фарёд кун, фарёд кун!
Пунбаро дар гӯши ман коридаанд...

* * *

Медонам, медонам,
Ки дасти ҷодуе
Хандаро суздид
Ва дар зиндони «ГИРЯ» бандӣ кард.
Дар гулӯяш, ки аз он бурун мешуд
Субҳи шодӣ мисоли фаввора,
Тангнои занҷир аст.
Дар ду пояш, ки бехато буданд
Паямбарони хастанопазири масаррат,
Вазни ҷонкоҳи завлона-ст.
Чашмҳояш ғусса меборад
Ва лабонаш лаболаби дард аст.
Нест бо меҳри саҳар маҷоли шукуфоӣ
Ва боғро насими укдакушо мушовир нест.
Равзани хонаҳои хоболуд
Чун дили ман сияҳпӯш аст.
Медонам, медонам,
Ки ин тилисмро бубояд шикаст.
Медонам, медонам,
Ки ин девро бубояд кушт.
Куҷост Эраҷи паҳлавон, ки девонро
Ба дасти девбоди бало кунад таслим?
Куҷост он тилисмшикани ҷовидона ношикан?
Чанд дар ҳарири фасона мехобад?
Кӣ варо мекунад бедор?
Ҳой-ҳойи зори ханда меояд –
Хандаи маҳбус.
Ва дилам ба ҳоли зори ӯ
Беҳуда месӯзад...

* * *

Чашми ту сабри маро бурд ба бозору ба худ ноз харид,
Ҳама эҷоди маро дод ба боду ҳама эъҷоз харид.
Мӯи ту тоб заду панҷа ба осудагии ҷонам зад,
Дили ман об шуду хун шуду аз хандаи ту роз харид.

Дар сари мижжаи ту мастии хамхӯрда ба мастӣ мехуфт,
Ҳарфи ман коҳилии хеш ба савдо заду парвоз харид.
Ҳусни ҷодугари ту оташи сӯзони забонҳо мебаст,
Ишқи ман ҷон ба гарав монду зи лабҳои ту овоз харид.
Бо ту биншастану дарди дили ошуфта кушодан ҳунар аст,
Эй ҳаёпираҳани ман! Зи куҷо ҳусни ту пардоз харид?!
Бигзарад умри ҷавонӣ зи бари мову дареғо, ки варо
Боздодан битавон аз кафу аммо натавон бозхарид.
Ҳама анҷоми ҷаҳонро ба раҳи ҷилваи ту хоҳам рехт,
Гар бидонам, ки умед аз нигаҳи гарми ту оғоз харид.

* * *

Пираҳан!
Вақти ту хуш бод, ки дар оғӯши ӯ мехобӣ!
Хоби ман!
Бод насиби ту ҳама васвасаи бехобӣ!
Номи ту мебараму ишқ зи ҷо мехезад,
Ёди ту мекунаму мерасадам атри гули варзобӣ.
Рӯи ту бинаму мӯ бинаму чашми мастат,
Лаби дарё ба хаёл ояду паҳнои шаби маҳтобӣ.
Дили зардӯзи ман аз қарзи танат фориғ нест,
Ту саропо ҳама нағзиву сухан пираҳани партобӣ!
Қисмат он қадр маро гирди дарат гардонда,
Метавон хонд дигар номи маро «Гирдобӣ!»
Аз такопӯи муҳаббат раҳи кӯрам биност,
Дили ман!
Кош туро дарёбам!
Бахти ман!
Кош маро дарёбӣ!
Ман на онам, ки зи ҷонбозии дил суду зиёне ҷӯям,
Дона пошидаам, эй дӯст.
Хоҳ лалмӣ шаваду хоҳ обӣ!

* * *

Нақши поятро таваллo мекунам,
Нақди васлатро таманно мекунам.
Эй насими субҳи наврӯзӣ, биё,
Дар хумори синаат ҷо мекунам.

Мастии садсолаамро медиҳам,
Чашми мастатро тамошо мекунам,
Бо хамӯшии лабат гап мезанам,
Дардро пеши ту гӯё мекунам.
Орзуро хостгорат кардаам,
То ҷавоб ояд, шикебо мекунам.
Ҳаҷрро расвои олам дидаам,
Васлро машҳури дунё мекунам.
Ҳарфи сӯзонро чи сон дорам паноҳ?
«Ошиқам ман!» – гуфта ғавғо мекунам.
Чун Зарафшон метапам, ҷон меканам,
Санги хороро Бухоро мекунам.
Ишқи ту охир ба ҷое мебарад,
Хешро гум карда, пайдо мекунам!

* * *

Ин даст, ки чун шохаи тар аз тани ман рӯида,
Аз баҳри навозиш асту оғӯш аст.
Ин чашм, ки мисли чашма меҷӯшад,
Боист, ки ташнагии андоми туро
Бо обаки рӯшанаш фурӯ шӯяд.
Ин лаб, ки чу барги тирамаҳ афсурда,
Бояд, ки шукуфо шавад аз номи баҳорият.
Эй марги ҳазор ҳаҷру дурӣ!
В-эй умри ҳазор васлу дидор!
Нақши тиҳии пои туро дар дили озурдаи ман
Кас пур накунад, ба ҷуз ҳузури нуронии ту.
Дарвозаи зангхӯрдаи хотири шайдои маро
Кас во кунад, ба ҷуз нигоҳи яздонии ту.
Ман Мӯсии водиҳои ҷонкоҳам...
Ман Юсуфи ташнамурдаи чоҳам...

* * *

Хунномаҳои ин замини пири хастаро
Бар доғчашми лолаи саҳро супурдаем.
Фахре, ки фақртар бувад аз гуруснагӣ,
То боргоҳи исмати Рустам набурдаем.

Бо дидае, ки сурати дунёш сират аст,
Сифре, ки дар ниҳоди ману ту нишастааст,
Хуршеди беғубори ду дунё шумурдаем.
Моро ба гарди оташи дӯзах намехаранд.
Он бас, ки зери гардун номурда мурдаем.
Дар кишваре, ки равзани кошонаҳояш
Оромгоҳи рӯшани симурғи хуршед аст,
Аз сардии нафаси бародар фусурдаем.
Ҳам сина пора гаштаву ҳам сина чок-чок,
Эй Модари Ватан!
Оё ба номи кудсии ту мо чӣ кардаем?
Хунномаҳои ҳасрати садсолаатро
Бар бодҳои ҳарзаи насён супурдаем.

* * *

Мурдагонро накушед,
Ёд кунед,
Рӯҳи пазмон ба дуо шод кунед,
Манзили охират обод кунед.
Нанг бар рафта задан бенангист,
Санг бар шиша задан дилсангист,
Теша бар реша задан беҳангист,
Мурдагонро накушед.
Сар агар ҳаст, сарафроз шавед.
Дил агар ҳаст, ба парвоз шавед,
Ҷон агар ҳаст, ҷаҳонсоз шавед,
Мурдагонро накушед.
Пешпо хӯрдани мо аз ману мост,
Зинда афсурдани мо аз ману мост,
Ғусса парвардани мо аз ману мост,
Мурдагонро накушед.
Маҳ наояд агар аз равзани мо,
Каҳ нахезад агар аз хирмани мо,
Душмане нест ба ҷуз гардани мо,
Мурдагонро накушед.
Рафтагон гарчи ҳама бе сухананд,
Дар дили хоки ватан бо Ватананд,

Дар ғами беғамии мову мананд,
Мурдагонро накушед.
То даме рӯи замин манзили мост,
Олами зери замин дар дили мост,
Кам магиред, ки он ҳосили мост,
Мурдагонро накушед!

* * *

Дар ин тангии сангистон, ки файзи
осмон санг аст,
Нафас тангу ҳавас танг аст,
дил тангу қафас танг аст.
Битобам дасти қисматро, ки эъҷозаш хатокорист,
Ки аз фарҳанги «дилҷӯӣ» ба комам
вожаи «ҷанг» аст.
Зи меҳнат панҷаи ман менамояд хӯшаи ангур,
Вале киште, ки беҳосил бувад ин ҷо,
ҳамон нанг аст.
Савори ман бурун н-ояд зи ғавғои ғубори раҳ,
Чӣ гӯям, Рахшу Шабдези замингир
ин замон ланг аст.
Чунон бигсаста аз ҳам тори заррини вафодорӣ,
Ки оҳанге намехезад зи тори дил, чӣ оҳанг аст?!
Сазад, то осмон гиряд ба фарри хокмоли ман,
Диёри ман мазори ғуссабори ҳангу фарҳанг аст.
Ба сахтӣ мезанад дам мисраи бечораам, дардо,
Нафас тангу ҳавас танг аст,
Дил тангу қафас танг аст!

* * *

Мегурезад сияҳӣ аз хами мӯи сияҳам,
Дасти кофур куҷост?
Обрӯ мешиканад раъшаи фасли дигарам,
Оби ангур куҷост?
Хӯша баста ба кафи пои мурод обилаам,
Манзили дур куҷост?
Пешпо мехӯрад ин дида зи камбинии ман,
Муждаи нур куҷост?

Аз ғубори нафаси хамнафасӣ ҷон ба лабам,
Сӯҳбати ҳур куҷост?
Шӯри пешонии ман аз намаки бенамакист,
Шаафу шӯр куҷост?
Мурғи шавқам нанишинад ба сари шохи баланд,
Дори Мансур куҷост?
Ёди фардо бирабудам зи хаёли имрӯз,
Оҳ, манзур куҷост?!
Дар фазои нигаҳам боз ҳаво боронист,
Ашки танбур куҷост?
Ба Сулаймон набарад ғуссаи ман рӯи ниёз,
Хонаи мӯр куҷост?

## РУҶӮЕ ДАР ПОЯИ МУҶАССАМАИ ФИРДАВСӢ ДАР ДУШАНБЕ

*(Чанд дубайтӣ)*

Дило, ёрӣ зи Фирдавсӣ биёмӯз,
Фидокорӣ зи Фирдавсӣ биёмӯз.
Зи майдон Рустамаш берун наояд,
Ватандорӣ зи Фирдавсӣ биёмӯз.

Зи базми Ҷам маро паймонае ку?
Аз он ибратсаро афсонае ку?
Чу Фирдавсӣ агар маснаднишинанд,
Зи шоҳон номаи шоҳонае ку?

Хазон бигрехт аз кӯи Душанбе,
Шукуфт аз хуррамӣ рӯи Душанбе.
Пайи бедорӣ он пири саҳархез
Зи Тӯс омад ба паҳлӯи Душанбе.

Паямбар омад аз сӯи Хуросон,
Бубин дар рӯи ӯ рӯи Хуросон.
Ғӯбори доманаш бо мижжа бардор,
Ки ҷонро медиҳад бӯи Хуросон.

Зиҳӣ, пири сухан! Азми сафар кард,
Зи кӯҳу дашту саҳроҳо гузар кард.
Шикаста сарҳади дури ҷудоӣ,
Раҳи васли маро наздиктар кард.

Ало, эй раҳнамои ҷовидонам,
Кушо аз меҳрубонӣ достонам.
Агар аз ҳафт пуштам огаҳӣ нест,
Ба ғафлат мезанад ҳафт осмонам.

Диёрамро ғами дерина то чанд?
Фиғону нолаи Таҳмина то чанд?
Чаро меҳри падар бегонахӯй аст?
Ҳавои душманӣ дар сина то чанд?

Шунидам Рӯдакӣ бо сӯзу афсӯс
Шабе мегуфт бо фарзонаи Тӯс:
«Дареғ аз ман, ки чашми меҳр кӯр аст!
Дареғ аз ту, ки мурда нангу номус!»

Сиёвушо, ки меҳрат тангёб аст,
Саропои ҷаҳон Афросиёб аст.
Мапиндорӣ, ки чашми кина имрӯз
Ба хоб асту ба хоб асту ба хоб аст!

Дақиқӣ чун саҳар гарчи ҷавон мурд,
Шаби насён дили гармаш наафсурд.
Гирифт аз дасти ӯ пири сухангӯ,
Ба сӯи боргоҳи ҷовидон бурд.

Хушо моро раҳу раҳбони дигар,
Шукӯҳи дигару даврони дигар.
Канори кӯҳи тоҷикон сар афрохт
Тановар кӯҳи ҷовидони дигар.

Намонд аз достони шоҳ Маҳмуд
Ба ҷуз ҷони гарони шоҳ Маҳмуд.
Наёбад манзили пири суханро
Ҳанӯзам корвони шоҳ Маҳмуд.

* * *

Шаҳри камзарфи маро ғайрати ғунҷоиш нест,
Ба худо, ҳусни ту дар оғӯши ман гунҷаду бас.
Ин саҳар мисли баҳор
Ту ба як пираҳан аз хона бурун омадаӣ,
Мӯ ба мӯ тобу табу нозу адову мастӣ,
Эй яқини дилам, афсона бурун омадаӣ.
Мон, ки шогирди шукуфоии лабҳои
ту бошад суханам,
Мон, ки хусни тари ту сабз кунад
ҳавсалаи хушки маро.
Панҷ рӯзе, ки дар ин марҳала фурсат дорам,
Гули наврӯзии ман рӯи дилафрӯзи ту бод,
Давлати бе ғами ман ишқи ғамомӯзи ту бод!
Тавбаро тавба диҳам,
То набошад дигарам роҳзани роҳи ҷавоннат,
Ғайбати пиру ҷавонро зи ҳама маъракаи
шаҳр бурун андозам,
То насозад бадарам аз дари тиллоии
даргоҳи ҷавониат.
Мон, ки ҳамзоди ту бод
Шодии оби равону таби барги гулу озодии бод,
Мон, ки ҳамумри ту бод
Ҳулбаву атри шаробиаш,
Шабнаму хоби гулобиаш,
Мон, ки ҳамсоли ту бод
Ин чанорони дусадсолаву андӯҳи хазон
В-ин тани хастаи мову хаваси умри ҷавон.
Ин саҳар мисли баҳор
Ту ба як пираҳан аз хона бурун омадаӣ,
Чашми бад дур, ки ҷонона бурун омадаӣ!

* * *

Фарёди раҳгузорон моем, ту куҷоӣ?
Бедории диёрон моем, ту куҷоӣ?
То нолае барояд аз тангнои кӯҳсор,
Ғавғои рӯдборон моем, ту куҷоӣ?
Аз нахли қомати мо рӯида чӯбаи дор,
Авлоди сарбадорон моем, ту куҷоӣ?
Чун мурғакони кӯчӣ пушти гуле нарафтем,
Бо хор ҳамканорон моем, ту куҷоӣ?
Боғи ҷаҳон наёбад ҳулбӯи кӯи моро,
Шодоби таъми торон моем, ту куҷоӣ?
Помоли кини нокас моро наметавон дид,
Меъроҷи сабзазорон моем, ту куҷоӣ?
Дарду ғаме, ки дорӣ, фармудаи хаёл аст,
Дар ҷамъи дилфигорон моем, ту куҷоӣ?
Эй он ки мезанӣ лоф аз хешу мардуми хеш,
Бо кулфати ҳазорон моем, ту куҷоӣ?
Дар маҳфили садоқат паймона дар кафи кист?
Паймони дӯстдорон моем, ту куҷоӣ?
Ҳаргиз наметавон баст чашм аз сафои дафтар,
Субҳи умедворон моем, ту куҷоӣ?

## ЁДИ АЗИЗИ УСТОД ҚУТБӢ КИРОМ

Марги марге, ки ба дунболи ту омад!
Нанги дузде, ки пайи моли ту омад!
Оҳ аз он авҷи саҳаргоҳии парвоз!
Вой аз он санг, ки бар боли ту омад!
Базмҳо роҳи тарабгоҳи ту гум кард,
Дардҳо пурсиши аҳволи ту омад.
Чӣ хазоне ба гули боғи ту печид?
Чи хироҷе ба маҳу соли ту омад?
Нола бурдам ба саропардаи Ҳофиз,
Ки «дареғо!» ҳама бар фоли ту омад.
Зулмат оё ба дили ҳарфи ту биншаст?
Ғафлат оё ба сари ҳоли ту омад?
На, ки аз ёлаи бемаргии ҷонҳо
Шиҳаи аспи заринёли ту омад!

* * *

Эй арча!
Эй, ки ҷомаи ту ҷовидонагист,
Оби ҳаёт зинда ба рагҳои сабзи туст.
Поизи ман расидаву чашми умеди ман
Дарюзакори хастаи дунёи сабзи туст.
Донам, ки бевафост вафое, ки умр кард,
Донам, ки ин қабои фасона кашиданист,
Ман чун кунам, ки шабнами фардои барги гул
Чун пор ҳам шамиданиву ҳам чашиданист.
Ман ғам хӯрам, ки шамъи ёди зиндаи падар
Бе шӯълаҳои оҳи ман афсурда гаштанист,
Он сабзаҳо, ки медамад аз хоки модарам,
Бе ашки ҳасратам ҳама пажмурда гаштанист.
Афсӯс аз он кунам, ки дили ошиқам ҳанӯз
Аз боргоҳи хотири дерин наомада,
Сад Бесутун ба хоки сияҳ тӯ ба тӯ нишаст,
Фарҳоди ман зи қиссаи Ширин наомада!
Гирам, ки лаб фурӯ кашаму бесадо шавам,
Оё касе ба ном Ватанро садо кунад?
Гирам, ки нақди орият аз каф раҳо кунам,
Оё касе зи ғусса Ватанро раҳо кунад?
Ман доғҳои лолаи аз хун дамидаро
Аз пуштаҳои ғамзада бар дил кашондаам,
Мавҷи ғубори фитнаи аз сафҳа рустаро
Бо ашкҳои хомаи мижгон нишондаам.
Хоҳам, ки ханда бо лаби ёр оштӣ кунад,
Хоҳам, ки субҳ бо рухи ёр ошно шавад,
Он Карбало, ки дар Ватани ман муқаррар аст,
Рахти сафар бубандаду дар Карбало шавад!
Фардо, ки гул ба пурсиши ҳар даст мерасад,
Фардо, ки «дӯст» мечакад аз барги ҳар забон,
Хоҳам, к-аз оби чашмаи Варзоб нӯш кунам,
То ғуссаи хазон барадам аз дили хазон.
Эй арча!
Эй, ки ҷомаи ту ҷовидонагист,
Оби ҳаёт зинда ба рагҳои сабзи туст.

Поизи ман расида...
Вале чашми умри ман
Дарюзакори хастаи дунёи сабзи туст.

* * *

Ҷодугаре, ки номи зишташро надонам,
Аз боми шаҳри беситора
Чида ситораҳои танҳоро.
Ман низ зулматам
Дар нақби беканораи зулмат.
Ман низ зулматам
Бе шӯълае, ки дар нигаҳам нест,
Бе ёди рӯшане, ки чароғи раҳам нест,
Бе дарди ин шаби сия, ки дар фарози
ӯ маҳам нест.
Танҳостам, танҳо
Бе сояе, ки бо ман асту ҳамраҳам нест.
Ман раҳгузори кӯраму ин кӯчаҳои кӯр,
Роҳи сиёҳ раҳнамоям нест,
Боди сиёҳ муттакоям нест.
Тирезаҳо, ки хандаи бедард мезананд,
Нури сиёҳ бар сари ман боранд.
Хамёзаҳои меъдаи серу нидои «Нӯш!»
Борони ях ба пайкари ман боранд.
Ҷои тарона аз лаби ман мечакад зулмат,
Рӯҳи умед мегурезад аз саропоям –
Танҳостам, танҳо.
Эй дӯст, эй, ки аз ғами танҳоӣ огаҳӣ,
Он шамъи хирасӯз, ки дар худ нуҳуфтаӣ,
Бар қасди тундбоди шаби бемурувват
Ту рӯи раҳ гузор.
Танҳостам, танҳо
Дар тангнои беканора,
Дар шаҳри беситора...

* * *

Садоям кун, ки қуфли гӯшҳоям во шавад имрӯз,
Зи шавқи рӯи ту ҳар зарраам бино шавад имрӯз.
Чамона бигзарад дил аз раҳи нармои овозат,
Даромезад ба сад дунёву худ дунё шавад имрӯз.
Наҷӯяд дурӣ аз дарёи чашмат тифли ёди ман,
Худоро, лутф фармо, ғарқаи дарё шавад имрӯз.
Табассум кун, ки моро ваъдаи фасли баҳорон аст,
Надорам тоқати фардо, бимон, фардо шавад имрӯз!
Зи дуриҳо танини пои ту меояду хоҳам
Ҳама кӯҳи баланди байни мо саҳро шавад имрӯз.
Даруни синаам умри ҷавонӣ мезанад фарёд:
«Илоҳӣ, пойтахти ишқи ман ин ҷо шавад имрӯз!»
Чу кафтар сар диҳам номи туро дар осмони шаҳр,
Ки сарҳо аз шукӯҳи авҷи ту боло шавад имрӯз.
Нафасҳои ману ту медамад дастобагардан боз,
Ба сармо гӯ, ки бархезад зи ҷо, гармо шавад имрӯз!
Чудоиро ба дори мӯи ту хоҳам кашид, эй ёр,
Ки дунёи ҳавасҳо мӯ ба мӯ аз мо шавад имрӯз.

* * *

Фасли борон, фасли борон аст,
Гиряҳо бар сабзаи хушкидаи уммеди ёрон аст.
Пора гашта ҷомаи маҳтобии маҳтоб,
Ин ки мебинӣ, вазиши нарми нуре нест –
мавҷи шӯразорон аст.
Мӯи субҳ аз интизори бардамидан шуд сафед, эй вой!
Офтоби мо асири шоми пушти кӯҳсорон аст.
Фасли борон, фасли борон аст,
Чак-чаки ҳузни ман аз сақфи баҳорон аст.
Дар гулӯям нолаҳои беҷавоби обшорон аст,
Дар лабам лабташнагии ҷовидони хушксорон аст,
Дар дилам андӯҳи меросии доғи лолазорон аст.
Фасли борон, фасли борон аст,
Даъвати покӣ ба кӯи беғуборон аст,
Муждаи сабзиш ба хоки беқаророн аст,
Бонги бедорӣ ба гӯши равзани гӯшинтизорон аст.

Фасли борон, фасли борон аст,
Резиши беҳосили нармо ба фарқи сангзорон аст.
Навбаҳорон мерасад бо вусъати умри шукуфояш,
Вале афсӯс,
Синаи тангам мазори ғунчаҳои бебаҳорон аст,
Фасли борон,
Фасли борон аст...

* * *

Дар боғи ғунудаи зимистонӣ
Бо Зоғ бигуфтам аз ғами ҷонӣ:
«– Эй Борбади фаромуши сонӣ!
Андеша макун зи ҳурмати гулҳо,
Шарманда машав зи рӯҳи булбулҳо,
Қар-қар куну беғамона нолиш кун,
Ду гӯши кари маро навозиш кун.
Бегонаи мурғакони аслам ман,
Вомондаи кӯчаҳои васлам ман!»

* * *

Яздон гувоҳ аст:
Зиндонии иҷбориам
Дар пушти панҷараи «нон» –
Дар мазҳаби ниёи ман
Бо мушт пора кардани ин панҷара
ГУНОҲ аст!

* * *

Ин саҳар дар шохаҳо
овози мурғони саҳар ях бастааст,
Хандаҳои зарҳалии офтоб
Дар лабаш бишкастааст.
Ман ҳасудам, ман ҳасуд:
Дар куҷое гулпаракҳо бори бӯстонҳо ба дӯш
Мепаранд аз ғунчаҳо бар ғунчаҳо;
Дар куҷое
Сабзаҳоро мекунад гарқи арақ андешаи
гармои васли субҳгоҳон;

Дар кучҷое
Зеҳни софи чашмаҳо холист аз
ҳарфи «зимистон».
Ман ҳасудам, ман ҳасуд,
Ин саҳар
Хонаам дар гармии беҳосили ман мешавад пинҳон,
Ин саҳар
Тирезаҳои ман фаромуш кардаанд
Боз гаштанро ба сӯи рӯшноӣ.
Эй нафас! К-аз гармсери сина меоӣ пушаймон,
Ту гусастӣ? Ё рамидӣ? Дар кучҷоӣ?!
Дар билоде, ки замину осмонашро
ҳавои меҳрубонӣ нест,
Илтиҷо дорам Худоро, к-аз забони ман
Дур н-андозад даме номи баҳории туро, эй дӯст,
Ях бандад то лабони ман!

* * *

Аз деҳситони дури болодаст
Дар кӯза «субҳ» оварадам духтари рустоӣ.
Вақте ки шаҳр маҳви торикист,
Вақте ки хоб дар сари мижгонҳо
болонишин аст,
Вақте ки бонги оҳарии бомдоди нав
Бар гӯши кас намерасад –
Фарёд мезанад:
– Шир омад!
– Шир омад!
З-айвони нимхоб ҷавобаш диҳам ба шукр:
– Субҳ омад!
– Субҳ омад!
Ӯ ханда мезанад,
Саҳар оғоз мешавад,
Тирезаҳои бастаи мо боз мешавад.
Эй духтари сабоҳии рустоӣ!
То хашр кӯзаи ту пур аз субҳи рӯшан бод!
Ин шаҳр варна суннати бедориро
Сармасти хоб мебарад аз ёд.

* * *

Кишвари Яъқубии моро насими пираҳан оред,
Нури ҳасратдидаи чашми Ватанро бар Ватан оред.
Ғайри тифли ғам наосояд дар ин гаҳвораи гирён,
Бевамарди дардҳоро дардҳои бевазан оред.
Доғҳо гул мекунад дар гармсери синаҳо ҳар дам,
Аз даман бигрехт лола, лолаҳоро бар даман оред.
Вожаи «ёрӣ» намеёрад, ки ояд бар лаби ёрон,
Ҷуръати шабафкани субҳи суханро бар сухан оред.
Чодари паҳновари кӯрӣ зи барқи хашми ман сӯзад,
Гунбази гӯши гаронро тундари фарёди ман оред.
Дилгазонам ман зи Ҳурмуздони duздони шарафмандӣ,
Аҳриман ку?
        Аҳриман ку?
                Аҳриман ку?
                        Аҳриман оред!
Чашмаҳо аз ташнагӣ мурданд,
                                дарё метавон ҷустан,
Рӯхи кӯҳ афсурду яксон гашт.
Инак, Кӯҳкан оред!
Марг мерӯяд аз нн хоке, ки бӯи зиндагӣ дорад,
Ҷон ба лаб омад зи умри гӯркан, хорошикан оред!
Эй ба яғморафтаҳо!
Аз рафтаҳо имони ман ҷӯед!
Эй ба ғоратбурдаҳо!
Аз бурдаҳо бар ман Ватан оред!

* * *

Эй бар ниҳоли қомати ту
Бори малоҳати ҳаждаҳсола!
Ин кӯчаҳои сарди пурхиҷронро
Саршор кун аз ҷавонии саршор,
Гулзор кун аз ҷавонаи дидор!
Қире, ки хоки зиндаро кушта,
Саркӯби пои сабзазорон бод.
Соруҷ, к-ошнои ранге нест,
Хиҷлатзадаи шукуфаборон бод!

Хоҳам, ки чашми кӯри равзанҳоро
Шавқи тамошои ту бикшояд.
Хоҳам зи лаб ба лаб кунад гардиш
Номи азизи ту табассумвор.
Ин дам ки ҳарфи ман нафасгир аст,
Покиза кун ҳавои пиндорамро
Ту бо нафасбаҳори нотакрор.
Имрӯз даруни синаи тангам
Ҷанги ҷаҳонии ману дард аст,
Имрӯз ҷои ту дар ман мешавад озод,
Имрӯз ҷони ман аз ту мешавад саршор!
Эй бар ниҳоли комати ту
Бори малоҳати ҳаждаҳсола!
Ин умр чӣ умр асту ин сол чӣ сол аст?
Ҳайрони ту асрҳои пурэъҷоз,
Мафтуни солҳои пурасрор!
Аз пирии хеш шарм медорад
Пеши ту чархи пири безинҳор.

* * *

Рашкам ояд,
Ки чаро шеъри ҷавонни саропои туро
Зеҳни беҳавсалаи ойина азбар кард,
Тарии ҳусни баҳоронаи ту
Хушкии синаи ин шӯразаминро тар кард.
Ба худо, номи маро
Гар чу барги гули тар бифшоранд,
Қатра-қатра бичакад номи ту монанди гулоб.
Ба худо,
Гар ҳама мижгони маро хома кунанд,
Ғайри нози ту нахоҳанд навишт
То рӯзи ҳисоб.
Чӣ кунам?
Сайри садоро бирабояд аз ман
Сурмаи хомуши чашмони сухангӯят.
Чӣ кунам, к-ин дили иззатталабам

Тахти шоҳона нахоҳад
Ҷуз сари зонуят.
Рашкам ояд, ки чӣ гӯяд гули
қолӣ ба кафи поят.
Рашкам ояд ба ҳавое, ки зи атри
тани ту огоҳ аст.
Раҳмам ояд ба ҳиҷоби нигаҳи оҷизи хеш,
Ки ҳама пеши баландии ғурури
қади ту кӯтоҳ аст.
Чӣ қадар мехоҳам,
Бо ҷавонии ту раҳзан бошам,
То занам кофилаи пирии худро аз роҳ,
Чӣ қадар мехоҳам,
Субҳи рӯи ту маро дур барад
аз дари пӯшидаи «бегоҳ».
Чӣ қадар мехоҳам,
Ки ҳамин хоҳиши рӯшан
Равзани рӯшани кошонаи ман бошад,
Балки афсонаи афсонаи ман бошад!

* * *

Ҳимматн дилро дар он майхонаи
чашмат насанҷидан гуноҳ аст,
Чун хуморӣ ҳарфи майгуни лабонатро
нанӯшидан гуноҳ аст.
Маъзарат мехоҳам аз мардони навпардоз –
Печутоби кокулатро дида дар савдо
напечидан гуноҳ аст,
Ё раҳи торики зулфатро ба нури меҳрубони
панҷаҳои худ напӯидан гуноҳ аст.
Сабзаи ман аз дили хокам намехезад, вале, эй вой,
Дар замини меҳри ту сад раҳ нарӯидан гуноҳ аст.
Ман ба гӯши обшорон
Хутбаи лабташнагӣ хонам, ки «Ҳон! Бархез!
Атри шодобии мӯяшро нанӯшидан гуноҳ аст!»
Ман чӣ гӯям ғайрати чашми хурофотии худро?

Ояти қудсии абрӯи баландатро
Дидану нодидану нодидану дидан гуноҳ аст.
Дасти гулдӯзи баҳорон бастаи сардии айём аст,
Эй рӯҳи урён!
Рахти гулбафти табассумҳои ҷононро
напӯшидан гуноҳ аст.
Умрҳо дар хеш парвардам тароватҳои нозатро,
Эй ҳиҷову ҳарфи олӣ!
Байтҳое инчунин баҳри ту бахшидан гуноҳ аст...

## ДАР ТАСАЛЛИЯТИ МАРЯМИ ИСО

Тифлаки сесоларо куштанд –
Чашмаи сесола номашро фаромуш кард,
Ахтари сесола дар тоқи баланди осмон пажмурд.
Офтобу моҳи ҳамсолаш,
ки бо вай аз пайи ҳам медавиданд,
Ҳамраҳаш дар хок афсурданд.
Кӯчаҳо овораи гавғои онҳо,
Бодҳо гирёни ҳую ҳои онҳо,
Дар раҳу пайроҳаҳои шаҳри ман
холист ҷои пои онҳо,
Вой онҳо!
Тифлаки сесоларо куштанд –
Омуи сесола хушкид.
Даштҳои ташна!
Сесад сол акнун роҳи ӯ бояст поид.
Ғунчаҳои мурда!
Сесад умр бояд дар ғамаш бигрист.
Рӯдакии хаста!
Сесад аср бояд парниёни реги Омуро
ба чанги хори ҳасрат дид!
Тифлаки сесоларо куштанд.
Шарм н-омад теғро аз покии сесолаи яздон,
Аз нумӯи нутфаи сесолаи номус,
Аз тулӯи равшани сесолаи имон.

Тифлаки сесоларо куштанд.
Ҷилваи рангинкамони давлати сесолаи ман мурд,
Шавқати сесолаи ман мурд,
Балки –
Миллати сесолаи ман мурд.
Ҳасрату андӯҳи ман се қарни дигар
зинда хоҳад монд,
Марги ман се умри дигар субҳу шомам
зор хоҳад кушт,
Тифлаки сесоларо куштанд...

* * *

Як замон домони чоки куртаҳои тифлиамро
бо рубоӣ васла мезад модари ман,
Оламе, к-ӯ зиндагӣ мекард дар кошонаи
афсонахези пайкари ман,
Ҳамчунон марде, ки биншинад иҷора,
рӯзу шаб медод
Сиккаи хуршеду маҳтобам кироя.
Як замон
Духтари таркокули борон маро бар
ҳиҷлаи озодагӣ мехонд,
Чилчароги пуршукӯҳи лаҳзагии баркро
шодона дар медод,
Бӯса мебахшид,
Гиря меомӯхт.
Як замон
Сабзаи навруста аз баҳри гуноҳи
пойҳоям мебаромад,
Ҷуз наво дигар намебардоштам аз
лонаҳои ҷозиби мурғон.
Об мебурдам ба ҳар ҷӯю суруди ошноӣ ёд медодам,
Роҳ мебурдам ба ҳар кӯю тариқи
раҳкушой ёд медодам.
Як замон ҳамсояҳо ҳамсоя буданд,
Мегирифт аз дасти боди боғи мо
беди таги девори ҳамсоя.

Духтарони кӯчаи мо кӯчи ҳусни хешро бар
хонаҳои дигарон нобурда буданд,
Ормонҳои биҳиштии маро бо худ барои
дигарон нобурда буданд.
Як замон оташ зи рӯҳи оташинам меҳаросид,
Сад баҳорон,
Ё ҳазорон сабза дур афтода буд аз ман хазони ман.
Оҳи ман кай ибтидо ёфт?
Роҳи ман кай интиҳо шуд?
Як замон домони чоки куртаҳои тифлиамро
бо рубоӣ васла мезад модари ман,
Як рубоӣ мондаам акнун,
Як рубоӣ мондаам маҳзун.

* * *

Дурӯғро бигӯ, ки ранг чист?
Зи ғусса шоири Аҷам
Кушод рози дил, ки «ғам агар
чу дуди бешарор будӣ,
Ҷаҳон нишаста дар қабои шоми тор будӣ».
Дурӯғ ғам, ки нест
Ва ғам, ки дар ниҳеби он дурӯғ нест,
Дурӯғро бигӯ, ки ранг чист?
Чи гуна аз сипеҳри бардурӯғ
Ситора сӯи мову ту шарора мезанад?
Чӣ сон зи пушти ҳашмати фиреби куллаҳо
Бурун шавад ҳақиқате – чу офтоб?
Гиёҳро чӣ сабки рӯиш аст,
Ки аз замини шакку шубҳа медамад?
Бигӯ, бигӯ, ки зери ҳимахоки сарди фанд
Чи гуна ахгари яқин нафас кашад?
Ва нағмаҳои бардурӯғи ҷуфти ташнаи висол
Чи гуна кабкро ба зиллати қафас кашад?
Дурӯғро чӣ ҷодуест,
Ки гушна рӯи суфра мениҳад варо?
Ва ташна мисли об мехӯрад варо?

Ва чоҳталаб чу курсии баланд
Ба зери пой мениҳад варо?
(Аҷаб, ки сарнагун намешавад!)
Дурӯғро чӣ ҳикматест,
Ки мову ту зи пардаи ҳаё бурун
Ба рӯи бардурӯғи худ назар кунем,
Зи кӯи пурфиреби ҳам гузар кунем,
Зи покии сиришти худ ҳазар кунем?
Дурӯғро бигӯ, ки ранг чист?
Худои ҷилваҳош кист?

* * *

На танҳо ман гадойӣ мекунам худро дар ин манзил,
Гадоӣ мекунад ин ҷо
Насими камнамо наҷвои баргони дарахтонро,
Суруди субҳхези мурғакон шоми ғарибӣ гӯши насёнро,
Ҳавои дудии армон шуши бебоки ҳиҷронро.
Ба гардун ахтарон чашми тамошоянд
Ва аз дарюзаи барқи нигоҳи ман намекебанд.
Саҳар занбӯракони шӯълаи хуршед
Гадои растаи атторӣ саршохаи себанд.
Чу борон аз диёри қудсии худ мешавад нозил,
Биёяд бар дари ман ҳамчунон соил,
Ғубори шишаи ёди маро аз ман биталбад,
Қабои қалби ношоди маро аз ман биталбад.
Мусича гӯшаи айвони моро мекунад обод,
Гадоӣ мекунад вайронаи ишқи маро аз ман,
Шиносо мекунад бегонаи ишқи маро бо ман,
Ҳама афсонаи ишқи маро бо ман.
Дар ин манзил
Гадоӣ мекунад оби равон шодобии дури биёбонро,
Садои пои ошиқ хилвати сабзи хиёбонро,
Хаёли бӯсаҳои ваъдагӣ лабҳои сӯзонро,
Сухан гармии тобистонаи асрори пинҳонро,
Аташ оташгаҳи ҷонро...
На танҳо ман гадоӣ мекунам худро дар ин манзил.

* * *

Танҳогули бегубор бикшояд
Дар гулшани дури обии танҳой.
Саршор шавад хаёли боғи ғамгин
Аз хандаи моҳтобии танҳой.
Сад чӯҷаи танҳой биосояд
Дар лонаи мурғакони танҳой.
Дар гардани бод ноладу нолад
Зангӯлачаҳои зори танҳой.
Ҷӯбори ғариби хаста бинвисад
Як мисраи обдори танҳой.
Чун дида паи пои касон гардад кӯр
Аз хору хасу ғубори танҳой.
Аз ҳошияи шаҳри хамуш меояд
Ҳак-ҳакзании мурғи ҳақи танҳой.
...Зиндони булӯрии шаби маҳтобӣ!
Танг аст барои ғами танҳоии ман
Ин вараќи танҳой!

**БОЗОР**

Ту бозорӣ,
Пур аз ҷӯшу талошу шӯру ошӯбӣ,
Пур аз ғавғову савдову ману мой.
Ту худро мефурӯшӣ, мехарӣ
бо зориву бо зӯриву бо зар,
Ту худро бо ситора мекашӣ дар як тарозу
Ва ҳам бо хокрӯби тиму раста мезанӣ паҳлу.
Ту саршори фиребу ребу найрангӣ,
Ту беномусу бенангӣ,
Ки пеши пайса имони ту ночиз аст,
Ба рагҳои ту хуни тунди яғмоии Чингиз аст,
Ба чашмат тангчашмиҳои Темур аст,
Ба дастат достони ноҷавониҳои Маҳмуд аст.
Ту бозорӣ,
Ки ноҳинҷории як сикка дар рӯи кафи хушки гадо
бо туст,

Тиҳигоҳи умеди ҷайбҳои мубтало бо туст,
Ғуруri даври ишкамҳои беғам дар нигоҳи туст,
Сурури бурди беинсофии нафси палидон
дар паноҳи туст.
Фазоят обилабороhи дасту пои ёрони замин аст,
Ҳавоят атргардони арақҳои ҷабин аст,
Валекин
Нишотат ошнои заҳмати обастани заррини
гандум нест
Ва эҳсон, ҳеҷ ҷое, чун ба паҳнои ту саргум нест.
Ту бо боли магасҳо мекунӣ парвоз,
Ту бо лаҳни магасҳо медиҳӣ овоз.
Дар оғӯши ту соҳибишкамон соҳибдилонро
чун наҳорӣ мехӯранд имрӯзу ҳар рӯзон,
Ба теғи лоф ҷома бар тани инсофу
имон медаранд имрӯзу ҳар рӯзон.
Ту бозорӣ,
Надорӣ қимати пояндае дар хеш,
Наандӯзӣ ба умре арзиши арзандае дар хеш,
Ту боло меравию меравӣ поин,
Ту беоиниву бедин,
Ту бединиву беоин.
Ту бозорӣ,
Намоиш деҳ ҷави гандумнамоятро,
Миси даъвогари қурби тилоятро,
Расои норасоятро,
Баҳои бебаҳоятро!
Худоро шукр меорам,
Ки аз шаб то саҳаргоҳон
Дару дарвозаатро метавон бастан!
Ту бозорӣ...

* * *

Ай худо, бодам кун,
То ки дар накҳати зулфош шиновар бошам!
Ҳар гаҳе аз раҳи мо мегузарад,
Бо баландои саропош баробар

Обшорони малоҳат гузарад,
Резаборони тароват гузарад.
Хонаҳо кӯй ба кӯ метозанд,
Шохаҳо сӯй ба сӯ меёзанд,
Роҳҳо аз паси ӯ мегарданд,
То садои малакии қадамашро шунаванд.
Мон, ки дар олами пурченаку пурандоза
Бо ҳамин шарфаи поҳош баробар бошам!
Ҳарфҳое, ки нигоҳи панаҳаш бо ман гуфт,
Ташнагии сухан омӯхт маро,
Тоати мижжаи бедораш,
Ба дари чашми шарарбораш,
Саҷда бар оташи поки Ватан омӯхт маро,
Ман алорағми ҳасудон чӣ тавонгар бошам!
Дар парешонии нн шаҳри парешон,
                    ки ҳама дар ба даранд,
Ҷӯи беруни дари ӯст хаёлам,
Беди маҷнуни дари ӯст хаёлам,
Дил муқимист маро,
Гарчи худ мурғи паровар бошам.
Ай худо, бодам кун,
То ки дар накҳати зулфош шиновар бошам!

* * *

Эй шаҳр,
Эй маро зи раги гардан ошнотар!
Дар кӯчаҳои ту
Номи шаҳидон мекунад иқомат,
Дар тоқҳои пурсукути хонаҳои ту
Гулҳои печ-печаки афғон шукуфтаанд.
Ман чун кунам, ки дар нигаҳи сури духтарҳоят
Пинҳон шуда баҳори рамида?
Ман чун кунам, ки бод наорад зи кӯҳу пуштаи Варзоб
Атри дубайтиҳои мардумро?
Эй бо шикеб ҳамраҳу ҳамкеш будан!
Эй бо худу бе хеш будан!

Дарде, ки оҳи хомуши ту мекунад тафсир,
Дар зеҳни сад Ғиёсу ба пиндори сад луғат
Гунҷиданӣ нест.
Дунёи бениёз
Мӯҳтоҷи ишк аст.
Хоҳам, ки мӯҳраи гулӯи духтаронатро
Чашмони ошиқам чу тасбеҳ
Гардонаду гардонад,
Хоҳам, ки дар шабони пурмаҳтоб
Дар сояи ғунудаи деворҳоят
Корам гули табассуми хайрӣ.
Хоҳам
Ва
Донам, ки чун фармони ман расад,
Такфин зи нур мекунӣ маро!
Дар ишқ гӯр мекунӣ маро!

* * *

Чу сар монам ба болини пару қу, мекунам парвоз,
Ки бе ту як нафас сабру карорам нест.
Биёбонам, ки борам нест ҷуз гармои тобистон,
Гуле, ки мешукуфад, дар лаби ман,
номи зарди «ташнагӣ» дорад.
Намози ман – ба кӯи абрҳои хушки безурёт,
Дуои ман – ба ёди обҳои дури беэҳсон.
Ду дастатро чу шохобе, ки шодоб аст,
даври гарданам овез,
Ки дар ин гармсери беканора ҷуз сафои
пайкари ту обшорам нест.
Ғурури куллаҳоро номи лоиқ метавон бахшид,
Сукути сангҳоро ҳарфи шево метавон омӯхт,
Таконро метавон чун тифл дар маҳди
замин хобонд,
Ба шарми лоларангии шафақҳо чашми
ошиқ метавон бикшод,
Агар гӯӣ, ки «ғайри ту ба олам ҳеҷ ёрам нест!»

Дилам хоҳад, ки ҳуснатро бикорам дар
баҳори хастаи нн хок,
Дилам хоҳад, ки бӯятро бипӯшонам
ба субҳи соддаи урён,
Қадамҳои туро рӯи раҳе, ки интизорӣ
бор меорад, нишонам,
Нафасҳои туро дар тангнои ғуссаҳои
хеш гардонам,
Чу дарё бар худу бар урфи дунё доман афшонам,
Ки дар умри парешонӣ ба ҷуз ту ёдгорам нест.
Зи модар, чун бизодам, Гулназар будам,
Ки дар ангора хорам нест.
Агар ғамҳот бо ман меҳрубонӣ мекунад, бодо!
Ки бе ту шодие гар ҳаст, ҳаргиз ғамгусорам нест,
Худо нозир, ки бе ту як нафас сабру
қарорам нест!

* * *

Кӯчаҳо масдуданд,
Хуни ман дар тани ман ҷорӣ нест,
Муждаи бӯса зи лабҳом набикшояд пар,
Шавқи дидор шукуфо нашавад дар чашмам,
Оғӯши ман ҳама пур аз ҳаваси холигист
Ва
Хонаам танҳоист.
Сабзаро мӯй ва ё мӯяи борон
(Ҳамчу Юсуф зи чаҳи хиҷрон)
Андак-андак зи дили хок кашонад берун,
Ин ҳанӯз
Авфи баҳорон нест.
Нағмаи нилуфарии мурғон
Бизанад панҷа ба шохи дағали наъраи тир,
Ин ҳанӯз
Авфи баҳорон нест.
Кӯчаҳо!
Эй раги афсурдаи ман!
Хуни ман дар тани ман ҷорӣ нест,

Авфи қудсии баҳорон нарасидаст ҳанӯз
Ба паногоҳи гуноҳи дили ман.
Аз чӣ масдудед?
Оҳ!
Аз чӣ масдудед?
Хомушӣ гар тиллост,
Нест ганҷуре дигар дар олам
Мисли нн кишвару ман.
Тоҷи тоҷик, ки афсонаи зебост,
Шояд аз ин тиллост?!
Вақти пайванд аст,
То зи саршохи аҷал зиндагӣ ояд ба самар.
То хазонро ба баҳори дигаре пайвандем.
Кӯчаҳо масдуд аст,
Авфи қудсии баҳорон нарасидаст ҳанӯз,
Ба паногоҳи гуноҳи дили ман.

* * *

Ман дар ин чорсӯи доду ситад
Гар ба каф н-оварам боде,
Ғам нахоҳам хӯрд –
Оқибат раҳгумӣ тавонам ёфт.
Эй, ки аз кӯза барнахоҳӣ дод
Рӯғанам бе кажии ангуштон,
Ин ҳунар маро н-омӯз,
К-аз кажӣ каждумӣ тавонам ёфт.
Ман зи ҷаҳли сиёҳи ин мардум
Мардуми дидаро панаҳ дорам,
Баски дар хонаи ғарибИ чашмонам –
Дар баҳои сиришки ғуссаву андӯҳ –
Гавҳари мардумӣ тавонам ёфт.
Эй рафиқ!
Аз дари муҳаббатам магзар,
Нони гандум агарки камчин аст,
Сухани гандумӣ тавонам ёфт!

* * *

Мавҷи укёнуси гардун пурғубор аст,
Рӯдҳо бо рӯҳи чиркин дар гурезанд,
Чашмаҳо софии худро мефурӯшанд,
Мон, ки аз Баҳри Сиёҳи чашмҳоят бишканам
man ташнагии беканорамро.
Аз азон барвақттар мехезам аз хоб,
Ранги субҳи оҳариро бар тани деворҳои
шаҳр мемолам,
Чанги торикиву ваҳшатро зи рӯи кӯчаву
паскӯча мерӯбам,
Хори бедоди шаби лоқайдро аз раста мечинам,
То нисори пои ташрифат кунам гулбаргҳои
интизорамро.
Ҳайф, ҳайф аст,
Гар баҳори хандаҳоят дар хазони шаҳри
ман пажмурда гардад,
Ҳайф, ҳайф аст,
Гар ҷавонии ту дар пирии армонҳои шаҳр
афсурда гардад,
Домани покат ба гарди нн замини пургунаҳ
олуда гардад,
Варна ман баҳри гадоӣ мефиристам ифтихорамро!
Пештар з-он ки дари беиффати худро
кушояд раставу бозор,
Пештар з-он ки гарониҳои номусу шараф
савдо шавад арзон,
Пештар з-он ки шавӣ пур аз разолат,
чун сурохии булӯр аз оби лойолуд,
Сарпаноҳи беғуборат кун ту байти беғуборамро!
Дар аташзоре, ки оташхории рӯҳам намекоҳад,
Аз зулоли чашмҳоят бишканам ман
ташнагии беканорамро.

* * *

Саломат мефиристам,
Эй, ки бо ёди ту дилро шод медорам!
Ба уммеде, ки боре ормонгоҳи ту хоҳад буд,
Дар нн маъвои тӯфонхез мулки синаро
обод медорам.
Ту медониву медонам,
Ки бо ту ҳар чӣ мегӯям, хасу хор аст,
Валекин ёдгори навбаҳори ҷодуи пор аст.
Раҳе, к-ӯ аз нафасҳои ту меболиду сар мекӯфт
бар хоки дарам, мурда,
Даре, к-ӯ пештар аз ман ба рӯят мекушод оғӯш,
афсурда,
Ҳавое, к-аз шамими кокулат чун ғунча во
мегашт, пажмурда,
Надорам чорае, аз ёли Рахши зиндаёди
«ЁД» медорам.
Ту медониву медонам,
Ки бадгӯе якамро сад ҳазорон гуфтаву гӯяд,
Дили шӯридаамро иқтибоси шӯразорон
гуфтаву гӯяд,
Агар дар гурда сангам ҳаст,
Саропо сангзорам гуфтаву гӯяд,
Канори гулбуни меҳри ту хорам гуфтаву гӯяд.
Бубахшо, эй хаёли номуҳоли ман,
Гар аз фарти парешонбозии тақдир
Гули қоқуи дардамро ба роҳи бод медорам!
Бадахшоне, ки дар лаъли ту ҳастам,
дар Бадахшон нест,
Зарафшоне, ки дар мӯи ту ҳастам,
дар Зарафшон нест.
Ватанҷое, ки пайдо кардаам дар хонаи чашмат,
Қасам бар покии номи худо: дар Тоҷикистон нест!
Агарчанде ки дунёношиносам ман,
Зи домони тари дунёи бебунёд медорам!
Саломат мефиристам,
Эй, ки бо ёди ту дилро шод медорам.

# МАНУ ВОЛИДАЙН

## I

Падарам зиндагӣ дорад дар қобе арзон.
Ӯ ҳамеша бо мост.
Ва
Бо мо нест.
Абри мӯҳои сафедаш зи фазои нигаҳам
чун гузарад,
Хонаам пур шавад аз бӯи гули себи самарқандӣ,
Ки ҷавонии умеди ӯ биншонда дар пуштаи
болоии мо
Ва ҷавпазак аст.
Аз хамӯшии лабаш меояд
Қум-қуми қумрии бехоб, ки дошт
Лона дар шохи баланди тути балхимон
Ва тулӯи таби хуршеди саҳаргоҳонро
Бо ман қисмат мекард;
Бо ҳамон кулчаи гарме, ки танӯри
хандонлаби момоям
Бахши ман медод,
Наҳорӣ мекард.
Падарам зиндагӣ дорад дар қобе арзон...
Ӯ маро мегуфт:
«Ахтарон лаззати олу доранд,
Чиданашон коре нест».
Ва маро шоме фиристод ба порӯяи деҳ,
Пайи бузғолаи раҳгумзадаи ҳамсоя
Ва гуфт:
«Ту сурудеро ба хамраҳ гир,
К-аз суруди ту торикӣ бигрезад».
Падарам зиндагӣ дорад дар қоби армонии
шеъри ман.

## II

Дастаи гаҳвораи ман
Шуд асои дасти пири модари бечораи ман.

Хаста гаштанд обилаҳо дар кафи пояш,
Интизорӣ мурд дар миодгоҳи чашми бенураш,
Хомӯши хомӯш монд аз ҳайбати лабҳои хомӯшаш –
Модари ман рафт бар водии хомӯшон,
Дастаи гаҳвораи ман ходаи гӯр аст.
Дастаи гаҳвораи ман
Дар ангораи ман
Менависад рӯзу шабҳо аллаҳои модарамро,
Аз шафақҳои алам пур мекунад субҳи
хамӯши дафтарамро...

* * *

Хоҳам аз ҷон лаҳзаеро,
К-одамон гӯянд:
– Оре, оре, ҷанг боқист
Байни пои тифлакону тӯби футбол.
Хоҳам аз ҷон лаҳзаеро,
К-одамон гӯянд:
– Оре, оре, сулҳ ҷорист
Байни ҷанги хоҳиши занбӯру ширинии нози гул.
Хоҳам аз ҷон лаҳзаеро,
К-одамон гӯянд:
– Оре, оре, зиндагӣ зиндони армон нест,
Оре, оре, зиндагӣ армони зиндон нест!
Тирамаҳ фасли парвозҳост:
Мурғи парбастаи баргҳо
Мепарад аз сари сардии шохаҳо
Тарфи болини гарми замин беист.

* * *

Тирамаҳ фасли парвозҳост:
Ҷазби иқлими дури мусоид
Мебарад нағмаҳои парастуро
Рӯи болу пари ҷодуяш.
Тирамаҳ фасли парвозҳост:
Ёди ман мепарад сӯи оғӯши наврӯзии ту...
Ту куҷоӣ?

* * *

Ману ту низ боронем, к-аз ҳар зарраи мо
метаровад бетанаффус
Садои аллаи зангӯлаи гаҳвораи қудсӣ.
Ба рагҳои ману ту покии беинтиҳо ҷорист,
Зи лабҳои ману ту покии номи Худо ҷорист.
Рисолат буда бар мо, чун ба боронҳо,
Ки чирк аз рӯҳи чиркини замин шӯем,
Ки гард аз боли мижгони замон рӯбем.
Чӣ тақдире!
Чунон ки оби борон мешавад хира
Ва бо чанги замин оҳиста пинҳон
мешавад дар хушкии коми замин, мо низ
Қабои поки худро меканем аз тан,
Ғубори зиндагиро чун ридо бар дӯш мегирем
Ва дар нфлосии ин раҳгузор ифлос мемирем.
Дареғ аз мову боронҳо,
Дареғ аз покии уммеду армонҳо!

* * *

Чӣ ҷои лоф?
Дар ин вайронаи вайронатар аз ҳиммати
мову ту, ганҷе нест
Ва он море, ки роҳат мекунад дар пуштаҳои ту,
на ганҷур аст, балки посбони ҷаҳли дерин аст.
Талоши меҳрубони офтоби бедареғи мо
Зи мо ҷуз сояи мо хадраи сабзе нарӯёнда.
Агар кӯҳи баланде ҳаст, он рӯҳест,
Ки аз пастии хоки мо фирор оварда
бар даргоҳи яздонҳо –
Чӣ ҷои ҳамду таҳсин аст?
Сухан аз нанг чун Ҳаллоҷ худро мезанад бар дор,
Садоқат мекашад худро ба бозоре,
ки сарфи худфурӯшиҳост,
Мурувват дар сари роҳи замон дарюза мекорад,
Ҳақиқат резачини хони тазвири шаётин аст.
Дареғо!

Ошноӣ косалеси косаи ош аст,
Ки табъи бенамак маҳруми рози Хоҷамӯъмин аст.
Вафоро сангборон мекунад санги ҳаводис,
Ҳавои хотири мо сахт мискин аст.
Агар ин киштаро эъҷози зодан ҳаст,
Ҳамон гулхори афсӯс аст,
на гулбарги таскин аст.
Биё, тӯфони лабҳоро чу туф бар сурати
зиллат биандозем,
Забони тиру пайконро
Ба афсуни забони Рӯдакӣ яксар забун созем.
Чаро ин хонаи чашми ману ту хобгоҳи
хоби сангин аст?!
Мухаббатзори оғӯши ману ту ояи сабзиш
ба лаб дорад,
Ба имонаш амон бахшем.
Хиёбони хаёли мо насими меҳрубонӣ дар
бағал дорад,
Ба ҷавлонаш ҷаҳон бахшем,
Ба дастархони холии шарофат қурси нон бахшем.
Ба номи поки яздонҳо,
Ки ҷои нозиши номуси мо ин аст!

* * *

Дилам хун шуд зи озори сиёсат,
Зи гуфтору зи кирдори сиёсат.
Наёбӣ фарди озоде дар ин мулк,
Ҳама маҳву гирифтори сиёсат.
Зи бекорӣ даҳан макшо, гуноҳ аст,
Ки мо бандем дар кори сиёсат.
Шавад ҳар рӯз пайдо сад навоҳӣ –
Хуҷанду Рашту Фархори сиёсат.
Нарӯяд аз замини файзи деҳқон
Ба ҷуз зарпечаку хори сиёсат.
Ниҳоли боғи мо ҳосил расонад
Муруду олуву нори сиёсат.
Пайи ободии бому дараш кист?

Кифоя бому девори сиёсат!
Шубонӣ мекунад дар кӯҳу пушта
Ба моли мо зиёнкори сиёсат.
Хабар орад хурӯси бомдодон
Фақат аз субҳи бедори сиёсат.
Саҳар гавҷӯши пир аз меҳрубонӣ
Биҷӯшад шири пиндори сиёсат.
Ҳама анборҳо холист, холӣ,
Вале пур бошад анбори сиёсат.
Хари Исо напӯяд роҳи мақсуд,
Агар бораш бувад бори сиёсат.
Ҷаҳон бишкаст сад бору бино шуд,
Вале нашкаст бозори сиёсат.
Худоро, аз шифокоре хабар кун,
Раҳонад ҷони бемори сиёсат.
Бубояд пар кашад чун зоғи бадмур
Аз ин манзил шаби тори сиёсат.
Сиёсатбозро, эй кош, эй кош,
Бубинам бар сари дори сиёсат!

* * *

Ҳусни ту ба андозаи таровати баҳорон аст,
Ғуссаи фироқи дилам ба андозаи
гиряҳои найсон аст.
Ай худо!
Ин баҳорро ҷовидона бикун,
Варна дарди зиндадори ман намепояд!

* * *

Соғар биёр,
Ман соқиам!
Аз лолазорон мондаам –
Аз ҷомдорон боқиам.
Гулғунчаҳо пар-пар шуданд,
Аммо хазон шармандааст
Аз шавқати гултоқиам.

Бом аз ду чашмам медамад,
Шом аз нигоҳам мерамад,
Ман мурғи боми шаҳр не,
Ман шойри қишлоқиам!

* * *

Ман ин навори роҳи беохирро
Ҳамчун таноби дор
Бар гардани ғурури ҷудоӣ тавонам фиканд.
Ман маргро чу Шераку сарбози мақдунӣ
Аз кӯчаи ҳаёт тавонам кашидан
Сӯи кавири нестӣ,
«Ғами нон агар бигзорад»![1]
Он шаб, ки нафси рӯшаниҳори тӯфон
Балъад шарорахои бадеъи фалакро,
Парвонаҳои маҳфили дури худоёнро
Дар дидаҳои ошиқам эҳё тавонам кард –
«Ғами нон агар бигзорад».
Бо чеҳраҳои тира тулӯи офтобро
Гармошно тавонам кард.
Ман дар кафи хушидаи дарюзагар
Тухми сахо тавонам кошт,
Ман дар лабони хастаи ғамбемор
Ҳарфи табассум метавонам бинҳод –
«Ғами нон агар бигзорад».
Валлоҳ, ки ман тавонам кушт
Дарду ғами кушандаи нонро –
«Ғами нон агар бигзорад!»

## ТАҚДИМ БА ОВОЗХОНИ ҲАМДИЛУ ҲАМЗАБОН

Саттор,
Эй ситораи рӯшан!
Ин осмони танги ахтаркуш
Шармандаи ту бод!

---

[1] Моли Аҳмади Шомлу аст.

Ҷоми булӯрии нигаҳи интизорон
Пур аз шароби ғуссабари хандаи ту бод!
Озармгоҳи гунаҳоятро
Африштаҳои лаҳзагӣ
Ололаҳои лаҳзагии бӯса киштаанд.
Бар бӯсаи муҳаббати дерини ман низ
Ҷое ба ҷо гузор,
Дилро ба меҳмонии шеъри тарам фирист,
Моро ба мо гузор,
То пурсамаш, ки, эй азиз!
Дар чашми шоди ту
Кӣ гиря мекунад?!

* * *

Эй диёри ҳамтабори офтоб,
Соярӯӣ чанд? Чанд?
Донаҳое дар гилат афсурдааст,
Бенумӯӣ чанд? Чанд?
Бо умеде, ки наафрӯзад раҳе,
Ҳарзапӯӣ чанд? Чанд?
Рӯди шарёни ту исён мекунад,
Нармхӯӣ чанд? Чанд?
Ҷомаҳои ошноӣ пора шуд,
Ғайрҷӯӣ чанд? Чанд?
Қомати ман хам зада аз бори гӯш,
Фазлагӯӣ чанд? Чанд?

* * *

Дар хонаи меҳри ман, ки душман нест,
Обастану зодан асту мурдан нест.
Бому дари ин нишеман аз нур аст,
Ҳоҷат ба сахои чашми равзан нест.
Он табли тиҳӣ, ки мезанӣ, данг аст,
Дар Шайдони ту шеъри Маъдан нест.
Як шаб нарасад зи Нахшабат моҳе,
Дар меҳани ту ғубори меҳан нест.
Аз сӯхтане, ки харза мелофӣ,

Дуд ҳаст, вале ғурури гулхан нест.
Дар рӯзи шумори нозишу арзиш,
Ному насаби ту ҳасту аз ман нест.
Хунсоии рӯҳи Бесутунам кушт,
Афсӯс, ки хуни марди Кӯҳкан нест!
Нармӣ набарад ба умқи мақсудам,
Дар кишвари пунба зӯъми оҳан нест.
Аз домани субҳ сафҳа мехоҳам,
Зеро ки масири вожа равшан нест.
Бегона бувад садои ман бар ман,
Гӯё ҳама ин фасона аз ман нест.

* * *

Вожаҳо имшаб зи вожунӣ раҳиданд,
Чун пару боли фаришта аз бару дӯшам дамиданд,
Аз чаҳи ғам то маҳи шодӣ фаро рафтам,
Аз дари сахти «ҷудоӣ» бар диёри «васлҳо» рафтам.
Панҷаҳои раъшадори тирамоҳам бар ҳарири
мӯи наврӯзӣ хазиданд,
Ёди ту имшаб ҷавонам кард.
Чашми ман то чашми дурат аз нигоҳи хастаам
пул баст,
Боди шабгарди ду дасти ман
ба субҳи гарданат печид,
Зарраҳои пайкарам чун заррабин ҳар зарраи
хоки туро медид,
Ҷазби лабҳоям гули шафтолуи лабҳотро мечид.
Аз Масеҳои дами ту зинда шуд обу гилам аз нав,
Оштӣ кард оташи хомӯши ишқат бо дилам аз нав.
То ҳинои нохунат тирезаамро нарм-нармак зад,
Роҳҷӯ шуд пои шавки коҳилам аз нав.
Боварам н-ояд ба ашки ташнаи мижгони шодобам,
Боварам н-ояд ба бебории рӯҳи киштбобам,
Боварам н-ояд ба ташвиши кусуфи офтобам,
Боварам н-ояд ба бедории хобам.

Кӯчаҳои моҳтобӣ мекунад дар ман саёҳат,
Шеъри ишқӣ мекунад дар хилвати ҷонам қиёмат,
Шарми гарми бӯса дорад бо сабуриям хиёнат,
Дар Душанбеи дилам дигар намеғунҷад сиёсат!
Ёди ту имшаб ҷавонам кард.

* * *

Бишканад мӯҳри хамӯшии дарамро,
Носабуриҳои муште.
Изтироби ман забони ман кушояд:
– Кистӣ?
Пардаи гӯши маро овози ваҳшие навозад:
– Ман ғамам! Бикшой дарро!
Посухаш гӯяд ғазаб аз чини абрӯям:
– Ту бирав з-ин ҷо! Харидорат наям ман!
Аз паси дар пофишории садояш
хонаи сабрам барандозад:
– Ғам махӯр! Ман ройгонам!
Бикшой дарро!

**БАРФ**

Рез-рез,
эй бо ману бо мо сафед,
Кун сиёҳии ману моро сафед!
Одамӣ з-он шавқ бар дунё расид,
То бубинад чеҳраи дунё сафед.
Бахти пирӣ бошад он айёми хуш,
Гар нишинад ранг бар сарҳо сафед.
Аз сафедӣ нест болотар маком,
Ҳаст з-ин рӯ шири модарҳо сафед.
Мижжаи мо ҷилвагоҳи поки туст.
Эй туро иқболи беҳамто сафед!

## ШИНОСНОМАИ НАВЕ, КИ МАРО ДОДАНД, РАҚАМИ ПАНҶОҲУНУҲ АСТ

Эй ид, биё, ки маҳзи идам зоданд,
Аз баҳри таронаву нашидам зоданд.
Ҳарчанд ки ман одами панҷоҳунуҳам,
Дар навбати аввали умедам зоданд!

## САДОИ ОШНОИ ДУР

Насим оҳиста мекӯбад хамӯшии сиёҳи
пушти равзанро,
Варо дар лаб паёми обдори оби Варзоб аст.
Бубахшо, эй парешонгарди шабовез,
Дар ин шабҳои офатбор ҳусне, ки маро вораста дорад,
ҳузни меҳолуди маҳтоб аст.
Ҳарири мижжаҳои шаҳри хаста бистари хоб аст,
Дилам бетоби бетоб аст!
Садое мерасад аз дур,
Ки зулмат мешавад аз ҷилвааш шабкӯр,
Ки пешопеш субҳаш медамад мағрур,
Магар ин пайки оламгири хуршеди ҷаҳонтоб аст?
Дирое корвони асрҳоро мекашад ором,
Ки бораш нест ҷуз бӯи хуши пироҳани Юсуф
Ва рӯшан мешавад ду дидаи уммедвори ман,
Ки ин обу гили хиҷронзада Канъони бехоб аст!
Фигоне мерасад аз дур,
Ки лоластони Тӯрон орзуҳои шафақгуни
Сиёвуш аст,
Ки дар рӯҳи Самангон тахти кулфатдидаи
Рустам сияҳпӯш аст,
Мапиндорӣ, ки доми ноҷавонии Шағод
аз нармии инсофи санҷоб аст.
Салое мерасад аз дур,
Ки «Эй Рустам!
Ғурури хешро чун парда аз роҳи назар афкан,

Наёми сабри худро посбони теғи кини ношикебо кун,
Ки он хасме, ки медонӣ,
Куҷо хасм аст?
Ва он дурре, ки хораш мекунӣ дар хоки майдон,
сахт ноёб аст,
Сӯҳроб аст! Сӯҳроб аст!»
Танине дар фазои дардманди шаҳр мепечад,
Гиреҳ бо дарди дерини дили ман мехӯрад ногаҳ.
Ало, эй шаҳри ҳасратҳо!
Саломе мерасад аз ошнои ғамшарики дур,
Чаро гӯши ту кар,
чашми ту дар хоб аст?!
Паёме мерасад аз дур,
Дилам бетоби бетоб аст...

* * *

Шонае магар дорад хотири парешонам?
Аз хазон вафо ҷӯяд ғунчаҳои афшонам.
Аз ҳунар намешармад даъвии хунар имрӯз,
Мекашад гиребонам тукмаи гиребонам.
Теғ мезанад бефарқ ҳар нигоҳи овора,
Мегурезад аз мардум дидаи пушаймонам.
Хоки ман ҳама хор аст, гарди ман хама дард аст,
Гӯӣ аз бади қисмат домани биёбонам.
Дасти ман бувад кӯтаҳ гирди суфраи нозам,
Ҳасрато, дар ин хона инфиоли меҳмонам.
Соявшани умрам кушт кишти ман осон,
Войи дарди хандонам! Ҳайфи ҷони гирёнам!
Чун ватан ба тан гирад рахти сабзи ободӣ,
Ту зи ман, ки вайронӣ, ман, ки аз ту вайронам?!
То раҳи дарозам ҳаст, то ғами фироқам ҳаст,
Дар ҳисори Туркистон нолаи Зарафшонам!
Эй замони нофармон, эй замини бесомон,
Ман зи Оли Сомонам, ман зи Оли Сомонам!
Дар ғиреви тӯфонҳо тахти меҳанам барҷост,
Хуни ман, ки тоҷик аст, тоҷи Тоҷикистонам!

* * *

Саҳрои хаёли ман Маҷнуни дигар дорад,
Афсонаи ин манзил афсуни дигар дорад.
Аз лола сухан то чанд? Сӯҳробкафан то чанд?
Ҳар гӯшаи шаҳри ман дилхуни дигар дорад.
Абри сияҳи чашмон обастани борон аст,
Байғулаи Туркистон Ҷайҳуни дигар дорад.
Он мурғ, ки дар гӯшам оҳанги шиносаш буд,
Зеру бами афғонаш мазмуни дигар дорад.
Бикшодану бастан чист? Пайвастану растан чист?
Дунёи вафои ман қонуни дигар дорад.
Бигзор, ки бо рӯят якрӯя шавад ҷонам,
Хуршеди сабоҳи ман гардуни дигар дорад.
Беҳуда дилам нолад ҳамроҳи Зарафшонаш,
Ин Туғрали ошуфта Зосуни[1] дигар дорад.

* * *

Дар обу гили хуфта бедор чӣ мехоҳад?
Бо наъраи мастона ҳушёр чӣ мехоҳад?
Дарди ману мулки ман дастобағаланд имрӯз,
Як дида намепурсад: бемор чӣ мехоҳад?
Яғмогари дигар нест ҷуз бовари хушбовар,
Бо домани густурда кӯҳсор чӣ мехоҳад?
Аз боғи хазони ман нолида гузар дорад,
Бо гӯши карам гӯед: ҷӯбор чӣ мехоҳад?
Андешаи коҳилро ангезаи нохун нест,
Бо ҳасрати ларзонаш ин тор чӣ мехоҳад?
Садпора шуда ҷонам бо хилъати садпора,
Помир чӣ мегӯяд? Фархор чӣ мехоҳад?
Номуси ҳаросон нест поси ману мо, зинҳор,
Сад рахна ба ҷо дорад, девор чӣ мехоҳад?
Дар зодгаҳи хуршед, к-аз нуру сафо мамлӯст,
Тимор чӣ меҷӯяд? Озор чӣ мехоҳад?
Дар кашмакаши тоҷик маълум нашуд моро,
К-аз ёр чӣ меояд? Ағёр чӣ мехоҳад?

---

[1] Зосун – зодгоҳи Туғрал аст.

Дар раҳгузари хотир ҷуз бори ғуборам нест,
Асрор чӣ меҷӯяд? Ашъор чӣ мехоҳад?
Аз муштарии дамсард гармии ҳавас бишкаст,
Дигар зи мани хаста бозор чӣ мехоҳад?
То обила дар по нест, парвои ду дунё нест,
Ҳон, обилаи дил, ҳон! Ин хор чӣ мехоҳад?!

* * *

Қади кӯҳи ғурур аз ғам хамида,
Замин бо рӯҳи гирён нам кашида,
Ниҳоли арғувон аз хун дамида,
Худоё, мағфират кун, мағфират кун.
Назар то бесамар афтода ин ҷо,
Хирад то бехабар афтода ин ҷо,
Муҳаббат кинавар афтода ин ҷо,
Худоё, мағфират кун, мағфират кун.
Ҷудоӣ ҷомаи домодии мост,
Қиёмат қомати озодии мост,
Харобӣ хутбаи ободии мост,
Худоё, мағфират кун, мағфират кун.
Сари бозор имони фурӯшист,
Ки баҳри луқма Қуръони фурӯшист,
Ба як паймона паймони фурӯшист,
Худоё, мағфират кун, мағфират кун.
Дар ин хоки саxо Ҳотам чаро нест?
Самангони маро Рустам чаро нест?
Дар ин одамсаро одам чаро нест?
Худоё, мағфират кун, мағфират кун.
Дарамро ҳалқаи бегонагӣ ҳаст,
Раҳамро рутбаи бехонагӣ ҳаст,
Каҳамро шуҳрати бедонагӣ ҳаст,
Худоё, мағфират кун, мағфират кун.
Ману боди гурезони гурезон,
Ману ёди парешони парешон,
Ману умри пушаймони пушаймон,
Худоё, мағфират кун, мағфират кун.

Раҳи кӯри маро бино шудан ҳаст?
Нами ҷӯи маро дарё шудан ҳаст?
Миси зоти маро тилло шудан ҳаст?
Худоё, мағфират кун, мағфират кун!

## ЭЙ!

Эй ғарқаи овоза, овоз нахоҳӣ шуд,
Эй болу пари хуфта, парвоз нахоҳӣ шуд.
Шероза ба домон кун, аз зарҳали тобон кун,
Эй ҷилваи безурёт, Шероз нахоҳӣ шуд.
Хокистари рӯҳатро ҷинбод наангезад,
Эҷод нахоҳӣ шуд, эъҷоз нахоҳӣ шуд.
Бо санг муҳаббат кун, бо сабза тиловат кун,
Эй мункири Муллоёр, Дарвоз нахоҳӣ шуд.
Эй коҳ, сари коре бо Коҳкашонат нест,
Эй ғусса, ба ин шодӣ анбоз нахоҳӣ шуд.
Барфи тари наврӯзӣ дар гулхани гулҳо чист?
Эй тантанаи фарҷом, оғоз нахоҳӣ шуд.
Эй куштаи овоза, овоз нахоҳӣ шуд,
Эй занг, чӣ табъӣ ту? Пардоз нахоҳӣ шуд!

* * *

Ҳаҷри ту давлат аст,
Аз васли ту чӣ ҷои суханҳост?!
Имшаб гилеми пурнами гардунро
Дасти Худо ба азм меафшорад.
Боридани ҳамораи онро ба дил магир,
Хуршед дар раҳ аст.
Он накҳате, ки дар пари парвонаи паёмҳо
Сӯи ту мефиристам, борон нахоҳад шуст.
Он шӯълае, ки қосиди парвардаи чашми ману туст,
Зулмат нахоҳад кушт.
Имшаб навои мурғакон
Дар лонаҳои бодии мартуб хуфтааст.
Имшаб нигоҳи хастаи анҷум
Дар пушти пардаи сияҳи абри мотамӣ фусурдааст.

Ин оҳи сарду хандаи ғашовари соиқаро
ба дил магир,
Хуршед дар раҳ аст.
Бигзор чаҳди борон
Рӯбад гуноҳи домани ин шаҳри пургуноҳро.
Бигзор ноби яздон
Шӯяд ғубори тӯ ба тӯи ин дарахтони сақимро.
Абре, ки дар дили ману ту обастани ғам аст,
Эй ҷон, раҳо кунем.
Хуршед дар раҳ аст!

* * *

Ҳайф аз тифлони «Бӯстон»-у «Гулистон»!
Хор дар дил, хор дар по кардаанд,
Кушта-кушта хандаи гулпуштаҳоро,
Пуштаҳои хор барпо кардаанд.
Ҳамчу борони Душанбе
Метаровад оби чашмам бо ғубори ғуссаи ман,
То зулоли чашмаҳоро муфти савдо кардаанд.
Ман чи сон нодида гирам пайкари номуси урёнро?
«Ҳафт пайкар» дода,
Нома дода,
Инак, ҷома пайдо кардаанд.
Эй ту, ҷӯи ноҷавонмардӣ,
Эй ту, лабхушки касофат!
Эй ту дур аз шӯри эҳсону наҷобат!
Ҳайрате дорам, ки ин беобрӯён
Бо кадомин раҳ туро ин гуна дарё кардаанд!
Хоки ман обастани тиллост – мегӯям сафед,
Кӯҳҳои сарсафедаш ҳайкали барҷойи уммеди сафед,
Кафтарони хонагиаш масти парвози сафед.
Бахти ман парвардаи мулки кадом аст?
Ай худо, онро чӣ ном аст?
Ин сиёҳиро кадомин девҳо
Бо сафедии дилам бо макр савдо кардаанд?
Нағмаи Довудие аз ҳафттори осмон
меҳмони ман нест,

Ҳаҷми ранҷури танамро мӯ ба мӯ
лабрези ғавғо кардаанд.
Ҳайф бар тифлони бедарде, ки акнун
Синаҳоро холӣ аз дармони Сино кардаанд,
Дунии худро ба дунё кардаанд.
Ҳайф...

* * *

Дарди иззатхоҳи ман,
К-он рӯзу шабҳо бо ман асту боз мехоҳад,
ки меҳмон хонамаш,
Шеъри ман бишниду бигрист,
Балки бо ашке, ки хунҳарфи дили ман буд,
Қатра-катра об гашту рӯи ин дафтар чакид...
... Шеъри ман бигзор, эй даъвогари бедарди
маҳфилҳои ҳамдардӣ!
Дар ҷамоат оҳи фардам бас,
Байни карҳо гӯши дардам бас!

* * *

Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.
Гӯши шаб кар кардаам ман аз Худо гуфтан,
То туро талбидаам аз лаҳзаҳои будану рафтан.
Бонги поҳои туро чидам зи ғавғои хиёбонҳо,
Ҷилваи шодоби ҳуснатро рабудам
аз нигоҳи шӯхи майдонҳо,
Атри номатро кашидам аз димоғи масти бӯстонҳо,
Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.
Чашми ғаммозии равзанҳо фаромӯш бод,
Роҳи шайтонии раҳзанҳо фаромӯш бод,
Мазҳаби ошиқкуши занҳо фаромӯш бод –
Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.
Рӯ ба мо кун,
Пушт бар найранги дунё кун,
Ғунчаҳои бӯсаҳоятро шукуфо кун,
Шармро дар парда расво кун,
Мурдану эҳёшуданҳои маро акнун тамошо кун!

Дар нафасҳои ту сад девон ғазал ошӯб мехоҳад,
Сад чаман оғӯш дар оғӯши ту оғӯш мехоҳад –
Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.
Фасли оғоз аст, фасли оғоз аст,
Тирамаҳ дур асту оҳи печ-печони сафедорон,
Ҷо намегирад ҷудоӣ дар миёни дӯстдорон.
Мон, шакархобе ба бехобӣ даромезад,
Ташнагӣ бо чашмаи обе даромезад,
Шаҳри гармое ба Варзобе даромезад –
Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош,
Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош...

* * *

Худоё, худоё!
Чаро субҳ дур аст?
Дар ин зулмати нафратангез
Сияҳ гашта хуни шафақзои ман,
Равону
забону раҳу
рои ман.
Бигуфтам табассум кунам,
Яке мавҷи сарди сиёҳе зи лабҳо фурӯ рехт,
Бигуфтам тараннум кунам,
Кафи барги хушке зи лабҳо фурӯ рехт.
Бигуфтам – муҳаббат!
Зи шамъи фурӯмурда дуде ба по шуд.
Бигуфтам – саломат!
Зи афсона деви сиёҳе раҳо шуд.
Ситора, ситора!
Пайи тири зулмониам нола кард.
Маҳи нав, маҳи нав!
Ҷавонии армониам нола кард.
Ало, эй мани пур зи шаб!
Ало, эй шаби пур зи ман!
Чаро субҳ дур аст?
Бигуфтам чароғи сухан дардиҳам,
Сафи вожаҳои
*Ҳамоқат, хиёнат, разолат, ҷаҳолат,*

Чу торикии ҷангали бесамар,
Раҳи нияти равшанамро бубаст.
Нишастам ҳаросону нохун задам
Дари вожаи хастаи СУБҲ-ро бо умед,
Дари бастааш во нашуд рӯи авроқи ман.
Худоё, худоё!
Чаро субҳ дур аст?!

* * *

Дар чодари сафеди маҳтобӣ
Хоби сиёҳ мебинад
Танҳоии рамидаи шаҳр.
Наҷво фитода аз лаби хомӯши баргҳо,
Ромиш фирор карда зи тори ҳазини ҷӯ,
Як по ба роҳ нест.
Танҳоӣ! Танҳоӣ!
Баргӯ: Чӣ ғуссаӣ,
К-аз сӯзи бениҳояти ту
Ҳатто саге ба гӯшае ИН ГУНА менолад?!

* * *

Як бӯсаам раҳо кун...
Ин умри бевафоро ҳамроҳи бовафо кун.
Дарётарам кун, эй ҷон,
Дунётарам кун, эй ҷон,
Фардотарам кун, эй ҷон,
Ин дил, ки аз «куҷоест», фарзанди «нокуҷо» кун!
Накди ситораҳоро оё тавон шумурдан?
Бо ғунчаҳои хандон оё тавон намурдан?
Бо ҳар кӣ метавон, кӯш,
Бо ҳар кӣ метавон, бош,
Аммо мани хазонро дар боғи худ баҳо кун!
Фасли баҳори ман рафт, субҳи хумори ман рафт,
Баҳри худо, ту имшаб соқии чашми худро
Бо номи ман садо кун,
Мастам куну маро боз айёри кӯчаҳо кун!

Маҳтоб бе гуноҳ аст –
танҳо агар равонам аз растаи ҷудоӣ,
Хуршед бе гуноҳ аст –
гар бар сарам фитода ин рӯзи бевафоӣ,
Ошӯбу инқилобам дар ҷони бенаво кун,
Мурдам зи порсоӣ!
Ҷурми маро расо кун,
Ё шӯри бефано деҳ,
Ё умри ман фано кун!
Эй ту, хаёли рангин, эй ту, мақоли ширин,
Дар ҷӯяҳои шеърам чун нозукӣ шино кун,
Манро ба дасти дил деҳ, дилро зи ман раҳо кун...

## ДАР ШАҲОДАТИ ДӮСТ

Нафаси марги муфоҷот суроғат мекард,
Ғуссаҳои ту ба дил куштаву доғат мекард.
Баъд аз ин оташи сӯзандаи андӯҳат нест,
Оҳи зангории армони ватан
Сайқали ойинаи рӯҳат нест.
Баъд аз инат ғами ҷонкоҳи ҷигархоре нест,
Рахти фарёди туро гармии бозоре нест.
Ин замини ҳама дарду ҳама ранҷ
Баъд аз ин ҷаннати бедардон аст:
Ҳар куҷо дарде ҳаст,
Ё дили содиқи дарде,
То ба хомӯшии беохири хок
Бурданаш коре нест...

## ФАРЁДЕ ДАР НОИЛОҶӢ

**1**

Эй бародарҳои гургандеши Юсуф!
Оғӯши чоҳе, ки дар ин роҳи бетадбиратон ҳаст,
Бахри ҳаҷми макратон танг аст...

**2**

Ҳалқаҳои дор мисли дидаи рамхӯрдаи номард
Мегурезад аз тулӯи равшани меъроҷ.
Метавон сад зиндагии бошарофат сохт
Аз ғурури гардани Ҳаллоҷ!

* * *

Аз таҳи пираҳани нилуфарӣ
Шӯълаи барқади сӯзони малоҳат
Мезанад фарёдам.
Изтироби дили шӯридаи ман мехоҳад
Биниҳад сар ба сари синаи маҳтобиаш.
Ҳаваси ташнаи ман меҷӯяд
Унси чашмони варову сабақи обиаш.
Шонаи панҷаи ман металабад аз ҳаму печи гесӯш
Гираҳи бахти маро соати шодоби кушоиш.
Ишқи ман, парчами идона ба каф, мехоҳад
Дар сари кӯчаву бозор бароядд ба намоиш.
Ба худо,
Вақти он аст, ки аз соҳили ҳиҷрон ба канори дидор
Пули созиш бошад.
Вақти он аст, ки урёнии рӯзу шаби ман
Лоиқи хилъати шоҳии навозиш бошад.
Аз таҳи пираҳани нилуфарӣ
Шӯълаи барқади сӯзони малоҳат
Мезанад фарёдам,
Кӯру кар бошам, агар кар бошам!

## БАРОИ ЯК ШОИРА

Эй фурӯғе зи Фурӯғат ба раҳи хастаи дил!
Хоҳамат бахти «Таваллуде дигар»
Байни ин зодану ин мурдани пайвастаи дил.

## МАДҲИЯ

Эй қаҳрамони арсаи куштори ишқ!
В-эй банди дори гардани гарданкашон!
Ашки дамодами ҳама он модарони доғдил
Ҳоло надода фурсати бар ту нигоҳе сохтан,
бишнохтан
Ва
Бар сурати ҳароми ту туф рӯи туф андохтан!

* * *

Фарёд кардам турову овози ман бигрифт:
Ҳой!
Ба он моҳ, ки туро роҳ менамоянд,
Пой намонӣ, ки ҳама чоҳ аст.
Ва туро, эй Бежани нишастаи чоҳ,
Рустаме нест, ки ба жарфои дарди ту бирасад.
Ва туро, эй моҳи чоҳии Нахшаб,
Тулӯи рӯшане нахоҳад буд.
Агар ту аз ин чоҳ бурун ой,
Бидон, ки тардомании ҳаёти туро
Ба ҳазор офтоби дӯзах хушк натвон кард.
Ҳой!
Ба он моҳ, ки туро роҳ менамоянд,
Пой намонӣ, ки ҳама чоҳ аст!

* * *

Бо ман, ки ҳампаймона нест,
Дар хонаи девонагон ҳамсанги ман девона нест.
Он сӯзи пинҳонам кӣ дид?
Ин сӯзи пайдоям чӣ дод?
Валлаҳ, ки гирди шамъи ман парвонае парвона нест.
Сад бор гуфтам, ки ба хоб чашмони худро фан кунам,
Афсонагӯи умри ман!
Дар ҳиммати шабҳои ту ширинии афсона нест.
Бо тукмаи пушти дарам нармии ангуште насохт,
Эй ғофилони лутфи ҳақ!

Дар хонаи пазмони ман бегона ҳам бегона нест.
Бо соддагии лавҳи ман дунё мураккабкорааст,
Онон, ки ганҷе ҷустаед, ё дар ғамаш афсурдаед,
Ганҷе, ки дорам дар ниҳон, дар ҳеҷ як вайрона нест.
Субҳи баҳори меҳри ман аз марзи тардиду гумон
озода мехоҳад гузар,
Масдуди маҷбурам чӣ суд?
Ин нури имони маро Фархор ё Фарғона нест.
Ҳарфу ҳиҷоямро чу хум бояст пур аз бода кард,
Варна дар ин шаҳри карон
Гуфтори ҳушёри маро як наъраи мастона нест!

## ДАР ПОЯИ МУҶАССАМАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

**1**

Аз ту бишавад оғоз рӯзи нави Сомонӣ,
Бо ҷони Ватан омез, эй пайрави Сомонӣ!

**2**

Ҳар фард, ки ҷон ба ҷони кишвар монад,
Тоҷи шарафаш замона бар сар монад.

**3**

Ин пайкари номус аст, тобандаву поянда,
Бо дидаи ибрат бин, эй ворисн арзанда!

## ҲОЛАТ

Баҳор фаро расиду вале
Дилам аз кушудани ғунча наёмӯхт
Кушудани гираҳи кӯри ғамҳоро.
Навои ранг-ранги мурғакон назад ранге
Ба пардаи хаёли бенавои ман.
Худоё!
Пир шудаам
Ва касеро аз нн моҷаро ғам нест...

* * *

Ин чӣ борони савоб аст, ки аз манзари ӯ
Ба замине, ки ҳама айбу гуноҳ аст, фурӯ мерезад?
Қисса то қисса, сухан то ба сухан
Ранг мерезаду бӯ мерезад!
Нафаси покизаи Варзобеш
Мекунад синаи пиндори маро пур зи сафову софӣ.
Аз ғурури нигаҳи фориғи ӯ
Мерасад ноз ба нозам сабақи ашрофӣ.
Гираҳи мӯи дарозаш
Мекушояд гираҳи васвасаи хуни маро.
Лайлии ҳусни ҷигарсӯзаш
Мекунад аз мани дилтанг садо
вусъати Маҷнуни маро!
Ин саҳар –
Кӯча то кӯча, гузар то ба гузар
Ҳама аз тантанаи ошиқиам лабрез аст.
Эй сияҳкосаи зулмот! Бишуд фурсати ту,
Шамси ман аз уфуки Табрез аст!
Умри худро битавон дод ба як лаҳзаи ӯ.
Шаҳри худро ба деҳи ӯ битавон кард иваз.
Дар баҳораш ғами пажмурдан нест,
Дар канораш маҳали мурдан нест.
Ҳамчу ойина саропои маро чашм кунед,
К-аз тамошои рухаш сер шавам.
Бо ҷавонии ҷавонии ҷавонеш
Нанги ман бод! Агар пир шавам!

* * *

Хуфтагонро ҳамҳамае бедор кард.
Аз ҳошияи шаҳр,
Аз он сӯй, ки субҳ чеҳра мекушод,
Корвоне мегузашту бонги ҷарасаш ноошно.
– Ин чӣ корвон аст?
Тӯдае хоболуд
(бо пурсише барангезанда)
Давиданд то ба ғубори раҳгузарон.

– Оҳой! Ин чӣ корвон аст?
Нолае нолид:
«Шояд борашон таскини нафс аст?»
Фиғоне ба чарх ларза фиканд:
«Шояд борашон рахти роҳати ҷон аст?»
Оҳе дар гулӯ печид:
«Шояд борашон озодист?»
Тӯдаи хоболудаи ҳайрон
Ба сутӯҳ омад:
«Озодӣ?»
«Чӣ ғизоест?»
«Чӣ матоест?»
Оҳ бори дигар дар гулӯ печид:
«Озодист. Вассалом!»
Тӯдае хоболудаи ҳайрон
Ҳайрон ба хоби худ баргаштанд.

## ДУХТАРИ СУБҲ

Зи рахти хоб хезад духтари субҳ,
Саропо нозу оғӯшу навозиш.
Зи роғи мижжаҳои мушкии ӯ
Кунад бедориву покӣ таровиш.
Парешон меравад мӯи дарозаш
Абирафшон зи ёла то ба ёла.
Шафақ гул мекунад гӯёву шево
Ба рӯи гунаҳояш лола-лола.
Фурорад аз баландиҳои шона
Варо кӯҳи парастори баландӣ.
Бидорад дасти ӯ дасти сафедор,
Ки по монад ба хоки дилписандӣ.
Сафои доманаш аз хонаи шаҳр
Бурун орад сияҳкории шабро.
Кашонад ташнагии оташинаш
Ба сӯи шабнами дӯшиза лабро.
Сано хонад варо мурғи саҳархез
Ба рангу бӯи парвозии гулҳо.

Кунад танҳоии худро фаромӯш
Суруде дар гулӯи танги дарё.
Занад набзи хамӯши ҷода аз нав,
Кушояд дида равзанҳои пурхоб.
Агар ҳарфе ба кунҷе музтариб буд,
Бигӯяд: «Ҷони ман, биштоб! Биштоб!»
Бубахшад бар дару девори беид
Сафои обшорашро чу идӣ.
Нависад бар ҷабини шаҳри осӣ:
«Сафедиву сафедиву сафедӣ!»
Мани банди сиёҳиро раҳонад
Шукӯҳи дастгири бекануораш.
Варақҳои баёзамро ба сад шукр
Гузорам зери пои беғубораш.

* * *

Ман чаро пой дар ин арса намондам дирӯз,
Дар ҳамон лаҳза ки дар пираҳани беномӣ
Ҳама урён буд?
Кас надонист, ки он гулхани афрӯхта хуршед аст,
Кас нафаҳмид, ки он хирмани бедонаву қаҳ маҳтоб аст
В-ин суруде, ки равон аст, об аст.
Ман чаро пой дар ин арса намондам дирӯз?
Субҳро шеъри сафеди сари рухсори ту мехондам,
Шомро фикри парешони сари зулфи ту мегуфтам,
Ҳуснафшони баҳоронро
Номи гулхандаи ту медодам,
Он сафедори чамонро –
Он ки фаввораи покиву барангехтагист –
Қади раънои ту меномидам.
Навҷавониву тароватро
Ҳама бо номи азизи ту садо мекардам,
Шодиву ғуссаи дилро
Ҳама бо номи шарифи ту раҳо мекардам.
Балки дунёи равонро, ки маро хоҳад кушт,

Номи ту медодам,
Балки бемеҳриву ҳиҷрону ҷафои раҳи умр
Ҳама дар оинаи номи ту зебо буд?
Ман чаро пой дар ин арса намондам дирӯз?!

## ШИРИН

Ширин, ки туӣ зи номи худ ширинтар,
Талхии маро гудозу ширинам кун.
Дунё, ки бадӣ хоҳаду некӣ накунад,
Онаш ба худо ҳавола кун, инам кун.
Аз оташи ишқи номуродаш дили ман
Чун сӯхтапо канора ҷӯяд шабу рӯз.
Ту ҳарфи муҳаббати лабат неҳ ба лабам,
То ҳар суханам «ишқ» бигӯяд шабу рӯз.
Аз кӯчаву паскӯчаи ин шаҳр ҷавон
Маҳпора гузар кунад пайи маҳпора
Беҳ нест магар ки ман фақат аз сари меҳр
Чашми сиёҳи туро кунам наззора?!
Умри ману ту, ки ихтиёраш ба худост,
Чун об равону нест моро хабаре,
Он беҳ, ки ҷудоӣ зи миён бардорем,
То чарх ҳасад барад ба ин ҳамсафарӣ.
Дар хилвати шаб зи ошиқӣ розе ҳаст,
Аз шӯълаи маҳ бӯи ҷавонӣ ояд.
Бигзор зи набзи беқарори ману ту
Оҳанги азизи меҳрубонӣ ояд.
Монанди биҳишт агар зи ҷӯи дари ман
Ҷорӣ бишавад ширу асал шому саҳар,
Бе ту ҳама талхам, ҳама талхам, ҳама талх,
Эй аз ҳама ширинии ҷон ширинтар!
Дидори ту мебарад зи дил ҳаҷри маро,
Оғӯши ту мекушад ғами гурбати ман.
Ман молу маноли ду ҷаҳонро чӣ кунам?
Ин бас, ки туро дода ба ман қисмати ман!

## ДАРДИ ХУШБАХТӢ

Аз ду чашми беғамат ҷорӣ бувад дарёи хушбахтӣ,
Дар лабони бодахори ту сияҳмаст аст
ҳую ҳои хушбахтӣ,
Мекунад сӯям табассум аз сафи
дандони заррини ту хушбахтӣ,
Мечамад дар ҷомаи афрангии ту
қомати болои хушбахтӣ.
Ай рафиқ!
Дар ин замини сарди бадбахтон
Чун даво бахшам туро аз дарди ҷонфарсои
хушбахтӣ?!

## ШАҲР

Табъ хира,
Чеҳра хира,
Роҳҳо сангину дарҳо оҳанин.
Сокинаш – бегонагӣ,
Оқилаш – девонагӣ,
Душманаш – фарзонагӣ...

## ДАРДО

Мо шаҳрро ба деҳ зи чӣ бурдем?
Деҳ аз худӣ раҳо шуду бигрехт сӯи шаҳр
Бо барзагову бо хару аспу аробаҳош,
Бо наъраву ҳақорату ҷаҳлу харобаҳош.
Дардо! Ба шаҳри бекаси мо н-омад аз деҳ
Субҳи равони чашмаву маҳфили гулҳош,
Овози меҳрубонии булбулҳош...

* * *

Ҳамчу боди бесару бепо
Меравам аз кӯчаҳо танҳои танҳо.
Дасти урёнӣ кашида
Ҷомаи сабзи дарахтони хиёбонӣ,
Ончунон ки раҳзани умрам рабуда
рахти шодоби ҷавонӣ.
Гесувони зарфишони Каҳкашон аз ҳам гусаста,
Ҷилваи симини моҳи ғамзада афсурдаву хаста,
Ахтарон, чун ман, ҷавонишон гузашта.
Чини рӯи хонаҳо ғамномаи пирист,
Чашми камнури чароғони сари роҳ аз тулӯъ холист.
Буттаҳои хушки айвонҳо шукуфтанро раҳо карда,
Найлабакҳои равони ҷӯ тапиданро раҳо карда.
Ман дар ин шаҳри бадон гум кардаам оёти зебоӣ,
Аз ману оғӯши ин шаҳри хазонпӯшон
Кӯч баста навбаҳору навҷавонӣ.
Ҷои ишқу меҳрубонӣ
Меравад duздона аз дунболи ман
тарсу ҳаросу бадгумонӣ.
Аз миёни шаҳри танҳо
Меравам танҳои танҳо.
Ин манам ё ҳасрати ман?
Ин манам ё кулфати ман?
Шаҳри ман, эй шаҳри танҳоӣ!
Нолаҳоятро раҳо кун ҳамраҳи танҳоии ман!
Шаҳри ман, эй шаҳри зебоӣ,
Гиря кун бар мурдаи зебоии ман...

* * *

Эй ки аз пайраҳаи баччагиам мегузарӣ,
Дасти ман гиру бубар аз паси бедардии хеш.
Нафасам танг шуд аз тангии дунёи ҳасудон,
Ҷигарам пора шуд аз ҷомаи садпораи номуси разилон.
Беҳ, ки бо санги сари роҳ сухан гӯяму дил бикшоям,
Ки ба гӯши кари инсоф фиғонам нарасад,
Беҳ, ки чун чашма ба худ ноламу бо худ мӯям,
Ки ба қадри ҒАМИ ТӮФИДА замонам нарасад!

Мон, ки бо мижжа бичинам зи кафи пои ту хори тифлӣ,
Ки гули пирии ман вирди забон кушт маро.
Эй басо дастаи гул мушти гилам буд ба сар,
Эй басо меҳри баҳорам ба хазон кушт маро.
Чини домони ту якдаст уту хоҳад зад
Чини пешонии сарсони маро.
Нафаси поку биҳиштет даво хоҳад кард
Дили аз ҳамнафаси сифла гурезони маро.
Деҳи тифлии маро гӯй маро бахшояд,
Ки ба шаҳри ҳавасу валвала кардам бадалаш.
Кош бори дигарам ханда ба лаб меомӯхт
Хандаи беғаши субҳи бағалаш.
Он зулоле, ки маро ҳиммати ҷориаш дод,
Рехт аз дидаи ҳиҷронии ман.
Кош барҳам занад оҳанги тари сарҷӯяш
Хушкии орзуҳои дили армонии ман.
Гарчи садрӯягии зиндагӣ берӯям кард,
Ту зи ман рӯй матоб,
эй гули хуршедии ман.
Бишканад гармии шавқи нигаҳат
Дар дили ман яхи навмедии ман.
Дасти ман гиру бубар ҷониби оғози саҳар,
То хаёлам надиҳад бӯи шаби ялдоӣ.
Ту маро бар ба саропардаи афсонаи хеш,
То намирам ба алам дар гузари танҳоӣ.

* * *

Ин саҳар беди лаби ҷӯ шуд сафед,
Боди ҳарҷогарди берӯ шуд сафед.
Мурғакон оҳанги дигар мезананд,
Чаҳ-чаҳу чув-чувву ку-ку шуд сафед.
Дар забонҳо хоҳиши «барф» об шуд,
Ханда дар лабҳо шукуфту шуд сафед.
Фасли маҳтобист дар тақвими шаҳр,
Пиру барноро сару мӯ шуд сафед.
Ман ба чашми хеш дидам рӯ ба рӯ,
Зангии якдонаро рӯ шуд сафед,

Ту чӣ мепурсӣ, аё Шерози ман?
Умри ман чун ҳарфи Хоҷу шуд сафед!
Дар дили пурмуддаои ошиқам
Орзуву ишқ – ҳарду шуд сафед.
Рӯзи барфӣ буду шеъри дафтарам
Чун баёзи гардани ту шуд сафед.
Гулназар гуфтам.
Кабӯтар пар кушод,
Дар забонам гашт ному шуд сафед.

* * *

Дар вожаи пурфасонаи «зебоӣ»,
Зебоии ту ҳеҷ нағунҷад, ки нағунҷад.
Пирии ҷаҳон бо ҳама фазлу хунару шону бузургеш
Бо гарди ҷавонет расида натавонад.
Бо ноз гузар кун, ки хазон аз дари ин шаҳри малулон
Аз шарми ту бархезаду наврӯзи ман ояд.
Хокистари моро ба ҳавои сари мӯят ба ҳаво кун,
То бори дигар тобу табу сӯзи ман ояд.
Дунё, ки вафоро нашиносад, чӣ тавон кард?
Эй хуш, ки ту ҳастиву туӣ маънии дунё.
Гар ваъдаи ҷаннат бувадам, мон, ки фароҳам оранд
Аз шаҳди лабу шири тану софии рухсори ту моро!
Бо номи сабоҳии ту субҳам ба дар ояд,
То пур кунад аз тантанаи нуру сафо обу гиламро.
Бо хандаи карзи ту ба лабҳош барояд хуршед,
То гармии дидори ту саршор кунад мулки диламро.
Зеру бами ҳар шеъру суруде, ки сурудам,
Бо шарфаи поҳои ту мебахшаму ҳеҷ аст.
Дирӯзаву имрӯзаву ояндаи худро
Бо ваъдаи фардои ту мебахшаму ҳеҷ аст.

* * *

Зиндагӣ рафту бандагӣ боқист,
Бандагӣ баҳри зиндагӣ боқист.
Лофи озодагӣ маро хуш нест,
То гиребони кандагӣ боқист.

Алвидо, эй хаёли парвозӣ,
Дар заминам хазандагӣ боқист.
Аз хароси вуҳуш донистам,
Ки ба рӯҳам дарандагӣ боқист.
Эй ки нағзӣ лиқои сунъии туст,
То туӣ, асли гандагӣ боқист.
Рахти фохир на ҷойи фахр бувад,
Дар вуҷудат, ки ҷандагӣ боқист!
Ман намирам, ки дар нигоҳи ёр
Қаҳру нози кушандагӣ боқист.
Нахли ман аз табар бувад эмин,
То суханро бурандагӣ боқист!

* * *

Ишқро бедор кун. Ман дӯст медорам!
Мастро хушёр кун. Ман дӯст медорам!
Нола ҷушу шӯъла резу фитна шав, бархез,
Шаҳрро бозор кун. Ман дӯст медорам!
Асри нав омад. Зи пушташ гарди Дақёнус,
Ҷумларо инкор кун. Ман дӯст медорам!
Дуру наздикам гузору хешу бегона,
Раштро Фархор кун. Ман дӯст медорам!
Эй ҷавонмард, эй нигоҳи ошиқии ман,
Даштро гулзор кун. Ман дӯст медорам!
Эй дили ман, қиссаи ширини сад Фарҳод,
Кӯҳро ҳамвор кун. Ман дӯст медорам!
Бевафоӣ! Аз паси дарвозаҳои шаҳр
Нолаҳои зор кун. Ман дӯст медорам!
Аз муқаррар гарчи мекоҳад баҳои қавл,
Ҷони ман, такрор кун: «Ман дӯст медорам!»

* * *

Ин чӣ боғ аст?
Ғунчаҳо – ҷилвагаҳи накҳату ранг –
Рози шукуфоишон
Аз чӣ фаромӯш шуда?
Мурғакон!

Табъи саҳаргоҳии ромишгарашон
                                        пираҳани шом чаро пӯшида?
Бодҳо!
Аз чӣ димоғи тарашон
Аз шамими гулу райҳон холист?
Сабзаҳо!
Аз чӣ хазон медамад аз решаи андешаашон?
Ин чӣ боғ аст?
Тарӣ аз оби равон карда фирор,
Сабзиш аз ҳавсалаи дона бурун афтода,
Самар аз бесамарӣ шарм намедонад чист.
Ин чӣ боғ аст?
Ҳама бо шоми сияҳ биншаста,
Ҳама бо шоми сияҳ пайваста.
Қаламам хоболуд,
Суханам хоболуд,
Сафҳаам хоболуд.
Мани хоболуда
Натавонам, ки туро лаҳзае бедор кунам,
Боғи бечораи ман!

* * *

Мисраи дард нхтиёрӣ нест,
Нолаи мард ихтиёрӣ нест,
Хонаи дил зи хонагӣ бигсехт,
Ҳар чӣ ғам кард, ихтиёрӣ нест.
Дар раҳи субҳ пешпой хӯрд
Дили шабгард. Ихтиёрӣ нест.
Интизорӣ кашидаму «фардо»
Ғусса овард. Ихтиёрӣ нест.
Нахли хушкам миёни ҷангал гуфт:
«Ҳиҷрати фард ихтиёрӣ нест!»
Дар раги чашма нағма афсурда,
Ин дами сард ихтиёрӣ нест.
Эй баҳори рамида, дар бари ту
Ҷомаи зард? Ихтиёрӣ нест.
Шеваи мардӣ! Аз барам магзар,
Шевани мард ихтиёрӣ нест!

* * *

Бе ҷавонӣ наметавонам ёфт
Лаззати оғӯши ҷавонатро.
Шарм дорад миёнасолии ман,
Ки ба оғӯш кашам миёнатро.
Пойи ман тонаду наметонад,
Ки равад бедареғ аз пайи пот,
Шавқи ман бӯяду намебӯяд
Накҳати печ-печи кокулҳот.
Аз сари синаат бурун резад
Сад сапеда таровату софӣ,
Ҷо ба ҷо мот монаду ҳайрон
Чашми ман ҳамчу ошиқи лофӣ.
Пеши рӯи баҳории ту сухан
Дар лабам маззаи хазон дорад,
Ғофил аз ман гузар бикун, ки дилам
Ғусса дар ғусса ормон дорад.
Беҳ, ки чашми туро барам имрӯз
Дар хаёлам ба хилвати дидор,
Ту надониву чашми ту донад,
Ки шабам то саҳар бувад бедор.
Беҳ, ки ёди тарии бӯса кунад
Киссаи ташнагии лабҳоям.
Ту надониву бӯсаат донад
Хоҳиши оташини табҳоям.
Беҳ, ки умеди гарми оғӯшат
Барзанад ҳасрати канорамро,
Дар миён чун миёнасолӣ нест,
Бишнавӣ набзи беқарорамро.
Эй ки дар пардаи ҷавони ҳавас
Навҷавон кардаӣ ту соли маро,
Масту ошиқ гузар бикун, аммо
Гум макун кӯчаи хаёли маро!

* * *

Эй Бухоро,
Раҳгузори хастаи байғулаи таърих!
Чашмҳоят хира аз гарду ғубори гарми майдонҳо,
Мӯйҳоят мушти хокистар зи оташхоки
дафтарҳову девонҳо,
Пойҳоят нешзори неши новакҳову пайконҳо,
Синаат оромгоҳи ҳайбати бӯрону тӯфонҳо,
Бо асои мисраи бишкастаи пири сухангӯи хуросонӣ
Сӯи армонгоҳи ман оё маҷоли рафтанат ҳаст?
Рӯдакиворам тавони рози кайҳон гуфтанат ҳаст?
Бӯн Ҷӯи Мӯлиён хушкида дар рагҳои деринат,
Бозтоби оташи бегона дар ойинаи савдои ширинат.
Эй ки чашмат буда чашми рӯшани дилҳо,
Гар ту нашносӣ маро,
аз ғусса хоҳам мурд.
Эй ки бикшодӣ забони бастаамро,
Гар надонӣ лафзи дардамро,
Ман аз ин дунё фақат сӯзи ту хоҳам бурд.
Мон, ки ашки ҳасрати худро фурӯ резам
ба барги хушки лабҳоят,
То ба кай овози беовозии ту мерасад бар ман?
Сад ҳазорон нафрату нафрин ба ин тақдири бетадбир,
То ба кай «оҳи зи қисмат розии ту» мерасад бар ман?
Метавон аз худ фаромуш кард,
Метавон худро ба дасти боди насён дод,
Гар суруди Рӯдакӣ бо ту намегирад,
Мекушоям гӯши вазнини туро бо нолаву фарёд!

## БО ДАРЁИ ДУШАНБЕ

Майхорагӣ аз ёд рафт, то май диламро хӯрдааст,
Ту бо мани хилватнишин мастӣ куну мастона бош.
Аз бодахои тирарӯ шаҳру хаёлаш тира аст,
Эй софии сад чашмасор, софитарин майхона бош!
Ман кистам? Ман кистам? Ҳамхуни исён нестам,
Дар гӯши хушёрии ман ту наъраи девона бош.

Ҷуғдӣ намеояд зи ман, ҷуғдӣ намеояд зи ту,
Аммо чу ганҷи синаам сокин дар ин вайрона бош.
Шӯрат аналҳақ мезанад дар ҳалқаи мавҷи баланд,
Соҳил намебахшад туро, ту нармии афсона бош.
Бо умри кӯтоҳам туро ман бевафоям дар сафар,
Беҳудаам доман макаш, ту бо мани расво мабош.
Овози ман бечораast пеши ғурури лаҳни ту,
Ман шоири якрӯзаам, ту шеъри ҷовидона бош!

## ДАР ДАРЁФТИ НИШОНИ «ДӮСТӢ» ГУФТА ШУД

Сафо аз ҳастии бекинаам ҷӯй,
Шарар аз оташи деринаам ҷӯй.
Нишони «Дӯстӣ» пеши барам бинӣ,
Ҷаҳони дӯстӣ аз синаам ҷӯй.

* * *

Эй моҳтоб!
Дӯшина хандаҳот гули кокули кӣ буд?
Имшаб ту аз нигоҳи кӣ ошуфта бигзарӣ?
Дунё ҳамону ту, ки ҳамонӣ, ҳамон манам,
Дунё камону ту, ки синонӣ, нишон манам,
Дунё ниҳебу ту фаниву ман баҳонаам –
Рози нуҳуфтаи мани бинхуфтаро кунун
Ногуфта бигзарӣ.
Ман устухон фишондаву з-ин киштаи гуноҳ
Дорам умеди ҳосили шоён:
Мурғи Ҳумо, ки сояи болаш шинос нест,
Бошад, ки оварад ба манаш ҷазби устухон.
Бедор шав!
Ҳайф аст, агар зи ғуссаи ман хуфта бигзарӣ!
Он субҳу шом, к-аз дари ҳастӣ фирор кард,
Дар боғи хотирам чу гули шом мечамад.
Он лаҳзаҳо, ки сурх чу хуни ҷавонӣ аст,
Сад лолазори тапишу сӯзиш шукуфтааст,
Он беҳ, ки аз баҳори хазондидаи манат
Нашкуфта бигзарӣ...

## НАСИҲАТИ КӮҲНА

Ба саҳро рав, ки ин саҳро ғанимат,
Чароғи хандаи гулҳо ғанимат.
Замоне зери пойи сабза монӣ
Туро ин сабза зери по ғанимат.

* * *

Қиссаҳоро аз дарам берун кунам,
Хешро аз пайкарам берун кунам.
Меҳри худро то ба боми хонаат
Ин саҳар чун кафтарам берун кунам.
Ҳарчи иншо кард ҳаҷрат, ҳамчу шеър
Пар диҳам, аз дафтарам берун кунам.
Бевафоиро чу марди мазҳабӣ
Аз ҷаҳони боварам берун кунам.
Чашми мастат то хуморам бишканад,
Сукрро аз соғарам берун кунам.
То наёбам шарҳи байти кокулат,
Хотири ҷамъ аз сарам берун кунам.
Дур агар дорад зи оғӯшат маро,
Аз дили чарх ахтарам берун кунам.
Бар сарат чун гул наафшонам агар,
Номи худ аз Дар-Дарам берун кунам.

* * *

Осмон чун фикри шоир кӯч мебандад,
Бо пари мурғи мусофир кӯч мебандад.
Мегурезад аз хазон рӯҳи баҳори ман,
«Аввал» аз бедоди «охир» кӯч мебандад.
Оламеро аз паси худ мекашонад ҳусн,
Зӯҳраро гӯед: «Тоҳир кӯч мебандад!»
Месарояд хонаи садпораи занбӯр:
«Гар дарун зебост, зоҳир кӯч мебандад!»
Мефиребад киссаи ширини оянда.
Шавқи фардо ҳасту ҳозир кӯч мебандад.

Нолаи оби Зарафшон то Бухоро рафт,
Дарди ҳиҷрон бо муҳоҷир кӯч мебандад.
Шеъри ӯ аз дур мегӯяд ба гӯши ман:
«Сабр кун, Бозори Собир кӯч мебандад!»

## ДАР ШЕРОЗ

Бе суроғи лаби ту номи маро гумномист,
Бе нафасҳои туам нест дами хамнафасӣ.
Ман туро гуфта кушоям саҳарӣ дидаи хеш,
Ман ба бӯи ту зиям зери сипеҳри қафасӣ.
Ту макуш ташнаи шеърам, ту макуш!
Бе садои қадамат гӯши раҳам во нашавад,
Рӯзи равшан нарасад бе шафақи хандаи ту.
Ман дар ин умри парешон бнкунам шукри худо,
Ки насибам шуда ташрифи парокандаи ту.
Ту макуш ташнаи шеърам. ту макуш!
Ғам надорам, ки фалак рӯзу шабон дилтанг аст,
Осмони дили ман чеҳраи бикшодаи туст.
Наравам кӯи ба кӯ дар талаби матлаби хеш:
Пойтахти дили ман синаи озодаи туст.
Ту макуш ташнаи шеърам, ту макуш!
Медавад аз раги шарёни ту хуни ошиқ.
Мечакад шӯри чунун ҳарф ба ҳарф аз лаби ту.
Сӯи сардӣ накашад сарди замонам, ки маро
То ба сад умр расад ҳиммати тобу таби ту.
Ту макуш ташнаи шеърам, ту макуш!
Тахти Ҷамшеди дилам бе ту хароб асту ғариб,
Ҳама фарёди хамӯшам, ки табу тобам нест.
Эй ту Шерози малоҳат! Накашӣ гар ба канор,
Ҳофизам нест, ки як мисраи шодобам нест.
Ту макуш ташнаи шеърам, ту макуш!

* * *

Гуфта будам, ки дигар шеър нагӯям. Гуфтам.
Нахӯрам хуни ҷигар. Шеър нагӯям. Гуфтам.
Рози ошуфтагӣ аз кокули бед афшон буд,
То чу гулбоди саҳар шеър нагӯям. Гуфтам.

Боми ман бингару озодии кафтар ба ҳаво,
Ман аз ин авҷи ҳунар шеър нагӯям? Гуфтам.
Оби ҷӯ шеъри тари хеш ба гӯшам мехонд,
То ба гӯши гули тар шеър нагӯям. Гуфтам.
Медавад чашмам аз ин ҳусн ба он маҳзари ҳусн,
Ман дар ин роҳи сафар шеър нагӯям? Гуфтам.
Хати шудгори падар хондаву хатхон шудаам,
Ман ба тазмини падар шеър нагӯям? Гуфтам.
Эй Ватан, шӯру шиори ту карам кард, ки ман
Нашнавам охи ҷигар, шеър нагӯям. Гуфтам.
Пеши фарёди дилу васвасаи бехобӣ
Гуфта будам, ки дигар шеър нагӯям. Гуфтам.

## ШЕЪРИ ИФТИХОР

Ситора рез
Ба фарқи ман,
Аё самои беғубори ман!
Чаман-чаман гулам бубахш,
Аё баҳори гулнисори ман!
Баландиам бидеҳ,
Ғурури кӯҳсори ман!
Сафо биёр.
Аё сафои чашмасори ман!
Забон кушо,
Тарона зан,
Аё дили пур аз навои ман!
Ту шӯъла зан дар оғуши Ватан.
Аё муҳаббату вафои ман!
Нишона монад аз талоши рӯзгори ман
Сари баланди кишвари пурифтихори ман.
Ба чашми дил,
Зи рӯи меҳр
Бубин ту дар ҷаҳон мақоми ман.
Ба гӯши ман расад дуруди даҳр,
Ба гӯши ӯ расад паёми ман.
Сириштаи вафо бувад ҳама каломи ман.
Чу аз дили саҳар сафо дамад зи номи ман!

## ШЕЪРЕ ДАР МАСТӢ

Ман куҷову мани масту ду-се рӯзи гузарон?
Ба кӣ гӯям ғами худро?
Ҳама ҳушёру фақат маст манам,
Ҳама болову фақат паст манам,
Ба худо, маст манам!
Шеъри мастии маро бо мани сармаст гузор.
Нест ҳушёр, ки ҳушёрии дардам шунавад,
Нест хушёр, ки ман сармастам,
Нест ҳамбодаи ғамхор, ки ман сармастам,
Ба худо, ман мастам!
Аз ману мурдани ман гарки ту дилшод шавӣ,
Аз харобии танам гарки ту обод шавӣ,
Шод бошу ҳама обод!
Шод бошу ҳама обод!
Ман чӣ гӯям?
Ҳама мастам, ки
шикастам, ки
гусастам, ки
на ҳастам.
Носазо мастаму мастам.
Ба худо, мастаму мастам!

## ИДОНА

Ҷашни мавлуди Масеҳост.
Рӯз нав шуд,
Сол нав шуд.
Аср нав шуд,
Мову ту бояд ба КИРДОРУ ба ГУФТОРУ
ба ПИНДОРИ дили хеш
Ҷомаи наввӣ бипӯшонем.
Гар сари кинат бувад бо ман,
Кини худро тоза кун имрӯз.
Гар сари меҳрам бувад бо ту,
Меҳри худро тоза хоҳам кард.

Ҷашни мавлуди Масеҳоят муборак,
Боз як соли дигар
Зиндагонӣ бо савобу бо гунаҳҳоят муборак!

## АҶАБ ИН АСТ...

Аҷаб он нест,
Ки дар девони пурҳарфи сухангӯёни ҳамроҳам
Набуда шеъри дилхоҳам.
Аҷаб ин аст,
Ки худ боре нагуфтам дархури худ шеъри огоҳе,
Ба вазни ИЗТИРОБЕ,
НОЛАЕ,
ОҲЕ...

* * *

Аз гиребону чоки доманҳо.
Мерасад хандаи ману манҳо.
Пинадӯзон, ки кинатӯзонанд,
Бахя рафта зи ёди сӯзанҳо.
Пеши макре, ки мерасад аз дӯст,
Меҳрубонист кини душманҳо.
Нанги бологузар ба нанг ояд,
Аз раги хобдори гарданҳо.
То дар ин кишта дона бебор аст,
Бод кӯбад хаёли хирманҳо.
Ҳамнафас сардии нафас дорад,
Мурда рӯяд шарори гулханҳо.
Ғайри дирӯз умеди фардо чист?
Дар ғами Хусравему Кӯҳканҳо!
Ман надонам чаро намепояд
Модарӣ дар раҳими меҳанҳо?
Роҳ торику бим домангир,
Дар кучоед, дидарӯшанҳо?!
Ҳайф, ҳайфи ба бӯса ҳоҷатҳо!
Вой, войи ба ғусса мурданҳо!

* * *

Дар замине, ки ҳама шеъру суруд асту ҳиҷо,
Шеърхоне ту наёбӣ, аҷаб аст.
Шоири нодир нест,
Тоҷири шоир ҳаст.
Рӯдакиву суханаш
Бо ароба дари Бағдод заду роҳи Ҳиҷоз,
Сухани Лоиқи бечора ба тайёра натонад рафтан
То ғарибии деҳи Рӯдаки ман.
Аз талу ёлаи наврӯзии ин хоки биҳишт
Лола мерӯяду ревоҷу дубайтиву рубоӣ.
Ин яке зебиши бозор бувад баҳри тиҷорат
В-он дигар аз назар афтода чу мушти хасу хоре.
Ҳайф аз кишвари байту ғазалу сарвода –
Ҳама обишхӯри НАФС асту чарогоҳи ШИКАМ.
Гар бинолам, ки «дилам», хома нависад, ки «дирам».
Мисраи шоири Сомонӣ агар бигзарад аз хотири ман,
Ҳамчу як армонӣ
Мекунам орзӯи БИСТУ САДИ СОМОНӢ!

* * *

Аз ду чашмат шароб мешармад.
Аз нигоҳат савоб мешармад.
Мелаат шеваи ғазал дорад,
Дар дилам изтироб мешармад.
Аз сари синаи булӯринат
Нигаҳи офтоб мешармад.
Аз лабонат, ки бӯса шодоб аст,
Тарии чашмаоб мешармад.
Ҳоли дилро агар рақам созам,
Даъвии инқилоб мешармад.
Ташнаам мекушад фироқи ту,
Аз умедам сароб мешармад.
Пурсиши васл мекунад ҷонам,
Дар даҳонат ҷавоб мешармад.
Ёри ман то саҳар, ки бедорист,
Чашми ман дида, хоб мешармад.

Ҳусни ту иқтибос натвон кард,
Шеъри ман дар китоб мешармад.

* * *

Ҳар ҷойе хоҳанд ОЗОДӢ-ро нафасгардон бинанд,
Озодагонро нафасгардон медоранд.
Ба дорҳо на қолаби озодихоҳон аст,
Балки ОЗОДИСТ.
Садои тир агар
Фиғони озодиҷӯёнро дар гулӯшон фурӯ биншонад,
Озодӣ безабон гардад.
Озодӣ барои ҷаҳон нест,
Ки дар ҷаҳон намеғунҷад.
ОЗОДӢ ба ҳаҷми ИНСОН аст
Ва бо инсонаш мекушанд...

* * *

Барфи коҳилро
хуши боридан нест.
Заррае кор ба ин ҳавсалаи танги зимистонам нест.
Рӯи ту барфист,
Дасти ту барфист,
Ҳама андоми ту барфист,
Барфи нарму рӯшан,
Барфи нодидании кишвари гарм.
Шояд эъҷози ман ин аст,
Ки ба барфи ту ғуборе нарасад.
Нарасад чашм ба барфе, ки Худоям дода.

* * *

Аз хазонрези беохир.
Ба худо, дилам бигрифт.
Эй, ки ҳастӣ!
Аз раҳу аз дили хазонпӯшам
Тирамаҳро бирӯбу яксӯ кун.
Навбаҳор меояд!

## ДАР ҶАШНИ 70-СОЛАГИИ УСТОД МӮЪМИН ҚАНОАТ

Ҳарфу суханат зибаски зебо афтод.
Мӯнису азизи пиру барно афтод.
Мӯъмин зи ту мӯъминӣ агар бигрифта,
Миқдори қаноат аз ту боло афтод.

## ДАР САРИ ГӮРИ МОДАРАМ

То саҳаргоҳон нахуфтӣ дар сари гаҳвораи ман,
Хоб кун осуда акнун, модари ғамхораи ман.

## ДАР САРИ ГӮРИ БАРОДАРАМ УМЕД

Уммед, ки рахти худ кашидаст,
Дунё ҳама холӣ аз умед аст.

## ДУ ТАРОНА

**1**

Эй меҳрубон, чун ҳарфи ту шаҳду шакар нест.
Ғайр аз баёзи гарданат субҳи саҳар нест.
Ҷуз сӯи оғӯши туам роҳи сафар нест,
Сад волаи гул дориву як Гулназар нест.
Ман ошиқам, ман ошиқам, ман ошиқам, ошиқ.
Парвона рафту камтарин парвона моем,
Афсона мурду охирин афсона моем,
Дар ҳалқаи саддонагон якдона моем,
Аммо чаро аз ҳамдигар бегона моем?
Ман ошиқам, ман ошиқам, ман ошиқам, ошиқ.
Дар ин чаҳони бевафо мо бовафоем.
Дар ин ҳаёти бенаво мо ҳамнавоем,
Ҳар ҷо туӣ, он ҷо манам, мо ҳар куҷоем,
Ту бахри ман, ман баҳри ту, мо баҳри моем,
Ман ошиқам, ман ошиқам, ман ошиқам, ошиқ.

**2**

Сабо барои ман вазид, шафак барои ту дамид,
Миёни пушта барги гул зи шабнами саҳар хамид,
Агар ғаме нухуфта буд, зи шодии чаман рамид,
Дареғи умри он ки ӯ малоҳати замин надид,
Ба шеъри Рӯдакӣ расем.
Ба ёди кӯдакӯ расем.
Ба қадри зиндагӣ расем.

Ду чашми ту, ду чашми ман барои дидани гул аст.
Ду дасти ту, ду дасти ман барои чидани гул аст.
Ду пойи ту, ду пойи ман ба роҳи меҳр рафтанист,
Ду гӯши ту, ду гӯши ман суруди дил шунуфтанист,
Ба шеъри Рӯдакӣ расем.
Ба ёди кӯдакӣ расем,
Ба қадри зиндагӣ расем.

Шунав. ки чашма нағма зад, бубин, ки сабза қад кашид,
Дили ҷавони мову ту даруни синаҳо тапид,
Мубораки саодате, ки зиндагӣ ба коми мост,
Ҳама муҳаббати ҷаҳон дар ин ҷаҳон ба номи мост.
Ба шеъри Рӯдакӣ расем,
Ба ёди кӯдакӣ расем,
Ба қадри зиндагӣ расем.

## МАҲР

Ин субҳи охарии сабукрӯҳро
Дасторвор бар сари меҳан гузоред.
Ин навбаҳори нозуки абрешимиро
Мисли қабо ба дӯши наҳифаш биафканед.
Аз шӯълаҳои вахшии хуршед
Кафше зарин ба обилаи пойи ӯ кунед.
Аз нағмаҳои нарм-нарми мурғакон
Марҳам ба доғи тӯ ба тӯи ӯ ниҳед.
Аспи саманди боди парешонро
Оро диҳед бо ғурури рудҳои маст.

Зангӯлаҳои ғунчаи бишкуфтаро пур аз садо кунед.
Олам пур аз наво кунед.
Аз ҳой-ҳойи найлабаки обшорҳо
Машкуи мушкбӯи биҳиштӣ ба по кунед.
З-он пештар, ки кафтари чоҳӣ сафар кунад,
Дилро чу Юсуф аз чаҳи ҳиҷрон раҳо кунед.
Ин хоки пурҷавонии қисматро
Пирӣ кӣ кошта?
Ин шохи пурҷавонаро
Чи қисмате ба боди парешон гузошта?
Имрӯз Тоҷикистонро базми домодист
Бо наварӯси саркаши бахту саодат,
Бо духтари гурезпойи шодӣ.
Маҳри арӯс меҳри бедор аст,
Медонед?
Ганҷи ҳазор ору номус аст,
Медонед?!

* * *

*Об занед роҳро, ҳин, ки нигор мерасад...*
*Мавлавӣ*

Ҳарфу ҳиҷои зинда бин, турна катор мерасад.
Дафтари боғро бигӯ: шеъри баҳор мерасад.
Боз бихон ба ҷуръае умри ҷавони рафтаро,
Сабзаи дӯш медамад, лолаи пор мерасад.
Кӯҳ ба кӯҳ висолпӯш, дашт ба дашт бӯсахез,
Ғуссаи дил канор неҳ, фасли канор мерасад.
Чеҳра кушо, ки во шавад ғунчаи хастаи дилам,
Гар нафаси Бухор нест, боди Ҳисор мерасад.
Чашми умеди ман, бизӣ, дар сари роҳи интизор,
Нақши савор агарки нест, мушти ғубор мерасад.
Обилаи кафи гадо гуфт ба ашки ҳасратам:
«Фарди баор мерасад? Марди диёр мерасад?»
Оҳ кашидаму вале оҳ зи доманам кашид,
К-эй ғами ту балои ту!
Бӯи баҳор мерасад!

Ҳон! Бидеҳ оби оташам, к-оташи дил забона зад,
Мужда расон ба гӯши ман: бонги ҳазор мерасад!

## НИЛУФАР

Эй нилуфар, ки дар нигоҳи ман шукуфтаӣ,
Дар хобҳои гоҳ-гоҳи ман шукуфтаӣ.
Буду набуди зиндагӣ аз ман буду набуд,
Эй бегуноҳ! Дар гуноҳи ман шукуфтаӣ!

## КӮҲНАГУФТОР

Ғам аз он дорам, ки бо чашмам наметонам
навиштан шеъри ҳуснатро.
То ба дасту дафтару то хомаи ман мешавад зоил
Қатра-қатра лаззати шаҳтутии чашмат,
Зарра-зарра накҳати субҳонаи рӯят,
Қитъа-қитъа меҳрубонии хамӯши ҳарфи лабҳоят,
Ман, ки аз хушёрии ғашовари шеъри худам бемор,
Мастиву девонагии шеъри мижгони ту мехоҳам.
То туро аз байтҳои олии садсолаҳо кардам мураттаб,
Байти абрӯе зи девони ту мехоҳам.
Обрӯи об афзояд,
чу бар рӯят назар созад,
Номвар гардад насиме, к-аз хами мӯят гузар созад.
Сарви қаддатро надидам ман
ба сарвистони девони ниёгон.
Ҷони моро гар таҷаллӣ ҳаст,
Ҷуз шафақзори лабонат нест,
Эй Бадахшони Бадахшон!
Аз ҳинои дасти ту хоҳам шикастан сабри
пойи интизорамро.
Сурмаи чашми туро хоҳам, ки аз ҷонам
рабояд бесадоиро.
Абрӯи пайвастаатро ман намоз овардаам умре,
К-аз миёни мо барандозад ҷудоиро...

Нанг меояд маро з-ин кӯҳнагуфторе, ки мегӯям,
Эй ки наврӯзи ҷамолатро ниҳоят нест!
Сӯхтам дар оташи номус,
Эй ки бори нози ширини туам дар боғи ҷаннат нест!
Гуфтаанд ойннаи мӯъмин бувад мӯъмин,
Эй биё, ойинаи ман,
Шеърн гарми ормони синаи ман!
Эй биё, бо чашми ошиқ мӯ ба мӯ,
аъзо ба аъзоят нависам.
Ҳамчунон дилхоҳу зебоят нависам!

* * *

Сояи гул мекунад бар ту гаронӣ,
По намон бе соябони мижжаҳои ман
дар ин шахри хиёбонӣ.
Ҳамчу тифлон бо ҳаёҳу бигзарад ишқам зи кӯи ту,
Аз паси тиреза бингар сӯи ин шогирди
бепири дабистонӣ.
Фурсати омезиши моро худо дорад муқаррар,
Гар туӣ субҳи баҳорон,
Гар манам шоми зимистонӣ.
Боғбони тирамоҳондидаам,
аз ту надорам ҳиммати уммед –
Бар сари худ гулфишонӣ.
Знндагӣ умри азизам меситонад ҳар нафас бе ту,
Эй биё, умри азизи зиндагонӣ!
Пеш аз он соат, ки бемеҳрам кунад бемеҳрии дунё,
Меҳрубоно! Ҷо гузин дар синаам чун меҳрубонӣ!
Дар ғамободи дили ман
Лаҳзае шодӣ агар ояд суроғи ман,
Медиҳам номи шарифатро нишонӣ.
Бахти ман рамхӯрдаву чашми ту рамхӯрда,
чӣ бояд кард бо ин ду рамида?
Ман надонам. Ту бидонӣ.
Хона кун чун нозукӣ дар байти ман, эй нозуки ман,
Ман намонам, ту бимонӣ...
Ман намонам, ту бимонй...

* * *

Истироҳатгоҳи тобистон лаби дарёест,
Пойҳояш дар хунукиҳои обу пайкараш дар сояҳои ғафс.
Танбалиаш бо танини пашшаҳо меҷангаду... бесуд,
Мнжжаҳояш бо хумори хобҳо меҳарбаду... бенафъ.
Ташнагӣ аз ҷӯйҳои ӯ бувад ҷорӣ,
Хастагӣ аз роҳҳои ӯ бувад роҳӣ.
Гӯшҳояш аз нафири чирчиракҳо кар,
Чашмҳояш аз ғубори осмонҳо кӯр,
Рӯзҳояш меравад ороми
набзаш мезанад пуршӯр:
Хӯшаҳои ормонаш мерасад дар ҳотаи хуршед,
Меваҳои орзуяш мепазад дар шохаҳои нур.
Зери гардун мисли тобистон
Дил надода кас ба урёнӣ,
Ошиқе чун ӯ набӯсида
Аз кафи по то ба пешонӣ.
Роҳати дунё канораш мекунад роҳат,
Лаззати дунё зи комаш мебарад лаззат.
Лек дар ойинаи чашмони ӯ ногаҳ
Мешавад акси ҳазини тирамаҳ пайдо.
Масту ошиқ мекунад эҳсос,
К-ин хушиҳо бигзарад чун мавҷаи рамхӯрдаи дарё...

## ҲАЗЁН

Саробҳо, саробҳо!
Ҷавоби бесаволҳо,
Саволи беҷавобҳо,
Ба чашми кӯри лофҳо
Намоиши харобҳо,
Савоби дар гуноҳҳо,
Гуноҳи дар савобҳо,
Ба пойи шал шитобҳо,
Ба гӯши кар хитобҳо,
Шароби бехуморҳо,
Хумори бешаробҳо,

Нишаста бенишоти дард
Ба хобҳо, ба хобҳо,
Нишонда нақши умрҳо
Ба обҳо, ба обҳо,
Амирии кабобҳо,
Гадоии китобҳо.
Фиғони ман ба бодҳо:
Саробҳо! Саробҳо!

* * *

Ситора дар ситораӣ, ки бо манат ситора нест.
Чӣ ҷойн шиква кардан аст? Дили ту санги хора нест!
Китоби ҳастии туро хати ба хат наваштаам,
Зи лутфу меҳрубониат ба номи ман ибора нест.
Ба қадри он диле бирас, ки метапад ба ёди ту,
Ки тухми хастаи маро расидани дубора нест.
Мусофирам, ки раҳгумам дар ин диёри бераҳон,
Ба сӯи манзили умед чаро ки як ишора нест?!
Ба ҳар тараф нигоҳи ман давиду домане кашид,
Ба хоки мурдазиндагон нумӯи як шарора нест.
Зи хона меравад бурун дилам ба қасди эътироз,
Ки хӯи тифли саркашам ба ҳаҷми гоҳвора нест.
Ба пеши ҳусни равшанат ба узр лаб кушодаам,
Хаёли оҷизи маро маҷоли истиора нест.
Нақора мезанад чу маст ба кӯи хилвати шараф,
Чу ишқи соддалавҳи ман ниҳони ошкора нест.
Ба вусъати фасонаам ҳақиқате намекашад,
Ки ҷуз канори танги ту канори беканора нест.
Раҳе, ки дар ниҳояташ ба чаҳ намебарад, куҷост?
Бигӯ, бигӯ, ки чораро дар ин замона чора нест.

## ШАБИ СОЛИ НАВ

То пагаҳ боридани барф асту ман,
Раҳ ба раҳ боридани барф асту ман.
Аз нигоҳам бигзарад СОЛИ КУҲАН

Пири пир,
Бе дастгир,
Дилшикаста,
Хаста-хаста,
Ноумед.
Чашм – обӣ,
Мӯ – сафед.

* * *

Решаҳоям дар замини беқарори қарни бист аст,
Шохаҳоямро гирифта панҷаҳои офтоби асри навзод,
Мекашад аз зулмати дирӯз сӯи бомдоди сабзи оянда.
Дар раги ман хуни фарёди гузашта мекунад туғён,
Дар сари ман рӯшании фикри фардо мезанад ҷавлон.
Ҷомаи ман аз дурангии матон субҳу шом аст,
Меваи ман аз наву кӯҳна,
Умри ман оғозу анҷом аст.
Ман ҷавонам,
Пири пирам,
Хоки роҳам,
Осмонгирам.
Дар фазои шодмони асри нав пар мезанад баргам,
Ҳастиамро бар баландои сафову хуррамӣ
хоҳад кашидан,
Бар сафову хуррамӣ хоҳад расидан.
Асри нав! Эй парваришгоҳи умеди нав!
Баргҳоямро маяфшон зери пои бедареғи тирамоҳон,
Борҳоямро маяфкан рӯи роҳи бевафои каҷкулоҳон,
Ҷони зорамро биёмурз аз гуноҳон, аз гуноҳон...
Решаи ман дар замини беқарори асри бист аст,
Хуни ман аз лолазори асри бист аст...

* * *

Эй, ки дар ҳошияи омаду рафти ду замон
чун ту ҷавон нест ҷавонӣ,
Ҳусни ту ҳусни баҳор аст,
Ҳузни ман ҳузни хазон,

Мон, ки ман ошиқи ту монаму як асри дигар
зинда бимонам!
Ман агар кирмаму шабтоби худам,
Зиндагӣ дар дили зулмат на сазовори ман аст.
Ман агар маҳзи вафоям,
Умри бепоя на дар кори ман аст.
Чун баҳоре, ки паси сар фиканад
фитнаи сардиву хазонро,
Мон, ки бо асри куҳан бигзарад андӯҳи дили ман,
Мон, ки бо асри навин субҳи муроди ману ту
чеҳра кушояд.
Эй ки шодобтарин хандаи маҳзунии лабҳои манӣ,
Шодам кун!
Эй ки дар вожаи «ёд»
Бе ту таскинам нест,
Ёдам кун!
Аз сари қуллаи лозурии хушбахтии хеш
Фарёдам кун!
Ҷӯ ба ҷӯ васвасаи ташналабонам накашид –
Ҳама дарёи туам.
Заррае мижжаи яғмоии дунёталабонам нарабуд –
Ҳама дунёи туам.
Рӯҳи бешафқати қисматгари асри гузарон
Оташамро,
Аташамро
натавонист ба тақсим орад.
Эй саропои ту комил,
Мон, ки ман ошиқи ту монаму як асри дигар
зинда бимонам!

* * *

Ин саҳар ҷону дилам ошуфта,
Дар дилам дарду алам ошуфта.
Як сухан бо сухане н-ояд рост,
Хотири талхи қалам ошуфта.
Мардуми гушнаи беғам! Зи шумост
Ҳастии мӯътадилам ошуфта.

Бе самар мурдани обу гилатон
Мекунад обу гилам ошуфта.
Ин чӣ дарё, ки ба соҳил нарасад,
Дасти уммеди пулам ошуфта?!
Ғарқаи хуни дили кист? Чаро
Лола рӯяд зи талам ошуфта?
Ту маро бе ғаму осуда магир,
Дил кушад як маҳалам ошуфта...

* * *

Кабӯтарҳои ширини табассумҳои худро ту макун озод,
Ки биншинанд бар талхии шохи нолаҳои ман.
Маро бигзор чун дарёи кӯҳистон
Ба танҳоӣ бигирям дар дили танҳои кӯҳистон.
Ту бодоми гулафшонӣ,
Ки гулханди ту натвонад, ки бераҳмии
сармои замонро пеши раҳ гирад.
Ту шеъри нозанинӣ дар лаби марги Ҳилолӣ,
нозанини ман,
Ки натвонад инони саркаши ҷаҳли сияҳ гирад.
Бигӯ –
Аз панҷаи номеҳрубони рӯзгори ман
Кабӯтарҳои поки меҳрубонии ту бигрезад.
Бигӯ –
Бо шоми ҷони номуроди ман
Сафои субҳгоҳии ту н-омезад.
Гуноҳам нест –
Агар пажмурдаи ин хушксоронам.
Гуноҳам нест –
Агар чун ту баҳорам ҳасту ман дур аз баҳоронам.
Маро бигзор чун дарёи кӯҳистон
Ба танҳоӣ бигирям дар дили танҳои кӯҳистон.

* * *

Худои меҳрубони ман,
Чӣ хастаам,
Чу риштаи гусастаам,
Ба дарди дил нишастаам.

Ба рӯҳи ношикастагон
Бигӯ, ки ман шикастаам.
Бирав, сафедии сабоҳи ман!
Маё, шаби сиёҳи ман!
Дурудам аз duруди ман тиҳист,
Сурудам аз суруди ман тиҳист.
Хаёли ман – кавири бегиёҳи ман,
Садои ман – халои таҳ ба таҳ сиёҳи ман,
Умеди ман – паноҳи бепаноҳи ман.
Магӯ, магӯ, ки кистам,
Ки нестам! Ки нестам!
Худои ман,
Чӣ хастаам...

* * *

Баҳорро хабар кунед,
Ки дар шуури шеъри ман баҳор мурдааст
Ва нози меҳрубони гул
Дар инҳисори ҳамдамии хор мурдааст.
Аналҳақи баланди рӯшанӣ
Наёмада ба кӯи зулмате –
ба рӯи дор мурдааст.
Далерии касе
намекашад зи домани хасе,
Шарора дар дили шарор мурдааст.
Баландӣ аз баландии кӯҳ уфтодааст,
Ки дар раги ману шумо виқор мурдааст.
Ба куштани чароғ медавад дами шикам,
Ки эътибор мурдааст,
Ки ифтихор мурдааст.
Ватан! Ватан!
Ба ҳар даре умеди интизор мурдааст.
Ба шохаҳо чӣ офате шукуфтааст,
Ки бор дар сиришти бор мурдааст?
Нафири нола медамад,
танини навҳа мерасад,
Ки дар дили ману шумо
чӣ нағмаҳо, ки бешумор мурдааст.

* * *

Осмон хокистарист,
Дасти растохези боде нест,
то бардорад ин сарпӯши дамкушро,
То бидонам тӯи ин сардиву
ин бемеҳриву
ин бенишонӣ
Ахгаре ё ахтаре зиндаст?!
Дил даруни синаи тангам ба танг аст,
Осмон хокистарист,
Чорае нест...

* * *

Чашми ту – ин осмони сарди маҳзун –
Бекарона гиря дорад.
Эй Ватан!
Хунобаҳои нӯги мижгони ту рӯи дафтари ман
мечакад беист,
Лафзи ман мисли саводи дида ғарқи ашки ҳасратҳост.
Шеъри ман тар нест,
Аммо тар бувад аз оби чашмат байтҳои ман,
Балки ҳамчашми ту мегиряд ҳама ҳарфу ҳиҷои ман.
Ғуссаат сангину ашкат боз сангинтар,
З-ин ин ду авроқи ҳазинам боз вазнинтар.
Ту биё дар боли шоди офтоби хандаҳоят,
Бо тулӯи тобноки бӯсаҳоят,
Сафҳаҳоямро сабук кун аз гаронии ғаму андӯҳ,
То раҳо созем бо ҳам дар масири бод
Ин ҳама ғамномаҳоро мисли қоғазбод!

* * *

Ҳар саҳар тирезаҳоро мекунам воз,
То даруни хона ойӣ аз сари роҳ
Бо садои пойҳои субҳгоҳиат.
Ҳар чӣ дорам, бе ту чизе нест:
Зеҳни ойина зи ойина будан холист,
Дар дили гулдон хумори навбаҳорон нест,
Пайкари уммедвори ман зи ман орист.

Рӯзҳоямро ба шодӣ ошноӣ деҳ,
Чашмҳоямро ба хуснат меҳрубонтар кун,
Бо ҷавониат суруди хастаамро ту ҷавонтар кун.
Атри гесӯи ту бикшояд димоғи хонаамро,
Хандаҳои ту парешонад ғубори хонаамро,
Барқи рухсори ту сӯзонад зуломи хонаамро.
Зиндагӣ дуаспа аз ман мегурезад –
Сиккаи пирӯзии ман дар кафи уст,
Ҳаққи зебоии ман дар гардани ӯст,
Оғуши гарми ҳавасҳои дилам дар оғуши ӯст –
Зиндагӣ дуаспа аз ман мегурезад.
Дар баҳои зиндагӣ дигар туро хоҳам,
Эй, ки дар ман ноз-нозон зиндагӣ дорӣ!
Бо ту дар ин хушксорон метавонам буд шодоб,
Эй, ки эъҷози хазорон зиндагӣ дорӣ!
Ин саҳар тирезаҳоро кардаам боз,
То даруни хона ойӣ аз сари роҳ
Бо садои пойҳои субҳгоҳиат.

## ДАР ЗИКРИ САПЕДАИ КОШОНӢ – ШОИРИ ЗИНДАЁДИ ЭРОНӢ

Эй Сапеда, эй Сапеда, эй Сапеда,
Эй фиғони нури аз зулмат раҳида!
Рӯзҳоро рӯсияҳ дидиву манфур,
Бозгаштӣ дар дили шабҳо, рамида...

* * *

Субҳ бо лаҳҷаи тифлона биёяд ба дарам нонталабӣ,
Мани бечоратар аз ӯ бидиҳам ёд варо шеваи
армонталабӣ,
Эй Ватан!
Мо ҳама талбандаи беҳосили армони худем,
Бо алам марди Зарафшонии ту
Биравад хонаи ҳамсоя Зарафшонталабӣ.
Дӯш дидам, ки дари бастаи даврон мекӯфт
Лаъли хунгаштаву мекард Бадахшонталабӣ.

Рӯҳи ғоратшудаи шоири озода наосояд ҳеҷ,
Ҳамчу девона равад хитта ба хитта пайи девонталабӣ.
Метавон луқма биҷусту ду ҷаҳонро пай зад,
Лек ҳайф аст чу хасбод парешон мурдан
Дар биёбони парешонталабӣ.
Лол шуд ҳарфи ман аз маҳшари паймонталабӣ,
Хушк шуд дасти ӯ аз ваҳшати эҳсонталабӣ,
Эй дил, эй дил!
Ту биё парда зи асрори куҳан бардорем,
Нагзарад аз сари Сомонии ман
Ҳақи меросии Сомонталабӣ.
Хуни ман наъра занад дар раги афсурдаи ман,
Вакти он аст равам бар дари андешаи хеш
Тоҷикистонталабӣ, Тоҷикистонталабӣ...

## НАВҲА

*Ба ёди хоҳарам Шарофат*

Дар лиқоят лиқои азиз,
Дар гулӯят садои азиз,
Дар лабат хандаҳои азиз,
Дар вуҷудат сафои азиз,
Хоҳарам, нусхаи модарам!

Дар саропои ту, хоҳарам,
Зинда буд, зинда буд модарам.
Ку илоҷе зи чашми тарам?
Сӯхтам, мушти хокистарам,
Хоҳарам, нусхаи модарам!

Бе ту – савдои бемодарӣ,
Дарду ғамҳои бемодарӣ,
Ранҷи дунёи бемодарӣ,
Ҳолу фардои бемодарӣ,
Хоҳарам, нусхаи модарам!

Бо туам зиндагонӣ гузашт,
Кӯдакиву ҷавонӣ гузашт,
Фурсати шодмонӣ гузашт,
Олами меҳрубонӣ гузашт,
Хоҳарам, нусхаи модарам!

Ман туро ҷуста рафтам мазор,
Пеши чашмам ҷаҳон тангу тор,
Мегурезад зи поям мадор,
Чун кунад додари дилфигор?
Хохарам, нусхаи модарам!

Шеъри ман то саҳар гиря кард,
Дар сари гӯри тар гиря кард,
Ёри хунинҷигар гиря кард,
Бо ғами Гулназар гиря кард,
Хоҳарам, нусхаи модарам!

## ДАР БАЗМ

Эй зи хубӣ хубтар!
Месазад, то мавҷи об
Аз ту омӯзад хирому печу тоб.
Ҳайф, ҳайф!
Барги пул пар мезанад дар шохаҳои навниҳоли
рақси зебоят,
Ҳайф, ҳайф!
Мехӯранд ин бандагони нафс рақси нозанинатро
Бо шаробу бо кабоб!

* * *

Ман ҳама ташвишҳоро мекашам бар ҷогаҳи хоб,
То биосояд дамеву ҷони ман ҳам з-ӯ биосояд.
Лек ин бехоби бехоб
То сахар аз ман маро меоварад берун.
То саҳар хоби маро дар мижжаҳоям мекунад дилхун.
Пеш аз бедории ман мешавад бедор,

Мекунад ҳар зарраи ёди маро хушёр.
То бигӯяд:
Ин манам, ҳуш дор!

## ВАШИНГТОН

Эй Вашингтон!
Лолазори лолаҳои беғашу бедоғ!
Заррае захри ҳасудам нест:
Мардумат бедоғ боду лолаҳоят низ.
Лолаҳо дар Шарқи ман бо доғ мерӯянд,
Мардумон дар Шарқи ман бо доғ мемиранд...

* * *

Шабҳои моҳтобии шаҳр
Бе ошиқон тор аст.
Дилбастаи шабони ғамомӯз
Танҳо танҳоист.
Ман мехӯрам ғамҳои маҳтобӣ,
Ман мекашам дардои танҳоӣ.
Эй ошиқон, ки бӯсаи пазмонатонро таъми маҳ нест,
Дар чӣ ҳолед?
Бе изтиробу тапиши дилҳотон
Набзи раҳу пайроҳаи дунё намезанад,
Барге ба шохе бе нафаси гарм-гарматон
Начво намекунад.
Ин шаҳр танҳост,
Ин шаҳри танҳоист.
То бонги ошиқонаи потон намерасад,
Аз ёди ман ҷавонии ман рафта,
То хилвати шаб аз ҳаваси сабзатон холист,
Уммеди зиндагонии ман рафта.
Дар шаҳри беишқ
Дил дар канорам ошикона нест,
Рӯзу шабони зиндагии ғуссаборам ошиқона нест.
Ман мехурам ғамҳои маҳтобӣ,
Ман мекашам дардои маҳтобӣ...

## ДАР АРАФАИ ИДИ ИСТИҚЛОЛ, 5 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1997 ГУФТА ШУДААСТ

Ин шаҳр, ҳар сӯ бингарам,
Рӯи матои сурху кабуду сафеду сабз,
Гулҳои шеъри ман шукуфтаанд,
Аммо даруни синаам
Боди хазон ба нолааст.
Шашсола гашта тифлаки истиқлол,
Аммо ғами умеди ман
РӮДАКИСОЛА аст.
Имрӯз шаҳр пур шуда аз мисраъҳои ман,
Имрӯз холиам чун киссаҳои хеш,
Ман хандаоварам
Чун қиссаҳои хеш!

* * *

Марг озодист,
Лек асири ҳаҷри ту будан беҳ аз он аст...
Ёди ту шаб хобро аз хонаи чашмам бадар кард,
Тифли маъсуми маро дар кӯчаҳои сарди дунё
дар ба дар кард,
Сабрро дар ҷони ман хуни ҷигар кард.
Дил яке нолиду дар зад,
Балки мурғи ман ба девори қафас ошуфту сар зад,
Ғуссаи фирӯзи ман
Бар дили бечораи ман нештар зад.
Марги огоҳ – ин табиби зудпайдо –
Дар замон омад ба болинам.
Инак, инак!
Чашми ман бар чашми маргу дасти ман
дар дасти ёди туст.
Қурси дору, қурси дору дар кафам,
Мефиребам, мефиребам марги фаннодидаро.
Ғунчаи ту, ғунчаи ту дар дилам,
Дар хазонаш мекушам марги хазонсанҷидаро!

* * *

Бевафоии ту бурд аз паси бедардии хеш
Чордаҳсолагии ошиқи сармасти маро.
Бевафоии ту бо домани ҳасрат пайваст
Хоҳиши покизаи дасти маро.
Чордаҳсолагиам ҳамраҳи ту рафту дигар
Ба суроғам н-омад.
Марҳами ҷони фигорам нафасе
Бар сари бистари доғам н-омад.
Оҳ!
Ман бар дари пирит ба ёд овардам,
Эй гули рафтаи ман, эй ғами ҳамвораи ман!
Хуб шуд, к-аз паси беаҳдии ту
Чордаҳсолагии соддаи ман рафту наомад дигар.
Варна чун ман дари пирӣ мекӯфт
Бо дили хаставу бо хуни ҷигар...

## ҚИСМАТ

Ман осмонам,
Дар оғӯши зулоли бетаҳи ман
Ҷуз пораабри боронӣ
Ҳеҷам ба бор нест.
Ман кӯҳсорам,
Дар хилвати ҳазорсолаи ман
Ҷуз гиряи равони чашмасор нест.
Ман сар ба сар қомусам,
Ойинаи ғариби зеҳнамро
Ҷуз вожаи ҷаҳонии «фарёд» дар канор нест!

* * *

Миллати дилсоддаи ман!
Модарони кӯрпистону ақими ту
Бар ятимони ту шири модарӣ додан натонанд.
Хоки безурёти бемеҳри падарҳот
Сабзаҳои меҳри фарзандӣ нарӯёнад.

Гиряҳошон бар сари тобути маъсуми писарҳои ту
танҳо худнамоист,
Дар биёбони саропошон нами ашке набуду нест.
Баски зоданро намедонанд,
Зодагонро низ дар паҳлӯи худ дидан наметонанд,
Зиндагонӣ аз хиёнатҳояшон пур аз хиёнатҳост,
Аз касофатҳояшон бому дарат пур аз касофатҳост.
Эй мабодо рӯдҳои ту шавад чиркин,
Офтоби меҳрубони ту шавад бадкин.
Эй мабодо лонаҳои ту бимонад бе пару бе бол,
Кишти номуси туро селоби бенангӣ кунад помол.
Эй мабодо аз чунин аҷдоди безурёт
Аз ту ояд баъд аз ин авлоди безурёт.
Бе падар будан беҳ аст,
То бувад ин сон падар.
Модарӣ гар инчунин аст,
Бахри ту бемодарии ту беҳин аст.
Хешро покиза кун монанди дарё аз хасу хошок,
Пок бошу пок бошу пок!

* * *

Ҷавонӣ бо кадамҳои ту меояд
Ва ман пур мешавам аз ин ҷавонӣ,
Чунон ки пур шавад рӯхи сурохӣ
Зи мастии шароби арғувонӣ.
Зи пешонии бе чини сабоҳет
Гираҳ бикшода гардад аз ҷабини зиндагонӣ.
Табассумҳои ширинат
Аз ин шаҳри музофотӣ
Занад санги маломат бар ҳама талхи ҷаҳонӣ.
Даме, ки мекушоӣ лаб ба гуфтор,
Забон аз ту биёмӯзад забонӣ.
Худоро шукр бигзорам, ки дар ин хоки пирона
Ту ҳастиву ҷавонету ҷавонӣ!
Равон бигзар зи роҳи мисраи жӯлидаи ман,
Ки шеъри ман зи ту ёбад равонӣ.

Ба тобистони гарми бӯсаат хонам ба меҳмонӣ,
Ки аз ҷонам гурезад сардин ҳаҷри зимистонӣ!
Ҷавонӣ по ба поят мерасад то ман, чу
гулҳои Душанбегӣ,
Чӣ хушбахтам, ки модар зода моро Тоҷикистонӣ!

* * *

Либоси пораи ҳиҷрони ман дархурди дарбеҳ нест
Ва тангӣ мекунад баҳри дили парвориам имрӯз –
Диле ҳамчун дили ман аз ғизои ғусса фарбеҳ нест.
Дар нн панҷоҳи умрам сими ман мӯи парешон аст,
Бубинӣ тах ба тах рахти маро дар чини пешонӣ.
Чаро уммеди ман бар ҷомаи шодӣ намеарзад,
Агарки бениёзе мисли ман дар шаҳру дар деҳ нест?!
Ду шохи сабзи дасти ман, ки пиндори шукуфо дошт,
Зи беборӣ ҳазар мекарду гулборӣ таманно дошт,
Ду чашми ман, ки хуршеди раҳиро хонагӣ мекард,
Ба рағми шоми бепарвои дил парвонагӣ мекард,
Кунун вомондаанду қисматамро зӯри танбеҳ нест.
Зи кина зинаи рифъат намешояд, намешояд,
Зи кина зинаи рифъат намепояд, намепояд.
Замини киштгардони забонро «дӯст» мекорам,
Ки дилро зери гардун бо тани танҳо дами беҳ нест.
Худоро, сайқалам деҳ бо сафои хотират, эй дӯст,
Ки мемирад ҷилоям дар варои зулмати бебор,
Маро дар хоки бедардӣ ба ҷуз ту марди тандеҳ нест...
... Либоси пораи ҳиҷрони ман дархурди дарбеҳ нест!

## ТАРОНАИ БАҲОР

Ҳусни замин фаввора зад.
Пиру ҷавон, зебо шавед.
Саҳро намеғунҷад ба худ,
Саҳро шавед,
Саҳро шавед.
Наврӯзатон пайваста бод,
Вораста бод, вораста бод!

Чун ғунча аз худ вораҳед,
Чашми тамошо во кунед,
Ҳам по ба ин дунё занед,
Ҳам хешро дунё кунед.
Наврӯзатон пайваста бод,
Вораста бод, вораста бод!

Аз сабзаву себарга пеш
Ҷо дар канори ҷӯ кунед,
Бо бӯи гулҳо бӯ шавед,
Бо боди ошиқ бӯ кунед.
Наврӯзатон пайваста бод,
Вораста бод, вораста бод!

Фасли парешонӣ гузашт,
Бо меҳри ҳам маҳфил кунед,
Сад ҳайфи ишқи ломакон,
Таъмири мулки дил кунед.
Наврӯзатон пайваста бод,
Вораста бод, вораста бод!

* * *

Эй мусофирмурғакон!
Зӯри боли кӯчиам нест,
Бори ҳиҷронро наметонам кашидан
то ба иқлиме мусоид.
Ман дар ин хоке, ки ҳар чӣ дона афшонӣ, барояд
қурси ноне аз дили ҳар зарраи қудсиш,
Гушна хоҳам мурд.
Баски санг андохтан мехоҳаму аммо наметонам
Бар даҳони иштиҳои ин ватанхорон.
Дар сари ҳар шохаи урён, ки борашро ба ғорат бурда
беинсофии нафси шикамборон,
Лонаҳои нолаи ман боқӣ хоҳад монд.
Бо хасу хоре, ки маъвои биҳиштии мани хастаст,
Таппиши гармои набзи нолаи ман боқӣ хоҳад монд.

Гар ғурури муфлиси бунёдсирфоне маро нашнохт,
Ғуссам ҳаргиз нахоҳад буд,
Ранги сабзи ошноӣ дар сиришти сабзаҳои ошно зиндаст.
Аз навола то хаёли орзуҳои тарам холист,
Аз наво ҷону дилам мамлуст.
Ҷуз ғубори мижжаи абри фазои шаҳри дарди ман
Ташнагии хотирамро Даҷлаҳо аз ман
наметонад рабудан.
Он гираҳобичаҳои ман, ки дар банди ҷигар сабз аст,
Ҷуз ба азми нохуни хори ватан натвон кушудан.
Нест вазне дар арӯзи шеъри бобоӣ,
Вожа-вожа баркашам то андӯҳи дурии миҳанро.
Эй мусофирмурғакон!
Дар тани худ ман мусофир будаму ҳастам,
Дар Ватан аммо чӣ сон бошам мусофир?
Роҳатон дур аз хатар бод,
Дурии армон ба зери болатон наздиктар бод.
Лонахотонро сари девори деҳқон
Посбонӣ мекунад дарди дили ман.
Варна дар тоқи баланди ин ватанхорон
Гӯшае набвад барои лонаи бечорагитон...

* * *

Даме болои мижгонам нишин чун барфи нав,
эй рӯсафеди ман,
Дар ин дунёи навмедон умеди ман!
Дилам дар хонаи зангории ойинаи танҳоӣ афгор аст,
Биёву шодмаргам кун, ало, эй шодии айёми иди ман!
Халад аз шаш ҷиҳат чун хор бар ҷони фигорам
шумхабар ҳар субҳ,
Надорам токате дигар,
Ба фаркам резу гӯрам кун,
Ало гулбарги гулбоғи навиди ман!
Дар нн майхона бисёранд хушёрону бедардон,
Биёву масти мастам кун, набиди ман.
Зи рӯзи ҳашру дидори лаимон сахт безорам,
Вале уммедворам метапад ин дил,
Ки шояд бо ту бошад боздиди ман.

Ба гӯшат норасида ҳарфҳоям чун гули қоқу
шавад пар-пар,
Хушам, к-аз олами рӯъё ҳамин буда расиди ман.
Фурӯям мебарад шоми сияҳ мисли сафедори ғарибии
кӯчаи хомӯш,
Наҷотам деҳ,
Биё, бо ҷони ман омез, субҳи рӯсафеди ман!

* * *

«СУБҲ» бо ман мехӯрад субҳона,
Аммо иштиҳояш нест:
Ҷонаш аз тимори ҳар бечора афгор,
Гӯшаш аз фарёди ҳар овора саршор,
Рӯи каф, чун дар кафи пурсанда,
фалси камбаҳояш нест.
Ҷомаи нилобиаш бар қадди ларзон пора-пора,
Кафши пояш шабнами бармолаву ёла,
Мечакад аз шохаи маҳзуни мижгонаш ситора,
Бо сафо бархоста,
аммо сафояш нест.
Аз нигоҳи ранҷаи тифлон ҳисораш ҳаст,
Аз сафи мижгони хунполуда хораш ҳаст,
Аз каҳи саҳрои ҳиҷрон кӯҳсораш ҳаст,
Ҳеҷ натвонад бурун ояд, ки роҳи дилкушояш нест.
Бо тасалло додамаш пироҳани армонии худро,
Бовари худ – ҷавшани раббонии худро,
Вусъатободи булӯғи меҳани рӯҳонии худро,
То напиндорад, ки ғампайванди ҷони мубталояш нест.
Оваҳ! Оваҳ!
Бештар урёнтараш дидам,
Чун шафақ хуниндилу гирёнтараш дидам,
Дар тапишгоҳи ҳавас қурбонтараш дидам,
Рӯ ба рӯ дарвештар дидам варо ман,
Ҳамчу худ дилрештар дидам варо ман,
Бо мани ман хештар дидам варо ман,
«СУБҲ» бо ман мехӯрад субҳона,
Аммо иштиҳояш нест!

* * *

Мудом дар хаёли ман
Ту бигзарӣ зи кӯчае, ки номаш «Хазон» аст.
Насими гесувони ту
Фитодагии барги шохаро баҳо намедиҳад.
Табассуми баҳориат
Ба ғунча дарси ҷонфазо намедиҳад.
Хасе, ки дӯш сабзии умеди боғ буд,
Шамими домани туро раҳо намедиҳад.
Ба шабнаме, ки ҷилваҳош заъфаронист,
Назар макун, ки хӯ кунад нигоҳи ту ба ранги ҳиҷрон.
Ба нолае, ки мечакад зи боли мурғакони кӯчӣ,
Мадеҳ ту гӯш,
Ки панди меҳрубониву вафо намедиҳад.
Сукути пурмалоли кӯчаро ба худ магир,
Ғубори ғуссабори кӯчаро ба худ мабар,
Зи нақши по, ки қиссаи дарози раҳравон аст,
Сафои ёди хешро хабар макун,
Агар саломи ту ҷавоби ошно наёфт,
Зи «ошно» набур,
Ки ҷодуе туро раҳо аз ин ҷафо намедиҳад.
Ҷавонииро миёни гармхонаи биҳиштии танат наҷот деҳ,
Ки рӯзгори пурҷавона дар раҳ аст.
Муҳаббат – ин кабӯтари рамидаро –
Ба сеҳри меҳри бекарона ром кун,
Ки рӯшании осмон ба роҳи туст.
Таронае, ки мо ба ҳам шунудаем дар сукути ҷодае яксӯ,
Чу ояте, ки аз бало раҳо кунад, раҳо макун,
Ки рӯзҳои пурҷалоли рафтаро касе ба мо намедиҳад!
Мудом дар хаёли ман
Ту бигзарӣ зи кӯчае, ки номаш «Баҳор» аст...

## ХӮШАЧИН

Дилам хоҳад, ки дар оғӯши шабҳо
Бигӯям бо табат аз тобу табҳо.
Мисоли шабнаму барги гули тар
Саропойи туро пӯям ба лабҳо.

Маро ту хӯшачини хирманат кун,
Маро ту посдори гулханат кун,
Ҳавасҳои ғарибі ҳар шабамро
Ба кӯят хону меҳмони танат кун!

* * *

Маро низ рағбатест ба ҳамнишинии шабнам,
Маро низ орзуи меҳмонии гулпаракҳои рангин аст
Ки забони булӯғи хама ғунчаро донанд.
Маро низ ҳавасест,
Ки кулбаи лоларо кунам тармим
Ба доғи дили хеш.
Зи кӣ пурсам?
Сафедор – ин фаввораи сабзи ҳамеша мушавваш –
Зи изтироби таболуди синаи ман огоҳ аст?
Шафақи рӯшани гули тоҷи хурӯс
Дили хунчакони маро ба додарӣ хонад?
Ва настаран ба неши ғофилгири атролудаш
Бикашад хори ҷафои ман зи пойи андеша?
Зи кӣ пурсам?
Дар ин замин кишт кардаанд «майдонҳо»,
Ки «Шаҳидон»-у «Озодӣ» дарав бикунанд.
Ва «Шаҳидон» барои нумӯи «Озодӣ»-ст?
Ва «Озодӣ» барои рифъати «Шаҳидон» аст?!
Бихоҳам ду шохаи ваҳширо ба ҳам диҳам пайванд,
Бихоҳам решаҳои марказгурезро ба ҳам даромезам,
Бихоҳам чу тори эзидии ҷӯи оби ҳаёт
Аз ин кишта бидавам ба он кишта
Ва накҳати паёму дуруд мужда барам.
Зи кӣ пурсам?
Сапедаро бигӯям, ки ман надими ҷоннисори туам,
Зудудани зуломи ойина на душвор аст.
Ба кӯҳу ёлаҳо кунам талқин,
Ки меҳргиёҳ бояд зод,
Ки талха бисёр аст,
Ва зиндагӣ боргоҳи талхӣ нест.

Ба азони фохтае, ки ҳар саҳар маро аз хоб мекунад бедор
Намоз орам,
Ки ҳамеша пур аз сафову вафодорист.
Зи кӣ пурсам?
Қасам ба нағмаҳои ройгони чирчиракҳои айвонам,
Ки гармии нафасам
Барои ғунчаҳои пасини боғ ройгон аст.
Қасам ба нармии офтобии нахи мизон,
Ки ҷойгаҳаш дар сари мижгони ман худодод аст.
Манам адои пофишории духтаронаи чашма,
Ки панди ҳамраҳӣ медиҳад ба санги хораи бедил,
Манам фидои ормони сабзи сабзаи пойиз,
Ки бӯи баҳорро чун умеди баҳор зинда медорад.
Сухан, ки обастани рӯиши донаҳои гандум аст,
Замони киштукори ман фаро омад.
Зи кӣ пурсам?

* * *

Дар ин диёр роҳ нест:
Аз лобалои ҷангали афсонаи махуф мегузарам.
Нуре, ки аз нигоҳи хасиси ситорагон фурӯ мерезад,
Чун рашҳи борон бар ташнагии беканораи биёбон аст.
Раҳ меравам ман аз пайи зулмат,
Раҳ меравам ба сӯи бесӯӣ.
Аз хаш-хаши ваҳими паҳновар
Рам мехӯрад гӯшам чу харгӯш.
Овози ман чу кафтари мискин
Дар гӯшаи қафаси сина мешавад пинҳон.
Хорам ду пой мекунад урён,
К-ин кафши ту ба номи ман аст.
Дасти дарахтҳои ваҳшии бараҳна
Пироҳани маро меканад зи тан.
Олуи нимпухтаи чашми маро
Минқор мезанад каргаси гуруснаи шаб.
Аз лобалои ҷангали афсонаи махуф мегузарам:
Дар ин диёр роҳ нест,
Аммо
Роҳзан ҳаст.

* * *

Бубахшам шодии парвонаро дар базми
васли қудсиаш бо гул,
Туро бас нест?
Бубахшам сарфарозии сафедоре, ки кофури
саҳарро мекунад афшон,
Туро бас нест?
Бубахшам покии барфи нахустине, ки биншинад
маҳин бар шохаи мижгон,
Туро бас нест?
Бубахшам маснади яздонии тифле,
ки дорад дар даҳон пистон,
Туро бас нест?
Чӣ мехоҳӣ?
Худоро, раҳм кун!
Сурудат чун таноби дор мепечад
ба даври гардани ҷонам:
«Вой худоҷон,
Дилум тангай!
Дили ёрум
Мисли сангай!»
Ҷафоро афканам бар мавҷи дарёи вафодорӣ, қаноат кун.
Бадиро пӯст андозам, ки некиаш ба рӯ ояд, шафоат кун,
Қалам гирам, ки дар девону дафтарҳои давронҳо
Хати бутлон кашам бар вожаи «номеҳрубонӣ».
Ҳон! Муҳаббат кун!
Сурудатро раҳо кун бо пару боли шабафшоне, ки
зоғонрост,
Дар ин боме, ки номаш «Субҳ» хоҳад буд, махон дигар:
«Вой худоҷон,
Дилум тангай!
Дили ёрум
Мисли сангай!»
Саломи арғувонии ҳулулат мекунам эҳдо,
Сукути бо ситора покбозиҳои кӯлат мекунам эҳдо.
Шарори зиндаи ғамсӯзи мӯлат мекунам эҳдо,
Тараҳҳум кун!

Мазан оташ, ки сӯзам чун шафақ дар ғурбати
дури уфук имрӯз,
Ки дар мандони ҳасратҳо набинӣ беғаме фирӯз,
Чӣ таълиме ҳавас дорӣ аз ин устоди ҳаҷромӯз?!
Вагарна чун ту ман ҳам мекунам озод
Зи тангии гулӯ фавворaи ошуфтаи фарёд:
«Вой худоҷон,
Дилум тангай!
Дили ёрум
Мисли сангай!»

* * *

Шаҳр! Эй рӯсияҳи меҳри сияҳкорон!
Ғарқ дар фикри сафедӣ –
Барф меборад.
Туӣ он мард, ки дар сина зи ғам шомаш ҳаст,
Лек дар тораи мӯ бомаш ҳаст –
Барф меборад.
Баҳри ман ҷуз ҳунари барф сафедӣ нест,
Аз сафедӣ ба ҷуз аз ҷилваи яклаҳзагин барф
навиде нест –
Барф меборад.
Кӣ маро гуфт, ки баъд аз сияҳӣ ранге нест,
Ки диламро ба ҷуз аз ҳавсалаи тангӣ нест?!
Ба худо,
Бар сари ин тирагиву хоби сиёҳизадаи ман
Барф меборад!

## ТААССУРОТ

Як маҳ гурехт рӯҳи ман
Бар тангнои хомуши бемоҷарои Хоҷа Оби Гарм,
Як маҳ ҷаҳон накард суроғе зи ман,
Як моҳ рӯҳи ман
Берун зи гирудори ҷаҳони буду кайфараш...
Бозомадам зи дурии озода сӯи шаҳр,
Бозомадам ҳариси ҷаҳону дами наваш.

Дардо, ҷаҳон ҳамон буд,
Мардум ҳамон буд:
Дар панҷан ҳаёткуши марг то ҳанӯз
Ҷон меканад гулӯи Самангону Бомиён.
Ҳамсояи бечораи ман низ то ҳанӯз
Андеша мекунад сари як луқмаи нон...

* * *

Пири хамидақад
Тазйиқи вақтро
Пуштора мебарад.
Рӯзу шабони ӯ
Оҳиста мечакад
Бо қатра аз ҷабин,
Тазйиқи дардро –
Ҳамвор карда роҳ –
Ҳамвора мебарад.
Бо дасту пойи гунг,
Бо чашми бечароғ,
Аз ҷодаҳои умр,
Гӯё ки чорае
Бечора мебарад.
То хоки қисматаш,
То гӯри ҳасраташ,
Як пораи дили –
Садпора мебарад,
Ғамхора мебарад...

* * *

Кишваре ҳаст, ки аз ҷӯйи саршораш
Ташнагӣ ҷорист,
Аз лаби сери насими гандумзораш
Қиссаи ғамзадаи гушнагӣ ҷорист.
Кишваре ҳаст, ки ақлу хиради дорояш
Дороист,
Ҳама дороии нодоронаш
Нодорист.

Кишваре ҳаст, ки аз бори нигин хам зада ангуштон,
Лек
Аз Сулаймон хабаре нест.
Кишваре ҳаст – маро ҷонона,
Кишваре ҳаст – маро бегона,
Кишваре ҳаст –
Бе охири АФСОНА!

* * *

*Барои Саттор Турсун*

Эй Ватан!
Ман на он хирси шикамбораи худкоми туам.
То дами сардии тақдират,
Дар яке хилвати бедардиву бепарвоӣ,
Сар ба болини фароғат биниҳам
Ва дами гармии бахшоиши ту
Боз пайдо шаваму тан ба чаридан бидиҳам...

* * *

Толиси сисола шуд ҳафтодсола:
Дар хаёли навбаҳории ҷавонӣ
пириву пажмурдагӣ гунҷид.
Ҳеҷ н-ояд дар тасаввур –
Барфи мӯҳои парешон дар сари Толис,
Қабзаи зариечаки ожангҳо дар рӯи Толис,
Ҳиммати хамхӯрдаи ҳарфу ҳиҷо
дар қомати болои Толис.
Толиси сисола шуд ҳафтодсола:
Дар гулӯяш нест ҷои ҳалқаи доре,
ки ӯ овехт худро аз
ЗАМОНА
Содиқона!

* * *

Ташнагиам ҳаваси ҷоми лаболаб дорад,
Ҷуръае, баҳри худо, к-ин таби ман таб дорад!
Мурғаки соати девор зи нав ку-ку зад,
Равам, аз умр бипурсам, ки чӣ матлаб дорад.

Ту мапиндор, ки холист маро рӯзу шабон,
Рӯзи ман дар бағалаш рӯзу шабам шаб дорад.
Бо сиёҳии паси ойина баҳсест маро,
Соддагии дили ман дарди мураккаб дорад.
Сафҳаи рӯи туро дасти хаёлам наниҳад,
Тифли бедониши ман, бин, ки чӣ мактаб дорад!
Умрҳо бар талаби фасли висоланд ҳама,
Дили ман низ дар ин ғамкада «Ё раб!» дорад.
Шоиро! Ноз макун бо сухани лабҳоят,
Пайи изҳори ғамаш ҳар сухане лаб дорад!

* * *

Файзи хонро натавон танҳо монд,
Таъми нонро натавон танҳо монд.
Пойи меҳмон зи кучо мегузарад?
Остонро натавон танҳо монд.
Рустами ман, ғами номусам кушт,
Достонро натавон танҳо монд.
То Бухоро бирасад ташнагиам,
Зарфишонро натавон танҳо монд.
Охирин мурғи муҳоҷир бигузашт,
Осмонро натавон танҳо монд.
Хирманам дар раҳи бод аст ҳанӯз,
Каҳкашонро натавон танҳо монд.
Дарди ман бо дили ман мегиряд,
Ҳамзабонро натавон танҳо монд.
Ҳасрати давлати Сомонам гуфт:
Тоҷиконро натавон танҳо монд!

* * *

Метаровад зи баландои манора нафаси гарми азон,
Шаҳри холӣ ҳама пур мешавад аз ҳавсалаи бедорӣ.
Ман СУХАНРО бубарам баҳри таҳорат
лаби дарёи сапеда,
Бидиҳам машқи намозаш ба тулӯи покӣ.
Ман, ки сад мадраса дар дил дорам,
Дарси имон диҳаму номусаш,

То ки як рӯз нагӯяд ба алам:
«Гар мусулмонӣ аз ин аст...
Оҳ, агар аз пайи имрӯз бувад фардое!»
Аспи чӯбини ман он лаҳза ки хонад ба сафар,
СУХАНИ покиза.
Бо пойи таҳорат,
Бикунад наъши маро – ҷаноза,
Бубарад рӯҳи маро – бар ҷовидон,
Субҳу шомам бифиристад
РАҲМАТ!

* * *

Нигоҳам шарм медорад,
Ки бинам дар лаби ҷӯйе сафедорони урёнро.
Наметонам, наметонам,
Ки як дам бишнавам ман гиряҳои оби гирёнро.
Ҳама ганҷе, ки маҳфуз аст, дарёбанд,
Чаро беҳуда пинҳон мекунам ин дарди пинҳонро?!
Ало, эй хушксоли меҳрубонӣ, аз сарам бигзар,
Ба ҷӯйи дил наметонам кашидан оби дарёи Зарафшонро!
Чароғи Мавлавӣ меҷусту меҷӯему меҷӯянд,
Ало Инсон! Куҷо ёбем Инсонро?
Дар ин мулки тиҷорат оламе дар роҳи савдо рафт,
Кушо бозори имонро!
Намо дӯкони виҷдонро!
Саҳаргоҳон, чу бикшоям забони вирд, мегӯям: –
Нигаҳ дор, эй Худо, аз шоми зулмат Тоҷикистонро!

* * *

Чу шамъи мурда дар мотамсарои шаб,
Сияҳпӯшам, сияҳпӯш,
Ба шоми дидаи ман равшанӣ омӯз,
Ало субҳи баногӯш!
Гунаҳ бошад, гарам чун чашма мирад
Забон дар олами сарди тағофул.
Куҷоӣ, эй нигоҳи ту қасида
Ва нози ту тағаззул?!

Ду фарёди муҳаббатхоҳи дастам
Ду боли заъфаронии хазон аст.
Ту мурғони навозишро раҳо кун,
Саропои маро ғарқи сафо кун,
Дили гунги маро пур аз наво кун!
Вагарна мекашад бими сиёҳӣ
Саҳаргоҳи хаёламро зи домон –
Мисоли Носири Хусрав
Ба Юмгон.

## БО ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

Эй рафта! Хонаи ман дар хонаи кӣ бошад?
Афсонагӯйи шабҳом афсонаи кӣ бошад?
Дар домгоҳи нафс аст созу тарона маҳҷур,
Бедонаи дили ман бо донаи кӣ бошад?
Як лаҳза пас наомад аз пеши ту хаёлам,
Девонаи ду олам фарзонаи кӣ бошад?
Озурдаи дари туст ангушти ошиқи ман,
Ин боргоҳи бебор кошонаи кӣ бошад?
Нуре, ки мефурӯзам, мӯҳтоҷи анҷуман нест,
Ин шамъи ёғии ман парвонаи кӣ бошад?
Аз нолаҳои тундар шуд тоза ғуссаи дил,
Гардуни кишвари ман ғамхонаи кӣ бошад?
Озори ман равон аст дастобадаст бо ман,
Ин ошнои дерин бегонаи кӣ бошад?
Аз бахт шикваам буд, омад фиғони Бедил:
«Ин холии пур аз хеҷ паймонаи кӣ бошад?!»

* * *

Ман пештар аз офтоб
Бар қуллаи тулӯъ рӯидам.
Мисли чанор аз насим,
Худро такидам аз ҳама гарду ғубори шаб:
Зангӯлаи хазони дили ман шукуфо шуд,
Мурғи нафас зи синаи тангам раҳо шуд,
Дасти ҳазор ройиҳа бахшид рахти шоҳиам,

Овози кабк бар сари ман монд тоҷи хусравонӣ,
Шабнам ба хоки макдами ман рехт симу гавҳарашро.
Пеш аз тулӯи офтоб
Дарвозаи субҳро
Шодона кӯфтам.
Ман қиссаро ба қисса баргардондам
Ва
Рӯзро ба рӯз.

* * *

Ман –
Дӯстдори туршрӯйӣ на,
Дилбастаи ҳариси туршиам.
Эй ғам!
Чарот лаззати туршӣ нест?!
Танҳоӣ,
эй биҳишти чаҳаннамсиришти ман!
Бо ту ғами ниҳони маро лаззати шодист,
Шодимро таровати ғам.
Бо ту шукӯҳи рози ман парвардаи тилисм аст,
Бо ту сабоҳати дилам эъҷози Мӯсавист.
Танҳоӣ,
эй ҷаҳаннами ҷаннатсиришти ман!
Гар ту набудӣ,
Валлаҳ, ки бозмеофаридамат
Аз иҷтимоъи ҒУССАҲОИ хеш!

## НИЁИШ

Гули банг аст нури маҳтобаш,
Наъра мешорад аз лаби обаш,
Мастии бода мекашад бодаш,
Тӯ ба тӯ мурда оташи ёдаш,
Лолазори низори хунаш бин,
Вусъати саҳнаи ҷунунаш бин.
Мардумонаш халои ваҳмангез,
Ту куҷоӣ, худои ман?
Бархез!

## ОҲИ САФЕДОР

Ёди ҷудоист бонги ҳазорон,
Таъми фироқ аст дар оби борон,
Пойи умедам обичазор аст,
Садсола роҳ аст то навбаҳорон.
Печону печон оҳи сафедор,
Сӯзи дили ман бедори бедор.

Пайроҳа бигзашт аз ёлаи ман,
Рафту шафақ шуд гуллолаи ман.
Бахти фирорӣ! Шодӣ надодӣ,
Ҳасрат равон аст дунболаи ман.
Печону печон оҳи сафедор,
Сӯзи дили ман бедори бедор.

Эй субҳи поиз, эй шоми пойиз,
Хун мекунад дил боғи ғамангез.
Чун турна бигзашт, ҳусне, ки мекард
Тобу табамро аз нағма лабрез.
Печону печон оҳи сафедор,
Сӯзи дили ман бедори бедор.

Эй ёди ширин бо интизорон!
Атри ту – ҳулбу, таъми ту – торон.
Чун ман нанолам, к-аз ин хазонрез
Садсола роҳ аст то он баҳорон?!
Печону печон оҳи сафедор,
Сӯзи дили ман бедори бедор.

## ЭЙ ОБ!

Эй об, эй ойинаи ҷорӣ!
Бо хештан маро бубару ҷориам кун,
Бе ту маро таронаи софӣ маҳол аст.
Хоҳам, ки қатра-қатра наво резад аз дилам,
Хоҳам, ки сабза-сабза баҳор ояд аз паям.

Хоҳам, ки дар шабони хамӯши аҳуроӣ
Ҳусни ситорагон кашаму нози моҳи нав.
Хоҳам суруди субҳгаҳии кабӯтарон
Тартар шавад зи густараи обии ман.
Гар ки ба носавоб маро лой кардаанд,
Сар кӯбаму биполаму покизарӯ шавам!
Ҳар чӯ, ки аз раги ҳаваси ӯ гузаштаам,
Гӯ: зинда бош, к-аз сафарам бозмерасам.
Гулмоҳии умеди ту, к-аз ман ҷудо набуд,
То оғӯши муҳаббати ту зинда мебарам!
Эй об, эй ойинаи ҷорӣ!
Чун ойина шикастани мои шикастадил,
З-он беҳ, ки бигзарем зи дунё шикастаном.
Бо хештан маро бубару ҷориам кун!

* * *

Пардаи ларзони борон –
Ҳасрати гирёни борон –
Аз паси тирезаи ман мекунад забоии дунёи
зеборо зи ман пинҳон
Гарчи талх асту малолангез,
Беҳ, ки бошад пардаи симобии борон
Байни ДУНЁВУ МАН овезон.
Гарчи мо ҳамхонаем имрӯз,
Эй басо бегонаем имрӯз!
Ҳамчу мӯре, к-аз халои хонааш хоки сияҳро
зарра-зарра мекашад берун
Лаҳза-лаҳза аз дарам берун кунад андешаи ман
Зулмати шабҳои шумамро.
Ҳасрато! Дардо, ки торикӣ намекоҳад...

## ДАР ТАЗМИНИ ҒАЗАЛИ ШОИРИ ЭРОНӢ САИДАЛӢ МӮСАВИИ ГАРМОРУДӢ

Ин субҳ аз канори дилам лолагун гузашт,
Аз чашми ҳарфи хастаам Омӯи хун гузашт.
Фарёди мурғи кӯчиат оё хабар накард?
Дарди ман аз дарун бидамид, аз бурун гузашт.

Саҳрои ноумедӣ аз уммеди ман нараст,
Девонагӣ нигар ба чӣ ҳусн аз чунун гузашт!
Номардии замона! Зи дасти ту шиква чист?
Мардии Рустам аз раҳи ту вожгун гузашт.
Эй моҳи Нахшаб! Аз чаҳи худ сар бадар макун,
Сад моҳи ҷоду аз сари чархи фусун гузашт.
Ман будаму сиёҳии як шоми бесаҳар,
Байте гузашт аз дили нолону чун гузашт:
«Овехтем хештан аз тори лаҳзаҳо,
Умре чу анкабут ҳама сарнагун гузашт»,
Таскин ба ҷонам омаду сад шукри ҳарфи дӯст,
Ғам аз сиришти ғамзада хору забун гузашт!

* * *

Он ки ҷон фарсуду як-ду байти сиҳҳат гуфт,
Сахт бемор аст.
Рӯҳаш аз берӯҳии ҳампеша менолад,
Дардаш аз бедардии ҳамхона мегиряд,
Ҳастиаш аз ҳастии холӣ ҳама холист.
Эй Ватан!
Ҳаргиз наё ту бар сари болини зулмониш,
Бар ғурубободи армониш.
Чун ҲАМЕША
Баъди маргаш бар мазори ғурбати ӯ метавон бигрист,
Бар худу бар ҳасрати ӯ метавон бигрист...

## АФСОНАИ «ЯК ЗАМОН»

Зери чанори хастаи хиҷронпӯш
Бо фолбин гуфтам:
«Он чӣ зи сарнавишти ман хондӣ
В-он чӣ зи кисматам фаро гуфтӣ,
Дар рӯзи тирамоҳи армонкуш
Оё ҳақиқат аст?»
Пул аз кафам рабудаву гуфто:
«Оре, ҳақиқат аст».

Бо илтиҷо гуфтам:
«Гар огаҳӣ зи ҳикмати фардоҳо,
Баргӯ, ки рӯзи Тоҷикистон
Дар субҳи нодамида чун аст?»
Бо хандаи нуҳуфтаам гуфт:
«То нангарам ба сафҳаи дасташ,
Фолаш наметавонам дид».
Осемасар
Бурдам ба пеши дидаи ӯ обилаҳои кафамро,
К-ин аст дасти Тоҷикистон!
Оҳе кашиду ҷӯяи хушкидаи ожангҳои рӯш
Тар шуд зи ашки ӯ.
Нолидам аз алам:
«Фоли ту ин аст?!»
Шояд ки раҳм бар дилаш раҳ ёфт,
Шояд ки рост гуфт:
«Ҳар он чӣ Тоҷикистон
Гум карда буд дар раҳи қисмат,
Қисмат барош бозхоҳад дод».
Ин гуфту рафт.
Аз паси ӯ нолаам давид:
«Кай?!»
Бар гӯши ман навохт садои шикастааш:
«Як замон!»
Оҳ, «Як замон»!
Оҳ, эй ки «Як замон» замони туст,
Оҳ, эй ки зиндагии хуши «Як замон» аз они туст!
Баҳри худо,
Ту дарди номурандаи манро бубар бар «Як замон»-и худ.
Баҳри худо,
Ту ғуссаи кушандаи манро бубар бар он ҷаҳони худ,
Пироҳани мунаввари шодӣ бикун эҳдо барояшон.
Зеро,
Агар ба дӯзахаму дар биҳишти адн,
Ман ҳаққи ШОДӢ аз Ватан дорам,
МАН ҲАҚҚИ ШОДӢ АЗ ВАТАН ДОРАМ!

* * *

Ту, эй хоки забунафтода, бо номи Ватан бархез!
Туро бӯйи кафан то кай расад аз пираҳан? Бархез!
Сари мижгони субҳат мекунад хокистарафшонӣ,
Нафасро чун шафақ оташ зану оташсухан бархез!
Дар ин кӯҳсори сангистон умеди ташна мурдан ҳаст,
Ту, эй оби равон, аз ҷӯйи нанги Кӯҳкан бархез!
Умеди ту шаҳид асту шоҳидони ту армонӣ,
Чӣ пойӣ рӯзи растохез? Эй хунинкафан, бархез!
Заминат аз амал афтоду дар чанги аҷал афтод,
Агар ман «кишт» гӯям, «кушт» гардад дар даҳан, бархез!
Қабоят аз ману мои гадои пинадӯзон аст,
Ту урён аз фиреби ҷомавори «мову ман», бархез!
Каюмарсо, ҷавонии Сиёмакро ҷавонмаргист,
Агар меҳри писар дорӣ, ба кори Аҳриман бархез!
Дари бахти туро нохун занад пиндори бедорӣ,
Ту аз виҷдони хоболудаи ҳар марду зан бархез!
Қадам то чанд бигзорӣ ба пойи мустаори хеш?
Ту роҳӣ? Раҳкушойӣ? Ё роҳзан? Бархез!
Шаби хӯкардаи кӯи туро азми гузаштан нест,
Ало, эй шамъи бепарвона, боре анҷуман бархез!
Танам чун табъи ман майли либоси офият дорад,
Гар ағёрӣ, кафан бархез!
Гар ёрӣ, Ватан бархез!

## ТУЛӮЪИ ҚУЛЛА

Тоҷикистон!
Эй ғурури кӯчагии ҷипсаворон
В-эй ғами девонаи дар кӯчаҳо сарсони
Абдуллоҳи Дӯст!
Вақти он омад, ки омӯзам ба шарми чашмаҳоят бонги
«ШОДОБӢ!»
Вақти он омад, ки бинвнсам ба пешонии танги
субҳгоҳат: «РӮШАНОӢ!»
Ман чу Омӯям – парешону тиҳипо дар биёбонҳо,
Вақти он омад, ки бошам дар тароватҳои бӯстонҳо,
Вақти он омад, ки дарёи вафодори Ватан бошам.

Лутфи хуршедат дурӯғин аст агар,
хайф аст,
Сабзаҳои меҳрубониат дурӯғин аст агар,
ҳайф аст,
Нозиши номат барои ман дурӯғин аст агар,
ҳайф аст,
Ман дар оғӯши дурӯғинат дурӯғинам агар,
ҳайф аст,
Ман садоям,
дар гулӯи ту намешояд фусурдан,
Ман забонам,
дар даҳони ту намебояд гираҳ афтодану мурдан.
Як Душанбе нолаи Осимиям ман дар фарози шаҳр,
Як Зарафшон шевани момои Олимпурам андар
тангии кӯҳсор,
Як Ватан фарёдаму афғон.
Бо гадоёнат сари пайроҳаҳо «хайрот!» мегӯям,
Ҳамраҳи фардои тифлонат Суруди Миллиатро
мекунам такрор.
Мон, ки бо барги чанорони Душанбеам бисӯзанд,
Мон, ки чун як пора карбосам ба рахти пораат дӯзанд,
Мон, ки мисли кулбаи бечорагон селобҳоят бар замин
яксон кунад бунёди хомамро,
Бо ту будан давлат аст, эй ХОКИ АРЗАНДА!
Бо ту будан,
Рӯдакиро гирди хони худ ба меҳмонӣ пазируфтан,
Ҳамраҳи Ҳофиз зулоли хилвати Варзоб нӯшидан,
Гарди оламгарди кафши Саъдии Шерозро
бо мижжаҳо рӯфтан –
Давлат аст, эй РӮҲИ БОЛАНДА!
Корвони кӯҳҳоятро кашидан бар сари бозори
бенангӣ гуноҳ аст,
Ман баландои туро савдо нахоҳам кард бо пастӣ,
Ман сафедии сабохатро иваз ҳаргиз нахоҳам кард бо сад
қитъаи шабранги Африқо –
Роҳи абрешим агар АБРЕШИМИ ШОНИ туро
раҳ мезанад, ҳайф аст!

Дидаам зебоиятро.
Бори зиллат мекашад бар нозукои шонаи симин.
Дидаам зебоиятро.
Мекунад ҳаммолии ду танга дар бозор –
Вакти он омад, ки ЗЕБОӢ нишинад дар сарири подшоҳӣ!
Рӯзгори ман сиёҳ аст,
То зи чашмони сиёҳат мехазад шоми сиёҳи
вахшату ташвиш.
То зи мижгонн сиёҳат мечакад ранги сиёҳи
ҳасрату андӯҳ –
Вақти он омад, ки НУРИ ШОДИ чашмони сиёҳат
зулмати ҷони маро бахшад сафои субҳгоҳӣ!
Дар баландои манора бонги бедори азон захмист,
Лаззати нон рӯи дастархони ман захмист,
Дар ҳарири бомдодии хаёли ман сухан захмист.
Таъми талхи захмро табъид бояд кард,
Маргро табъид бояд кард.
Аз лаби гулҳои ваҳшӣ нашъаи пайғом н-орадбоди ҳарҷой.
«Нашъа» чун душман хазад аз роҳи пинҳонаш.
«Нашъа» чун душман ба марзи қисмати ман мениҳад по.
Вақти он омад, ки ҳуши ман бипӯшад рахти
ҲУШЁРӢ,
Ваҳти он омад, ки ҷони нолаҳои «Дод аз дасти фалак!»
Ман суруди зиндагисози ФАЛАК хонам!
Умри рӯзат бар дарозои раҳи парвози хуршед аст, –
Аз тулӯъи қуллаи кӯҳ то ғуруби куллаи кӯх,
Рӯзи ту дар инҳисори соярӯист.
Вақти он омад, ки афрӯзӣ чароғи Рӯдакивори
СУХАН-ро,
Вақти он омад, ки дар бегоҳи рӯзат бардамад
СУБҲИ СУХАН паҳновару равшан!
Осмони дар баҳорон рӯзу шаб гирёни ту
як чашми тоҷик аст,
Чашми дигар дар ниҳони синаи садпорааш
ҳамвора гирён аст,
Вақти он омад, ки бигдозем бо ҳам мову моиро,

Марҳаме созем носури ҷудоиро,
Кишваре ёбем, номи рӯшанаш – НОМУС,
Миллате ёбем, номи қудсиаш – ОДАМ!
Мон, ки сар орад бурун аз парчами ту
РАНГИ СУРХИ офтоби ман,
Мон, ки бошад иқтибоси парчами ту
СУБҲИ ЛОЗУРИИ умри ман,
Мон, ки бошад имтидоди парчами ту
БАХТИ САБЗИ ман,
Мон, ки «ман» дар сояи лутфи ту «МАН» бошам!
Тоҷикистон.
Эй ғурури кӯчагин ҷипсаворон
В-эй ғами девонаи дар кӯчаҳо сарсони
Абдуллоҳи Дӯст!

* * *

Номи ту бехобии ман буд,
Тоби ту бетобии ман буд.
Ҷилваи саршори дарёит
Соҳили шодобии ман буд.
Софии субҳи гиребонат
Чашмаи Варзобии ман буд.
Ёди рӯят дар шабони ман
Гулшани маҳтобии ман буд.
Бо лабони ташна дар лабҳот
Киштаҳои обии ман буд.
Бехудоӣ буду абрӯят
Ояти меҳробии ман буд.
Эй хуш он соат, ки ҳусни ту
Дар ғами дилёбии ман буд.
Рустами ишқо! Зи бемеҳрит
Нолаи Сӯҳробии ман буд.
Номи ман буд беғамии ту,
Номи ту бехобии ман буд...

## ПУРСИШ

Мӯъмино!
Гарки ойинаи мӯъмин бошӣ,
Аз чӣ бар ту нигарам,
Хешро нашносам?!

## ПОСУХ

Ояти мо арабист.
Лек имони ману ту бояст
Тоҷикӣ ҳарф занад бо худу бо бегона,
Лек номуси ману ту бояст
Баҳри тоҷик хӯрад ғуссаи тоҷикона!

* * *

Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо –
Се ёри ғуссаем, аз ёд рафта,
Чунон, к-аз рӯҳи шодӣ «шод» рафта,
Зи фарёд андӯҳи фарёд рафта.
Табассум то табассум макру фандем,
Тараҳҳум то тараҳҳум қайду бандем,
Дар ин эъҷози пастӣ сарбаландем –
Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо.
Шиноси чеҳрагарми мо ҷудоист,
Саломе, ки расад, аз бевафоист,
Надонем осмони мо куҷоист –
Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо.
Ҳаросон бигзарад аз раҳ муҳаббат,
Парешон бингарад бар мо садоқат,
Чӣ хоҳем аз дари бози ҳамоқат
Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо?!
Саҳар андеша дорад аз дамидан,
Самар хушкида аз бими расидан,
Бимирем аз ғами оҳе кашидан
Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо.
Суруде дар суруди мо намонда,
Дуруде дар дуруди мо намонда,

Нишони тору пуди мо намонда –
Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо.
Халои синаҳо! Мо ҳам халоем,
Садои мурдаҳо! Мо ҳам садоем,
Ҷазои бахти мо! Мо ҳам ҷазоем –
Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо!
Сафи мурғони кӯчӣ парфишонанд,
Ба бӯи сабзишу ромиш равонанд.
Се ёри ғусса бо ғусса бимонанд –
Ману танҳоиву ин шаҳри танҳо!

## ДАР МОТАМИ НИЛГУНАИ ҶАВОНМАРГ

*Нисори ашкҳои модараш*

Нилгуна! Нилгуна!
Эй баҳори вожгуна!
Оташи ғам аз дили ман мезанад ҳар дам забуна,
Бе табу тоби нафасҳот, бе ҷавонии ҳавасҳот
Кӯчаи мо нест кӯча, хунаи мо нест хуна,
Нилгуна! Нилгуна! Номи марг асло намуна!
Зиндагӣ ҳамсоли ту буд, ошиқӣ ҳамболи ту буд,
Тозагии рӯи Наврӯз аз ту буду моли ту буд.
Орзуҳои дили ман, ормонҳои дили ман,
Эй дареғо, эй дареғо, нозанин амсоли ту буд.
Нилгуна! Нилгуна! Номи марг асло намуна!
Шарфаи поят ба гӯшам, хандаҳои ту ба ҳушам,
Мӯ ба мӯ фарёду оҳам, мӯ ба мӯ лолу хамӯшам,
Аз фироқи субҳи рӯят, то дами субҳи қиёмат,
Аз дарунсӯю бурунсӯ нилпӯшам, нилпӯшам.
Нилгуна! Нилгуна! Номи марг асло намуна!
Эй арӯси беарӯсӣ, эй ҷудо аз сад дугуна,
Бар сарат гӯё фурӯ рехт заҳру зардоби замуна.
Бенишон рафтӣ, худоё, безамон рафтӣ, худоё,
Бар мани бечора мундӣ дарди дунёро нишуна.
Нилгуна! Нилгуна! Номи марг асло намуна!
Вой аз бехобии ман! Хоби ман хобат набинад,
Осмони гирярӯям рӯи маҳтобат набинад.

Рӯзи умрам бо фиғон аст, фасли умрам бо хазон аст,
Ташнагии чашми чорам боғи шодобат набинад,
Нилгуна! Нилгуна Номи марг асло намуна!
Навбаҳор омад, бирезад ашки ман чун ашки борон,
Аз дили хокат бурун о, духтари поки баҳорон.
Ханда кун чун ғунчаи гул, ҷилва кун чун сабзаи тар,
Войи сабри интизорон! Войи ҳаҷри дилфигорон!
Нилгуна! Нилгуна!
Номи марг асло намуна!

## МӮР

Мӯраке мебурд дона,
Аз ҳарими хонаи ман қад-кади девор рӯи бом мебурд,
Гӯӣ аз номи Сулаймон ком мебурд.
Ман тамошокору ӯ дар роҳи мақсудаш фидокор.
Мехазид оҳиста бо бори гарон,
Мехазид аз остони ман ба тарфи осмон.
Гӯӣ аз пастии зулмат
Сӯи гардун мекашонид офтоб.
Дил даруни синаи ман метапид,
Бар саропоям қабо медӯхт дасти изтироб.
Худ ба худ гуфтам: «Худоё!
Роҳи ин мӯрак фароз асту дароз аст,
Зӯр бахшу манзили азми варо наздиктар кун!»
Ногаҳ,
Оваҳ,
Чаппагардон шуд зи ними роҳ мӯри донакаш,
Гӯӣ аз чархи барин бар чоҳ афтод офтоб.
Пеши чашмони маро зулмат гирифт,
Синаамро оташи ҳасрат гирифт.
Дасту пойи ман ба дард омад.
Ту гӯӣ мӯр не,
Ман фитодам аз баландии ҳавасҳо
Лобалои хору хасҳо.
Бо азобе чашми худро боз кардам.
Ё худоё!

Мӯрро аз нав ба қасди роҳ дидам:
Мехазид оҳиста бо бори гарон,
Мехазид аз остони ман ба тарафи осмон,
Гӯӣ аз пастии зулмат
Сӯи гардун мекашонид офтоб.
Тору пудам ҳамраҳи мӯрак ба боло мехазид,
Дар танам ҳар зарраи ман метапид,
Ҷомаи сабру қарорам медарид,
Об мешуд шавқи ман,
Аз сари ҳар тори мӯям мечакид.
Зери лаб гуфтам: «Худоё!
Роҳи ин мӯрак дароз асту...»
Нима монд андар даҳонам ояти ман,
Чаппагардон шуд зи нав аз нимароҳаш
мӯраки боҳиммати ман.
Рӯз мерафту сияҳкории шаб дар пеш буд,
Меҳмони маҳзари ман мӯри пурташвиш буд.
Лоилоҷ афтода будам дар сари кори ғарибаш,
Аз гаронбории он бори насибаш.
Ашки ман мерехт аз дунболи шавқи бебарораш,
Лахти хун мешуд дилам аз роҳи дури ғуссабораш,
Эй, ту мӯри донакаш!
Эй муроди номуроди ман!

* * *

Меҳри зан ҳарчанд дар гӯши зан аст,
Лофи ишқи ту на дархӯрди ман аст.
Пораи ҳар пораи ман ошиқ аст,
Ҷони оташхораи ман ошиқ аст.
Бо лаби ту ошиқӣ дорад лабам,
Бо таби ту зиндагӣ дорад табам.
Байни чашми мо ҳазорон қиссааст,
Қиссаҳои Шаҳрзодаш ҳиссааст.
Дар сиришти мо, ки як дил мезанад.
Баҳри пуршӯре ба соҳил мезанад.
Мову ту аъзо ба аъзо ошиқем,
На зи рӯи лофи беҷо ошиқем.

Мӯ ба мӯ, абрӯ ба абрӯ ошиқем,
Тан ба тан, бозӯ ба бозӯ ошиқем.
Ғам ба ғам, савдо ба савдо ошиқем,
Раҳ ба раҳ, дунё ба дунё ошиқем.
Розҳо дорад агар ҳар порам,
Дар баёни рози худ бечораам.
Аз муҳаббат гар ту мехоҳӣ нишон,
Ин ман астам – садзабони безабон...

* * *

Таҳи хокистари сарди ғубор аст
Мисоли лахчаи сӯзон ситора.
Дар ин шаҳре, ки ошиқ менавозад,
Биё, чашми туро созам назора.
Гузорам ҳасрати чилсолаи хеш,
Шуморам кокулони чилқатора.
Замон чун толиби шавқи аён аст,
Туро ман ишқ бозам ошкора.
Ниҳоли зиндагӣ гарчи дубар нест,
Вале хоҳам баҳорони дубора.
Дилу ҷонам зи меҳри ту тамом аст,
Сухан гӯям агарчи пора-пора.
Шаби тору маро ду дида чор аст,
Гирифтори туро дигар чӣ чора?!

## САБАҚИ СУҚРОТ

Ба Суқрот гуфтанд: – Эй зӯфунун,
Зи ахтар бувад ҷурми умрат фузун.
Туро пояи дор созад раҳо
Ва ё аз ватан шав чу ғайре бурун.
Бигуфто, ки дур аз ватан мурдан аст,
Ғарибӣ на подоши хоки ман аст.
Ба дорам кашеду савобам кунед,
Ки обу гили зорам аз меҳан аст!

* * *

Чун насими субҳ озоду сабукбол
Асри нав мерафт сӯи субҳи навзод.
Ногаҳ аз пушти сараш –
Аз баландои манора –
Шуд баланд овози печони муаззин.
Асри нав ҳайрон биистод:
Вай намедонад, ки гӯш андозад
овози қадимии замонро
Ё садои оҳарии пойҳои субҳи навро...

## ҲИҶРОНӢ

Эй саҳар!
Хаста маро дар дили шаб мондиву рафтӣ.
Эй сухан!
Мӯҳри хамӯшем ба лаб мондиву рафтӣ.
Эй даво!
Дар лаби ман қиссаи табхолаи таб мондиву рафтӣ.
Эй сафову самари мавсими ид!
Бодаи ғусса маро ҷои тараб мондиву рафтӣ.
Эй ғурури ҳама занҳои бухоройхудот!
Ман ҳамон шаҳри ғарибам, ки ба тороҷи ғамон,
(Ки бувад саъбтар аз хайли араб),
мондиву рафтӣ...

* * *

Аз ватан не,
Аз сухан монда дилам...
Мекашам гӯши кари вожаи ғафлатзадаро:
Мешунавӣ?
Мекушоям дари чашмони хумории ҳиҷоро:
Мебинӣ?
Менихам оҳи дили хастаи худро ба хамӯшии
гулӯгоҳии ҳарф:
– Фарёдат ку?!

Шаб ҳама шаб
Кори ман бекорист.
Аз ватан не,
Аз сухан монда дилам...

* * *

Эй аз ҳама хубони ҷаҳон бартару хубам!
Аз ҳусни ҷавонат ҳама ҳусн аст уюбам.
Бо ту ҳама шохи тараму пургулу борам,
Бе ту ҳама хушкам, ҳадарам, сояи чӯбам.
Покизатару нобтар аз барфи шимолӣ,
Ман гармтар аз тобиши хуршеди ҷанубам.
Гар дар қадамам сад дари иқбол кушоянд,
Ҷуз бар дари ту панҷаи уммед накӯбам.
Ту ҳамнафасӣ кун, ки ба имдоди нафасҳот
Ин гарди хазонро зи рухи хеш бирӯбам.
Гуфтӣ: «Шафақи субҳи муроди дили ман бош!»
Эй вой, ки акнун шафақи вақти ғурубам!

* * *

Чун шафақ шуд ғарқи хун танҳоии танҳои дил,
Чашми худ бикшову бингар мурдани зебои дил.
Аз биёбони араб ман маъзарат хоҳам, ки ҳаст
Сад ҳазор ошуфта дар ҳар гӯшаи саҳрои дил.
Мавҷ-мавҷаш хуррамиву қатраҳояш зиндагист,
Дар ватан ҳаргиз намехушкад лаби дарёи дил.
Сарви озодаш бубину шавкати озодагеш,
Офарин, эй Балхи дил, эй Кобули яктои дил.
«Дар Самангон Тахти Рустам интизори Рустам аст»,
Ҳимате, Симурғи дил, эй бахти беҳамтои дил!
Ланг-лагон меравад аз роҳи дуродури хеш,
Хори фардоро бурун бояд кашид аз пои дил.
Эй, ки дилро бо каму беши замон хуш кардаӣ,
Ҷуз ғами меҳан намебошад маро пайдои дил!

## ПУРСИШҲО

*Аз китоби хеш оё метавонам бозпурсид:*
*Ман туро бинвиштаам ё на?*
*Пабло Неруда*

Аз қатори турнаҳо пурсед:
Дар кадомин гӯшаи олам бигиряд тирамоҳи ман?
*
Аз чӣ баъди хазони Олимпур
Роҳи худро баҳори ман гум кард?
*
Пушта дар пушта ҳазорон ғунчаро
Аз куҷо овард як субҳи баҳор?
*
Ҳарфи абрешим танидам гирди худ чун кирми абрешим,
Шаҳпарак оё шавад фардо тани афсурдаи ман?
*
Он қадар марзҳо падид омад,
К-аз Урупо ба хоки бобоӣ
Рӯҳии тоҷики куштаи майдон
Роҳ наёбад...
Ай Худо, чӣ ҳол аст ин?!
*
Зи баъди бевафоии ману ёр,
Аё ишқи ғариби мо, куҷоӣ?
*
Чаро рӯдҳои азизи Ватан
Ҳама файзи худро ба мулки дигарҳо баранд?
*
Модари бечораам дар хобҳоям зиндааст,
Вақти бедории ман аммо чаро ӯ мурдааст?
*
Эй дасти кушодаи гадоӣ, то чанд
Борон нарасад ба сабзаҳои сари роҳ?
*
Абрҳои мушти парро наъраи тундар магар тарсондааст,
К-аз фарози осмон бо чашми гирён мегурезанд?

*

Вазни ҳар шеър маънии шеър аст,
«Фоилотун» шумурдани ту зи чист?

*

Сурудам мекунад субҳи Ватанро ҳар саҳар бедор,
Чаро субҳи муродамро насозад як сафар бедор?

*

Оё бошад, ки пешпоӣ бихӯрад
Аз гӯри ҳаё нафси палидони Ватан?

*

Магар абри баҳоронро Худованд
Зи чашми модари ман офарида?

*

Аз шафақи субҳ, то шафақи шом
Дар бадани ман хуни кӣ ҷорист?

*

Дар паси вожаи «нек»
Гар шавад вожаи «бад» зиндонӣ,
Зиндагӣ аз бадии «бад» нафасе хохад раст?

*

Оби Рукнободу Ҷӯи Мӯлиёнро метавон ҷо кард
Дар канори нақшаи ҷуғрофии олам?

*

Ҳар ҷой, ки рӯи гандумӣ сероб аст,
Аз чист, ки нони гандумӣ камёб аст?

*

Оё ситора нест чашмони модарам,
К-аз он макони дур бо меҳрубониям
Ҳар шаб назар кунад?

*

Мурғаке нолаи худро таҳи борон мешуст,
Қатраҳо! Нағмаи гирёни кӣ дар чашми шумост?

*

Ало, эй охирин рӯзи зимистонӣ,
Ту барфатро зи мӯям мебарӣ ё на?

*

Чун Зарафшон метапад хар мисраам,
Туграли шеъри маро сайёд кист?

*
Эй сарви равони шеъри Саъдӣ,
Дар синаи ман нумӯ кунӣ чӣ?
*
Набудӣ агарки сари сарфарозон,
Чӣ кардӣ «баландӣ» дар ин пастноҳо?
*
Агар дандони ман рӯзе биафтад,
Ба мотам менишинад суфраи ман?
*
Чун абри сафед омаду бигристу бигзашт,
Ин пир магар дарди дусадасраи ман буд?
*
Хоби ман имшаб набуд меҳмони ман,
Аз дари бикшудаи чашмам чӣ суд?
*
Тардоманон, ки ҳамҳама доранду тантана,
Худро магар чу абри баҳорон шумурдаанд?
*
Аз ашки надомати гирифторон пурс:
Оби ҷӯйи банг аз куҷо меояд?
*
Ман аз шоми ҷаҳолат дар ҳаросам,
Куҷоянд, эй Худо, пайғамбаронат?
*
Зи мардум мардумӣ бигрехт,
Камонро гӯр кардан метавон дар орзуи ман?
*
Дил ба дард омаду бад-ӯ гуфтам:
«То тулӯи тиллоии гандум
Чандсола роҳам ҳаст?»
*
Гулхани меҳрубонии хуршед
Аз дами сарди мо намемирад?
*
Шафақ ҷорист аз ҷеғи хурӯсон,
Бигӯедам, дили хунам куҷо шуд?

*

Мисраъҳои шеъри Ҷайҳун бину Сайҳун бину
Сурхобу Зарафшонаш,
Шоире чун Тоҷикистон устоди шеъри тар ҳаст?

*

Магар неши хоре фурӯ шуд ба пойи баҳорон,
Ки дер омаду гул наёвард?

*

«Худое, ки болову паст офарид,
Забардасти ҳар даст даст офарид»,
Чаро дар деҳу шаҳри мо н-офарид?!

*

Ту ба номус гузарнома мадеҳ, ки биравад ҷои дигар,
Чӣ кунӣ баъд ту дар хиттаи беномусон?

*

Рӯҳи мардонаи мардони Ватанро накушед,
Гар замини ману ту ларза кунад,
Кӣ нигаҳ хоҳад дошт?

*

Субҳро бо наърае бедор бояд кард,
Чанд биншинам дар ин зулмоти хомӯшӣ?

*

Шеъри равони дарё аз хора сактадор аст,
Эй мавҷи нола! Оё дасти инояте ҳаст?

*

Кӯчаҳо бо кӯчаҳо дастобагардан масти хобанд,
Кай ба меҳмонӣ бихонад васли ту ҳаҷри маро, эй дӯст?

*

Нағмаи садранги мурғон атласи «Шому саҳар» мебофт,
Наъраи тири кадомин нохалаф баст
ин дукони меҳрубониро?

*

Сапедаро чӣ қадар сафеда даркор аст,
Ки рӯсиёҳи шаби маро сафед кунад?

*

Ҳасрати ман агар дароз набуд,
Умри кӯтоҳ то куҷо мерафт?

*

Бе асои навҷавонии қалам
Пирии ҳарфу ҳиҷоро чора хаст?

*

Зери борон арча борон мегирист,
Дар хиёбонҳои ин шаҳр
Сурати танҳоии манро надидӣ?

*

Бӯсаҳои лаби ту аз чӣ фаромӯшам кард?
Магараш шарм наёмад зи ғами ширинам?

*

Гулхан зи майи сурхи ҷавонӣ ҳама маст аст,
Хокистари пирӣ чӣ кунад бо дами сардаш?

*

Дуаспа медавад бод аз фарози ёлаву пушта,
Киро вай муждаи бишкуфтани гул мебарад имрӯз?

*

Синаат аз чӣ пур бувад, ки дар он
Тоҷикистони ту намегунҷад?

*

Миёни сабзаву гул ғарқ дидам хоки гӯристон,
Худои ман!
Барои мурдагон ҳам навбаҳоре ҳаст?

*

Беҳуда шабеҳи кулча гуфтам маҳро,
Аз хони фалак рабуда бозаш нахӯранд?

*

Гар чунин хорему дар савдои хор,
Аз Гулистону Баҳористону Бӯстонҳо чӣ суд?

*

“Гузашта” гар набудӣ, ақли коҳил
Мушти худро ба куҷо мезад?

*

Висоли ту самарқандӣ бишуд охир,
Ба ин ҳаҷри душанбегии худ дигар чӣ хоҳам гуфт?!

*

Гар хаёли дури шоирҳо набудӣ,
Осмон дар он баландиҳо чӣ кардӣ?

## ТАРОНАИ БОЗГАШТ

Боз омад Тоҷикистон, боз омад,
Ин гурезону парешон боз омад.
Сабза-сабза, ғунча-ғунча, села-села
Навбаҳори нтизорон боз омад.
Муждагонӣ лаъли дилхунро, ки имрӯз
Бар сарири худ Бадахшон боз омад.
«Эй Бухоро, шод бошу шодмон зӣ!»,
Бо дили пазмон Зарафшон боз омад.
Пардахо аз чашм мебояд кашидан,
Шеъри Шоҳин сӯи Хатлон боз омад.
Девҳоро девбандон хаста карданд,
Рӯзи шеъру байти девон боз омад.
Дил, ки хористони дунёяш хазон кард,
Тарфи «Бӯстон»-у «Гулистон» боз омад.
Аз замири ноҷавониҳои таърих
Навҷавониҳои Сомон боз омад.
Аз вафову шафқати фарзандҳоят,
Тоҷикистон! Тоҷикистон боз омад!

* * *

Ҷавонӣ!
Аз бурунам гар равӣ, ҷо дар дарунам кун,
Чу оқил будаам вақти ҷавонӣ,
Ту дар пирӣ ҷунунам кун.
Мисоли боғбоне, к-ӯ ниҳоли бесамарро барканад аз беҳ,
Агар афтад «муҳаббат» аз забони ман, забунам кун!

* * *

Дурии ту хуб аст,
Туро ёд мекунаму мегӯям:
«Чашмҳоят шароби ангури сиёҳ –
Масткор, ширин, бомаза!»
«Рӯят шири навдӯшида-
Гарм, ширин, бомаза!»
«Саропоят як шоха набот –
Сафед, ширин, бомаза!»

Дурии ту хуб аст,
Аммо,
Ба худо,
Ҳузури ту хубтар,
З-он ки Асл ҳазор бор бартар аст аз Тимсол!

## ОБИЛА

Ҳамчу ангураму ман
Сар ба сар обилаам,
Сад гила дар дилу лек
Бо Ватан бе гилаам.
Асли ман дар сухан аст,
На ки чун ту чалаам.
Офати дамдамаам,
Қотили валвалаам.
Ҷуз дари дил назада
Ҳаваси ҳавсалаам.
Мекашад рози сухан
Ҷараси қофилаам.
Набзи ҳарф асту ҳиҷо
Ҷунбиши силсилаам.
Алҳазар, неши забон!
Сар ба сар обилаам.

## ГУЛИ КАСТОНА

Ғамам барбод шуд имшаб,
Дилам обод шуд имшаб,
Зи оҳи боди ҳарҷойӣ
Гули кастона афшон буд.
Маҳи нав ҷодугар метофт,
Ба мӯяш тори зар мебофт,
Гули ахтар шукуфо буд,
Гули кастона афшон буд.
Нигоҳат шӯр меангехт,
Шарар бар ҷони ман мерехт,

Ба хомӯшии мо нармак
Гули кастона афшон буд.
Замину осмон як буд,
Мақоми нур андак буд,
Ба роҳи каҳкашони мо
Гули кастона афшон буд.
Умеди интизори ман!
Ниҳоли ғарки бори ман!
Ба рӯйи қисмати зебот
Гули кастона афшон буд.
Баҳори ишқ дер омад,
Биомад, синагир омад,
Ба мӯйи песабарфи ман
Гули кастона афшон буд...

* * *

Офтоби тозарӯ,
Чун духтарони синфи дах,
Аз дари шодоби мактабхонаи субҳи баҳор
Омад бурун.
Ҳайфи ман,
    гар масти зебоии ин зебо набошам,
Ошиқи шайдои ин шайдо набошам!

## БАХШИШ

Шаҳриёри шаҳри Ишқу Меҳрубонӣ!
Зиндагиям бо ту дорад зиндагонӣ.
Шеъри ман дасти дуо бикшода гӯяд:
«То ҷаҳон бошад, илоҳӣ, зинда монӣ!»

## СОЛИ ГӮСФАНД

Гуфтанд, ки Соли гӯсфанд омад боз...
Дар кишвари сабзаву гулу парвона
Шодона ба сар бару валекин зинҳор
Он гуна макун, ки дар замини падарон
Дигар ҳама соли гӯсфандон бошад.

## ЧАНД НУКТА

ЧАРОҒ

Худоро, сӯз моро, сӯз моро,
Чароғи мурдаем, афрӯз моро.
Ба зулмат хӯ гирифта ҳастии мо,
Шикасти рӯҳи шаб омӯз моро!

ПИЁЗ

Ба чашми кам мабин, ман бениёзам,
Миёни киштаҳо бехи пиёзам.
Агарки решакан созӣ маро ту,
Худамро хӯрда, аз нав сар фарозам!

МОҲИ ГИРИФТА

Дилам бигрифта аз роҳи гирифта,
Сарам пурдард аз ин гоҳи гирифта.
Умеди аз сиёҳӣ растанам ҳаст –
Ба софӣ мерасад моҳи гирифта.

КОБУС

Хӯрам пайваста ман афсӯсу афсӯс,
Ки осон нагзарад нн хоби кобус,
Ки дар айёми бозаргонии мо
Тиҷорат дар сари нанг асту номус.

ПОРА

Туро чун нест, эй бечора, чора,
Бидеҳ пора ниҳону ошкора.
Тани афсурдаи миллат бинолад:
«Шудам аз дасти пора пора-пора!»

АГАР МАРДӢ...

Бубин, эй дил, ба ин занборае чанд,
Раёсат бар сари бечорае чанд.
Агар мардӣ, бинеҳ бар мушти онҳо
Ба ҷои пора саргинпорае чанд!

## ДАРЕҒ

Зи номардон ватан номард гашта,
Зи бедардон ватан бедард гашта.
Дареғи шафқату меҳру муҳаббат,
Зи дилсардон ватан дилсард гашта.

## ХИЁНАТ

Ҳамоқат кардаӣ бо дилбари хеш –
Ҳақорат кардаӣ бо модари хеш,
Разолат кардаӣ бо хоҳари хеш,
Хиёнат кардаӣ бо кишвари хеш.

## БУЗУРГӢ

Бубин: бомаш кашида то фалак сар,
Вале номаш – ба хоки раҳ баробар.
Дар ин кишвар, ки нафси мо бузург аст,
Бузургӣ ҷо намеёбад, бародар!

## САРФАРОЗӢ

Умеди бозсозӣ нест моро,
Хаёли дилнавозӣ нест моро.
Чунон айвони пастон рафта боло,
Ки ҷои сарфарозӣ нест моро.

## **СУРУДИ ШОИРИ ДАРБОРӢ**

*(Посух ба чанд кӯтоҳназар)*

Мавҷҳои байти ман зар мекашад,
Чун Зарафшон бори гавҳар мекашад,
Аз Душанбе сӯи Фалғар мекашад,
Оре, оре, шоири дарбориам.
Кисаам холӣ, вале холӣ наям,
Олиам, дар Маҷлиси Олӣ наям,
Шолиам ман, курмаки шолӣ наям,
Оре, оре, шоири дарбориам.
Мекунам бо Рӯдакӣ ҳамсоғарӣ,
Ҳамдамӣ бо Унсуриву Анварӣ,

Меситоям мансаби одамгарӣ,
Оре, оре, шоири дарбориам.
Эй ки ҷӯӣ мушти тиллои маро,
Бораву кохи муҷаллои маро,
Як назар бин шахси танҳои маро,
Оре, оре, шоири дарбориам.
Рахшу гулгуне надорам, бок нест,
Бар хаёли худ саворам, бок нест,
Раҳсипори роҳи орам, бок нест,
Оре, оре, шоири дарбориам.
Шеър чун вирди забонам мешавад,
Пур зи симу зар даҳонам мешавад,
Бонки Миллӣ хонадонам мешавад,
Оре, оре, шоири дарбориам.
Чун дили мардум маро дарбор нест,
Ҷуз ғами меҳан маро ғамхор нест,
Ман киям, гар ҳарфи ман даркор нест?
Оре, оре, шоири дарбориам!

* * *

Бирафтам шабе пеши Хайёми маҳҷур,
Бигуфтам: «Аё майгусори ҷаҳонӣ,
Биё, бода гирему дунё нагирем...
Ки фалсе наарзад ғами зиндагонӣ.»
Бигуфто: «Чу заҳр асту ноҷинсу нопок,
Нанӯшам аз он май, ки дар соғари туст.
Шаробе, ки хӯрдам, бақои танам буд,
Шаробе, ки дорӣ, балои сари туст!»

## БАРОИ МУҲАҚҚИҚИ ОСОРИ УМАРИ ХАЙЁМ – УСМОН НАЗИРИ ОТАШ, КИ БА ПИСАРАШ НОМИ ХАЙЁМРО ДОДААСТ

То ҳамнафасу ҳамназари Хайёмӣ,
Ҳар шому саҳар ҳамсафари Хайёмӣ.
Мисли ту касе зи қисматаш розӣ нест:
Ту ҳам писару ҳам падари Хайёмӣ!

* * *

Аз паси пардаи зулмонии шаб,
Ҳамчунон навҳаи новакти хурӯс,
Мерасад бонги муаззин бар гӯш.
Лек аз ин ҳамҳама боке набувад зулматро,
Лек то субҳ раҳи мову ту дур аст ҳанӯз...

## ДАР ҲАФТОДСОЛАГИИ БАРОДАРАМ ИМОМНАЗАР

Умри ту ба субҳи пурсафо панҷа занад,
Дунёи ту бар меҳру вафо панҷа занад.
Эй кош, дар ин сарочаи омаду рафт
Ҳафтоди ту бар сади расо панҷа занад.

## ЗАМЗАМАЕ ДАР ШАСТСОЛАГӢ

Умри ту ба шаст омаду шасти ту расид,
Наврӯзи ҳаёти гулпарасти ту расид.
Бар хумби шароб мужда бар аз мани маст,
К-ин Гулназари шоири масти ту расид!

## БАРОИ МАВҶУДА БОБОЕВАИ РАИС

Ҳар зане хушёр бошад, мард бошад,
Дар вафо подор бошад, мард бошад.
Рӯзу шаб ҳамшӯри дарёи Зарафшон
Кори ӯ пайкор бошад, мард бошад.
Баҳри бедории бахти ҳамдиёрон
Дидаи бедор бошад, мард бошад.
Бепадарҳоро падар, бемодаронро
Модари ғамхор бошад, мард бошад.
Бори номусу шарофат бар сари дӯш,
Духтари кӯҳсор бошад, мард бошад.
Ҳар зане дар кишвари бечораи мо
Халқи худро ёр бошад, мард бошад.
Шоирӣ сахт асту меҳри ӯ ба шоир
Чашмаи ашъор бошад, мард бошад.

## СУРУДИ БОЗГАШТ

Ассалом, эй аслу эй бунёди ман,
Ассалом, эй хонаи аҷдоди ман,
Гар замоне дур афтодам зи ту,
Дур н-афтодӣ даме аз ёди ман.
Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.
Бе ту ҷонам дар тани ман ҷон набуд,
Нони бе ту хӯрдаи ман нон набуд,
Сӯйи ту буд дидаи уммеди ман,
Ғайри армони туам армон набуд.
Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.
Дар ба дар гаштам, дари бахтам нашуд,
Дасти лутфе бар сари сахтам нашуд.
Хоби роҳатро надидам зери чарх,
То ки сангу хори ту рахтам нашуд.
Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.
Рӯйи ту дидам, ғамам бигзашту рафт,
Ҳасрати бешу камам бигзашту рафт.
Аз аҷал парво надорам баъд аз ин,
Ҳаҷри ту аз оламам бигзашту рафт.
Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.

## МОҲИИ ТИЛЛО

Моҳии тилло шудӣ, дар об рафтӣ,
Ҳамчу хоб аз дидаи бехоб рафтӣ.
Ишқи ман дар синаи дарё нишаст,
Нола шуд, дар гӯши соҳилҳо нишаст,
Кӯ ба кӯ рафту ба ҳар сӯ дарди ман,
Беди Маҷнун шуд лаби ҷӯ дарди ман.
Моҳии тилло шудӣ, дар об рафтӣ,
Ҳамчу хоб аз дидаи бехоб рафтӣ.

Оташи ман кам нашуд аз обҳо,
Аз хурӯши мавҷҳо, гирдобҳо.
Ишқи ту тӯфон кунад дар синаам,
Ғуссаро гирён кунад дар синаам.
Моҳии тилло шуди, дар об рафтӣ,
Ҳамчу хоб аз дидаи бехоб рафтӣ.
Гар бихушкад оби дарё аз қазо,
Мекунам дарёи ашкамро раҳо.
Моҳии тиллои чашмам, зинда бош.
Дар дили дарёи чашмам зинда бош,
Моҳии тилло шудӣ, дар об рафтӣ,
Ҳамчу хоб аз дидаи бехоб рафтӣ.

## ЭЙ ШУМО!

Ватанам, эй ватани камбағалон,
Кишвари кӯру кару гунгу шалон!
Гуфта будам, ки хӯрам луқма калон,
То наорам ба забон харфи калон,
Лек то қасри ту бар хок нишаст
Аз пайи қасри фулон ибни фулон,
Бемаҳал нолаи ман рӯшан шуд
Аз шаби тираи ин бемаҳалон.
Ҳайфам ояд зи туву он раҳи рост,
Ки шуда каҷ таҳи пойи качалон,
Ҳайфам ояд, ки бувад дархури сум
Сабзаҳо дар қамару зову талон,
Ҳайфам ояд, ки «амал» рафта зи ёд
Дар китоби амали беамалон.
Эй худо, чора куҷо? Роҳ кадом?
Мерасад фасли шифои касалон?
Хун шуда дар талаби рӯзи ҳисоб
Дили Раштону Хуҷанду Хуталон.
Падаре нест ба ин бепадарон,
Қадаре нест ба ин беаҷалон.
Нанги ин кӯриву гунгиву карӣ,
Эй шумо, кӯру кару гунгу шалон!

## ЛОФ

Зинда бошӣ, эй диёри номдори лоф,
Дар паноҳи осмони беғубори лоф.
Боғҳо бишкуфтаву себаргаҳо шодоб,
Бехазон бошад ба олам навбаҳори лоф.
Бигзар аз афсонаи авҷу барори умр,
Бо ману ту бас бувад авҷу барори лоф.
Пай фикан нав-нав деҳу шаҳри ҷаҳонафрӯз,
Зиндагӣ кун дар Хуҷанду дар Ҳисори лоф.
Дар ғарибӣ луқма ҷустан кори оқил нест,
Музд бистону тараб кун дар диёри лоф.
Сардин дунё кучову ҷони сармоӣ?
Зинда бодо офтоби шӯълабори лоф!
Табъи урёну тани урён, чӣ меналӣ?
Шарм медор аз дукони бешумори лоф.
Осмон банди ғурури кӯҳҳои лоф,
Хокдон маҳви шукӯҳи обшори лоф.
Суфраҳо мамлуи нони лоф мебинам
Комҳо ширин зи қанди хушгувори лоф.
Бори беор аст агарчи лоф, мехохам
Лофзан мирад ба хорӣ зери бори лоф!

# Ф Е Ҳ Р И С Т

Обшори нағмаи хомӯш ........................................................ 3

Ҳасрати гирёни борон........................................................ 156

**ГУЛНАЗАР**

**ДАР ЧОДАРИ САФЕДИ МАҲТОБӢ**
*(Гулчини ашъор)*

**Ҷилди 2**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 02.12.2015 супорида шуд. Чопаш 04.12.2015
ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 20.0. Андоза 60x84 1/16
Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии “Адиб”-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар чопхонаи “Илм” нашр шудааст.